**МУҲАММАДОСАФИ БОВАР**

# МАСЪУД
# ДАР ҶАБИНИ ТАЪРИХ

(*Воқеъоти сиёсӣ-низомии Афғонистон дар солҳои 1992 то 2001*)

Душанбе
2008

# МУНДАРИЧА

Муқаддима ........................................................................ 3

Пешгуфтори муаллиф ........................................................ 7

Оғози сухан ........................................................................ 8

Мурури мухтасар ба таърихи муосири Афғонистон..... 19

Пирӯзии муҷоҳидин соли 1992 ва пайомади он............ 42

Чанд сухане илҳоқӣ ........................................................ 70

Шӯрои ҳамоҳангии инқилоби исломӣ чӣ гуна шакл гирифт........................................................................109

Хутути асосии давлати исломии Афғонистон .............124

Зуҳури толибон ..............................................................127

Чанд сухане дар бораи Наҷибуллоҳ – раиси мақтули Ҷумҳурии Афғонистон ................154

Шурӯъи муқовимати Масъуд ......................................174

Дидгоҳи чанд дар ҳошияи сафари Масъуд ба Урупо...210

Чанд нукта дар мавриди хусусиёти шахсӣ, физикӣ ва бардоштҳо аз Аҳмадшоҳи Масъуд.....................212

Сухане чанд пиромуни шӯрои назор............................213

Тааммуле ба ҳукумати исломӣ ....................................217

Урду ва собиқаи ҷангҳо дар Афғонистон ....................240

Чанд сухан дар бораи ровӣ ...........................................250

Шаҷараи мухтасар аз иддае роҳбарон ва қумондонони маъруф дар ҳукумати муҷоҳиддин...264

Маъохизи китоб .............................................................271

# МУҚАДДИМАЕ
# БА КИТОБИ МУҲАММАДОСАФИ БОВАР
# «МАСЪУД ДАР ҶАБИНИ ТАЪРИХ»

Ин китоб ба яке аз марҳилаҳои бисёр пуртазоди таърихи Афғонистон бахшида шудааст, ки бо алифбои сириллик, барои хонандаи тоҷик иншо гардидааст. Эҳтимолан муаллиф эҳсос намудааст, ки новобаста аз беш аз 30 сол дар маркази таваҷҷӯҳи расонаҳои хабарӣ қарор доштани Афғонистон ва нашри ҳазорон китобу мақолаҳо доир ба ин кишвар, боз ҳам ба забони тоҷикӣ (ба алифбои сирилик) осори таҳлилӣ хеле кам аст. Хонандаи тоҷик аз ҳақиқати воқеаҳои бисёр печида, мураккаб, баъзан хилофи мантиқ дар Афғонистони ҳамсоя пурра огоҳӣ надорад.

Бо ба сари қудрат омадани муҷоҳиддин, мутаасифона марҳилаи дигари ҷанги Афғонистон, акнун миёни гурӯҳу танзимҳои ҷиҳодӣ оғоз шуд, ки мутаассифона боиси харобии пойтахт, аз байн рафтани ваҳдати миллӣ ва эътимод миёни миллиятҳои мухталифи ин кишвар гардид. Воқеан умедвориҳои мардуми ранҷкашидаи ин кишвар барои расидан ба сулҳу оромӣ, ташкили ҳукумати миллӣ, бозсозии ватан ба яъсу ноумедӣ мубаддал гардиданд. Ҷанги озодихоҳӣ ва ҷиҳод дар роҳи ислом ба ҷанги қудрат, ба ҷанги таасуботи қавмию мазҳабӣ ва қумондонсолорӣ табдил ёфт, ки ниҳоятан барои зуҳур ва ба майдони сиёсии Афғонистон ворид гардидани ҷунбиши «Толибон» роҳро ҳамвор сохт.

Муҳаммадосаф Бовар гарчанде муаррихи касбӣ набошад ҳам кӯшиши зиёд ба харҷ додаст, то тамоми воқеоти ин давраро ба таври хронологӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, авомили бисёр печидаи равандҳои фоҷиабори таърихи 10 соли ахири қарни XX Афғонистонро рушан намояд.

Доир ба таърихи ин давраи Афғонистон китобҳои зиёд навишта шудааст ва ҳар яке аз муаллифин кӯшидаанд таърихи вақоеии ин солҳоро аз дидгоҳи худ,

аз зовияи манофеи қавмӣ ва сиёсию идеологии худашон арзёбӣ намоянд. Бешубҳа, натиҷагириҳои ҷаноби Бовар ҳам ба дидгоҳҳои худи ӯ воб+аста мебошанд. Вале муаллиф кушиши зиёд ба харҷ додаст, то барои чунин натиҷагириҳо далелҳои мувассақ ва мантиқи қавиро пешниҳод намояд.

Дар адабиёти доир ба Афғонистон иншогардида, дар бисёр маврид метавон ба чунин тафаккуре дучор гардид, ки гӯё ҳама фоҷиае, ки ба сари мардуми Афғонистон дар солҳои 90-и қарни XX омад, натиҷаи кудутои 7 Савр ва таҷовузи Шӯравӣ мебошад. Бешубҳа, нақши ҳаводиси 7 Савр ва таҷовузи баъдии Шӯравӣ дар бӯҳрони Афғонистон зиёд аст, аммо тамоми умқи фоҷиаи кишвар ба ин ҳаводис маҳдуд намешавад. Бӯҳрони Афғонистон натиҷаи рушди таърихии ин кишвар бо ҳама вижагиҳо, мавқеи ҷуғрофӣ, суннат, эътиқодот ва анъанаҳои мардум, манфиати абарқудратҳо ва ғайра мебошад. Барои равшан намудани ин тамоилот ҷаноби Бовар дар ин китоб мурури кутоҳе намудаст ба таърихи Афгонистон.

Табиатан дар меҳвари китоби ҷаноби Бовар қаҳрамони миллии Афғонистон шаҳид Аҳмадшоҳ Масъуд қарор дорад. Беш аз 7 сол аз он рӯзи сиёҳ мегузарад, ки он фарзанди фарзонаи миллат дар асари амалиёти террористӣ шаҳид ва ба ҷовидона пайваст. Дар ин 7 сол дар бораи абъоди гуногуни шахсияти ӯ ҳарфҳои зиёде гуфта шудааст, китобу мақолаҳои бисёре навишта шудааст. Аммо ҳарчи гуфтаанд ва навиштаанд боз ҳам хеле кам аст. Абъоди мухталифи ин шахсияти номдор бояд мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирад. Дар Тоҷикистон ҳам, ба назари мо, китобҳои илмӣ дар бораи Аҳмадшоҳ навишта нашудаанд, гарчанде нависандагону шоирони мо дар ин замина пешанд ва корҳои бисёр хубе мисли «Масъуднома»-и устод Қаноат ба чоп расидаанд.

Дуруст аст, ки бо гузашти замон мо Аҳмадшоҳ Масъудро бештар мешиносем, ӯро таъриф мекунем си-

тоиш менамоем. Ин кори осон аст вале наметавон гуфт, ки мо, махсус дар Тоҷикистон ӯро пурра шинохтаем. Масъудро ба дурустӣ шинохтан ва воқеан дарк намудан, абъоди печидаи шахсияташро ташхис додан ва ба ҷаҳониён, ба насли оянда муаррифӣ намудан корест биёр ҷиддӣ ва муҳим.

Дар маҷмӯъ, Аҳмадшоҳро ҳамчун як фармондеҳи низомӣ, як стратеги бузург муаррифӣ кардаанд ва ӯро гоҳе бо Абумуслими Хуросонӣ гоҳе бо Кутузов ва дигар шахсиятҳо муқоиса мекунанд. Ин дуруст аст, вале Аҳмадшоҳ Масъуд танҳо як шахсияти низомӣ набуд. Мутаасифона ҳамин шуҳрати низомиаш шахсияти маънавии ӯро аз назарҳо то ҷое пинҳон кардааст.

Бешак дар тули қарнҳо дар ин сарзамин шахсиятҳои бузурге дурахшидаанд ва номашон корнамоҳошон ҷовидона аст, вале як шахсияти ҷомеъулабъодро назири Аҳмадшоҳ Масъуд ба мушкил метавон пайдо намуд. Масъуди шаҳид воқеан як чеҳраи мунҳасир ба фард аст. Ӯ тимсоли азамат ва иқтидори як миллат буд. Аз он чизе ки мо мешунавем ва мутолиа кардаем маълум аст, ӯ ба дунболи манфиатҳои шахсӣ ҳеҷ гоҳ намегашт, зеро дар манофеи миллӣ ғарқ буд. Манофеи ӯ манофеи Афғонистон буд. Мактаби ӯ мактаби истиқлолият, озодӣ ва адолат буд. Мактаби ӯ мактаби тақво, имон, озодагӣ буд. Ӯ марди ҳарф набуд ӯ марди амал буд.

Ҷаноби Муҳаммадосафи Бовар зимни таҳлили воқаҳои таърихи муосири Афғонистон кӯшиш намудааст абъоди мухталифи шахсияти шаҳид Аҳмадшоҳи Масъудро баррасӣ намояд. Аҳмадшоҳ Масъуд аз ҷангҳои тоқатфарсои байнитанзимӣ, мухолифат бо ҳукумати марказӣ хеле ранҷ мекашид ва эҳсос мекард, ки ин ҷангҳо ба сари мардум чи гуна бадбахтӣ меоранд, чи гуна мардум аз ин ҳокимияти раҳбарони ҷиҳодӣ мутанафир мешаванд. Суханони Аҳмадшоҳ Масъуд ба ҷаноби Ваҳидулло Сабоун бисёр омӯзанда аст, ки муаллиф дар китоби худ иқтибос намудааст. Ваҳидулло Сабоун ба шаҳид Масъуд пешниҳод мекунад, ки ин ҷою он

ҷойро барои гирифтани пеши роҳи ҳаракати толибон бомбаборон кунанд. Масъуд дар посух гуфтааст: «Вазир соҳиб (вазири дифоъ – Қ.И.), ҳама кӯҳу дара ва ҳама инсонҳои ватан алайҳи ҳокимияти муҷоҳиддин қарор гирифтаанд. Инҳо, ки байрақҳои сафедро баланд мекунанд толибон нестанд, инҳо безоршудагони давраи ҳукмравоии мо роҳбарони ҷиҳодӣ ҳастанд, ки шиору байрақи толибонро баланд мекунанд».

Муҳаммадосаф Бовар дар ин китоб ба таври дақиқ нишон додаст, ки чи гуна мардум, ки аз толибон барои раҳоӣ ёфтан аз ҷанг бо як умеду орзӯ пуштибонӣ намуда буданд аз онҳо мутаасир ва ноумед гаштанд ва бо рӯнамо гардидани чеҳраи воқеии толибон танафуру инзиҷори мардум нисбати онҳо баланд гардид.

Мусаллам аст, ки дар як чунин китобе наметавон тамоми воқеаҳои ин давраро муфассал таҳлил намуд. Муаллиф эҳсос ва эътироф мекунад, ки асари ӯ орӣ аз нуқс ва иштибоҳот нест ва назари ҳама наметавонад нисбат ба ин навиштаҳо яксон бошад. Вале он чи, ки муаллиф анҷом додаст қобили арзиш ва хонданӣ аст. Фақат як чизро бояд ӯ ба назар мегирифт, ки барои хонандаи оддии тоҷик дарки баъзе аз истилохот ва вожаҳои истифодашуда мушкилтар аст ва мебоист дар кавсайн муодили дар Тоҷикистон қабули истифодаи онҳо оварда мешуд.

*Қосимшо Искандаров,*
*доктори илмҳои таърих*

## ПЕШГУФТОР

Хонандагони азиз: Мақсад аз таҳия ва омодакардани навиштаи ҳозир шарҳи ҳаводис ва вақоеъи ичтимоӣ сиёсӣ зери чатри фаъолиятҳои умдатан низомӣ ва мусалаҳонаи даврони ҳокимияти муҷоҳидин ва толибон мебошад, ки муҳтаво ва матолиби онро диду бардоштҳои таҳлили, ки ҳақиқатҷуӣ манбаи илҳоми онҳо барои банда буда, дар бар мегирад. Қобили тазаккур аст, ки таҳавулоти солҳои 1992 илло 2001 дар Афғонистон тавре шакл гирифт, ки агар дар мазмун ва мавзуи худ ҳамхонӣ ва ҳамсуӣ бо гузаштаҳои Афғонистон ва ё иддае аз ҷавомеи ҷаҳон дар ҳол ва ё қисман дар гузашта дошта, аз назари услуб ва амалкардҳо назири худро то ҳанӯз надоштааст. Возеҳ аст, ки дигаргуниҳо ҳар чи бошанд бошад, баёнгари руҳиёти ҷомеа ва мардуми мо аз гузаштаашон буда, ки дар мақтаи хоси аз таърихи Афғонистон рӯнамо гардид ва бидуни тардид, ки ҳар ҳодисаи сиёсӣ ва руйдоди ичтимоӣ дар ҷомеа ҳосили сиёсатҳо ва корномаҳое иддае аз симоҳо ва шахсиятҳои сиёсӣ буда метавонад. Аз ин рӯ дар навиштаи мавҷуд саъй гардида, то мавқеият ва ҷойгоҳе яке аз сиёсиюн ва гирддонандагон асли тағирот ва табадуллоти даҳаи ахири қаърни XX таърихи ҷомеаи Афғонистон, Аҳмадшоҳ Масъудро, ки бештар аз се даҳа дар саҳнаи сиёсию низоми Афғонистон як шахсияте хабарсоз буда мавриди таъамул ва баррасӣ ба масобае як воқеияти фарҳангӣ-таърихӣ қарор диҳам. Ман умедворам, ки бо фарҳанги китобхонӣ ва китобдонӣ ба моҳияти он пай хоҳем бурд. Шояд ва ё ҳатман бардоштҳое мухолиф ва мувофиқ хонандагонро ба ҳамроҳ дорад, ки яқинан ҳиҷ асаре наметавонад бидуни нукс ва орӣ аз иштибоҳ бошад. Биноан аз хонандагони муҳтарам хоҳишмандам ҳар гоҳ ба нақоис ва костиҳои бармехуранд ба тасҳеҳи матолиб пардохта, бандаро сарфароз гардонанд. Ҳамчунон аз ҷаноби профессор Аминов Абдулҳай устоди донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар тасҳеи китоб ба хати кириллик заҳмат кашидаанд, изҳори сипос менамоям.

Бо эҳтиром Муҳаммадосифи Бовар

# ОҒОЗИ СУХАН

Нишонаи аслӣ ва падидаи ҷолиби зиндагии инсон ин аст, ки ҳар дам дар ҷомиъа ва муҳити хеш дар паи кору фаъолияте аст, яке ба идораву посбонӣ, дигаре ба кори хонаву мадраса ва иддае ҳам фаъолиятҳои фарҳангиву сиёсӣ ва ё мудириятро ба ӯҳда мегиранд. Ба иборати дигар, ҳар яки моро авомил ё ҳалқае аз авомил ба фаъолияти хос водор мекунад, ки маъмулан дар қолиби истилоҳоте аз қабили хоста, ниёз, алоқа ва тамоил аз он таъбир мекунем. Табиист, шароитеро низ металабад, ки то ҳамин ниёзҳоро бо сохту пардохтҳои вижа дар садади таъмини мутлақи он бароем. Яъне рафтори инсонҳоро ба наҳве дар хидмат ба ҳамнавъ аз роҳҳо ва равишҳои муносиб бармеангезад.

Вақте ки сафаҳоти таърихи башариятро варақ мезанем, мебинем, ки ҳама дастовардҳои башарӣ ва пешрафтҳои зиндагии инсон, ки натиҷаи фикри халлоқаи худи инсон ва истеъдоди беназири ӯ мебошад, якборaву яксара ҳосил нагардидааст. Балки маҳсули ҳазорҳо сол ҷидду ҷаҳд ва кору фаъолияти ӯ будааст. Бидуни шак, ки зиндагӣ пур аз умедҳову ноумедиҳо, хушиҳову ранҷҳо, саломату бемориҳо, муваффақият ва шикастҳо аст, гоҳ-гоҳе ин рангҳои зиндагӣ бар инсонҳо таъсироти шадиде ҷонибӣ хешро ворид сохта ва онҳоро дар интихоб ва тайи роҳашон суст ва ҷомонда мекунад.

Табиӣ аст, ин рангҳои зиндагӣ ё ношӣ аз қаҳҳорияти табиӣ ва ё номулоимоти иҷтимоӣ метавонад бошад. Ҳамин аст, ки ҷое қазоват бар нияту иродаи ашхоси мухталиф илтизомӣ мегардад. Агар ҳолоти хоси муҳитиро дар ин амр як миқдор ба ҳисоб бигирем, вале бештар аз он асолат ва кифояти инсонро дар моя ва моҳияташ заиф муаррифӣ мекунад.

Аммо бояд бидонем, чӣ кореро анҷом диҳем ва интихоби мо чист. Акнун, ки баҳс рӯи эҷоди ангезаҳои барои кор ва амал меравад, танҳо шомили он аъмол нест, ки маҷмӯи инсонҳо барои ҳифзи ҳаёт аз табиат ва сиришти худ омӯхтаанд. Балки инро ҳам омӯхтаанд, ки бояд аз мазияте,

ки худ баҳрамынданд ва ё мехоҳанд бархурдор гарданд, дигарон низ мустафид шаванд, ҳатто то сарҳади фидокориҳои азим ва бузург ва қурбонии ҷонҳои ширинашон.

Ҷо дорад, ки дар паҳлӯи соири фаъолиятҳои инсонӣ ба баёни розҳои аз равобити ҷомеа ва инсон, инсон бо инсон ва раҳбарии инсонҳо бо инсон низ дар ҳадди тавон ва маҷоли муносиб пардохт, ки онҳоро як сар умури сиёсӣ қаламдод кардаанд.

* * *

Ин ҳақиқатро, ки иддаи файласуфон бар хилофи эътиқодоти теъдоди коршиносони масоили иҷтимоӣ, ки мегӯянд роҳбарони сиёсӣ барои ҳифзи манофеи шахсии худ аз сиёсатҳои кули низом ва гурӯҳ истифода мекунанд, дуруст аст. Зеро ангезаи инсон дар ҳар кори ихтиёрӣ дар ниҳоят расидан ба як нафъи шахсӣ аст. Ва решаи аслии он ҳубби зот аст.

Ин сухан ба зоҳир мумкин аст мавриди ишкол, балки инкор қарор гирад, чаро ки мебинем, инсонҳое мисли шуҳадо ҷони худро на барои нафъи шахсӣ, балки барои осоиши дигарон медиҳанд ва бо исори ҳастии хеш ба дигарон нафъ мебахшанд, на ба хеш. Дар ҳоле ки аслан шаҳид низ дар ҳақиқат нафъу камоли хешро дар ҳамин мебинад, ки худро фидо кунад ва бо исори ҷони хеш хештанро ба камоли мутлақ ва мақоми қурби илоҳӣ наздиктар созад. Пас боз ҳам ҳубби зот ва камоли зот аст, ки ангезаи чунин иқдом ва исоре мешавад.

Бо ин ҳама посухи илмиву мантиқӣ ва ҷомеъ ин хоҳад буд, ки сиёсат ва тарҳи барнома дар баробари он ва манофеи он аз як фаҳме истисноӣ нисбати ҳастии инсонӣ ва сарнавишти инсон дар ҳол ва отия (оянда) буда метавонад. Ва ин комилан он чизе нест, ки мо то ба ҳол фаҳмидаем ва он тавр мекунем, зеро хоҳишот ва гироишотеро, ки маҳсули фаъолиятҳои бахше аз як дастгоҳи ту дар туи мағзӣ ва он ҳам дар таркиби системаи бо равобити мутааддиди шинохташуда ва ношинохтаи ин система бо

ҷаҳони маръӣ ва номаръӣ наметавон сайру ҳаракати муайян дод. Пас чӣ гуна ин ҳамаро сирфу сирф барои ҳифзи зоти шахсии худ таъбир кунем ва ангезаи норавшани баъзе аз рафторҳои инсонҳоро, ки илми равоншиносӣ низ рӯи он сукут намуда, нодида ангошт.

Биноан бартарӣ ва қобилиятҳои истисноии рӯҳӣ ва ақлии як идда ашхосро набояд аз диди ҳирсу ози шахсӣ чун рағбатҳо, завқҳо ва салиқаҳо баён кард. Бо ин ҳама дар бисёрии авқот омили ақлонӣ маҳкуми сетараи ғароиз ва эҳсосот дар бештари афрод воқеъ мешавад ва асаргузории он маҳдуд мегардад. Дар натиҷа корҳо фоқиди арзишҳои инсонӣ арза ва ба майдон меоянд. Чи ҷое, ки раҳнамои ақл дар мақоми амал ба навбати худ марҳуни афкор ва андешаҳои куллии дигаре низ ҳаст, ки шолуда ва асоси ҳаёти инсонро ба унвони як мавҷуди андешанда ташкил медиҳад. Ҳол андешаи кулро як сӯ гузошта, дубора вориди доираи муҳимми такопӯи инсонӣ мегардем, ки бистари аслии навиштаро месозад ва он ақоид ва низомҳои фикрӣ аст. Системаҳои фикрӣ, ки истилоҳан бо онҳо ҷаҳонбинӣ ҳам мегӯянд, дар воқеият чизе ҷуз ирзои ғароизи ҳамахоҳӣ ва таолӣ ва оромишписандӣ нест, ки дар бунёди ҳар фард ба гунае зотию фитрӣ таъбия шуда ва дараҷаи бурузи он дар ашхоси мухталиф мутафовит аст, ки чигунагии парвариш ва рушди ақлӣ ва шахсӣ гоҳ-гоҳе мӯҷиби ихтилоф дар рафторҳои фардӣ ва низоъҳои иҷтимоӣ мешавад.

Ба ҳар ҳол, ба кӯмак ва раҳнамоии ақл мебояд он асоси фикриро машъали роҳи худ қарор дод, ки расо ва қобили тавҷеҳ бо усули мантиқии рӯшан ва аз таҷрибаҳои воқеии зиндагӣ ва ҳаёт тағзия гардад, на ақоиди бедалел, мубҳам ва нодуруст. Банда рӯи асосҳои фикрӣ ва арзишҳои мубтанӣ бар он ба қазоват намепардозам, танҳо инро бояд гуфт: он фикреро, ки димоғи инсон халқ мекунад, ба гуфтаи равоншиносон тан дар баробари он омодагӣ лозим дорад, машрут бар ин ки хирад ва санҷишро бо он ҳамроҳ созем.

Ба ҳар сурат инсон, ки мавҷуди иҷтимоӣ аст. Маоние, ки бештар дар як раванди иҷтимоӣ эҷод мегардад ва ба-

рои мо, инсонҳо тавлиди ашкол мекунад, аксаран решаи иҷтимоӣ дорад то табиӣ. Зеро дар баробари сайри табиӣ мо инсонҳо ҳеҷ қудрате ҷуз мавқеияти тадофеъӣ надорем ва дигаргуниҳои табиӣ, доимӣ ва якнавохт дар ҷараён аст. Аммо ҳаводиси иҷтимоӣ аст, ки мо, инсонҳо халқ мекунем ва матаваққиф месозем. Пас он чиро, ки ба вуҷуд меоварем, табиӣ аст, ки онро мутаваққиф ҳам месозем. Албатта, ба кӯмаки мутолиот, таҷрибиёт ва андӯхтаҳоямон, ки чеҳра ва нумои ҳар фарҳангро баён медорад. Зеро фарҳанг маҷмӯи кӯшишҳои одами пушт андар пушт аст ва дар масдарҳое чун хиттаҳо, кишварҳо, низомҳо ва режимҳо муайян ва тафкик мегардад.

Бо назардоши сайри таърихии он заминасозӣ хезишҳои низомӣ ва тақобулҳои шадиди инсонӣ гардидааст. Возеҳ аст, ки фарҳанг ҳам зоиш ва ҳам парваришдиҳандаи афкор ва таззоди инсонӣ аст. Аммо дар дунёи муосир бо ҳама абъодаш бар хилофи гузашта дар хидмати яке аз аносираш, яъне сиёсат қарор гирифта ва сиёсат, ки як падидаи зеҳнии айнисоз аст, ба асоси заруриятҳои таърихии ҷомиъаи башарӣ дар мароҳили такомулии худ мавқеи хоси худро дар ҳаллу фасли проблемаҳои инсонӣ эҳроз намуда. Агар ба гуфтаи «Леополд», ки мегӯяд «сиёсат бояд дар хидмати фарҳанг қарор гирад», ҳиросат ва наҷоти фарҳанг низ дар сиёсат нуҳуфтааст. Дар замони ҳозир масоили марбут ба ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва истиқлоли миллӣ тақаддуми вилояти сиёсат аст, вале асолат ва тақаддуми биззот аз они фарҳанг буда ва мемонад.

* * *

Мақсади мо, ки дар омил ва чигунагии дигаргунӣ ва ҷунбиш дар низоми куллии як ҷомиъа аст, боист таъсири аносири фарҳангиро дар афрод ва ҷамъиятҳо, яъне андешаҳои инсонҳо ва рӯйдодҳои иҷтимоӣ арзёбӣ намуд. Ба ҳар кас пӯшида нест як рӯйдод чи басо, ки ба сарнавишти бисёре аз миллатҳо таъсир мегузорад, як андеша низ сарнавишти миллатҳоро тағйир диҳад. Ба ҳамин эътибор ба хайру салоҳи миллатҳост, ки бо каму кайфи

андешаҳо ва рӯйдодҳои ҷаҳонӣ ва миллӣ ошно шуда ва дар тарроҳии барномаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва байналмилалии хеш баҳра гиранд. Аммо фарҳанг ҳар таърифе дар ҷомиъа ва ҷамъияте дошта бошад, ба ду далели асосӣ – муҳит ва душманиҳои шахсӣ мегардад:

1. Ба асари ҳуҷуми фарҳанги бегона, ки ноҳамгуниҳоеро ба асари хислати зотӣ дар адами пазириши якдигар ба шакли тадриҷӣ ё доимӣ боис мегардад.

2. Заъф ва кундии фарҳанги мавҷуд ва набуди истеъдоди пӯёӣ дар он нисбат ба раванди оммӣ тамаддуни башарӣ дар вуҷуди мониъҳои дохилӣ ва баъзан хориҷӣ. Биноан ҷомеае, ки абъоди шахсиятҳо дар матн аз маҷмӯаи фарҳангӣ рушд меёбад, бегумон дар ин маърака ё роҳ мекушояд ё маҳкуми назму суннати матрук боқӣ мемонад. Зеро фарҳанг дар вуҷуди инсон зинда аст, ҳамон тавре ки мо инсонҳо дар он зиндагӣ мекунем, аз ин рӯ пӯёӣ ва динамизми фарҳангиро абзори муносиб зарур аст, то қудрату низомро дар ихтиёр ва дастраст қарор диҳем ва ин мавҳибати озодӣ аст, ки ба инсонҳо маҷоли фикру андеша ва нутқ ва навиштан, ташкили иҷтимоот, худмухторӣ ва ҳаққи ҳаётро медиҳад. Ё ҳам барои ҳамин озодӣ буда, ки ҷангҳои бузург ва кӯчаки дохилӣ ва байналмилалӣ забона кашидааст ва ниҳоят ба хотири озодӣ буда, ки бештар аз он ҳоли барбарият ва пастиву зиллат ба тараққиву камоли маданияти имрӯз расидааст. Яъне, дар партави он ба анҷоми корҳои азим дар зиндагии худ ноил мегардад ва соҳиби камолот ва дастовардҳои бузурги фарҳанги моддӣ ва маънавӣ мегарданд. Албатта, озодӣ, ба шеваи мусбати он на мутлақ, ки суфистоиёни қабл аз милод унвон мекарданд ё вазъияти манфие, ки мардум аз он бигурезанд. Ба ҳар ҳол ҷомиъа дар раванди тағйири доимии хеш бояд ҳар падида ва тозагиро таҷриба кунад ва биомӯзад. Возеҳ аст танҳо ҷавомеъ ба шоҳроҳи тараққӣ гом гузошта ва мегузоранд, ки дар маҷмӯи абоди худ дар ҳаракат афтодаанд ва ҷиҳати ин ҳадаф аст, ки инсон дар тӯли ҳаёт чи мунфаридона, чи аланӣ ва сиррӣ дар мубориза аст. Пас озодӣ як асоси солим барои пешрафти ҷомиъа ба ҳисоб меояд. Ва шахисятҳое

дар ҷомиъа арзи андом мекунанд, ки бори азими истиқрори озодиро барои худ ва миллату мурдуми худ бо тай ва убури роҳҳои душвор ва пурмухотира ба дӯш мекашанд ва рисолати ҳаётии худро дар як мақтаи замонии хос адо мекунанд. Аз ин раҳгузар аст, ки озодӣ ва мафҳуми он фақат дар муҳити фарҳангҳои хос ба такмили як фарҳанги умумибашарӣ имкон медиҳад ва дар ин масир аст, ки озодӣ низ ба ҳайси як унсури фарҳанг ҳамгом бо дигар ҷанбаҳои шууни зиндагӣ бозтоби воқеии худро меёбад. Бад-ин тартиб султаҳои фарҳангӣ ба таъбир ва тафсири фавқ на дар гузашта тавҷеҳ дорад ва на дар ҳол метавонад ангезаи солим ва инсонӣ барои чира шудан бар фарҳангу ақоиди дигарон дорад. Пас вақто ки аз озодии фарҳангӣ ва асароти он дар рушди фарҳанги умумибашарӣ сӯҳбат ба миён меояд, набояд авомили ҷуғрофиёиро ё маҳдудаҳои буду боши ҷавомиро дар фаъолиятҳои инсонӣ нодида ангошт. «Зеро ба гуфтаи Наполеон сиёсати давлатҳо дар ҷуғрофиёи онҳо аст». Лизо сиёсат, ки яке аз унсурҳои асосии фарҳанги як кишвар аст, такомули хунини худро дар хиттаҳои ҷуғрофиёи инсонҳо аз сар гузаронида аст, зеро ки ҷуғрофиё ҳам муҳит буда ва ҳам ҳадаф. Яъне, ки мубоbooризаи инсон дар тӯли даҳаҳо ва садаҳо илова бар ангезаҳои дигар ба обу ҳаво ва замини мавриди ниёз будааст. Аз ин ру вақте, ки сиёсатро зодаи иҷтимоъ, ба хусус иҷтимои инсонӣ бидонем, илова бар дигар масоили инсонӣ ва иҷтимоӣ мавзӯи ҷуғрофиёӣ низ яке аз илали эҷоди андешаҳои сиёсӣ дар авзоъ ва шароити мухталифи зистӣ баён гардидааст ва барои башар дар тӯли садаҳо, махсусан даврони муосир дар доираи ҳукуматҳо ва давлатҳо аз аҳамияти истисноӣ бархурдор будааст. Махсусан, таъсири моддӣ аз лиҳози пойдевор ва доштаҳои маҳдуди хос, яъне оби фаровон, ҳавои мӯътадил, заминҳои ҳосилхез, кӯҳҳои ғанӣ аз маъданиёт ва захоире аз нефт ва газ, ки бештар аз гузашта, ҳукумот ва кишварҳоро дар тақобул қарор медиҳад. Биноан ҳамаи қавонин ва муқаррароте, ки кунун вазъ гардид, барои ҳифзи ҳуқуқи фардӣ, миллӣ ва байналмилалӣ мебошад. То ҳар фарде ё миллате аз таъаррузи дигаре масъун бошад ва

битавон ба озодӣ ва осоиши хотир дар маҳватаи ҳаётӣ ва ҳуқуқи табиии қонуни худ зист намояд ва маҳали буду боши ӯ маҳфуз аз газанди дигарон қарор гирад. Чи ҷое, ки амёл ва хостаҳои ӯ дар қайду банди дигарон бидуни як марҷаияти оммаписанд ва улгуи инсонӣ ва ахлоқӣ ва эътиқодӣ қарор гирад. Ва ё ин ки дастаҳо ва ё афрод ба худ ин ҳақро медиҳанд, ки болои ҳарим ва ҳудуди дигарон билфеъл чира шаванд. Ва кучактарҳои аз худро хафа ва поймол кунанд ё агар мақсад он бошад, ки ҷомеаи башарӣ дар як ҳамгунагӣ ва ҳамсадоӣ дар тобеъият аз арзишҳои куллии инсонӣ ба сар барад, ин то ҳанӯз як ормоне суробгуна беш набудааст. Бинобар дидгоҳҳои фавқ бояд дар ҳадду марзи муносиб аз ҷумла фарҳангӣ, ҷуғрофиёӣ ва иҷтимоию ва ё гоҳе бо пайравӣ аз усули куллӣ барои расидан ба ин маъмул ҳиммат гумошт.

* * *

Агар кишвар ва мардуми Афғонистон ба масобаи як узви зинда ва билқувваи ҷомеаи бузурги башарӣ дар ойинаи ҳақоиқи рӯзгорони инсонӣ мавриди иноят ва диққати сарсупурдагони роҳи ҳақиқатҷӯӣ ва гиреҳкушоёни машокили инсонӣ қарор гирад. Бо назардошти хусусиёти табиӣ ва ҷуғрофиёиаш мардумони истисноиро дар домонаш дар ҳар хелу қабила ва ҳар қавму минтақа ва ҳар ойину ақида парваридааст ва саҳми муносиби худро дар шаклдиҳӣ ва ҷилои тамаддуни башарӣ ва ҷомеаи инсонӣ адо намудааст. Ин ки чаро ва чӣ гуна ифо намудааст, ин дигар бастагӣ ва зарфиятҳои табиӣ-таърихӣ ва фарҳангӣ ба ирс бурдааш иртибот мегирад. Тавре, ки маълум аст ҳадафи китобро корномаҳои Аҳмадшоҳи Масъуд ва бостоби фаъолиятҳои сиёсӣ ва низомии ӯ дар авзо ва аҳволи ҳокимияти муҷоҳидин ва толибон ташкил медиҳад, мехоҳам дар сароғоз чанд сухане перомуни шахсияти Аҳмадшоҳи Масъуд иктифо намоем, зеро дар мавриди хусусиёт ва саҷоёи шахсӣ ва хонаводагии Масъуд мақолот ва навиштаҳо ва осори матбӯъ ва ғайри матбӯъ вуҷуд дорад. Банда сирф дар як нигоҳи мухтасар барои боз шудани

зеҳни шумо ба матолиби баъди китоб зарур пиндоштан, чанд нуқта тазкор диҳам. Қисме, ки ишора рафт барои пешбурд ва оғози як кор ангеза ва омилҳои бомаротиби мухталиф зарурат дорад, ки илова бар авомили мутааддид се омили асосӣ – равонӣ, фарҳангӣ ва ҷуғрофиёӣ бештар аз ҳама дар кишварҳои ақибнигаҳдошташуда чун Афғонистон барҷастатар аз ҳама дар талошҳои сиёсӣ ва қиёмҳои мусаллаҳонаи мардумон асари куллӣ доштааст. Аҳмадшоҳ, ки мутахаллис ба Масъуд аст, 35 сол қабл як ҷавони одии дуруст ба сони соири ҷавонони ҷомеаи мо, ки дар пайи гузаронидани айёми ҷӯшиши ҷавонӣ ва мазияти лозими моддӣ ва маънавӣ дар сояи ақоид ва аҳкоми ҳоким ва марсуми ҷомеи мо буданд, ба сар мебурд. Таҳсилоти худро ило дараҷаи миёна дар вилояти Ҳирот, Кобул, ки ҳамроҳи хонавода як ҷо зиндагӣ мекард ва бинобар маъмуриятҳои низомии падараш сипарӣ намудааст. Баъд аз фароғат аз литсеи Истиқлол шомили Донишгоҳи Политехники Кобул мешавад. Мушорунилайҳ бо ин воқеат, ки инсон пайваста таҳти таъсири омилҳои инсонӣ ва ғайриинсонӣ ба пеш рафта ва дар як таомули ҳамешагӣ бо муҳити пиромунаш ба сар мебарад, гоҳе барои эҳрози мавқеияташ дар таомул ногузир мешавад. Рафтори худро тағйир диҳад ё роҳҳои тозаи барои ҳалли масоил ва мушкилоташ кашф ва то тағйири як сари тартибот ва қавоиди ҳам аз иҷтимоӣ ва фардӣ, ки дар он зиндагӣ мекунад, мубодират варзад. Аҳмадшоҳ Масъуд чун узви дар як ҷомеаи бо хусусиёти милливу қавмӣ мутафовит ба сар мебурд, тавониста ҳассосиятҳои инсонии худро, ки дар вуҷуди ҳамаи инсонҳо зотан аҷин ёфта, бо тафовути пӯётар ва масъулонатар таборуз диҳад. Дуруст аст, ки ҳар инсон аз овони навзодӣ сифот ва алоимеро ба таври хосе, илло мароҳили булуҷ ва боқӣ айёми пешбурди ҳаёташ аз худ номоён месозад ва мутобиқи тавоноиҳои фардӣ ва димоғиаш амал мекунад. Аммо вуҷӯҳеро низ метавон баршумурд, ки инсонро бо як силсила корҳо ва фаъолиятҳои иқтисодии хос водор месозад. Ҳатто инсонро дар баробари инсони посухгӯ ва рисолатманд мена-

моёнад, аз он ҷое, ки аз солҳои 1342 то солҳои 1350 ва ба баъд муҳити Донишгоҳи Кобул ба ҷарру баҳсҳо ва фаъолиятҳои сиёсии донишҷӯён ва устодон мубаддал гардида буд, Масъуд низ дар ин раванд ҳамгом шуда, шомили наҳзати ҷавонони исломӣ гардид ва ба фаъолиятҳои сиёсии худ пардохт. Ӯ, ки шомили риштаи инженерии политехники Кобул буд, баъд аз ба итмом расонидани давраи дуввуми соли таълими донишгоҳ бинобар маҳдудиятҳои барои имтидоди фаъолиятҳои сиёсии ба идомаи таҳсил тавфиқ наёфта ва аз ватан хориҷ гардид. Вале пас аз муддате дубора ба ватан ва зодгоҳаш дараи Панҷшер бармегардад ва мухолифатҳои сиёсии худро алайҳи ҳукумати Муҳаммади Довудхон эълон мекунад. Возеҳ аст, ки Масъуд худ роҳи мубориза ва муқобила бо мушкилот таърифшуда дар ҷомеа ва иҷтимоъи худро, яъне таъсиротеро, ки аз муҳит бардошта буд, дар пеш мегирад ва пас дар як барномаи умумӣ ва ангеза равшан, яъне «ҷиҳоди исломӣ алайҳи ҳокимияти тарафи ҳимояти шӯравӣ дар Афғонистон бо шиори Озоди Афғонистон адолати иҷтимоӣ ва нобудии зӯргӯӣ муборизаи мусаллаҳонаро низ якҷо бо мухолифини давлати вақт алаи ҳузури низоми шӯравӣ оғоз мекунад. Ҳамон тавре ки ҳар яке аз майлҳо ва кӯшишҳои инсонӣ аз як шӯру ҷӯшиши дарунӣ ва ангезаи равонӣ сарчашма мегирад ва таҳти шароити мухталифи замонӣ ва маконӣ шакл меёбад, вале тафовути корҳо ва фаъолиятҳои инсонӣ замоне зоҳир мешавад, ки идора ва тасмими кор илова бар ангезаҳои ғаризӣ ва отифии муштарак ҳукми ақлу хирад дунёи инсониро навид диҳад, бастагӣ дошта бошад. Аммо Масъудро чи шӯру таҳарруке водор ба ин ҳама қурбонӣ ва аз худгузариҳо намуд. Оё рифоҳияти шахсӣ ва оромиши хонаводагии ӯ буд ё қавмиву башарӣ, ман рӯӣ аҳмияти ҳар яки ин ниёзҳои хоси таърихи инсонӣ дар инҷо тавзеҳ намедиҳам. Тавре ки аз шавоҳид ва таҳқиқот манобеи иттилоотӣ бармеояд, ҳама мутафиқулраъй ҳастанд, ки Аҳмадшоҳи Масъуд зиндагии бепироя ва ҳамсатҳ ва бетакаллуф дуруст монанди мардуми оддии ҷомеа беш надош-

тааст. Ва ангезаҳои бартарӣ чун дӯст доштани дигарон, ки ба асли куллии рафтори инсонҳо, табдил гардад, мӯътақид буда ҳамчунон хислати инсондӯстӣ ва истиқлолписандӣ абъоди шахсияти ӯ ба гунае табиӣ рушд ва такомул карда буд. То соири афроде, ки ҳуш ва хавосашон ба худ ва муҳити хонавода ва ё авлавият додан ба қавми хос ва минтақаи хос, ки мо шоҳиди бешумори ҳузури ҳамчун афрод дар таърихи ҷомеаи сиёсии кишвари худ ҳастем. Биноан зеҳну равони Масъуд дар ҳавзаҳои сиёсӣ-низомӣ аз қабл боз будааст. Илова бар авомили равонӣ Масъуд сужаҳои фарҳангиро дар худ забт карда ва таъсири амиқе аз он бардошта буд ва бо суннатҳо ва одоту одоби таърихии ватанаш ошно буд. Мулоқотҳояш гоҳ-гоҳе бо таоруфот ва пешомадҳои содаи деҳотӣ ва ватанӣ сурат мегирифт. Бо ин ки ин аъмол дар урфи сиёсии сиёсатмадорони гузашта, махсусан шарқиҳо як асл буд, вале барои Масъуд болотар аз як усули сиёсӣ менамуд. Тавре ки дар боло ишора рафт Аҳмадшоҳи Масъуд, ки дар кашокаши таҳаввулоти иҷтимоӣ-сиёсии махсусан дар атрофи солҳои 1360 ба масобаи фарди бархоста аз матни ҷомиъа арзи вуҷуд намуд. Бо ошноӣ ба таърих ва фарҳанги меҳани хеш ва бо шароит ва авзоъ ва аҳволи сарзамини худ андешаи ҳаракати мусаллаҳонае дар ӯ қувват гирифт. Бад-ин шакл Масъуд асоси кори пурхатар ва душвореро дар шароити махфии ҷомиъа гузошт ва баъдан дар солҳои пасин шароити иқдомоти сиёсӣ- низомиаш бо шиорҳои миллӣ ва исломӣ дар миёни табақот ва ақшори ҷомиъа ҷаззобияти зиёде касб кард. Яъне бо мудохила ва сарозер шудани қитъаоти урдуи сурх ба Афғонистон Масъуд муборизаи низомии худро ба таври аланӣ аз зодгоҳаш шурӯъ кард. Масъуд бо он ки силоҳ ба даст гирифт вале рамзи наҷоти кишварро аз вазъи фавқ ва мудохилаи низомии як кишвари қудратманд дар ваҳдат медид. Ӯ мӯътақид буд, ки ба нерӯи мардум ва иродаи мардум такя кард ва бе муносибат набуд, ки бахше аз афкор ва дидгоҳҳояш аз мардуми одӣ ва муътқид пинҳон набуд. Сина ба сина дар авом нуфуз кардааст. Ангезаҳои равонӣ, афкор ва аъмоли марбут

ба он, ки пайваста дар татавури доимӣ аст инсонро маъразӣ дидгоҳҳои тоза ва ақоиди ҷадид боояндаи худ, башарият ва дар ниҳоят муҳити худ медиҳад. Масъуд худро дар баробари обу хоки ватанаш ҳисобдеҳ менамуд. Махсусан солҳои ҳокимияти муҷоҳидин ва толибон Масъудро бештар аз пеш ҳасостар сохт. Зеро, ки давраи ҳокимияти муҷоҳидин, ки натоиҷи солҳои ихтиноқи сиёсӣ ва ақибмондагии ҷомеа буд марҳалаи нави озодии сиёсии мусаллаҳ вале лаҷомгусихтае шуд, ки ҷомеа ҳеҷ наваъ муалифаҳои солими миллф дар маҳор кардани вазъ барои истиқрори як низоми миллф дар ихтёр надошт. Барои ин, ки аз рузгорони гузашта зеҳни бегонаситезӣ ва душманиҳои худогоҳ ва ноҳудогоҳ ҳамвора дар мардуми Афғонистон таҳрик ва парвариш ёфта, ки мистоқи гуфтаи моро ҷангҳои тулонии мардуми Афғонистон дар баробари таҷовузкорони хориҷӣ ва фишорҳои дохилӣ ҳукуматҳои худкома, ки ҳич гоҳе набзи оддии худро наёфтаанд сареҳан мерасонд. Яъне зимомдорон ва ҳокимон ба ҷои дастгирӣ дар ҷиҳати рифоъ ва осоишуояндаи мурафаъашон бо таҳрифе аз миллатхоҳӣ ва мардумдустӣ заминаи заҷрро азобе мардумро ба гунаҳое дониста ва нодониста фароҳам сохтаанд. Дар ниҳоят мардуми азобкашидаи мо ба сони роҳгумоне мемонанд, ки ба ҳар машвара ва масълиҳати дар ҳар ҷеҳра ва қиёфае эътимод кардаааанд саранҷом пушт карда ноумед шудаанд ва бо бардоштҳое мардуми пуркор ва мустаиди Афғонистон дар сояи низомҳои лаҷомзада ва бетаҳаррук беборвар ва бесамар буда. Аммо хеҷ ҷомеа ва иҷтимое холис аз ашхоси саъодатписанд мардумдуст ва ё тараққихоҳ нест ва мавҷудияти ҳамчунин афрод ба сони гурзу шамшер дар баробари ҳар деви ҷаҳл ва ҳар балои ҳастисуз истиқомат ва поядорӣ менамоянд. Лизо Масъуд дар баробари касоне, ки ба зарбати шамшер мехостанд мавҳибати худоӣ ва табии ӯро яъне ватани ӯро аз они худ кунанд, ӯ ва идаи ҳамроҳонаш даст ба шамшер бурданд. Зеро амал ва хости ҷониби муқобилро бароящон зиллат донистанд ва истоданд ва омодаи ҷавоби муносиби зургӯӣ ва султахоҳӣ шуданд.

*Одамиро сулҳ дар роҳи саодат раҳбар аст,*
*Осмони мардумиро сулҳ некӯ ахтар аст.*
*Он ки хайру шарр ба дасти ӯст гуфт ал-сулҳу хайр,*
*То бидонӣ он чи ғайр аз хайр мебошад – шарр аст.*

## МУРУРИ МУХТАСАР БА ТАЪРИХИ МУОСИРИ АФҒОНИСТОН

Вақте ки таърихи башарият ва махсусан ҷавомеъ ва иҷтимооти инсонро варақ мезанем, мебинем, ки инсон ҳамвора дар талошу ҳаракат ва муборизаи доимӣ бо худу муҳит ва ҳамнавъи худ мебошад ва он чи мақсуди онро месозад, аз осоиши рӯҳӣ ва ё лаззати дунявӣ то маротиби аз камол ва сифот чизе бештар нест. Аммо чизе, ки бояд бад-он фарқ гузошт, ин аст, ки хислат ва хавоси оромиш ва лаззату манобеи онҳо дарк ва фаҳмо бошад. Аз манобеи мутааддид яке ҳам инсондӯстӣ ва ватанхоҳӣ аст, ки маззияти ин ду ҳадаф на барои ҳамаи инсонҳо, балки иддаи маҳдуде ҳастанд, ки бо шӯру иштиёқи хос дар роҳи хусул ба он дар мубориза ва ҷидоли доимы будаанд. Ҷомеаи Афғонистон дар тӯли ҳаёти худ, ки бидуни тардид бо нақшу ҷойгоҳаш чун узви пайкари беқарори ҷомеаи бузурги башарӣ таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии худро аз сар гузаронда ва монанди ҷавомеи дигар аз таҷоруби ғанӣ ва судманде баҳраманд гардидааст. Мавқее ки аз ҷавомеи башарӣ ном мебарем, махсусан пешвоён ва ҳокимон бо корномаҳо ва амалкардаҳояшон, ки сарнавишт ва зиндагии ҷавомеашонро рақам зада ва тақдири ҳастиву нестиашонро ба тадбир кашидаанд, дар зеҳнӣ мо муҷассам мешавад. Агар ниёт ва иродаи ҳокимон ва ҷаҳонкушоёнро аз лашкаркашияҳояшон ба сарзамини худ Афғонистон дар атрофи тақвими таърихи мадун то лаҳзаи ҳозир биандешем, дар ду самту сӯ метавонад баён гардид: шарқиҳову дигар ғарбиьо. Хезиш ва ҳамалоти зимомдорони бархоста аз сарзамини шарқ, ки бештар дар доираи ҷаҳлу нодорӣ ва таассуботи кур сурат гирифта ва натоиҷи он ҳам табиӣ аст, ки харобӣ ва вайронии маданиятҳо ва фарҳанг ва

куштору хунрезӣ чизе ба армуғон наовардааст. Дар ҳоле ки маданияти шарқӣ ва аз он ҷумла фарҳанги мардуми Ориёно ва Хуросони бостон дурахшонтар аз бештар нуқоти рӯи замин чи қабл аз милод ва чи авоили баъд аз милод будааст, ки бо ҳуҷуми зимомдорон ва ҷаҳонкушоёни шарқӣ, ки аз табақаи пасту фоқиди саводу таълим буданд, зери салта рафтаанд ва боз ҳам на танҳо бо исрори таборӯзи истеъдоди баҳамоӣ ва омезиши ҷавомеи мафтуҳа, махсусан Хуросони бузург тавоноии беқайдӣ ва саркашии муҳоҷимини чодарнишин дар атвори тасаллут ба воситаи тафаввуқи фикру тамаддуни олӣ онро таҳти нуфуз оварда ва дар маъно ҳукумтеро ба даст гирифта, бо қудрати ахлоқӣ ва илмӣ ба фотеҳин фоъиқ шуда ва бо таъдили одот ва русуми қавми муҳоҷим на танҳо риштаи фарҳанг нигаҳ дошта шуда, балки қувва ва қуввати лашкарии ононро низ мудофеи тамаддун ва фарҳанги болaverageи хеш қарор диҳанд. Чуноне ки ба имтидоди истилои аҷониб баъд аз аъроб ҳуҷуми муғулон ва туркони гургонӣ ва бозмондагони онҳо дар ҳудуди Афғонистон ва соҳоте аз Осиёи Миёна худ дар арсаҳои ҳунар ва фарҳанг хадамоти дурахшон ва мондагоре анҷом додаанд. Ва ё ҳам ғарбиҳо, ки аз Искандари Мақдунӣ шурӯъ то ҳамалоти инглисҳо ва русҳо ба таври ахаз ба сарзамини Афғонистон ҳокимони ин кишварҳо ҷудо аз ангезаи ҷаҳонхоҳонаи иқтидорашон намояндагӣ аз маданиятҳои баланди башарӣ мекарданд талоқӣ ва бархурди маданиятҳои ғарбӣ ҳам дар ҳитаи ҷуғрофиёии Хуросон ва ҳам дар ҳиттаи Афғонситони асри 18 баҳрабардории моҳирона ва огоҳона намуда, яъне зоиши нави низоми тамаддуниро дар шарқ ва Афғонистон боис гардид. Ба ҳар тақдир мардуми Афғонистон ва сарзаминашон омоҷи таҷовуз ва лашкаркашиҳо буда ва дар аъсори мухталиф ва мутаносиб ба ҳуввият ва амалкарди ҳокимон ва ҷаҳонкушоён аксуламалҳои муносиб аз худ нишон доданд. Дар робита агар таърихи дарбор ва ҳукуматро чудо аз таърихи миллатҳо баррасӣ кунем, бо он ки миллат ва ҳукумат ду падидаи ҷудо аз ҳам нестанд, ам-

мо ҳукумат аксаран ва ба таври хос дар кишвари Афғонистон баёнкунандаи ҳолот, афкор ва дидгоҳҳои мардум махсусан дар қуруни ахир мутаассифона набуданд, зеро ки робитаашон монанди аслофи шарқиашон, ки бо диди низомӣ ва хостгоҳҳои қавмӣ ва баъзан шахсӣ барқарор буд, дар манотиқи мухталифи Афғонистон низ вазъ ба ҳамин минвол ҳоким буд. Яъне ки фақат замоне аз мардум масориф ва боҷи афрод барои ҷангеро мутолиба менамуданд, ба мардум руҷӯъ менамуданд. Дар ғайри он чизе барои мардум надоштанд ва асароти низоми сиёсӣ бештар аз ин дар манотиқи дур афтода аз шаҳрҳо чизе набуд. Ва аз ҳокимон ҳам чизе, ки боқӣ монда лақаби сардору подшоҳу амир, ки то имрӯз мардуми Афғонистон қурбонии расидан ва қамоӣ кардани ин ном шудаанд, дар ҳоле ки дар баробари ин алқоб ва исмҳо, ки аз номи мардум гирифта мешуд, мебоист подошҳо ва ё масъулиятҳои хидматгузорӣ ба ҷо оварда мешуд, ки он ҳам таърихи ҷомеаи мо шояду бояд ба хотир надорад ва гар дар шаҳрҳо ва марокизи нуқоти таҷамуи одамон равнаки тиҷорат ва алоими аз рушди фарҳангу адаб ба назар меомад, ин намояндагӣ аз ҳаракати табиӣ ва мустамари худи мардум буда, то дар доираи як низоми сиёсӣ ва бо сиёсати вижа. Чи ҷое ки худи низом суди бештарро дар муомилот ва табодулот махсусан тиҷорат, зироат ва молдорӣ мустақим ва билвасилаи гумоштагони худ феодалон ва хавонини мулоҳои маздур мебардошт ва дар заду банд бо ин аносир ҷомеаро ба як каманде баста буданд, ки барои ҷомеаву мардум фарқе намекард, ки сари нақд ба дасти кист. Ки ҳамин робитаҳои дури мардум аз ҳукуматҳо баъзан боиси ҷудоӣ ва бебовариҳои миёни ақвом низ гардида, то ҷое ки ба рӯи ҳам ханҷар кашиданд ва душманиҳои миёнқавмиро боис гардидаанд.

* * *

Бахше аз дуруштиҳои гуфтори фавқро хуб аст иҷолатан аз қарни ҳаждаҳ ба баъд, махсусан аз замоне баррасӣ кунем, ки қисмате аз Хуросони бузург ба Афғонистон му-

саммо гардид, яъне на танҳо, ки афғон ва афоғана номи яке аз ақвоми сокини Хуросони бузург номи як хиттаи бузургеро, ки ақвоми бузургӣ дигаре низ сокин ва зиндагӣ менамуданд гирифт. Албатта Мирғулом Муҳаммади Ғубор дар китоби Афғонистон дар масири таърих навишта, ки дар Қандаҳор маркази байнулақвомии Афғонистон буд, Нурмуҳаммадхон ба хонҳои ғилҷоӣ, ӯзбак, ҳазораву тоҷик пешниҳод кард, ки Ҷиргае ташкил ва подшоҳе интихоб шавад. Дар будан ва мавҷудияти ақвоми мухталиф дар Қандаҳор тардиде набуда, вале Ғубор ин гуфтаро собит накарда, ки дар ҷаласа (Ҷирга) ба намояндагии ақвоми ғайрипаштун кадом ашхос иштирок намудаанд ва ному шахсияташон чӣ буда, тавре ки Мирғуломуҳаммади Ғубор рӯи шеваи баргузории ҷаласа ва фазои ҷаласа ва тарзи интихоби Аҳмадхон ба ҳайси подшоҳи Афғонистон шарҳи мабсуте дода, ки метавонад ҷавҳар ва моҳияти демокрасиро дар асл ҳатто агар сомеъин ва шомеъин ҷаласа аз як қавм ва ё як қабила буда бошад, баён намояд. Ба ҳар ҳол дар дохили кишвар табақи деҳқон ва молдор, яъне аксарияти миллат ё табақаи шаҳрӣ ва пешавар дар ҳама солҳои мутамоды дар зери идораи маликутавоиф ва лашкаркашиҳои дохиливу хориҷӣ ва молиёт ва авориз ва гумрукоти гуногун куфта шуда ва толиби як давлати муқтадири марказӣ ва амният буданд. Тавре ки дар таърихи Мир Ғуломмуҳаммади Ғубор омадааст: «Дар ғарб ва шарқ ва ҷануби кишвар солҳо мардум бар зидди истилои хориҷиён ва ьусули озодии миллӣ мубориза карда ва дар эҷоду ҳифзи як давлати муқтадири миллӣ омода буданд, вале баъд аз ҷулус ёфтани Аҳмадхон на танҳо қадами ҷиддӣ дар роҳи инкишофи фарҳанг ва иқтисод гузошта нашуд, балки фурсати инкишофи фарҳангӣ қадими қуруни вусто низ пайдо нашуд. Ҳамчунон хилофи интизор мардум аз ҳукумати марказӣ дар ҷиҳати асаргузории ҳадди ақал болои арбобони сарват ва заминдорони ғосиб, ки болои мардум зулм мекарданд ва ё бо худ даргир буданд. Вале чунин шуд, ки ин вазъ на танҳо дар давраи Аҳмадшоҳ ба асари рақобат дар касби арозии ваҳмӣ ва

меросии Нодири Афшор бо дигар ҳокимони бархоста дар ҳудуди сарзамини Хуросон тағйир нанамуд, балки дар давраи ахлофаш Темуршоҳ низ вазъ бо ҳамин минвол боқӣ монд», агар таҳлили куллӣ аз мурури гузарои вазъи ҳукумот ва ҳокимони дуюми асри ахири таърихи Афғонистон сурат гирад, ба ин хулоса меоем, ки давраи ҷангҳо ва ихтилофоти бараҳнаи низомӣ миёни шоҳзодагон ва ё ҷангу ситез бо бегонагон аз як сӯ ва давраи оромишу суқутҳои русарӣ аз сӯи дигар, ки дар миён ҷидоли низомӣ агар маҷоли зиндагии оддиро ба мардуми Афғонистон дар асари лашкаркашиҳову зургӯиҳо ва хезишҳои миллӣ ва ихтилофоти дохилӣ ва хонаводагии шоҳзодагон ба армуғон наёварда, дар даври дуввум низ мо шоҳиди бекифоятиҳо ва бемасъулиятиҳои ҳокимон низ будем, ки давраи дуввумро низ ба се марҳала мешавад қисмат кард:

Аввал – давраи Темуршоҳ, ки пас аз давраи инҳитоти дунимқарнаи Хуросон ва қисмат шудани хоки Афғонистон.

Марҳалаи дуввум – давраи ҳукумати амир Ҳабибуллохон ки пас аз як давраи қаҳрия ва ихтиноқу ваҳшат буд.

Ва марҳалаи севум – давраи Муҳаммадзоҳир, ки валиаҳди хурдсоле буд ва гардонандагони аслии ҳукумат аъзои хонаводаи падар буданд.

Марҳалаи аввал, ки аз солҳои 1773 то 1793 давом намуд, дар ин давра Темуршоҳ писари Аҳмадшоҳ ба қудрат расид, нисбат ба давраи ҳукуматронии падар, ки даргириҳои шадиди низомиро дар имтидоди аз ҳамалоти пайиҳами ӯ илова бар соҳаи ҳокимони мутамаррид ба бахши номаҳдуд сарзамини Афғонистон эълоншуда дар умқи сарзаминҳои дигар буд, як марҳалаи муносиб барои эҳёи як низоми мутамарказ, коро ва босубот буд то миллати Афғонистон дар сояи он эҳсоси озодӣ, истиқлол ва ормиши иҷтимоӣ ва рушду шукуфоӣ бошад ва аз мазолими табақотӣ раҳоӣ ёбанд, чунин чизе ба вуҷуд наомад. Яъне ки давлат дастони ҳуқуқии худро аз ҳудуди як низо-

ми миллӣ натавонист баркашад ва агар ин ҷо иддае аз афрод, ки он ҳам марбут ба тойифаи Қизилбош ва тойифаи Баёт буданд, бо навкариву чокарӣ ва маъмуриятҳои пасти низомӣ масруф буданд то шахсиятҳои босалоҳият ва дасти дуввуму севум дар иҷрои кори кишварӣ, лашкарӣ ва дар ниҳоят дар ҳарими ташкилоти давлат; дуввум ин ки феодалон ва рӯҳониёни бузург илова бар он ки худ соҳиби заминҳои зироатии фаровоне буданд, камтар касоне ёфт мешуданд, ки заминҳои бештареро ба иҷора бигиранд, зеро дар мавҷудияти ин ду табақа табақаи севум мардуми мазлум ва бечораи камзамин ва безамин буданд. Биноан иҷорадорон ҳам аз ин ду табақа буданд ва ин ду табақа ҳам дар дастгоҳи давлат бо воситаи амвол ва дороиии хеш ё бо воситаи нуфузи рӯҳонии худ ҷойгоҳи хосе доштанд. Аз ин рӯ дасти зулму бедод ба мардум дароз буд ва давлат ҳам аз ваҳми ин ки асоси раъйи мардумӣ надошт бо иттиқо ба ин ду табақа пояҳои ларзони худро ба гунае низоми миллӣ ва ҳуқуқӣ ҳифз мекард, то ки дар замони ҷонишинон, яъне писарон ва наводаҳои ӯ ҳамон ҳастаи нопухтаи давлат ва ҳукумат низ муталошӣ ва Афғонистон ба як низоми малакуттавоифии мунҳите даромад ва ҳам шууни зиндагии ҷомеа аз назари сиёсӣ ба инҳитот ниҳод ва Афғонистонро на ин ки аз Урупои ҷадид ва мутараққӣ дар фосилаи бисёр дур нигаҳ дошт, балки аз соири кишварҳои Осиёӣ низ ақибтар андохт. Бо он ки Темуршоҳ аз қабл мухолифати худро бо феодалҳо эълом дошта буд, медонист, ки ихтилофоти қабилавии ба ирс гирифтаи ӯ аз гузашта ҷамъи мухолифатҳои феодалҳо рӯзе ба ҳукуматаш поён медиҳанд ва Кобулро гӯё пойтахти худ интихоб кард. Ӯ бо ин кор саъй кард ҳам давлати худро чеҳраи миллӣ ва ғайрипуштунии маҳз, ки солҳо дар умки ихтилофоти қабилаӣ марбут ба қавми пашту дасту по мезад, бидиҳад ва аз сӯе ҳам таъсири баъдии нуфузи феодалҳо ва малокинро аз ҳукумати худ дар зоҳир бо ниёти барандозии ниҳодҳои давлатӣ ва ҳукуматӣ тазъиф созад дар ҳоле ки малокин ва феодалҳо камоком ба зулму фишори худ болои мардуми оддӣ идоме медоданд, яъне ки ӯ ин талошро

ғарази ҳифзи салта ва низомӣ худ ба роҳ андохта буд, на барои як қудрати мутамаркази мардумӣ ва беҳрӯзии ояндаи боамн барои ҷомеа. Темуршоҳ илова бар бекифоятиҳои ношӣ аз саводи кам дар сиёсат ва нофаҳмиҳои ӯ дар идораи кишвар ба шеваи расми мутадовил дар сиёсати он рӯзи минтақа роҳатталабиҳо ва айёшиҳои ӯ монеъ аз иттихози тадбирҳои лозим аз ҷониби подшоҳ мегардид. Тавре ки Сайидмеҳдии Фаррух дар китоби Таърихи сиёсии Афғонистон менависад «Темуршоҳ марди роҳатталаб ва айёше буд ва ба таҷаммулоти зоҳирӣ бештар алоқаманд ва ба ҷавоҳирот худро меёрост. Темуршоҳ занҳои зиёде дошт, онҳоро ба даври якдигар доиравор водошта ва касоне ки тарафи майли ӯ воқеъ мешуданд, исмашон сабт ва шаб тамом онҳоро, ки ба дувоздаҳ мерасид, ба хилват мебурданд». Маҳдӣ меафзояд, ки «давраи ҳукумати Темуршоҳ ба оромӣ гузашт. Вале дар ҳудуди Туркистони афғон ба воситаи айёшӣ ва адами истиқомат ва сустӣ ихтилофоте ҳосил шуд, ки дар воқеъ аз ҳукумати Кобул итоате надошта ва ин муқаддимае буд, ки баъдҳо руасои туркистони Балх аз итоати комил сарпечӣ карда ва ба таври худсарона ҳукумат мекарданд. Темуршоҳ ба асари пурхӯрии зиёд ва сарфи алкул мариз шуда, аз Пешовар, ки мақарри зимистонии ӯ буд, баъд аз азимати ӯ ба Кобул вафот мекунад».

* * *

Марҳилаи дигар бо зимомдории амир Ҳабибулохон шурӯъ мешавад, ки баъд аз як давраи ҳукумати хашанг ва қаҳрия ва мустабдонаи падараш ҷулус ёфт ва кишвари хомӯш, сипоҳии қавӣ ва ҳукумати муташакилро ба ирс гирифт. Вай бо он ки фигураҳои зиёд дар сиёсатҳои дохиливу хориҷӣ рафт вале ҳеҷ кадомро бо як барномаи муназзам то поён нарасонид. Сирф чанд мавриди маҳдуд, ки бо муддати аморати ҳаждаҳсолаи ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ мувофиқ набуд, аз ҷумла умуроти динӣ-фарҳангӣ, ки он ҳам умуроти фарҳангӣ фаротар аз хиттаи шаҳри Кобул мавриди таваҷҷӯҳ ва маддоқа (диққат) қарор намегирифт. Яъне дар

шаҳрҳо ва дигар вилоёт махсусан вазъи таълиму тарбия ва омӯзиш ба ҳамон шеваи суннатӣ давом дошт. Танҳо масъалае, ки аз ҳама муҳимтар дар таъйиди ахлоқи як ҳукумат қарор мегирад, он афви табъидиёни давраи зимомдории падар ва мухолифини шеваи ҳукумати Абдураҳмон буд, ки дар кишварҳои ҳамҷавор зиндагӣ менамуданд, ки бештари ин ашхос мардумони саршиноси ҳар ду хонаводаи муддаии тоҷу тахт, яъне Абдулиҳо ва Муҳаммадзоиҳо буданд. Афроди табиӣ ё лусӣ қабилави ҳанӯз ба давру бари низом дар тавоф буданд, ки ба асари аёшии вофир ва айшу ишрати мунтади Ҳабибуллоҳ ва беидорагии умур аз ҷониби ӯ ба истиноди гуфтаи Сайидрасул дар муқаддимаи навиштаи «Нигоҳе ба аҳди салтанати Амонӣ» «заминаи буржуозии дарборӣ низ дар низом роҳ афтида буд ва ба нашру пахши афкорашон мепардохтанд ва дарбор ба маркази ташкилот ва саҳнаи муборизоти сиёсӣ мубаддал гардида буд, дар ҳоле ки мурдуми муъмин, ки бояд фармонбардор мебуданд, аз неъмати озодӣ маҳрум ва маҷоли ҳарф заданро надоштанд. Ин ихтиноқи мутадовим боис шуд, ки мардум дар торики боқӣ монда ва натавонанд раҳбариро интихоб намоянд, ки аз дардҳову ранҷҳои онҳо намояндагӣ кунанд ва роҳҳои ҳалли мушкилотро дар сояи ақида ва имонашон ҷустуҷӯ намоянд».

Ҳамчунон дар сиёсатгузории хориҷии худ баъд аз он ки моидаҳои дар соли 1905 бо англис ва соли 1907 бо рус имзо намуд ва худро аз таҷовузи ин кишварҳо масъун медонист, дар ҳақиқат тобеи ин кишварҳо ба ҳисоб меомад. Махсусан инглисхо. Беҳтар аст дар маврид аз таърихи сиёсӣ Афғонистон аз навиштаи Меҳдии Фаррух нақл кунем: «Амир Ҳабибуллоҳхон дар сиёсати хориҷӣ комилан мутеи давлати Инглистон буд ва дар тамоми муддати амораташ мухтасар инхирофӣ аз авомили ҳукумати Ҳинд наварзид. Як сол баъд аз фавти Абдураҳмонхон ‘ҷенерол Дурбӣ’ аз тарафи Ҳинд ба Кобул омада ва аҳдномаи Амир Абдураҳмонхонро айнан Ҳабибулохон пазируфта ва тааҳҳуд намуд ва аз мусофирати ӯ ба Ҳиндустон низ фақат тағйире ки дар вазъиёт пайдо шуд, то ҳадди тарзи меъмо-

рии Афғонистон тағйир кард ва дар Ҳиндустон аз горди махсуси ноибуссалтана хушаш омада ва горде барои худ тартиб дод. Дар ҷанги байналмилалӣ бо таҳрикоти Олмонҳо ва Усмониҳо бар хилофи манофеъ ва масолеҳи Инглистон рафтор нанамуд».

Дар умури идорӣ ва низомӣ мушшориалайҳӣ бештар болои бародар ва писари худ эътимоди росих дошт ва ин боиси гардида буд, ки зулму бедод ба ҳадди ниҳоӣ тавассути маъмурини ҳукумат болои мардум ҷорӣ гардад. Зиндагии ҷомеа дар ҳама заминаҳо ба фасод мерафт то он ҳадде, ки муҳоҷиратҳои ҷамеъро аз нав ба кишварҳои ҳамсоя боис гардид, дар ҳоле ки худи амир ба ҳасби зоҳирсозиву тапарварӣ ва айёшиаш масруфи назму таркиби ҳарамсарои муфассал ва бошукӯҳ буд ва дар зандагии дохилии ҳарам фурӯ рафт. Аз расидагӣ ба умур ба куллӣ боз монда, то ҷое ки қиёмҳои мардуми Пактиё, Қандаҳор ҳама рӯи як ангеза ва он зулму фишори амирон, тоҷирон, молдорон ва мазҳабиюн болои мардум дар баробари таъдияи ришваву пора ба маъмурини ҳукуматӣ сурат мегирифт. Чуноне ки Маҳмуди Тарзӣ худ мегӯяд: «Дар ҳукумати амир Ҳабибуллоҳ монанди падар чунон ба фасод ва беидорагӣ мубтало гардид, ки ҳеҷ кас на ба ҷон ва на бар молу мулки худ ва бар муъмурияти худ амнияте эҳсос намекард. Тороҷҳо аз ҳад фузун, қатлҳо, эъдомҳо рақам-рақам, забти амлок ва мусодираи амвол ва ғайра анвоъи бедодгарӣ дар ҷомеа давом дошт». Ҳамин буд, ки иддае аз дарбориён ба қавли Саидрасул, ки худро чизфаҳм ва рӯшанфикр ва ислоҳталаб қаламдод намуданд, хостанд бо мардум тафоҳум намоянд. Бо вуҷуде ки уюби ин ҳаракат аз ҷумла ноогоҳиашон аз дарду ранҷи мардум ба таври амалӣ ё бо мутолиаи чанд кутуб ба мушкилоти соири ҷавомеъ нисбат ба Афғонистон медонистанд. Бо вуҷуди ин барои рафъи бурҳон ва равзанаҳои умеди барои фардои беҳтар боз кунад бо ин ниёт неҳзати демократиро поягузори намуданд. Бо ин ҳама тайфҳои (рангҳои) мухталиферо во дошт то ваҷҳи муштаркаи худро, ки ҳамоно дар овардани демкратия ва боз намудани фазои бастаи

ҷомеаи ақибмонда бошад, асари худро ба таври муфид ба ҷо гузошт. Вале амир ин ҳаракатро бераҳмона саркӯб кард. Ин ки аз ҳаракат, ки чи суде бурд, оё беруниҳои дар камини ҳамлаи низомӣ нишаста ва ё фурсатталабони буржуозии дохилӣ барои идомаи бақояшон дар ҳар ду сурат ба ояндаи ҷомеаи Афғонистон зарбаи маҳкаме буд, ки натиҷааш тадовуми солҳо бесуботии ҷомеа ва амали дуввуми низомҳои баъдӣ боиси дароз будани дастҳои таҷовуз то ҳадди фаъолиятҳои дилхоҳашон шудааст, ки баъдҳо худи ин ҷараён аз ҳолат ва равобити табии такомилии худ мунҳариф шуд ва дарвуҷуди Амонуллохон ва атрофиёнӣ ӯ поро аз доираи тангӣ суннатҳо ва арзишҳо ва ахлоқиёти ҷомеа берун кашиданд, ки рӯҳияи ҳифзи иқтидори хонаводаи шоҳӣ бо собиқаи бади худ тавассути Амонуллохон ҷараёнро ба як чолиши (ҷангу ҷидоли) дигар мувоҷеҳ сохт.

Марҳалаи дигар ҳукумати Муҳаммадзоҳиршоҳ буд. Ӯ замоне ба ҷои падар ба ҳарими қудрат қарор гирифт, ки 19 сол дошт ва аз синни даҳсолагӣ то 16 солагӣ дар Фаронса ба сар бурда, ӯ дар Порис таҳсилоти худро ило дараҷаи мутаввсит дар лисаи Мишла тамом кард вале муваффақ ба ахзи диплом ва ё шела нагардид. Пас аз он дар Кобул кафили вазорати ҷанг шуд ва пас аз мурољиати Маҳмудшоҳхон вазири ҷанг ба кафолати вазорати маориф иштиғол ва баъд аз қатли падар ба салтанат расид. Ягона даврае пас аз 150 соли ҳукумронии паштуны таъвизи салтанат ором ва бидуни кашмакаш сурат гирифт. Яъне кокоҳои қудратманди Зоҳиршоҳ муддаии тоҷу тахт нашуданд ва аз вазоратҳои олӣ ва муҳим ва мақомоти олӣ канор рафтанд. Аммо ҷои онҳоро писарони онҳо пур намуданд. Ба ҳар ҳол аъзои хонаводаи салтанаты амалан дар саросари солҳои ҳукумати Муҳаммадзоҳиршоҳ ҳамаи умури мамлакатӣ ва миллиро қабза карда буданд. Агарчи ин оромиши интиқоли қудратро баъзеҳо натиҷаи мувофиқат ва мусоидати давлати Ҳинд медонанд вале иллати асосӣ дар ақиби ин мувофиқат шинохтани рӯҳияи мардуми Афғонистон аз тарафи давлати Инглис ва роби-

таи хушку хашане давлатҳо бо мардуми Афғонистон буд. Аз ин рӯ, барои дур нигоҳ доштани дарди сари худ аз рӯҳияи мазҳабӣ ва ватанхоҳии афғонҳо ва таъсири он болои сарҳадот ва манотиқи таҳти нуфузи ҳитти Ҳиндии инглис то бошад маҷоли касби ирода дар мунозеоти байналмилалӣ, ки ҷаҳон дар остонаи ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ қарор дошт, намояд. Зеро инглис аз гузашта дар равобиту сиёсатҳои худ нисбат ба Афғонистон розӣ набуд ва ба таҳлилашон, ки ҳукуматҳо чандон асаргузор дар ниёт ва иродаи иҷтимоотӣ мухталифи мардуми Афғонистон набудааст. Дар авоил маслиҳатро дар ин диданд, ки то як бор авзоъи ҷаҳон рӯшан нагардад, ба хонаи занбӯр санг задан холӣ аз зиён нест.

Зоҳиршоҳ, ки сахт дар талоши густариши ҳиттаи иқтидори худ буд, пайваста мекӯшид мавқеъияти худро дар даруни хонаводаи худ ва нуфузи хонаводаро дар саросари кишвар таҳкиму тасбит кунад. Даст ба як силсила корот ва иқдомоти самбулик (рамзи) зад. Аз ҷумла дар қонуни асосӣ мусаҷам намуд, ки писарон ва духтарон, бародарон ва хоҳарони шоҳ ва ҳамсарони писарон ва духтарони ҳар як аз онон бад-ин тартиб аъзои хонаводаи салтанатӣ ҳеҷ як мудомулумр ҳақ надоранд ба нахуствазирӣ ва ё ба узвияти шӯрои вазирон, парлумон ва девони олӣ мансуб шаванд. Ва дар ҳеҷ як аз аҳзоби сиёсӣ мушорикат ва фаъолият надошта бошанд ва фақат дар муовинати вазоратҳо ва дар ҳайатҳои дипломатӣ мансуб шаванд. Дар мавриди қонуни асосӣ тавре ки Клифорд дар асари худ ба номи «Сарзамин ва мардуми Афғонистон» зикр мекунад: «Қонуни асосӣ, ки дар соли 1931 мелодии Муҳаммад Нодиршоҳ дар тайи сисолаи баъд низ ҳамчунон мабнои қонуни ҳукумати Афғонистон буд. Ин қонун бо он ки ба ьасби зоҳир ва барои як ҳукумати салтанатии машрута навишта шуда буд вале дар воқеъ омезаи камобеш ва мутаноқизи аз шариати исломӣ ва суннатҳои маҳаллӣ ва ниҳодҳои демокартии ғарбӣ буд, ки дар маҷмӯъ барои ҳифзи қудрати хонадони салтанатӣ дар ҳам танида шуда буданд. Дар ҳоле ки бахши сиёсии

ҳукумат, ки натиҷааш инфози (нуфузи) қонуни асосӣ ва парлумон буд, намояндагони воқеии мардум дар он вуҷуд надоштанд. Намояндагон ба ишораи марказ тавассути идороти маҳаллӣ ин ҳақро барои заминдорон ва муҳофизакорон ва ё раҳбарони мазҳабӣ ва қабилаӣ ба ӯҳда доштанд, ки ҳеҷ шинохте аз ниҳодҳои ҳукуматии ғарбӣ надоштанд ва давлат аз нуфуз ва таъсири онҳо дар ҷиҳати таҳкими қудрат ва машруияти худ мубодират (машғулият) меварзид».

* * *

Бо он ки беҳбуди вазъи умумии ҳаёти ҷомеа дар замони ҳукумати Зоҳиршоҳ нисбат ба гузашта дар ҳама заминаҳо қобили эҳсос буд, вале ба таносуби даҳаҳои зимомдории ӯ, ки садои файру низои мусаллаҳона вуҷуд надошт, бисёр ночиз буд. Чи ҷое ки дар ҳавзаҳои сиёсӣ ва сармоягузориҳо ва дар заминаи тарҳҳои сиёсии тавсеаи иқтисодӣ ба талошҳои воқеан якпорча ва ҳамоҳангӣ наанҷомид, махсусан ҳаракатҳои сиёсӣ нисбат ба гузашта аз ҳолати ихтифои комил ва ғайримаҷоз ба фаъолиятҳои махфӣ даст ёфта буданд. Аммо бо он ҳам худро дар расондан ба қудрат аз тарқи қонунӣ намедиданд ва мекушиданд ба ҳар тариқ, ки шуда қудратро аз они худ созанд, дар ҳоле ки дар он замон тасаввур ин буд, ки Афғонистон ба ислоҳи бештару беҳтар таваҷҷӯҳ дорад то инқилоб. Яъне ки ҳар навъ иқдоме барои пешбурди кишвар ба сӯи ояндаи беҳтар боист бар пояҳои ҳурматхоҳиҳои фардӣ ва бо ғурури зотие, ки бо хунашон сарришта ёфта, устувор гардад. На рӯҳи шадидан инқилобиталабона».

Хулоса маҷмӯи корномаҳои ҳукумати Муҳаммадзоҳир дар тӯли солҳои салтанаташ сирфу сирф маҳдуд ба ҳифзу раванди кунду кулии бахшҳое аз зиндагии ҷомеаи Афғонистон, махсусан заминаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки ба шеваи суннатӣ дар ҷарайён буд, мегардад. Дар ҳоле ки замони тӯлон, яъне чаҳор даҳа бар кишвар ҳукумат ронд, ки шароит ва тавсеа аз ҳар лиҳоз дар ҷомеа ва табиати он машҳуд буд. Зоҳиршоҳ тайи солиёни дароз диктатор на-

буд ва куштору ихтинокро дӯст надошт ва пайваста оромишу сукунро тарҷеҳ дод, аммо ин низ ҳақиқат дорад, ки Афғонистон тайи зимомдории тӯлонии вай чеҳраи кариҳаи як кишвари ақибнигаҳдошташударо ҳифз кард ва ҳаргиз дар масири рушд ва тавсеаву умрони лозим қарор дода нашуд.

Махсусан дар деҳот қонуни асосии 1931 Нодиршоҳ тайи солҳои баъди низ ҳамчунон мабнои қонунии ҳукумати Афғонистон буд. Дар ин қонун қувваи сегонаи мамлакатӣ ба навҳи мушаххас ва рӯшане аз якдигар мутамоиз шуда буданд. Ба асоси он ҳеҷ тазмине барои ҳимоят аз шаҳрвандони афғонӣ дар муқобили ҳамалоти мутлақаи қувваҳои мучрия (иҷрокунанда) ва қазоя (судия) низ дар назар гирифта нашуда буд. Авалин барномаи умронии панҷсолаи Афғонистон, ки дар соли 1956 мутобиқи 1335 шамсӣ ба иҷро даромад, беш аз он ки ба ислоҳоти сиёсӣ назар дошта бошад, ба тарҳҳои бунёдӣ ва зербиноии иқтисодӣ даст зад. Ин ба ду далел буд: аввал ин ки хонаводаи салтанатӣ, ки қудрати иҷроии кишварро дар даст дошта, ба ҳеҷ далел хоҳони мушорикати гурӯҳҳои сиёсӣ бархоста аз ақоиди мутанавии ҷаҳонӣ, балки гурӯҳҳо ва ҳатто ташаккулҳои синфӣ ва миллӣ дар як ҳамапурсии умумӣ барои эҳрози мақоми давлат набуд. Балки дар парлумон низ ҳаққи иштирок ва шакли фраксионҳои парлумониро роҳ надод. Ва ин иқдоми онҳо ба заммашон метавонад орои мардумии ин аҳзоб ва гурӯҳҳоро аз эшон бизудояд ва ба давлат ҷазбу ҷалб намояд, ки давлат ғами кору нон ва обу хонаи шуморо меҳӯрад ва бо шеваи ғайриқонунӣ фаъолиятҳои сиёсии онҳоро мехост мутаваққиф эълон намояд, ки Довудхон низ дар давраи садораташ бо таъсир аз дидгоҳи фавқ дар барномаҳои панҷсолааш дар бахшҳои иқтисодӣ ва умронӣ низ номуваффақ ва боиси барканориаш аз мақоми садорат гардид ва аз мардум мунзавӣ (дур сохтан) созад.

Бо ин кор шоҳ мехост бо сиёсати лутфомези малукона (шоҳона) ҳокимияти қавмӣ ва хонаводагиашро пайваста тақвият намояд. Бинобар ин Муҳаммадзоҳиршоҳ таҳдоби

ободии ин кишвари ғанӣ ва ҳосилхезро низ нахост пайрезӣ кунад, дар ҳоле ки Афғонистони онрӯз бинобар мусоидати шароити ҷавӣ (атмосфери) ва табиати худодод дар ҷиҳати инкишоф ва тавсеа фақат мӯҳтоҷи як мудирияти солими иқтисодӣ буд то ба имконоти мавҷуд ақди қарордодҳо ва истихдоми манобеи берунии имдод ба зудтарин фурсат ҳадди ақал тайи ду плони панҷсола вориди арсаи тавсеа гардад. Аммо ин маъмул бароварда нашуд. Муҳаммадзоҳир дар шароити рақобати шадид ва дар шароити ҷаҳони дуқутбӣ ба беҳтарин ваҷҳ метавонист аз манобеи берунӣ истифода гирад вале муҳофизакории манфӣ ҷомеаро дар ҳоли сукуни табиӣ нигаҳ дошт.

Бо ҷулус ёфтани Довудхон ба арикаи (сари) қудрат дар асари як кудатои дарборӣ ҳарчанд низоми сиёсӣ аз шоҳии мутлақа ба ҷумҳурӣ иваз шуд, вале амалкардҳои низом дар баробари шӯру таҳарруки ҷомеа ба сӯи озодиҳои маданӣ, плюрализми сиёсӣ бештар аз пеш мутаассибона ва тангназаронаву диктотона (такаббурона) сурат гирифта. Дар ин марҳала, ки озодиҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ дар шароити нимамахфӣ ва хафақони иҷтимоӣ ва сиёсии давраи Зоҳиршоҳ матраҳ ва низоми гузаштаро аз идомаи умри сабукбораш ба сутуҳ расонида буд. Довудхон ва режими ӯ ҳаракатҳоро бо чеҳраи равшани ҷумҳурӣ ва дар мантиқи дугуми сиёсатҳояш шадидан саркӯб ва сарони онҳоро табъид ва дуруст монанди ҳар диктотури салта ва қудрати худро дар иҷтимооти фармоишии иддае афроди фурсатталаб ва навкармаоб, тавҷияи ҳуқуқӣ ва мардумӣ дод. Чунончи ӯ баъд аз сафарҳое, ки ба як теъдод аз кишварҳои минтақаву ҷаҳон дошт, дар Ҳирот баёнияе дод ва вуруди идеологияҳои воридотиро маҳкум кард ва як иддаро даст аз кор гирифт. Ва ба номи зидди манофеи миллӣ аз дастгоҳаш тафсия намуд. Яъне шабеҳаи Чончойшик тавонист аз тариқи дассисаву таҳрик ҳисоби худро аз чапиҳо ҷудо кунад. Дар ҳоле ки раҳбарони неҳзати исломӣ қабл аз нақшаи кудато иддае дастгир ва иддае ҳам ба Покистон фирор намуданд. Ҳавои димократӣ дар ҳоле ки озодии баён ва фаъолиятҳои сиёсӣ шадидан

маҳдуд буд, бо вазъи ҳиҷоб оғоз гардид, ки хеле дертар аз кишварҳои исломӣ монанди Покистон, Эрон ва Ироқ буд. Азбаски тундиву фишори он зиёд буд, на танҳо мардуми одии камсаводи ҷомеаро мутаассир сохт, балки табақи мутаввасит низ ба мухолифат бархост ва омӯзишу парвариш дигар натавонист кореро аз пеш барад.

Довудхон илова бар он ки худбини ташрифмаоб буд, нисбат ба Зоҳиршоҳ боғурур ва ангезаи қавмиаш бар манофеи паштунҳои он тарафи марз таъкид мекард ва пайваста исрор дошт. Дар ҳоле ки дар он вақт ва замон паштунҳои мутавасатулхол ва қишри поёнии ин қавм ниёти сарони паштунии давлати Афғонистонро чандон арзиш ва баҳо намедоданд. Зеро зиндагии онҳо аз пуштунҳои Афғонистон ба маротиб беҳтар ва баландтар буд ва тарафдори илҳок бо Афғонистон набуданд ва маслиҳати оммаи мардум низ набуд. Хулоса, бо даҳаи демократии замони Зоҳиршоҳ на танҳо мардум интизори ҳаракати хашину мутаассибонаи Довудхонро надоштанд, балки ҷомеа ва заминаҳои рушд ва пӯёии он паиҳам мехушкид ва нобуд мешуд. Ҷуз мадҳу саногӯӣ аз шоҳон ва дору дастаи дарбориаш болandagии ҷомеа маҳсус набуд ва шароиту эҷоботи зиндагӣ ба шакли суннатӣ иваз мешуд.

Дар ин маврид навиштаи Ҳақшиносро, ки дар китоби «Урду ва сиёсат» иқтибос гардида, зикр менамоем, ки менависад: «Дар авоили қавси 1332 Никсон, ки дар он айём симмати муовинати раиси ҷумҳури Амрикоро ба ӯҳда дошт, вориди Кобул гардид ва аз кӯчаву бозорҳои Кобул дидан намуд. Қасди вай он буд, то низом ва иҷтимоии моро арзёбӣ кунад ва сиёсатҳоиояндаи кишвари худро бар асоси он поягузорӣ намояд. Муҳаммаддовуд ҳини музокироташ бо Никсон ҳарфе аз пасмонӣ ва бадбахтии мардуми Афғонистон ва таваҷҷӯҳу кӯмак ба кишвар бар забон наовард ва ба ҷои тамоми масоил ва мушкилот қазияи Паштунистонро дар миён кашид ва номае ҳам дар ҳамин мавзӯъ таслими вай намуд, то ба Эйзенҳауэр раиси ҷумҳури Амрико тақдим кунад. Ӯ дар яке аз мусоҳибаҳои худ гуфта буд, ки дар Афғонистон аз ҳаёт асаре нест. Ҳар

он чи аз дохил ва хориҷ ба даст меояд, сарфи худкомагӣ ва айёшии чанд дузду роҳзане мегардад, ки бар ин мамлакат фармонравоӣ доранд. Никсон гарчи қади баланде дошт, аммо дар ин довариаш мантиқӣ ва огоҳона амал кардааст».

Яъне Довудхон ва режими ӯ ки ба наҳви тадовум (идома) ва идомаи қудрати як қабила ва қавми паштун таъкид дошт, он қадар дар ҷазаботи қавмгироӣ фурӯ рафта буд, ки маслиҳатҳои миллиро яксара дар қиболи ояндаи беҳтар ва шукуфоии кишвар ва мардуми ин сарзамин, ки монанди паштунҳо дар ҳар гӯшаву бешаи он зиндагӣ мекарданд, аз назар андохта буд. Ва ҳатто кишварҳои ҳамсояи дур ва наздикро чунон барошуфта буд, ки нобудии ҳукумати ӯро виҷҳаи (сифоти) муштаракашон медонистанд, монанди Эрон, Русия ва Покистон ва ҳар он дунболи баҳона мегаштанд. Аҳзоби сиёсӣ бахусус чапиҳои халқу парчам, ки дар тору пуди низом рахна карда буданд, агар Зоҳиршоҳ фармони фаъолияти сиёсии озодашонро тавшеҳ (дастмондан) накард ва ё Довудхон онҳоро саркӯб кард, бо ёрии аз ҳақоиқи ҷомеа ва рӯзгорони мардуми ин сарзамин бо асое, ки дигарон ба дасташон доданд, аз ҷо бархостанд. Аммо ҳеҷ гоҳе ба ин чӯбдасте надиданд, ки то кай онҳоро кӯмак мекунад. Таҳаввули ҳафти савр, ки Инқилоб ҳам ба он мегӯянд, агар иддае афроди низомӣ ва интиқомҷу дар раъси ин таҳаввул дар пойтахт қарор доштанд, ё ин ки баъзе аз роҳбарон ҳам буданд, ки ба назарияпардозӣ инъитофнопазир дар инқилоби нобаҳангом, ки ба даруни ҳавзаи қудрат ва масъулияти сиёсӣ афканда шуда буданд, пардохтанд.

Бо ин ҳама фардои беҳтари ҷомеа, набуди зулм ва истисмор ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар қалби миллионҳо инсони ин ватан ҷӯш мезад. Бо он ки дар ибтидо ҳизби сиёсии демократии халқ дар як вақту замони танг кори бузург ва бас азимеро болотар аз тавонаш, яъне тарҳу иҷрои як барномаи куллие раҳбарии ҷомеаро бо таҷрибаҳои ками фаъолиятҳои сиёсиаш дар ҷиҳати таҳаққуқи ормонҳои миллионҳо инсони ранҷида ва бало-

кашида надошт ва аз қабл мутасаввир буд, аммо бояд эътироф кард, ки анбӯҳи азиме аз мардум аз ин таҳаввул бо пуштибонии бедареғ ба гирди он ҷамъ шуданд. Дар тасвибномаи инқилоб тасовӣ ва адолати иҷтимоӣ, ки бо фароми 6-7-8 ба мардум пешкаш гардид, як барномаи идеалӣ буд ва бо аҷала танзим шуда буданд. Зеро таҳияву танзими он мубтанӣ бар таҳқиқ набуд, ки аз ҷумла, дар мавриди суд ва рибохӯрӣ, падарсолорӣ ва маҳри духтарон, ислоҳоти арзӣ ва муайян кардани судури моликияти заминҳо, чигунагии ба кор бурдани саҳеҳи ин эҳсосоти олӣ, ки дар бисёре аз манотиқ равшан набуд, мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифт. Бахусус гурӯҳи халқи ҲДА, ки сирф як идда маҳдуде аз афроди раҳбарии он, ки дорои саводи сиёсӣ ва огоҳ ба шароити ҷомеа ва тақвои ҳизбиву мардумпарвариашон баъзан рӯи забонҳо меомад, чун Солимуҳаммади Зерай ва Ғуломдастагирди Панҷшерӣ, Нурмуҳаммад Таракӣ, ки ҳарчанд зодаи табақаи пасттари ҷомеа ва як деҳқонзодае буд вале соҳаи фаҳму биниши ӯ низ маҳдуд ба мутолиаи чанд китоб беш набуд. Ва бо он ки деҳотибача буд вале аз сифот ва хусисиёти рустоиён кам медонист.

* * *

Дар режими демократикии халқ, ки умдатан халқиҳои тундрав ва камфаҳм ба сари қудрат буданд, аз як пойгоҳи ҳимоятии андак барои таҳмили сиёсатҳояшон дар робита ба омӯзиш ва тавзеҳи замину мазҳабзудоӣ бархурдор буданд ва ин аз адами дарки амиқ ва нодурусташон аз печидагии механизмҳои Афғонистон буд. Чунон чи қиёми мардуми Ҳирот ва ҷарқаи оташини вуруди кишоварзони мусаллаҳ, ки бо туфангҳои қадимию чоку, анвоъ ва ақсоми силоҳҳо дар маркази шаҳри Ҳирот барпо шуд, ки иллати он ҳам мубориза иҷборӣ барои босавод кардани занон буд. Нурмуҳаммад Таракӣ, ки аз лиҳози қавмӣ ҷойгоҳи маҳкаме дар миёни қавми пашту надошт ва забони дариро дуруст такаллум намекард, атрофиёни ӯ низ дучори ин мушкил буданд. Бархилофи Зоҳиршоҳ ва Довуд-

хон, ки бо иттиқои хонавода равобити мустахками худро бо шахсиятҳо ва афроди бонуфузи ақвоми ғайрипашту барқарор доштанд, яъне халқиҳо уқдаҳои худро бепарда дар як навъ сиёсате, ки ба шаъни ҷомеаи мо дар манофоти комил буд, арза доштанд. Ва ин танҳо набуд. Халқиҳо илова бар он даст ба як тасфияи хунин алайҳи руфақои худ низ дар даруни ҳизб заданд ва он афроди вафодор ба Бабрак Кормал ва гурӯҳи парчам, ки умдатан форсигӯ, шаҳрнишин, бофарҳанг ва аз саводи кофии сиёсӣ низ баҳраманд буданд, баҳонаи дигареро ба дасти душмани табақотӣ ва ҳомиёни байналмилалиашон доданд.

Халқиҳо, ки режимашон коҳиши кӯмакҳои хориҷиро аз замони ҳукумати Довуд ба мерос гирифта буданд ва ҳанӯз, ки сиёсати беруниашон камоком дар ҷиҳати манофеи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон номушаххас буд, аз асари камтаҷрибагиашон ин вазъият идома ёфт, то ин ки шӯравиҳо амалан ҳомии билқувва ва билфеъли ҳукумати Тараки матраҳ мешаванд. Бабрак Кормал, ки дар табъид ба сар мебурд, бо собиқаи муборизотиаш ва фаҳму фаросаташ аз ҷомеаи Афғонистон ва ба умеди ин ки марҳалаи истиқрори миллии демократӣ бештар аз ин аз қолаби шева ва полисии афғонӣ хориҷ нагардад, шӯравиҳоро ба як идда машвараҳои худ, ки дуруст замони ҳукмравоии Амин буд ва Тараки дигар дар қайди ҳаёт набуд, мефиребад ва шӯравиҳоро мутақоид месозад, ки дигар Амин унсури вафодор ба ҳизб ва ормонҳои коммунизм нест. Шӯравиҳо, ки як режими тоталитарро дар ҷомеаи худ таҷриба карда буданд ва сиёсатҳои тавсеаталабиашон дар ғарб ва ҷануб дар рақобат бо Амрико ва кишварҳои Урупоӣ таъкид дошт, Афғонистонро ҷузви қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ медонистанд ва зарурати ҳузури низомии худро аз пеш мутолиба доштанд. Монанди кишварҳои Урупои шарқӣ ва соири кишварҳои ақмор, (вобаста ба худ) ки пойгоҳҳои низомӣ низ доштанд.

Аз он гузашта ҳуҷум ва ҳамлаи шӯравиҳо зери номи кӯмакҳои интернасионалистӣ чандин маротиба аз тарафи Нурмуҳаммади Тараки ва Амин низ пешниҳод шуда буд,

ки билохира дар вуҷуди Кормали табъидӣ таҳаққуқи комил ёфт ва вориди қаламрави Афғонистон мешаванд. Бо он ки дар асл дар ақиби ин ҳаракат манофеи бузурги иқтисодӣ нуҳуфта буд ва хислати шовинистии худро низ дар қолиби хизмат ба халқҳои заҳматкаш тавҷия (истиқомат додан) намуд, дар ҳар ҳол ҳимояти мустақим аз ҳукумати Кобул дар баробари мудохилаи Амрико ва як идда кишварҳои тамаъдор аз сарзамини хоки Афғонистон буд. Кормал, ки дигар сипари балои шӯравӣ қарор гирифта буд, баъд аз ба қудрат расиданаш ҳам дар баробари кулли ҷомеа ба масобаи идомадиҳандаи сиёсати халқиҳои тундрав ва коммунистҳо, ки бо мардум аз камоли бераҳмӣ ва шаддодият дар ростои таҳаққуқи барномаҳои сиёсиашон кор гирифта буданд, талаққи мешуд ва ҳам дар баробари таассуби халқиҳои бозмондаи низоми собиқ ҳам дар раҳбарӣ ва ҳам дар суфуф ба мушкиле аз ин бархурд.

Шӯравиҳо аз ӯ таҳаққуқи хостҳои плоншудаи Кремлинро тақозо менамуданд, дар ҳоле ки дар дохили Афғонистон бо мудохилаи мустақим ва саҳми фаъоли асокири шӯравӣ бо ҳукумати Кобул дар мубориза алайҳи муҷоҳидин ҳаракати муҷоҳидин илова бар чеҳраи нимаурёни ҷиҳоди исломиашон, ки дар оғоз қисман мавриди тардиди мардум буд, ба як мубориза ва ҷунбиши зидди ишғол дар ҳамон вақт мубаддал гардидан буд. Истеҳкоми робит ва алоиқи мардум бо ҳукумат махсусан дар деҳот заиф гардид. Дар ин вазъият на танҳо муҷоҳидин ангезаи исломхоҳии худро қувват бахшиданд, балки кишварҳои муғриз баҳрабардории мазиди сиёсӣ низ намуданд.

Аммо Бабрак Кормал, ки раҳбарии ҷомеаро ба дӯш мекашид, бо камоли эҳтиёт ғарази ҷилавгирӣ аз густариши дарзи хафакон, ки миёни гурӯҳи парчамии ӯ ва халқиҳо эҷод шуда буд, махсусан ӯ ки форсигӯ буд, ҳарчанд ки насаб ва қавми ӯ маълум набуд, бо халқиҳои умдатан пашту, ки сар ба сангдони қавмӣ месоиданд ва аз он ба масобаи олаи фишор алайҳи парчамиҳои форсигӯ истифода мекарданд, зеро расму одоти қабилаии паштуҳо ҳатто аз қонуни ислом ва ғайра урфу одоти умумииафғонистоны бештару

тамомтар риоят мешавад. Барои ҷалбу ҷазби онҳо мебоист сёсати сулҳ ва қабоилро дар пеш гирифт, то андозае ки дар соли 1981 сиёсати ваъдаву ваидҳо фазои васеътаре ба вуҷуд орад. Ба ҳар ҳол мухолифат ва талхкомиҳои ниҳони байни халқу парчам умедҳоро аз пеш аз даст дода буд.

Исломистҳо, ки дар авохири ҳукумати Зоҳиршоҳ ва дар тӯли давраи ҳукмронии Довудхон ҳамеша мавриди таъқиб ва пайгарди давлат қарор доштанд ва арсаи фаъолиятҳои сиёсиашон маҳдуд буд, баъд аз пирӯзии халқиҳо ва дар маҷмӯъ ҳизби демократии халқ дар соли 1357 ба асари фишори шадиди халқиҳо робитаи муборизаи сиёсиашон дар авоили ҳукумат бо ҷомеа комилан қатъ гардид, дар садад баромаданд то ба шакли дигари дар саҳнаи сиёсии Афғонисон матраҳ ва бозори сару садоҳои худро гарм намоянд. Ин дуруст замоне буд, ки қаблан баҳонаҳои қавии давлатмардони халқӣ ва сиёсиёни ноокибатандешашон ба дасташон дода буданд. Исломистҳо, ки аз қабл мушкилоти мухталифи сиёсӣ ва гурӯҳиро ба вуҷуд оварда буданд, дар ҳини ихтилофоти созмонӣ ва сиёсӣ ҳатто бо ҷараёнҳои ташайюъ хостгоҳи муштараки идеологӣ доштанд ва дар муборизаҳояшон аз шиорҳои ақоиди исломӣ истифода мекарданд, ва даст ба набардҳои мусаллаҳона заданд. Вале баъдҳо, ки шӯравиҳо мустақиман нерӯҳои низомиро ғарази кӯмак ва ҳимоят аз давлати димократики Афғонистон ба сарзамини мо эъзом намудан, масъалаи Афғонистон ба як масъалаи ҷаҳони мубаддал гардид ва Афғонистон амалан қурбонии задубандҳои сиёсии ошкори русҳо ва ғарб гардид. Чунон чи дар сафҳаи охири китоби «Афғонистон гузаргоҳи ҷаҳонгушоён» мехонем: «Агар ҳам русҳо тасмим ба хуруҷи қисмате аз нерӯҳои худ дар соли 1984 бигиранд, боз ҳам ҷойи шукраш барои ғарбиҳо боқӣ аст ва ғарбиҳо метавонанд онро ба унвони муваффақият дар робита ба масоили Афғонистон талақӣ кунанд. Коре, ки Маскав устоди он аст. Ба кор гирифтани муҳраҳои ҷадид ва нухбагонӣ зирак аз роҳи дигар аст. Ба назари ман чашмпушии Маскав аз Афғонистон таваҳҳуми беш нест ва фақат метавон умед дошт, ки шӯравӣ ба таври

ҷиддӣ вориди ҳалли масъалаи Афғонистон шавад. Ҳол мегуем, ки коре ки англисҳо кардаанд, шӯравиҳо ҳам бикунанд, ба қабоил ва ақвоми мухталиф худмухторӣ бидиҳанд ва онҳо низ дар муқобил режими ҳокими Афғонистонро таҳаммул кунанд. Дар ин сурат сардамдорони Маскав монанди Андропов эҳтиёҷе надоранд, ки тибқи қарори худ бо Зиёулҳақ дарвозаҳои ҷанубиро ба рӯи муҷоҳидин бибанданд. Аз қавли Андропов нақл мешавад, ки вай эҳтимоли рӯи кор омадани муҷаддади Рейганро медод. Чаро набояд, ки амрикоиён ва русҳо дар пушти пардаҳо бар сари манофеъ ва амнияти муштарак ва мавҷудияти худ баҳс кунанд». Биноан масири гуфторҳои ошкори Шарқу Ғарб дар масъалаи Афғонистон танҳо ихтилофоти идеологӣ ва сиёсӣ набуда, балки аз манофеи иқтисодӣ низ вобасту буд, то ин ки сармоягузории азиме барои идомаи ҷанг намоянд, ки тарафҳоро баъзан ба маслиҳатандешиҳо мекашонд.

* * *

Ин ҳама рақобатҳо дар ҳама абъодаш оғози марҳалаи дигаре аз инҳитоти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи мо буд. Зеро маҳори ҳаракати ҷомеаи мо на ба дасти афғонҳо, балки дар кафи дигарон ва бегонагон ба масобаи миллате аз по афтида қарор гирифт ва дар ҳар муомилаи сиёсӣ мо афғонҳо яке аз тарафҳо на, балки мавзӯи баҳси тарафайн будем ва иқтидори милливу давлатии афғонҳо он қадар осеб дид, ки ҳатто раҳбарони давлатии мо низ аз берун ва ба хоҳишу фармоиши дигарон азлу тақаррур меёфтанд. Тавре ки русҳо Кормалро, ки унсур ва фарди нокоро ва ғайримуассир дар таҳаққуқи барномаҳои сиёсиашон ба ҳисоб овარданд, бидуни он ки ҷанбаҳо ва завоёи зиндагии мардум ва ҷомеаи моро ба таҳлилу санҷиши дақиқ бигиранд, узл (озод) ва Наҷибуллоҳро бо як муҳосибаи ғалат рӯи кор оварданд, ки на танҳо барои шӯравиҳо ва истеҳкоми мавзеашон дар Афғонистон коре натавонист бикунад, балки бештар аз пеш ваҳдати ҳизбиро хатшадор ва бебоварии рӯҳия ва адами устувориро дар низоми де-

мократики халқ ба вуҷуд овард. Ҳатто зиёнҳои ҷубронношазирро дар ваҳдати миллии тасаннуии ҷомеа низ дар солҳои баъдӣ боис гардид. То ҷое ки дар авохири солҳои ҳукуматаш ҷонибгирии қавмии ӯ фаротар аз як турфанди (найранги) сиёсӣ ва мақтаиву ғайримустақим, сареъ, намоён ва бепардааш омафаҳм ва қобили дарк буд.

Як намунаро дар ин замина аз забони шахси баландпояи давлаташ нақл мекунам, ки худи он шахс аз қавми Наҷибуллоҳ, яъне қавми паштун буд. Бале, Сайид Сикандаршоҳ аз ҷумлаи афсарони урдуи Афғонистон, маслакаш тупчӣ ва як тан аз пуштунҳои ноқили самти машриқӣ дар вулусволии (райҳони кучак) Мирбаҷакут (Шакардара)-и шимоли Кобул мебошад. Аз қарори гуфтаи Сайид Сикандаршоҳ, ки дар авохири ҳукумати Наҷибуллоҳ ба ҳайси муовини аввали вазорати транспорт бо фармони Наҷибуллоҳ таъйин гардида ва чанде баъд дар адами ҳузури шахси вазири транспорт Халилуллоҳ сарпарастии он вазоратро низ иҷро намуда, номбурда баъд аз он ки муҷоҳидин ба Кобул мусаллат гардиданд, ба шаҳри Мазори Шариф паноҳанда гардид ва дар Донишгоҳи низомии сафаҳоти шимол, ки банда қаблан ахзи вазифа намуда будам, номбурда ба ҳайси устоди тупчӣ дар пуҳанзаи тупчии пуҳантуни низомии исломии сафаҳоти шимол тақаррур ва ифои вазифа менамуд. Баъд аз ошноӣ бо номбурда ва ба силсилаи нишастҳо ва сӯҳбатҳое, ки бо мавсуф дар ҷараёни иҷрои вазоиф медоштем, дар яке аз рӯзҳо ҷенерол Сайид Сикандаршоҳ зимни ёдоварии хотироташ аз гузашта дар ҷамъе аз устодон хотираи чигунагии ахзи рутбаи ҷенеролиашро нақл кард. Номбурда чунин шарҳ дод, ки «дар моҳи асади соли 1371 банда ҳамзамон ба тақаррур ба мақоми муовинияти вазорати транспорт варақаи арз супоридам то тарфеи навбатиам низ иҷро гардад. Раёсати дафтари раиси ҷумҳур баъд аз ахзи маълумоти лозим аз раёсати пижантунӣ вазорати дифо бандаро дар листи тарфоти ҷенеролӣ шомил намуданд. Тартиби эътои рутбаи генеролӣ тавре буд, ки вазорати дифоъ назар ба муқарраран вижаи қумондонии

аълои қувваи мусаллаҳ он идда афсароне, ки давра ё меоди рутбаи дагарволиро сипарӣ намуда бошанд ва дар яке аз муҳориботи руёрӯй бо душман қитъа ва ё ҷузву томеро савқ ва идораи беҳтар намуда бошанд. Узви ХДХА бошад ваҳдати ҳизбиро муроот намуда бошад, аз вазорати марбутааш пешниҳод менамоянд. Баъд аз санҷиши ҳайати муаззаф қоидатан дар ҷашнҳои расмӣ сарқумондонии қувваҳои мусаллаҳ ба имзои шахси раиси ҷумҳур рутбаи ҷенеролӣ тафвиз мегардад. Вале рутбаи ҷенеролии банда на ба пешниҳоди вазорати дифоъ ва на ба муносибати хосе, балки ба пешниҳоди шахсии худам ва таъйиди шахси раиси ҷумҳур Наҷибуллоҳ дар ҷараён қарор гирифт. Тасодуфан мо ду нафар будем, яке раиси тупчии қули урдуи машриқӣ, ки пешниҳоди вазорати дифоъ буд, дуввум худам. Пешниҳоди тавҳидии мо, ки маъайи (ҳамроҳи) як варақ биографии мухтасар аз ҳар яки мо буд, тавассути раёсати дафтари раиси ҷумҳур ва шахсии Ҷафсар ғарази мулоҳиза ва имзои раиси ҷумҳур пешкаш гардид. Баъд аз чанде дарёфтам, ки дар авроки пешниҳодии мо пешорӯи номи банда (соти саҳиҳ) ва раиси тупчӣ аломаи (чалипо) ҷой дода шуда буд. Вақте ки аз ҷафсар пурсидам, гуфт шуморо таъйид кард, раиси ҷумҳур ҳар қасро рутбаи генеролӣ намедиҳад (Тосуява пахтана ёст)[1]. Вақте ки банда аз ҷенерол Сайид Сикандаршоҳ пурсидам раиси тупчӣ чи ном дошт ва аз куҷои Афғонистон буд, Сайид Сикандаршоҳ бо камоли содагӣ дар ҷавобам гуфт, номашро чи мепурсӣ. Вале гуфт аз бошандагони аслии Кобул ва тоҷик буд. Охир форсизабон буд. Барои ҳамин ҳам ҳаракати раиси ҷумҳур чандон мавриди писанди ман воқеъ нагардид. Зеро то ҷое ки ман медонам раиси тупчӣ дар ҳарби Шуанзай ҳамсинфам буд. Бачаи боистеъдод ва дарсхоне буд. Вале дар мавриди корномаҳои охири ӯ чандон маълумот надорам».

Ин қабил ҳаракатҳо буд, ки ҳисси беэътимодӣ дар даруни низом боло гирифт, то ин ки атрофиёни наздик ва

[1] Шумо як паштун ҳастед.

ҳамтимаш алайҳи ӯ даст ба тамарруд (гарданпечи) ва нофармонӣ мезаданд ва иштибоҳоте, ки саранҷом ӯро ба чӯбаи дор низ овехт. Дар ин ҳеҷ шакке нест, ки гузашта муаллими оянда аст ва чӣ гуна гузаштаро бояд шинохт, ки ин вижагиро на ҳама, балки иддаи маҳдуде ҳастанд монанди соири фароизи инсонии худ ба зимма мегиранд, махсусан касоне, ки ғайр аз дарду алам ва осоиши шахсии худ ба дигарон низ меандешанд. То ҷое, ки банда шинохте аз гузаштаи мардуми худ дорам ба ин бовар будам ва ҳастам, ки калиди ҳалли мушкилоти мардум ва ҷомеаи Афғонистон бештар даст ба даст миёни худи афғонҳо гардида, то дигарон. Ва онро дар эътимод ва бовар доштан, таҳаммули якдигар, эътирофи дунёи имрӯз, ва иҷтиноб аз кӯҳнагароии иртиҷоӣ ва фароҳамоварии саводи кофӣ, ки бо муроoти усули фавқ метавонем ба сулҳу ҳифзи истиқлоли ватан даст ёзем.

## ПИРӮЗИИ МУҶОҲИДИН СОЛИ 1992 ВА ПАЙОМАДИ ОН

Пирӯзиии муҷоҳидин ва сипоҳиёни ормони ҳукумати исломӣ баъд аз сипарӣ намудани як давраи тӯлонӣ ва пурмашаққати муборизаву муқовимат дар баробари қитъаоти маҳдуди урдуи сурхи Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлати таҳти ҳимояи ӯ дар Афғонистон, ки ба таърихи 8 савр 1372 иттифоқ афтод ва сафҳае аз таърихи сиёсии Афғонистонро рақам зад, мебоист самараи муҷоҳидат ва исору қурбониҳои хешро, ки овардан ва таъсиси як низоми исломӣ дар як кишвари мустақил ва ё ҳудуду арозии муайян буд, мечашиданд ва бахше аз миллати диндори мусалмони Афғонистон, ки солҳо дар диёри бегонагон ва берун аз маъман ва сарзамини обоӣ ва аҷдодиашон дар ғурбат ба сар мебурданд, ба ҳамватанон ва ҳамдиёронашон мепайвастанд ва танаффуси ором аз поёни хафақон, ҷанг, хунрезӣ, душманӣ бо оғози як зиндагии боамн ва сулҳомез ва пур аз талошу кӯшиш барои ободӣ ва пешрафтро дар фазое аз ухуват ва бародарӣ дар

меҳанашон аз сар мегирифтанд. Аммо аз он ҷое, ки фишорҳои бузурги сиёсӣ аз дер боз дар ноҳияи васее, ки аз халиҷи Форс то Ҳинд имтидод дошт ва дорад, шаклгирии фазо ва авзои низомиву сиёсии Афғонистон низ махсусан аз солҳои 1352 бад-ин сӯ ҳасби мавқеъияти геополитикиаш дар минтақаи ҷануби Осиё ба масъалаи қобили диққат дар нақшаҳои сиёсии қудратмандони Шарқ ва Ғарб, аз ҷумла Шӯравӣ ва Амрико бештар аз пеш матраҳ буда, бинобар ин таҳаввулот ва рӯйдодҳои сиёсӣ ва низомии рубъи охири қарни 20 дар Афғонистон бештар авомил ва ангезаҳои дохилии ҷомеаи Афғонистон набуда, балки бозтоби тақобули манофеи қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ низ буда, баъдҳо манофоти (таззот) манофеи миллии кишварҳои минтақа ва ҳамсоягони Афғонистонро ҳам дар банд кашид ва сарнавишти сиёсии ҷомиъаи Афғонистон ба яке аз шуморгириҳои нобозшудаи ҷанге сард миёни Шарқ ва Ғарб гардид, ки истимрори он ба хусус баъд аз воруди асокири урдуи сурхи Иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистон мусибатҳои азимеро бар мардуми Афғонистон ба бор овард. Таҳаввули вазъ ва таъвизи қудрати сиёсӣ дар Афғонистон, ки дар 8 саври 1372 сурат гирифт, бар навъе зумоте зимнӣ маҳсули тафоҳумоте буд, ки дар доираи музокироти ба номи сулҳи Женева баъд аз даври сеюми музокирот дар 20 июни 1985 миёни Амрико ва Шӯравӣ ба гунае баранда ва густохона дар баробари ниёт ва орзуҳои миллати наҷиб ва азобкашидаи Афғонистон худнамоӣ намуд. Ва он аз тарзи раванди тафоҳумоти ба амаломада пайдо буд, ки қабл аз ҳама дарёфти мавқеиятҳои ҷадиди сиёсии ҷаҳониашон ва ба заъми худашон дар берун омадан аз бунбасти авзои печидаи сиёсӣ-низомии Афғонистон ва аз нав пардохтан ба озмоиши таслиҳоти низомӣ дар нақшаҳои сиёсии дигар ғарази тасҳили ҷараёни даст ёфтан ба стратегияҳои аслиашон буд.

Ба ҳар ҳол рӯйдоди 8 савр як пирӯзӣ ва муваффақияти азиме барои муҷоҳидин, ки солҳо сангарнишинӣ ва азхудгузарӣ дар роҳи расидан ба аҳдофашон намуда буданд, ба ҳисоб меомад. Чи ин ки аҳамияти он бештар аз

ҳама дар ин нуҳуфтааст, ки ҷиҳод ва поядории муҷоҳидин дар гурӯҳ ва дастаҳои мухталиф ба шеваи ҷангӣ номуназзам ва гурилоӣ[1] ва баъзан илаҷор (пароканда) дар баробари давлате, ки аз ҳимояти мустақими як қудрати бузургӣ ҷаҳонӣ бархурдор, яъне «аз назари имконоти моддӣ ва маънавӣ, пул, аслиҳа, техник, зарфиятҳои таблиғотӣ, сиёсӣ, низомӣ чун родио, телевизион, матбуот, тадорукоти вофири лужистикӣ (таъминот) ва дар ниҳоят артиши муназзам ва муҷаҳҳаз, ки ба ҳама гӯшаҳо ва нуқоти идории давлат тақрибан мусаллат буд, сурат гирифт. Вале сукут ва муталошӣ шудани ҳукумати ҷумҳурии Афғонистон дар соҳоти васее аз нуфуз ва қаламрави ҳокимияташ бо тавони фавқи лозими давлатӣ ва сиёсӣ тавассути афрод ва гурӯҳҳое, ки аз лиҳози созмонӣ мутафаррик, пароканда ва аз назари рӯҳӣ ошуфта ва бо асабияти хосе амал мекарданд, паёмади мантиқӣ ғайр аз он чӣ ки баъд аз вурудашон муҷоҳидин ба Кобул ва соири шаҳрҳои Афғонистон иттифоқ афтид, метавонист дошта бошад. Посухи аз ҳама сареътарро дар се омили асосӣ метавон баршумурд.

1. Набуди маърифати воқеъгироёна ва реалистӣ дар робита ба вежагиҳои касбу тадовуми қудрати сиёсӣ.

2. Норӯшан будани тадовум ва ҳудуди тафоҳумоти бозигарони аслии саҳнаи низомӣ ва сиёсии Афғонистон.

3. Чигунагии шакли низом ва сохтори исломии ҳукумате, ки ҷомеаи Афғонистон ҳеҷ гоҳе чунин ҳукуматро таҷриба накарда буд.

Инҳо куллан авомиле буданд, ки ҷомеа ва миллати моро ба мушкили азим ва бузурги сиёсӣ-таърихӣ кашонид. Агар ба ақиб баргардем ва таъриху шароити ҷиҳоди мардуми Афғонистонро бо мурури сареъ мутолиаву баррасӣ намоем, бояд изъом дошт, ки ҷиҳоду муқовимати муҷоҳидон, ки дар шароит ва мавқеъиятҳои мухталифи ҷуғрофиёи манотиқи кишвари мо дар миёни ақвоми мутааддид ва адами идораи воҳид ва қотеи фармондиҳӣ оғоз гардид, дар ибтидо ҳукм мекард дастаҳо ба таври алоҳида

[1] Ҷангҳои бизану бугрез.

дар навоҳии мухталифи кишвар ба набарди алайҳи душмани муштаракашон бипардозанд, ки баъдҳо ин гурӯҳҳо барои инсиҷоми (назм, тартиб) умуроти ҷангӣ ташкилотҳои идории ибтидоии ҷангро дар канори фаъолиятҳои сиёсӣ ва созмонӣ ба вуҷуд оварданд. Ин ташкилотҳо ором-ором бо барномаҳо ва аҳдофи исломӣ ва таблиғоти марбут ба он дар вуҷуди созмонҳое бузургтар шакл гирифтанд, ки бо мурури айём асароти фаръии чун ҷазаботи мазҳабӣ ва этникиву маҳалливу қавмӣ ба онҳо низ афзун гардид. Табиӣ буд, ки аҳдофи сиёсии гурӯҳҳо ва созмонҳо бояд мушаххас ва муайян мегардид, ки баъдҳо бо ному унвони алқоби мухталиф дар берун аз марзҳои кишвар ва ё қисман дар дохил маром ва барномаи амали сиёиашон ифшо ва ба фаъолиятҳои низомии васеътаре пардохтанд. Агар гурӯҳҳои ҷиҳодӣ виҷҳайи (хусусият) яксони ақидатҳо, идеологӣ дар ҷиҳод алайҳи ҳукумати Кобул ва асокири Шӯравӣ доштанд, баъзан чандгонагии ношӣ аз таассуроти мазҳабӣ, маҳаллӣ ва қавмӣ дар шеваи амалашон ҳам дар баробари якдигар ва ҳам дар баробари душмани муштаракашон ба мушоҳида мерасида. Албатта, ин марбут ба аҳзоби мухталиф мешуд. Ба таври мисол, аҳзоби исломии хурд ва бузург, ки ҳайати роҳбарӣ ва суфуфи умдатан паштунӣ доштанд, дину мазҳабро бо қавми паштун дар эҳрози қудрати сиёсӣ лозим ва малзуми якдигар медонистанд. Ва ин комилан аз назари огоҳон ва аҳли савод маҳсус буд. Аҳзоби ташайюъ исломро бо фирқаи мазҳабӣ ва ҳуқуқи иҷтимоии қавми ҳазора гиреҳ зада буданд ва ягона роҳи расидан ба рафъи маҳрумиятҳои таърихӣ ҳазораҳо ислом ва қонуни исломро мӯътақид буданд. Ҷамъияти исломӣ, ки афрод ва нухбагони он дар ҳалқаи роҳбарӣ бештар тоҷикҳо буданд, исломро бо адолати иҷтимоӣ дар низоми сиёсии ояндаи Афғонистон хостор буданд. Бо ин ҳама ҷанбаҳои нумодини фаъолиятҳои гурӯҳҳои сиёсӣ-низомӣ, ҷиҳодҳ гоҳ-гоҳе амиқан зери таъсири аҳдофи ислмиашон қарор мегирифтанд. Яъне «марзҳои фавқулзикргардида монеъро талаққи (қабул намекардан) намегардид». Ба ҳар сурат масъалаи

миллӣ ва ҷойгоҳи иҷтимоии ақвом дар вуҷуди гурӯҳҳои ҷиҳодӣ ва дар сиёсатгузориҳои танзимиашон қавиан ҷой дошт, ки тадовуми он роҳкори зимнии худро баъзан ба таври қобили мулоҳизае дар мубориза ва муқовимати муҷоҳидон ифоъ мекарда. Дар ҳоле ки падидаи фавқ ҷузъи асосӣ ва шохиси аҳдоф ва ормонҳои аҳзоби чапии Афғонистон барои рифоҳи омма ва тарақии ҷомеа ва кишвари Афғонистон низ қарор дошт, ки мутаассифона, шароити амалии худро дар он замон бинобар далоиле на-ёфт. Шояд, яке аз ангезаҳои асосии он таъсиру нуфузи беш аз ҳадди идеологияҳои фаромиллиятӣ ва фароқавмӣ дар вуҷуди сиёсатгузориҳои ноҳамгун ва номутаъодил бо равишҳои куллиандешӣ ва бардоштҳои офоқӣ (баланд) аз зиндагӣ ва рӯзгори мардум буд, ки қаблан ба он пардох-тем. Биноан масъалаи миллӣ, ки яке аз масоили мавзӯи аҳдофи сиёсии аҳзоби ростӣ ва чапӣ дар гузашта ва ҳол буда, дар чигунагии истиқрори ҳукумати муҷоҳидин ва имтидоди он ба масобаи як асл набояд тадохули (дохил шудан) онро дар матни умумии китоб мунтафӣ (нест кар-дан) донист.

* * *

Зеро ин масъала агар дар гузашта аз тарафи аҳзоби чапӣ дар ҳошияи ормонҳои ҷаҳонватанӣ бо диди кам ба он нигариста шуд, дар ҳукумати исломӣ амалан ба як нерӯи боздорандаи низом ва бунёдбарандози ҷомиъа му-баддал гардид. Баъд аз шикасти плони панҷфақараии сулҳи Милали муттаҳид дар авохири соли 1371 дар робита ба навҳаи истиқрори ҳукумати эътилофҳ аз давлати муҷоҳидин ва бетарафҳо буд, дар хилоли рафтуомадҳои бенатиҷаи Бинин Сивон ба Кобул, Исломобод ва Теҳрон умедвориҳо рӯз ба рӯз аз ҳокимият ва вариантҳои аз нав пешниҳодкардаи ӯ ояндаи мавҳуми бозмондаҳои давлати Наҷибуллоҳ ва аъзои ҳизби Ватанро, ки охирин лаҳазоти ҳаёти сиёсии худро сипарӣ мекарданд, бо бӯҳрони адами эътимод миёни аъзои роҳбарии дафтари ҳизби Ватан ва Давлати Ҷумҳурии Афғонистон боло гирифт, ки ин

ҳолати роҳбарии давлатро дар тасомими муқтазӣ ва иттихози қарорҳои мушаххас нисбат ба ҳаводиси эҳтимолӣ, ки дар шарафи вуқӯъ буд, заъиф сохта ва саросари низом ва аҳолии шаҳри Кобул ва соири манотиқи Афғонистонро тарсу дилҳура (воҳима) фаро гирифт. Махсусан он мавқее, ки хабари санорюи (сенария), фирори Наҷибуллоҳ раиси ҶА ва мамониат аз он дар майдони ҳавоии мулкӣ ва паноҳанда шуданаш дар дафтари намояндагии Милали муттаҳид дар шаҳри Кобул бо калимоти таҳқиромез ва муаяйане аз сервизҳои хабарӣ пахш гардид. Афроди вобаста ба ҳукумат масъулини ҳизбии мулкӣ ва низомии давлат ҳар он дар воҳима ва истирори ҷанг ва интизори як ҳолати ғайриодиро, махсусан мардуми одӣ ва аҳолии шаҳри Кобул, бо камоли парешониҳои иқтисодӣ, ки солиёни пеш ба он мушту гиребон буданд, ба сар мебурданд. Ва он тавре ки давлат дар гузашта икмолоташро аз тариқи бандари Ҳайратон бо маводи аввалия, ки ба таври билоиваз аз Иттиҳоди Шӯравӣ дарёфт менамуд, сирф барои кормандони давлатӣ, ки купонҳои ағзи мавод доштанд, қисман тавзеҳ менамуданд ва боқиро захира карда, харҷи низомӣ менамуд. Мадуми одӣ бо касбу кори шахсӣ зиёдтар дар мазиқаи (камии мавод) маводи истеҳлокӣ (масрафи) ва масрафӣ қарор доштанд. Мавод ва колоҳое ҳам, ки аз бозорҳои дигари кишварҳои ҳамсоя ворид мешуд, ба нархи баланд аз тавон ва даромади мардум ба фурӯш мерасид. роҳҳои мувосилотӣ (байналмилали) ба истисноu шоҳроҳи Кобул-Ҳайратон, ки он ҳам ба таври вақфаӣ боз мегардид, боқӣ шоҳроҳҳо бо дунёи хориҷ баста буд. Биноан омад-омади вазъияти маргбори суқути низом ҳамаро таҳдид мекард. Нирӯҳо ва қитъаоти мусаллаҳи гурӯҳҳои муҷоҳидин дар атрофи шаҳри Кобул ва соири шаҳрҳои вилоят мустақар гардида буданд. Ҳизбиҳо ва кормандони баландпояи давлатӣ ба таври дастаҷамъӣ ва ё ҳам инфиродӣ тамосҳоеро бо назардошти тааллуқоти замонӣ, маҳаллӣ ва қавмӣ бо гурӯҳҳои мухталифи муҷоҳидин дар соҳот ва манотиқи мухталифи Афғонистон, аз ҷумла атрофи шаҳри Кобул барқарор карда буданд.

Дар саҳнаи сиёсӣ-низомии Афғонистон ду чеҳраи ҷиҳодӣ аз ҳама боризтар ва шохистар, яъне Аҳмадшоҳи Масъуд, ки бахши васеи аз нерӯҳои низомии бозмондаи ҳукумати Наҷибуллоҳ дар сафаҳоти шимолӣ кишварро дар иттиҳод бо худ дошт ва Гулбиддини Ҳикматёр раҳбари ҳизби пурқудрати исломӣ бештар аз дигар танзимот ва шахсиёти ҷиҳодӣ забонзади хос ва ом буданд. Ба хусус шаҳр ва бахше аз шаҳрвандони Кобулро дар як навъ кобус қарор дода буд, ин ки чаро чунин рӯ дар рӯи низомӣ барои як ҷанги тамом айёр аз шимол ва ҷануби Кобул ба вуҷуд омад, ин масъаларо бояд дар гузаштаи ҷиҳод, ки аз ихтилофоти танзимӣ ва тазоди шахсӣ миёни Масъуд ва Ҳикматёр ҳикоят мекунад, ҷустуҷӯ гардад. Бо ин ҳам агар ангезаҳои онро софу сода рӯйи соҳаи нуфузӣ ва ҷалбу ҷазби афрод ва ҷоҳталабиҳои даврони ҷиҳод талаққӣ (фикр) кунем, ин бор мавзӯи касби ҳокимияти сиёсӣ матраҳ буд. Яъне ки силсилаи ин вазъи ба амаломада аз ҷараёни ҳокимияти давлати Наҷибуллоҳ ва мушаххастар, баъд аз авдати нирӯҳои Шӯравӣ ба кишварашон ва аз ҳама возеҳтар суқути вилояти Хуст, ки пайвасти он шиддати ҳамалоти муҷоҳидин дар соири нуқоти кишвар раҳбарии давлатро дучори саросемагӣ ва низом аворизи ҷиддӣ бардошта буд. Аз ҷумла дар узлу такаррури кадрҳои низомӣ ва чеҳраҳои сиёсӣ шитоби ношӣ аз адами дарки лозим, бебовариҳо ва сунниёт ба асоси маҳалгароӣ, қавмгароӣ ва фраксиюнбоварӣ решаҳои ҳукуматро мустамар, мутаассир ва мутааллим мегардонид, ки нахустин ва хатарноктарин паёмади он барои низоми Ҷумҳурии Афғонистон бағовати (саркаши) ҷенерол Мӯъмин ва ҷенерол Дӯстум дар шимол буд. Масъуд, ки гурӯҳҳои хурду бузурге дар устонҳои шимол ва шимолу ғарби кишвар дошт вазъро дақиқан пайгирӣ менамуд. Ва шабакаҳои иттилоотӣ ва сиёсии хешро ҳамаҷониба фаъол сохта ва мутарасиди ҳолу ҳавои раҳбарии низоми Кобул буд. Бинобар гуфтаи Набӣ Азимӣ дар китоби «Урду ва сиёсат», ки «дар ҳукумат ва бюрои сиёсӣ ҳар шахс роҳу равиши алоҳидае ихтиёр карда буд, ки марбут буд ба таниши сиёсии ӯ ва андозаи масъулият ва

мукаллфияти (таклиф) ӯ дар қиболи авзои вахими кишвар парчамиҳо ва халқҳои мутаассиб ваислоҳнопазир ба таъсир аз маризиҳои гузашта саъй мекарданд аз авзоъ ва аҳволи мавҷуд ба нафъи хеш суд бибаранд Ватанҷор, Пактин, Асадуллоҳ Паём ва Мануки Мангар, Муқим Пайкор, Сулаймон Лоиқ бо ҳам ҷӯш хӯрда буданд ва хати муайянеро мабнӣ бар ҳифзи султаи паштунҳо дар сатҳи ҳизб ва давлат таъқиб мекарданд ва тарафдори ҳеҷ гуна оштӣ, созиш ва мусолиҳа бо ҷенеролони норозии самти шимоли кишвар набуданд. Аз тарафи муқобили онҳо Ковиёнӣ, Маздак вакил қарор доштанд, ки саъйи онҳо дар ҷиҳати наздикӣ ва таъмини равобит бо ҷенерол Мӯъмини тоҷик буд, ки аз тариқи вай метавонистанд равобити ҳасана бо ҷенерол Дӯстум ва баъдҳо бо Аҳмадшоҳи Масъуд таъмин намоянд». Аҳмадшоҳи Масъуд, ки нозири инкишофи вазъи низомӣ дар кулли кишвар буд ва боби гуфтугӯ ва музокирaро боз намуда буд, яке бо арокин ва бахши бузурге аз афроди раҳбарии сиёсии низоми ҳокимияти Кобул ва дигар бо ҷенеролони норозии шимол, ки аз марказ итоат намебурданд, сирф иртибототи худро, ки бо тараддуди намояндагони се қуввати низомӣ дар шимол Дӯстум, Мӯъмин ва Сайидмансур ба соҳоти шимол ва Панҷшер буд, каме пештар таъмин намуда буд ва ваъдаву ҳимоят аз онҳо дар қиёмашон алайҳи идораи Наҷибуллоҳ бозтоби нохушоянде болои вазъи равонӣ ва рӯҳии соири қувваҳои низомӣ тазимҳои (гуруҳҳои) муҷоҳидин аз ибтидои суқути ҳокимияти Наҷибуллоҳ дошт. Яъне Масъуд бо музокирот ва тафоҳумоти хеш бо ҳар ду маркази қудрат ҷавъи (муҳити) ҷиҳодиро дар дохил ва берун ларзонд. Бо ин ҳам дар вилоёт ва манотиқи дигари Афғонистон иддаи маъдуде аз муҷоҳидин, ки ҷо ва амтиъаи давлатӣ, ҳатто шахсии мардумро ба ғанимат гирифта буданд, нисбат ба ҳолоти сиёсиву низомӣ умдатан назорагаре беш набуданд.

* * *

Аҳмадшоҳи Масъуд ва Гулбиддин Ҳикматёр ду рақиби сарсахти ҷиҳодӣ на танҳо дар шимол ва ҷануб ва шарқи

Кобул, ки маҷмӯи васеъ ва сутуни аслии тоқати низомии худро дар муқобили якдигар тавҷеҳ намуда буданд, балки бо сафороиҳои низоми омодаи набардҳои саҳмгин ва сангини гурӯҳӣ ва танзимӣ низ дар саросари Афғонистон гардида буданд. Ба хусус дар шаҳри Кобул, ки як идда афсарон ва сарбозони урду ва қувваҳои мусаллаҳи кишвар дар пустаҳои амниятии атрофи Кобул ва дар қумондони горнизони Кобул қарор доштанд, таъсироти манфӣ ба ҷо гузошта буд, зеро ин пустаҳо аз мардуми шимол буданд, ки сарнавишти хешро бо сарнавишти дӯстон ва ақвомашон дар шимоли кишвар яксон медонистанд. Миллият ва забон болои онҳо таъсири хосе афганда буд. Махсусан замоне, ки шоъеаи ҳаводиси шимол ва диду водидҳои Пактин ва Ватанҷор ва Мануки Мангар бо намояндагони Ҳикматёр ва ниёту таслимии якҷонибаи қудрат ба Ҳикматёр ва нуфуз додани афроди ҳизби Ҳикматёр ба дохили шаҳр ба кӯмаки қувватҳои вазорати дохилаи муқими тангии Воҷон ва Хоки Ҷабор сари забонҳо афтида буд. Биноан инҳо ҳама шароит ва заминаҳои муносибе дархури ниёти Масъуд дар шимол ва Ҳикматёр дар ҷануб буд, ки ба сурати сареҳ барои касби қудрати сиёсӣ ва ишғоли Кобул истифода бурданд. Масъуд дар тадовими иртиботот ва ҳимоятҳои қаблӣ аз иттиҳоди се ҷенероли шимол ҷенерол Дӯстум қумондони фирқаи (двизя) 53, ҷенерол Мӯъмин қумондони фирқаи 70-и Миканизаи Ҳайратон ва Сайидҷаъфари Нодири қумондони фирқаи 70-и қавмӣ, ки дар иттилоф (ҳамдаст) бо гурӯҳҳои ҷиҳодии шимол, сукути вилоёти шимол, Ҷузҷон, Балх, Сари Пул, Форёб, Пулихумрӣ ва Самангонро яке пайи дигар бо фосилаҳои андаки замонӣ ба ҳамроҳ дошт, шаҳри Кобулро низ зери таъсири шуъои пирӯзиҳои худ дар шимол дар баробари ҳарифаш Ҳикматёр даровар-да буд, ки тавъам бо он соҳот ва навоҳии вилоёти Парвон ва Кописоро билофосила мутасарриф ва бо афроди мусаллаҳи вижаи худ дар майдони ҳавоии Баграм мустақар гардид. Гулбиддин Ҳикматёр, ки аз ҷараёни вазъ дар шимол ба нафъи Масъуд сахт шокӣ (шиква) гардида

буд, низ аз ҷануби Кобул дар ҷамъи гурӯҳҳои мусаллаҳи ҳизби исломӣ ва резервҳое, ки аз соири нуқоти Афғонистон фаро хонда шуда буданд, дар вулусволии Чаҳоросиёи Кобул ва Сурхоби Лугар маҳалли фармондеҳии худро таъсис намуда, ба муҷоҳидини ҳизби исломӣ ҳушёрбош медиҳад.

Набӣ Азимӣ менависад: «Ҳикматёр дастурашро медиҳад, шароити Кобул аз ҳар лиҳоз омодаи амалиёти муҷоҳидин мебошад. Муваффақияти мо ҳатмӣ аст, лиҳозо қабл аз он ки Амрико ва Милали муттаҳид мудохила намоянд, орзумандам то ҳар чи зудтар плонҳои амалиётии хешро танзим ва рапорт диҳед. Ман худам мустақимам, амалиётро таҳти контроли хеш қарор медиҳам». Ҳикматёр ба таҳдиди Кобул ва омодагӣ барои ҳамла ба шаҳрро дар рӯзи якшанбе дар дастури кори худ қарор дода буд. Масъуд исрор дошт, ки бояд мунтазир монд, то раҳбарон бар тавофуқи мабнӣ бар эъзоми ҳайат ба Кобул ва таслими қудрат аз давлати Ҷумҳурии Афғонистон ба ҳукумати муҷоҳидин даст ёзанд. Дар сурате ки давлат ҳозир ба таслими қудрат аст, зарурати ҷанг вуҷуд надорад ва илло мардуми бедифоъ мемиранд. Вале Ҳикматёр бо он ки намояндааш дар ҷаласаи Исломободи раҳбарони танзимҳо иштирок дошт ва мувофиқати худро эълон карда буд, ки файсалаҳои асосии он ҷаласаро интихоби мумассили давлат ва тадвири шӯрои ҳаллу ақд ташкил медод, яъне, ки ба думоҳа ҳукумати Сибғатуллои Муҷаддадӣ ва чормоҳа ҳукумати Бурҳониддини Раббонӣ ва қабл аз поёни кори ҳукумати Раббонӣ шӯрои ҳаллу ақд бо иштироки намояндагони муҷоҳидин дар як ҳамапурсӣ ва интихоботи озод раиси ҳукуматро баргузиданд. Қабл аз расидани ҳайати намояндагии ҳукумати муваққатӣ муҷоҳидин ба Кобул амалан ба он муоҳида ваќе (аҳмият) нагузошт ҳамларо аз 3 саври 1371 болои Кобул аз ҷануб ва шарқ ба кӯмак ва раҳнамоии як теъдод ҷенеролони вузарои қувваҳои мусаллаҳ ва қитъаоти низомии ҳамкор ва иртиботии худ аз вазорати дохила аз даруни шаҳри Кобул ва берун аз он оғоз кард. Сарони танзимҳои ҷиҳодӣ дар ҷаласаи Исло-

мобод, ки Масъудро масъули амнияти шаҳри Кобул ё раиси комиссиюни амниятии Кобул таъйин карда буданд, то амнияти шаҳр ва ё ҳадди ақалл шароити қобили итминон дар гирду атрофи қасри риёсати ҷумҳурӣ барои интиқоли қудрат фароҳам гардад. Савол ба вуҷуд меояд, ки чаро Ҳикматёрро раиси комиссиюни амниятии Кобул таъйин нанамуданд, ки Масъудро ҷаласаи раҳбарони ҷиҳоди муаззаф намуданд. Оё Масъуд як қумондоне сирф низомӣ буд дуруст монанди қумондони дигари ҷиҳодӣ ва агар қумондони ҷиҳодӣ ҳам буда бошад, боз ҳам чи бартарие нисбат ба соирин монанди Абдулҳақ, Қорӣ Бобо, Кашмирхон ва Ҷалолуддини Ҳаққонӣ дошт, ки ба пешопеши дигарон ба ин мақом гумошта шуд ва ё ҳам ангезаи ахлоқи низомӣ ва аҳлияту дироияти сиёсӣ низ дар шахсият ва корномаҳои гузашта ва ҳоли ӯ махсус буд. Бидуни шак, ки вижагиҳои фавқ дар вуҷуди Масъуд азму тасмими раҳбарони ҷиҳодиро дар мақтаи ҳассоси сарнавишти муҷоҳидин ва ҳокимияташон ба худ кашонда буд. Дар азои (муқобили) он назар ба аснод ва шавоҳид Ҳикматёр на танҳо дар остонаи пирӯзии муҷоҳидин, балки дар даврони ҷиҳод низ собиқаи муносиботи хуб бо аксари танзимҳои исломӣ надошта ва дар ҳеҷ тафоҳуми воқеӣ ҳатто бо ҳукумати муваққатӣ муҷоҳидин даст наёзидааст. Ва ба қавли Сандигул дар ҳафтаномаи «Сандитаймс», мунташиршуда дар родиюи Би Би Си, ки мегӯяд: «Ҳикматёр бунёдгарост ва пайравону ҳомиёни ӯ бунёдгаротар аз ӯ, иҷоби раъбу тарс ва қатлҳои сиёсиро низ дар даруни ҳизби исломӣ ва соири аҳзоб ба ӯ нисбат медиҳанд. Пул ва аслиҳаи фаровон низ дар ихтиёр дорад. Дар ин сурат худи ҳизби ӯ беҳтарин намуна аз Афғонистоне аст, ки дар оянда хоҳад бисозад».

* * *

Масъуд, ки қабл аз дарёфти салоҳият ва масъулияти таъмини амнияти шаҳри Кобул аз ҷониби раиси ҳукумати муваққат С. Муҷаддадӣ муқаддимаи ибтикороти сиёсиашро дар маҳвил (вогузори) намудани салоҳияти таъйини

сарнавишти ҳукумати муҷоҳидин ва чигунагии фатҳи Кобул ба раҳбарони муҷоҳидин ба исбот расонид, ки баъдан сароғози муваффақиятҳои бузурги сиёсиву низомии ӯ дар баробари ҳарифонаш гардид ба ин тартиб ҷараёни тасоҳуб ва тасаллут бар шаҳри Кобулро бо вуҷуди ишғоли манотиқи ҷанубӣ, шарқӣ ва марказии шаҳр тавассути афроди ҳизби исломӣ ба ҳамкории қумондони горнизон ва қитъаоти таҳти фармони он қумондонӣ такмил ва ба даст гирифт ва тамоми афроди ҳизби исломиро аз дохили шаҳр ба берун ронда, нуқоти марказӣ ва стратегии шаҳрро ба контроли худ даровард. Бад-ин васила ба сукуи қудрат савор ва ба намоиши маҳорат ва тавони низомиаш пардохт, ки тақорун (расидан) ба он ҷараёни таслимии қудрат ба муҷоҳидин, ки дар 24 апрели 1992 баъд аз ҷаласоти 14 соатаи роҳбарони ҷиҳодӣ дар Исломобод рӯи механизм ва шеваи интиқоли қудрат тавофуқ шуда буд, яъне шӯрои 51 узвӣ ташкил шавад. Ин шӯро дар давраи интиқол қудратро ба даст бигирад. Аз ҷониби давлати ҶА тавассути муовинони раиси ҷумҳур А. Муҳтот ва А. Суробӣ дар мавҷудияти қозиюлқузоти Афғонистон ва соири арокини мулкӣ ва низомӣ ба С. Муҷаддадӣ аввалин раиси ҳукумати муваққатӣ муҷоҳидин ва ҳайати маъиятиаш сурат гирифт. Интиқоли қудрат аз ҳукумати ҶА ба намояндагони интихобшудаи ҷаласаи раҳбарони танзимҳои ҷиҳодӣ дар Покистон ва шахси С. Муҷаддадӣ ва дар як калом ба муҷоҳидин бар хилофи интизорот ва хушбиниҳои иддаи касире аз мардум ва миллати мусулмони Афғонистон мутаассифона, сароғози фоҷиаи азими дигари ҷомиаи Афғонистон дар тӯли солҳои мутамодӣ гардид. Тавре ки аз фардои таслимии қудрати ҷанги миёнгурӯҳӣ шурӯъ шуд, ки дар матни муқаддимаи ҷангҳо қозиюлқузоти давлати собиқ Карими Шодон, ки дар таслимии қудрат низ иштирок дошт, ба сабаби номаълум ба қатл мерасад. Агарчи оғози аввалин ҷанг пас аз ҳузури муҷоҳидин дар шаҳри Кобул ва таслими қудрат ба муҷоҳидин тавассути ҳизби Ваҳдати исломӣ ва Иттиҳоди исломӣ ба рӯзи душанбеи 10 ҷавзои 1371 оғоз ёфт ва ба

баҳонаи ин ки чор нафар узви раҳбари ҳизби Ваҳдат дар минтақаи Силӯи Кобул террор шуданд ва ин амалро гӯё иттиҳоди исломӣ карда бошад, дар Ғарби Кобул сурат гирифт, вале пешзаминаи он нерӯҳои ҳизби исломӣ, ки хоҳони тасоҳуби якҷонибаи қудрат буд ва шӯрои назору муттаҳидини ҷиҳодии он, ки ба асоси файсалаҳои раҳбарони ҷиҳодии муқими Исломобод амнияти шаҳри Кобулро таъмин менамуданд. Чи ҷое вақте ки муҷоҳидин ба пойтахт расиданд ва дарвозаҳои зиндонҳо боз гардид, дасташон ба махозини аслиҳа боз шуд, теъдоде аз қумондони кӯчаки ҷанг ин силоҳҳоро бо онҳое, ки ба суфуфашон пайвастанд, тавзеҳ карданд. Ҳама мусаллаҳ шуданд, ҳеҷ чиз танзим нашуд, ҳизби исломии Афғонистон ва шахси Ҳикматёр, ки кеши шахсияташ дар даврони ҷиҳоди исломӣ бештар аз соири раҳбарони ҷиҳодӣ дар миёни ҳизб ва ҳаводорони ӯ дар дохил ва хориҷ аз Афғонистон, махсусан миёни мардуми камсавод ва бесавод ва муҳоҷирини умдатан муқими Покистон, ки ақвоми ғайрипаштуни ҷомеаи Афғонистнро низ дар бар мегирифт, қавиан парвариш ёфта буд. Ва дар айни ҳол ҳимояти бедареғи давлати Покистон ва шахси Зиёулҳақ Раиси ҷумҳури вақти Покистон аз тариқи истихбороти ISI ва ташвиқи ғайримустақим ва мудовими созмони сиёҳ аз ӯ мушорунилайҳро ноздона (эрка) ва бепарво аз сурати ҳисоби лозим дар расидан ба қудрат сохта буд. Чи ҷое ки мавзеи маҳкам ва сахтгиронатареро ҳам, ки дар гузашта нисбат ба режими Кобул дар пеш гирифта буд. Таваҷҷӯҳоти хосеро нисбат ба худ аз кишварҳои исломӣ, ки ҳампаймони стратегии сиёсати Амрико дар минтақа буданд, ҷалб намуда буд. Баъд аз ақиб рондани нерӯҳои мусаллаҳи низомии Ҳикматёр, ки дар дохили шаҳри Кобул нуфузи муваффақонаи бо ҳамкории бахше аз гурӯҳҳо ва афроди босалоҳияти ҳукумати ҶА намуда буданд, аз дохили шаҳри Кобул ба ҷануб ва шарқ ва дар маҷмӯъ ба ҳумаҳои шаҳр тавассути нерӯҳои мусаллаҳи шӯрои нузор дар ҳамоҳангӣ бо дастаҳои мусаллаҳи фирқаи 53 ва як идда қитаоти размии гарнизони Кобул зери таъсир ва ба

ишораи Масъуд, ки раиси комиссиюни амниятии шаҳри Кобул ва вазири дифоъи давлати муҷоҳидин аз сӯи идораи муваққати исломӣ таъйин гардида буд, Ҳикматёр худро бо он ҳама абову қабо ниҳоят ҳақир ва иҳонатшуда ёфт. Илова бар он, бо вазъи ба амаломада, ки он ҳам ношӣ аз кректар ва мартабаи фаҳми сиёсии худи Ҳикматёр буд, ӯро аз назари моддӣ бо аз байн рафтани қисми зарфиятҳо ва қобилиятҳои ҳарбии танзими ҳизби исломӣ низ фишори қобили мулоҳизае дода буд, ки дар мавоқифи гуногун ва тадбирҳои сиёсӣ ва бархурдҳои баъдии ӯ нисбат ба қазоё ва ҷараёноти мавҷуди сиёсӣ ва ҳаводиси шитобон дар ҳоли вуқӯъ аз сари сӯ гузошт. Яъне ки ҳар иқдом ва мавқиферо, ки иттихоз мекард, маҳз аз рӯи душманиҳои сода ва таассуби кӯр беш набуд. Зеро таҷриба собит намуда буд, ки гироишҳои матлуб ва номатлуб ва муҳаббат ва ё нафрати ифротӣ фард нисбат ба як шахс ё чиз ё фикр ва ё дидгоҳ ё вазъу мавқеият, ки маъмулан ранги отифӣ дорад, шахсро аз тафаккури мантиқӣ дар бораи мавзӯаш боз медорад, ки ҳамалоти пайиҳами низомии ӯ болои Кобул ва шикасти барномаҳои сиёсӣ ва мушакборони беҳосили соҳоти маскуни шаҳр ва вилоёти Кобул тасдиқи гуфтаи боло метавонад бошад. Гулбиддин Ҳикматёр факат роҳи зӯрозмоии низомиро барои тасоҳуби қудрат ва ишғоли Кобул дар пеш гирифт, ки ҷуз харобии шаҳр ва рехтани хуни ҳазорҳо инсони бегуноҳ ва бедифои Кобул чизе ба армуғон наовард, ки ҳангом ба он ба як силсила таблиғот ва ҳаволаи либалҳои воқеии на чандон муассир мубодират варзид, ки гӯё «Масъуд бо коммунистҳо иттилоф намудааст ва иттилофи Ҷабалуссироҷ тавтеаи алайҳи ҷиҳод буда». Дар ин шаке нест, ки Дӯстум, Мӯмин ва Сайидҷаъфар ва як теъдод чеҳраҳои дигар аъзои фаъол ва шинохташудаи ҳизби Ватан буданд, вале аз шавоҳид ва қароин бармеояд, ки мақсади Масъуд аз он гуфтугӯҳо бо ҷенеролҳои шимол бар сари як муомилаи низомие сода бо ҳадафи норӯшан буд, ки аз сӯи Масъуд дар он лаҳазоти ҳассоси таърихӣ ба роҳ андохта шуд ва кафаи онро боло кашид. Зеро ҳукумат ҳанӯз дар дастони тавонои урдӯи муназзами

Афғонистон буд, ки суқути он ҳанӯз кори сода набуд, зеро на Масъуд ва ҷенеролони шимол мавқеияти баъдии худро дар он вазъият пешбинии дақиқ накарда буданд. Ҳадафи Масъуд возеҳ буд, вале Дӯстум ва ҳамкорони низомии ӯ наметавонистанд чизе ҷуз як паймони содаи низомӣ бо Масъуд дошта бошанд. Агар воқеиятҳоро бо ҳама талхие, ки дорад, бипазирем, аслан баъд аз он ки Дӯстум пешниҳодоти аризу тавили худро тавассути Мустафои Пилут ва Наҷибуллоҳ ироа медод, ки аз маҷмӯи он сирф як моддаи он барои Наҷибуллоҳ зоҳиран ғайри қобили таҳаммул менамуд, бақияро пазируфта буд ва натиҷаи он ҳам ба қавли Набӣ Азимӣ дар китоби «Урду ва сиёсат» узл ва хостани Ҷумъаи Асак – қумондони оперативии шимол, Расули Бехудо – қумондони фирқаи 18 ва Тоҷмуҳаммад – раиси амнияти вилояти Балх буд, яъне дӯстон ва наздикони ӯ қудрати давлатро ба ҳеҷ нагирифта буданд. Аз ин рӯ Гулбиддин Ҳикматёр ва шабакаҳои ҳизби исломии ӯ фаъол гардида буданд то равобите (кантактҳое) бо ҷенерол Дӯстум барқарор созад ва аз ӯ ба масобайи шамшери бараҳна алайҳи ҳарифонаш истифода кунад, зеро ҷенерол Дӯстум мавқеияти истисноии низомиаш ҳадди ақал дар ду вилояти шимолӣ – Форёб ва Ҷузҷон, ки мутлақан зери таъсири ӯ қарор дошт, нисбат ба Мӯъмин ва Сайидҷаъфар ва Мансури Нодирӣ бе тардид менамуд ва таъйини сарнавишти баъдии сафаҳоти шимолро аз назари айнӣ бо иқдомоти низомиаш эҳтимол медод. Дӯстум дар гуфтушунидҳое, ки бо намояндагони Ҳикматёр дошт, ба натиҷаи дилхоҳ намерасад, зеро бо назардошти норӯшан будани вазъ зери таъсири кашишҳои минтақавӣ ва самтӣ маслиҳатро дар канор будан бо Масъуд медид, то Ҳикматёр ҳатто имтиёзҳое ҳам, ки аз ҷониби Ҳикматёр ба ӯ ваъда шуда буд. Дар ҳоле ки Масъуд танҳо ҳамкории онҳоро дар барандозии ҳокимияти Наҷибуллоҳ истиқбол ва тамҷид намуда ва ҷабҳаи муштаракеро дар суқути соири вилоёти шимол ба вуҷуд меовард. Натиҷа мегирем, ки баъзе задубандҳои дар шимол ва соири ҷоҳо ба ишораи марказ ҷараён дошт. Тавре ки худи ҷенерол Дӯстум дар

мусоҳибааш қабл аз тасарруфи Мазори Шариф бо родуёи Би Би Си иброз дошт, ки «гӯё ҳизби исломии Гулхон масири роҳи Ҷузҷон ва Балхро ба ҳидояти Тоҷмуҳаммад – раиси амнияти вилояти Балх ба рӯи қувваҳои мусаллаҳи эътилофи зидди Наҷибуллоҳ масдуд мекунад ва дар ҳамоҳангӣ бо иқдомоти низомии Ҷумъа Асак ва Расули Бехудо – қумондони фирқаи 18 алайҳи эътилоф омодаи набарди низомӣ дар шимол мегарданд». Аз сӯи дигар ба асоси навиштаи Набӣ Азимӣ дар китоби «Урду ва сиёсат», ки мегӯяд: «Шоми 23 ҳамали 1371, соати 7 раиси ҷумҳур ба ман телефон кард ва гуфт дар манзилаш ӯро мулоқот кунам. Дар он ҷо Луи Дарастиз (сафарбаркунандаи артиш) – сарфармондеҳ ва ҷенерол Ториқ низ ҳузур доштанд. Ториқ гузоришеро, ки вазъи Ҷабалуссироҷ хеле вахим аст ва қарори иттилооти вай дар тӯли ҳамин имшаб шӯрои нузор болои Ҷабалуссироҷ ҳамла хоҳад кард. Ӯ гуфт: қувватҳои давлатӣ рӯҳия надоранд ва бо шӯрои нузор иртибот гирифтанд. Қумондони ҷадиди фирқа низ аз вазъ беиттилоъ аст ва салоҳияти кофӣ барои савқу идораи фирқа надорад. Биноан иҷоза бидиҳед то ҳизби исломиро ба Ҷабалуссироҷ ва Парвон нуфуз бидиҳем. Дар ғайри он Ҷабалуссироҷ ба дасти Масъуд хоҳад афтод. Ва дар қадами дигар Масъуд ба чораи кор ба Багром хоҳад расид. Дуктур Наҷибуллоҳ ба фикр фурӯ рафт. Ман ва Осифи Диловар ҳайрон монда будем, ки чӣ машварат бидиҳем. Ториқ аз наздикони Наҷибуллоҳ буд». Шояд машваратҳо ва сӯҳбатҳои ҷенерол Ториқ аз қабл бо машварати Наҷибуллоҳ ва дар ҳузури ӯ дар он мавқеъ як навъ ҷавсозӣ аз сӯи Наҷибуллоҳ буда бошад то аксуламали қумондони гарнизони Кобулро, ки шахси бодароият ва як созмондеҳи билқувваи низомӣ ҳокимияти давлати Наҷибуллоҳ дар он рӯзҳо ба ҳисоб меомад, бифаҳмад. Вале он чи ки мусаллам буд, ҳизби исломӣ дақиқан дар минтақа иқоз (фаъол) гардида буд, ки ба асари заъфҳои созмондиҳӣ дар идораашон, махсусан Парвон ва Каписо Масъуд бо суръати тамом фирқаи Ҷабалуссироҷ ва баъд қитъаоти низомии мустақар дар минтақаи Чоряккор ва

атрофи онро халъи силоҳ ва маркази шаҳрро низ тасоҳуб намуд. Ҳизби исломӣ бо таъхир тавониста буд шоҳроҳи Чоряккори Кобулро тайи чандин рӯзи мутавотир бар рӯи Масъуд бибандад, то ин ки Масъуд дар асари музокира ва муфоҳима тавонист нахуст майдони ҳавоии Багром ва баъд ба Кобул роҳ ёбад. Биноан интизороти Ҳикматёр аз Дӯстум ба яъс мубаддал гардида буд. Аз ин рӯ дар маҷмӯъ талошҳои Ҳикматёр ва шабакаҳои таблиғотии ӯ тавони лозим дар махдуш (парешон) намудани зеҳнияти ом аз Масъуд надошт, ки баъдҳо ҳатто ки дар канори суфуфи низомиёне, ки тавассути эътилофи аз ҷенеролони шимол, ки дар суқути шаҳри Мазори Шариф саҳм доштанд, монанди фирқаи 53 ҷенерол Дӯстум, фирқаи 70 ҷенерол Мӯъмин ва фирқаи 80 Сайидҷаъфари Нодирӣ ё ҳазораҳои каёнии шохаҳо ва дастаҳои ҷиҳодии мусаллаҳи шӯрои назори Масъуд ва ҷамъияти исломӣ ба таври васеъ ҳузур дар шаҳри Кобул доштанд. Ва ҳамкории танготанге миёни онҳо вуҷуд дошт, ки наметавон он ҳамкориро аз назари нависанда дар ҳадди як эътилофи бузурги сиёсӣ талаққӣ намуд, зеро эътилоф дар шароити одӣ, ки ҷанги мусаллаҳонаи дохилӣ вуҷуд надошта бошад, аз назари фарҳанги сиёсӣ иттиҳод ва ҳамкории муваққатии чанд ҳизб ва гурӯҳи сиёсӣ бо таърифи аҳдофи сиёсиашон барои найл ба ҳадафи воҳиде аст. Бар мабнои ин асл мақосид ва ниёти хоси сиёсии ҷонибайн бо назардошти авзоъ ва аҳволи ҳамонвақта дар иғмоз(пушида) ва пӯшиш ҳам рафта буд. Яъне нирӯҳои шимол дар он замон фоқиди пешарти ташкилоти сиёсие ба номи ҷунбиши миллии исломӣ арзи андом кард, низ буданд.

* * *

Масъуд дар нишасте, ки баъд аз фатҳи вилоёти шимол бо Абдулалии Мазорӣ ва Дӯстум дар Ҷабалуссироҷ дошт, дар мавриди ҳамкории ҷонибайн дар суқути Кобул аз дасти идораи ҳукумати Наҷибуллоҳ мувофиқа сурат гирифта буд, ҳатто ба гуфтаи худи ҷенерол Дӯстум мабнӣ ба зоъомади иттиҳоди шимол, ки Масъуд раҳбари ҷиҳодӣ, Абду-

лалии Мазорӣ, муовини ӯ ва ҷенерол Дӯстум масъули низомӣ гӯё буда бошад, мавриди таъйиди Дӯстум воқеъ нагардида буд, зеро агар эътилоф дар сатҳи баланди сиёсии созмонӣ вуҷуд медошт, ҳатман дар ҷиҳати таҳаққуқи мавод ва файсалаҳои он дар дарозмуддат амал мешуд. Дар ҳоле ки завоҳири ҳолот мерасонд, ки ҳизби ваҳдат ва қувватҳои мутарифаи шимол ва Шӯрои нузор аз ҷараёни вазъи даванд дар Кобул баъдҳо чандон розӣ набуданд. Ҳар кас дар пайи манофеи сиёсӣ ва аҳдофи рӯшану норӯшани хеш алайҳи якдигар хоставу нохоста боби тавтеа ва аъмоли хасмонаро тадорук мебинанд. Биноан, паймони низомии маҳалии шимол, ки дар ҳитаи дигаргунии вазъ ба нафъи муҷоҳидин ва Масъуд дар баробари ҳукумати собиқ ба вуҷуд омада буд, дастхуши осебҳои намоён мегардад. Тавре ки гузашт гуфта будем, Масъуд бо ду маркази қудрат – Мазор ва Кобул дар тамос ва иртибот буд, дар ҳине, ки қувватҳои низомии Шимолро бо гармии робит ба худ кашонда буд, ҳамзамон дидорҳои мукарраре бо вазири хориҷаи ҶА Абдулвакил дар навоҳии мухталифи вилояти Парвон ва Ҷабалуссироҷ низ дошт, то ҷое, ки гумонзаниҳоеро мабнӣ ба ин ки дар ҷаласа мавзӯи эътилофе бо ҳукумат ва бархе аъзои роҳбарии давлат ва ҳизби Ватан гӯё матраҳ буда бошад, ки аз қабл шомили барномаи сулҳи Милали муттаҳид низ гардида буд, дар миёни бахше аз мардум тақвият кард ба ин маъно, ки хати Кобул бо Масъуд дар барномаи диологи байниафғонӣ бо раҳбарон ва фармондеҳони Афғонистон бо мувофиқати Амрико, Русия барои тафоҳум рӯи эҷоди як давлати эътилофӣ таъмин гардидааст. Вале ин як бардошти ноқис ва авомписандона ва дур аз иқтизои замон буд. Зеро инкишоф ва таҳаввулоти сареъи низомӣ дар кулл тарҳу бардошти ахирро камранг сохта буд, то он иқдоми низомие, ки Масъуд бо Дӯстум ва Абдулалии Мазорӣ дар Ҷабулсироҷ ба тавофуқ расида буд. Зеро ки Дӯстум бо ҳастаи мутмаини низомӣ қавми худро дар канори Масъуд ҷо зада буд ва Абдулалии Мазорӣ низ бо чеҳраи ҷиҳодии шинохташуда, ки порчаҳои мусаллаҳи аз урдуи низомии

гузаштаро бо худ дошт, ин аносир ба таври айнӣ метавонистанд дар тағйири вазъ ба нафъи Масъуд тамом шавад. Дар ҳоле ки ба истисnои марказ он ҳам аз назари низомӣ дар соири нуқоти Афғонистон ҷараёни ҳолот аз ин қарор ва ба ин минвол набуд.

Тавони давлат лаҳза ба лаҳза ба таҳлил мерафт. Амру фармон ба вилоёт камтаъсир ва беасар гардида буд, халои қудрат вуҷуд дошт. Анархия ва худсарӣ дар дастгоҳ қавиан ҳоким гардида буд. Тарҳе, ки мебоист асоси як давлати эътилофӣ аз муҷоҳидин ва давлати мавҷуд ва бетарафҳо ба вуҷуд меомад, қаблан хунсо шуда буд. Билохира зери таъсири ҷавви сиёсӣ ва низомии ҳоким дар охирин иқдом Бининсивон мувофиқати Наҷибуллоҳро барои таслими қудрат ба ҳайати намояндагии муҷоҳидин дарёфт ва роҳии Пешовар мешавад. Ин ки Сивон дар Пешовар бо сарони танзимҳо бо чи мувофиқате мерасад ва чи навъ таассурот аз сарнавишти Наҷибуллоҳ бармедорад, ҳанӯз ифшо нагардида, ки Наҷибуллоҳ бо вуҷуди фармон бурдани артиш, ба хусус горнизони шаҳр ва қувваҳои мусаллаҳи муқими Кобул аз ӯ фирорро барқарор тарҷеҳ медиҳад. Ҳатто рафиқони ҳизбии ҳамтипи худро низ ихфол мекунад ва по ба фирор медиҳад. Истинбоди куллӣ ин аст, ки ҳаракати Наҷибуллоҳ бештар ношӣ аз тарси ифшои эҳтимолии бахше аз ниёти таҳаққуқёфта ва ё наёфтааш нисбат ба ҷараёни сиёсии баъдӣ аз худ буда бошад. Ба асоси гуфтаҳои муовин ва сарпарасти раёсати ҶА Абдураҳими Ҳотиф дар яке аз мусоҳибаҳояш бо радиои Би Би Си, ки гӯё таслимии қудрат ба ҷиноҳ ва ё гурӯҳи хосе матраҳ бошад, ҳақиқат надошта. Вале саволе ба вуҷуд меояд, ки чаро Наҷибуллоҳ бо чунин ниёте роҳи фирорро дар пеш мегирад. Ин амал ду бардошт метавонад дошта бошад. <u>Яке</u> ин ки ҳаросида бошад аз вазъияти эҳтимолии пас аз суқути ҳокимияташ. Тавре ки дар гузаштаҳо аз ҳаммоми хун аз даргириҳои миёнгурӯҳии муҷоҳидин ёд мекард. <u>Дуввум</u> он ки тамоили хоси дар таслими қудрат ба гурӯҳи муайяне аз муҷоҳидин дошт. Боре Ҳикматёр аз тариқи родюи Би Би Сӣ худ эътироф намуд «аз тарафи Наҷиб барои ман пайғомҳои бисёр расид.

Ҳайатҳое яке баъди дигаре меомаданд, ҳатто қабл аз истеъфои Наҷиб сирф панҷ рӯз қабл ҳайати охирӣ бо мактуби расмӣ омад ва барои ман пешниҳод кард, ки ҳалли масъала сирф ин аст, ки мо ва ҳизби исломӣ бо ҳам оштӣ кунем. Дар ҳукумат ҳар постеро мехоҳед, интихоб кунед. Вале аз мо чашм пӯшидан саҳеҳ нест». Масоили дигареро метавон низ дар ин қазия эҳтимол зад, ки бо поён ёфтани моҷарои фирор ва паноҳандагии Наҷибуллоҳ ба Милали муттаҳид ва оғози амалии диалоги байнулафғонӣ миёни давлат ва қумондонони ҷиҳод бо мувофиқати Наҷибуллоҳ, ки аз пеш матраҳ буд, масири сареҳи худро мепаймояд. Аз он ҷое, ки вазъи мавҷуди ҷомиъаи Афғонистон аз гузашта паҳнои сиёсӣ ба худ гирифта буд, аз шурӯъ ило поёни ҷараёни пруссаи музокирот бо қумондонон накдан сирф Наҷибуллоҳро аз қудрат поин овард. ғайр аз он диалоги байнулафғонӣ тарҳи бемаъно ва орӣ аз паёмади амалӣ ва корсоз буд.

Аҳмадшоҳи Масъуд аз ибтидои шӯриши Шимол, ки алайҳи ҳокимияти Наҷиб барох афтид, истифодаи васеи сиёсӣ-низомӣ бурд ва муқаддимоти пирӯзии ниҳоиашро дар тасарруфи Кобул омода намуда буд. Дар айни ҳол бо ҳушёрии тамом ва бо камоли дароият ва қотеъият пешниҳоди ҷаласаи раҳбарон ва қумондонон, ба хусус Дӯстум ва Мазориро, ки дар Ҷабалуссироҷ гирди ҳам омаданд ва мебоист номбурда ба ҳайси раҳбари шӯрои ҷиҳодӣ ва Абдулалии Мазорӣ ба ҳайси муовини шӯро ва ҷенерол Дӯстум муовини низомии шӯро қудратро бояд дар Кобул ба даст мегирифтанд. Масъуд шӯроро пазируфт, вале бо ин пешниҳод, ки шӯро қудратро дар Кобул ба даст гирад, мувофиқат нишон надод. Дар ин муомила Дӯстум, ки дар ақиби ӯ шахсиятҳои аз раҳбарии низомИ гузашта қарор доштанд, мехостанд Масъудро аз нақши калон, ки метавонист дар ояндаи сиёсии Афғонистон бозӣ кунад, ба гунаи ороме маҳрум созанд. Яъне Масъуд агар пешниҳодҳои Дӯстум ва Мазориро дар бобати ба гирифтани қудрат дар Кобул мепазируфт, аввал ин ҷараён як ҳаракати зиддипаштунӣ дар азҳон мусаҷҷал мегардид ва

Масъуд виҷҳаи ҷиҳодияшро аз даст медод, зеро ихтилофи шимол ва ҷануб ва паштуву форсӣ дар охирин рӯзҳои ҳокимияти Наҷибуллоҳ то даруни ҳалқаи аввали ҳизбӣ ба гунаи возеҳ шиюъ(паҳн) пайдо намуда буд. Дуввум, дигаргунии ҳолоти сиёсӣ, ки ҳама рагҳо ва нутфаҳои ҷомеаро ларзонда буд, дӯстумиён низ ба як мутакои ҷиҳодии қавитар ва пурнуфузтар доштанд, то худҳоро аз газанди тӯфон маҳфуз дошта бошанд, он ҷамъияти исломӣ буд. Дар ҳоле ки Масъуд он қадар ниёзи ҳаётӣ ғайр аз он ки Дӯстумро, ки дар он замон ва мавқеъ аз истифодаи рақиби ҷиҳодӣ ва шахсии худ, яъне Ҳикматёр дур нигаҳ дошта бошад, барои таслими қудрат ва истиқрори салтаи худ дар Кобул бидуни мавонеъ амал намояд, надошт. Масъуд бо сарбоз задан ва ради таслимшавии қудрат дар Кобул аз ҷониби шӯро зоҳиран бо ин истидлол, ки ин вазифаи мо нест, балки раҳбарони ҷиҳодӣ ба тавофуқ даст ёбанд. Дар асл Масъуд ба далоили зерин истидлоли фавқро судҷӯёна ва қудратро худ таслим гарданд пеш намуд. 1. Ин ки Дӯстумро аз дараҷаи яке аз қумондонони низомӣ дар сафаҳоти шимол бештар насохт, матраҳ шавад ва дар айни замон ба дигарон ва афкори омма бифаҳмонад, ки Дӯстум, Мӯъмин ва Сайидҷаъфар ба шӯрои назори ҷамоати исломӣ таслим шудаанд ва ҷузъи афроди комиссиюни амнияти шаҳрҳо ва пойтахт ҳастанд. 2. Баҳонае ба рақибонаш, аз ҷумла Ҳикматёр надиҳад, то дар кашмакашҳои миёнгурӯҳӣ, ки солиёни мутамодӣ миёни ин ду вуҷуд дошт, дар ташаккули низоми сиёсии оянда низ соя афканад. Аз сӯи ҳам дар воқеъ мавсуф бо як чунин ҳаракат ва иқдоме тавонист бахши бузурге аз масъулияти таърихии давлатдории асри муҷоҳидинро бар дӯши онҳое, ки мебоист асосан ҷойгузини муносиби режими гузашта мебуданд, бор намояд. 3. Ба ҷомеа илқо кунад, ки ҳеҷ паймоне бар зидди ҳеҷ қавме ва ҳеҷ минтақае нест ва ин ҳаракат ва ҳамкории низомӣ дар ҳошияи фармони авфи муҷоҳидин ва навъи истифода аз резервҳои мавҷуд ғарази истиқрори ҳокимият мебошад.

* * *

Масъуд баъд аз он ки қувватҳои худро дохили шаҳри Кобул сохт ва амалиёти муштарак ва ҳамоҳангеро бо қувватҳои горнизони Кобул алайҳи нерӯҳои ҳизби исломии Ҳикматёр муваффақона ба поён расонид, дар ҳоле ки муҷоҳидини Ҳизби Исломӣ аз ду масири Ришхур ва Багромӣ масофаҳои даҳҳо килуметр ақиб зада шуданд, нуқоти стратежии низомии шаҳри Кобул чун кӯҳи Замбурак ва иртифооти шинаву камарӣ, ки дар он замон фазои ҷангӣ ҳукм мекард, то ҳамон қуллаҳои муртафеъ мушриф ба шаҳри Кобул мебоист тавассути нерӯҳои вазорати дифоъ ҳукумати исломӣ ишғол ва таҳкими мавзеъ менамуданд, вале қувватҳои вазорати дифоъ сирф ба чанд мавзеи мутаҳаррик дар ҳамин масирҳо монанди Дуғобод, Суҳок, Шевакӣ, Биниҳисор ва ҷоҳои дигар бештар таваҷҷӯҳ нанамуд. Ин ҳаракат аз назари низомӣ як иштибоҳ буд, зеро ҳамин нуқот буданд, ки Ҳикматёр баъдан онҳоро ишғол ва шаҳри Кобулро хона ба хона ва ноҳия ба ноҳия ба рокет ва туп таҳдид мекард ва захоири муҳиммот, тонк ва тупи депуҳои Хайрободро болои шаҳриёни Кобул ҳар рӯз ба садҳо файр мерехт. Ва қудрати баёни низом ва ҳукумати исломиро аз Раббонӣ ва ёрони ӯ рӯз ба рӯз кам месохт. Вале аз ҷиҳоди сиёсӣ ба ақидаи нависанда, Масъуд ба он аҳамияти бештаре қоил шуд ва он ин ки ҳамкории шӯрои нузор бо қувватҳои горнизон ва Дӯстуму ёрони ӯ ин ки рӯи чи асле устувор ва идома ёбад, маълум набуд, яъне кадом файсали катбӣ ва мустанад (боҳуҷҷат) сурат нагирифта буд. Ҳарчи буда шифоҳиву забонӣ буд. Масъуд мехост, ки таклифи ин дӯстони силоҳбадаст ва ҳамкорони низомии ҷадидашро мушаххас ва шӯрои назорро бидуни қайду шарт бар тақдири сиёсӣ-низомии онҳо ҳоким гардонад. Тавре ки Набӣ Азимӣ қумондони горнизони шаҳри Кобул ва атрофиёни ӯро дар мушовараҳои низомӣ ҷилав медод, вале ҳеҷ шарҳу пешниҳоди онҳоро то охир напазируфт. Аз тарафи дигар Масъуд, Ҳикматёр ва тавоноии низомӣ ва тарзи бархурди сиёсӣ бо ҳизби исломиро хубтар дар муҳосибааш дошт то дигарон. Биноан намехост, ки Ҳикматёр дар он

вақт дар вазъи гунги сиёсиву низомӣ яксара аз дарвозаҳои ҷанубии шаҳр нопадид гардад. Тавре ки ҳизби исломӣ ва ҳизби Ваҳдат ба раҳбарии Мазориро, ки ду нерӯи манфии мутлақ алайҳи низом ва иттиҳоди исломиву ҷунбиши исломӣ хушбин ба низомро, ки душманиву ифтирок миёнашон бедод мекард, саъй кард бо як силсила ҳаракоти машрӯи низомӣ дар иттикои ниҳоди машрӯи вазорати дифоъ ҳукумати муҷоҳидин аз хушунати ҳар чор маркази қудрати низомӣ-гурӯҳӣ ба нафхи шӯрои назор, ки намояндагӣ аз бахши аслиу меҳварии вазорати дифоъ менамуд, истифода намояд. Тавре ки ду нирӯи берун аз низомро батазъифи қудрати ҷангияшон ва ду нирӯи хушбин ба низомро, ки дорои истиқлоли раъй ва мунтақид дар баробари низоми исломӣ буданд, ба низом наздиктар ва мутеи бечуну чаро хосатан аз лиҳози низомӣ ба нафъи қудрати дифоии давлати исломӣ намояд. Дар ин миён Дӯстум ва атрофиёни ӯ ҳассосияти ҳаракати Масъудро нисбат ба нақши ояндаашон дар шимол дарк ва дар садад бaромаданд то аз ҳисори тоқати низомии сирф бадар шаванд ва бо як чеҳраи сиёсӣ дар ҷанби соири гурӯҳҳои сиёсӣ ва ҷиҳодӣ роҳие маъракаи сиёсӣ низ гарданд. Ҷунбиши миллии шимол, ки баъдҳо Ҷунбиши миллии исломии Афғонистон ном гирифт, бо он ки дар баъзе аснод ба номҳои қаблӣ чун Иттиҳодияи қолинбофони Туркистон ва Иттиҳодияи исломии сафаҳоти шимол ин ҷараёни сиёсиро иртибот медиҳанд, вале исми ба номи Ҷунбиши миллии исломии Афғонистон по ба пои силсила рӯйдодҳо ва ҳаводиси аз он ҷумла баъд аз суқути ҳокимияти Наҷибуллоҳ ва вуқӯи ҳолоти баъд аз тасарруфи Кобул тавассути нирӯҳои муштарки Масъуд, Дӯстум ва Мазори дар шимол ба таври аланӣ эъломи мавҷудият намуд. Аз қавли баъзе аз афроди раддаҳои севуми созмони ҷунбиш ният ва қасд аз ин ташаккули сиёсӣ аз авохири ҳокимияти Наҷибуллоҳ дар зеҳну махилаи Дӯстум ва атрофиёни ӯ вуҷуд дошта. Дӯстум алоиқи хоси ҳизбӣ ва эътиқоди комил ба асли муборизаи табақотӣ ҳизби демократии халқи Афғонистон ҷиноҳи Кармал дошт. Ба раванди

носиёналистӣ фаъолияти ҷунбиш бархӯрди мақтаъӣ дошт, яъне чеҳраҳои саршинос ва фаъоли гиройиши носиёналистӣ, чун доктор Арғун дар раҳбарии ҷунбиш ҳузур доштанд.

Аҳмадшоҳи Масъуд дар конфаронси матбуотиаш ба таърихи 9.2.1371, ки фатҳи Кобул тавассути муҷоҳидин ва ҳампаймонони онҳо сурат гирифт, аз созмони ба номи ҷунбиши миллӣ дар баробари саволи хабарнигорон ёд накарда буд ва танҳо кори ҷенерол Дӯстум, Мӯъмин ва Сайидҷаъфарро сутуд ва қадр кард, ки дар тасреҳи пирӯзии давлати исломӣ ҳамкории фаъол намуданд.

Сукути ҳокимияти Наҷибуллоҳ ва баҳамехтани дастгоҳи давлат аз шимол оғоз гардид, сафҳаи наве аз адоват ва душманиҳои пинҳон ва урён, ки бештар аз таърихи гузаштаи ҷомеаи Афғонистон об мехӯрад, баргардон гардид, ки бо ҷангҳои хунини танзимӣ дар шаҳри Кобул ва соири нуқоти Афғонистон як бори дигар забона кашид ва боиси қатлу қитол, харобӣ ва вайронии шаҳрҳо ва ободиҳои кишвар ва овора шудани даҳҳову садҳо хонавода аз бошандагони Кобул ва соири шаҳрҳо, минҷумла кормандон ва масъулини ҳукумати собиқ буд, дар ин ҷову он ҷои Афғонистон дар тараддуд буданд, гардид. Дар ин миён касоне, ки қодир ва тавоноии иқтисодӣ доштанд, ба кишварҳои ҳамсоя ва соири кишварҳои ҷаҳон муҳоҷират намуданд. Иддаи анбӯҳе аз мардум ба вилоёти шимолӣ, махсусан ба шаҳри Мазори Шариф ва вилояти Нангарҳор паноҳанда шуданд, ки аксаран аҳли ҳирфа ва саводу таълим буданд. Аз тарафи мардуми шимол ва шӯрои низомӣ, ки мураккаб аз қумондонони ҷиҳодӣ ва нерӯҳои мусаллаҳи давлати собиқ буд ва раҳбарии намодин онҳоро ҷенерол Дӯстум ба ӯҳда дошт, мавриди истиқбол, навозиш ва дилҷӯии амиқ қарор гирифтанд. Ва заминаҳои кору фаъолият ва иштиғол дар ҳудуди шаҳрҳои шимолро бо гузашти замон барои худ омода ва мусоид мегардониданд. Аз ҷумла эҷоди ниҳодҳои таълимӣ ва фарҳангӣ, эҳдоси варакшопҳои (ремонтхонаҳо) техникӣ ва ҳунарӣ, марокизи тиҷорӣ ва додугирифти колоҳо ва роҳандозии пружаҳои

сохтмонӣ, ки симои шаҳри Мазори Шарифро иваз карда буд ва ин дар ҳоле буд, ки ҷенерол Дӯстум қадам ба қадам худро ғарази ҳокимияти мутлақ ва биломунозиа (бидуни ҷанҷол) дар вилоёти шимолии Форёб, Ҷузҷон, Сари Пул, Самангон ва Балх омода мекард. Шеваҳои муассири кори ҷенерол Дӯстум дар бахшҳои аз шимол ин буд, ки салоҳият ва масъулияти баъзе қумондонони ҷиҳодиро дар дохили ташкилоти Ҷунбуши миллии исломӣ ва шӯрои низомии сафаҳоти шимол мушаххас ва муайян намуда буд ва нақши мустақили фармондеҳии ҷиҳодӣ ва гурӯҳиашонро ба ҳошия бурда ва афроди мусаллаҳаашонро комилан ва ё қисман дар қитаот ва ҷузъу томҳои қумондонии низомии сафаҳоти шимол мудғам (яке) намуда буд, ки ин прусса дар тайи як соли ҳукумати муҷоҳидин, ки аз Шибирғон ва Форёб оғоз шуда буд, ба Балх расид, вилояти Балх ва шаҳри Мазори Шариф, ки нерӯҳои мусаллаҳи ҷиҳодӣ нисбатан нирӯманде ва мутамаркизтаре фаъолият доштанд ва равобиташонро бо ҷенерол Дӯстум сирф бо тафоҳумоти ҷаласоти Ҷабалуссироҷ мабнӣ бар муборизаи муштарак алайҳи ҳукумати собиқ ҳифз карда буданд. Чун тадохули кадрҳои мазкур дар ташкили Ҷунбиш мутобиқ ба заруратҳои тактикии сиёсӣ сурат пазируфта буд ва ба асоси ҳамкориҳои мутақобил, давомдор ва динамики муборизоти қаблӣ шакл нагирифта буд, то битавонад дар истеҳкоми мавозеи баъдӣ таъсири созандае ба ҷо гузорад. Махсусан танзими ҷамъияти исломӣ, ки икмолоти низомӣ ва лужистикиашро мустақиман аз марказ, яъне давлати Раббонӣ ва вазорати дифоъ дарёфт мекарданд, бар хилофи баъзе гурӯҳҳои хурду бузурги ҷиҳодии муқими соири вилоёти шимол Форёб, Ҷузҷон, Сари Пул ва Самангон, ки аз тариқи шӯрои низомии сафаҳоти шимол икмол ва тамвил мегардиданд. Аз ин рӯ масорифи қувватҳои низомӣ таҳти фармони Дӯстум дар шимол даҳҳо маротиб баландтар аст он миқдор пуле буд, ки ҳукумати Раббонӣ ба шимол саҳмия дода буд, ки яке аз далоили норизоиятии Масъудро дар ташкили Ҷунбиши миллӣ дар шимол ба вуҷуд оварда буд. Аммо ташкилоти идории вилоёт, ки дорои будҷаи собит буданд, зери таъси-

ри авомил ва ҳолоти истисноӣ магар пешбинии баъзе авомил ва қавонини мушаххас намерафт. Мураттаб саҳмияи масорифашонро аз марказ ахз менамуданд. Фармондеҳии ҷамъият чандон ба раҳбарии шӯрои низомии сафаҳоти шимол ва мақому масъулиятҳое, ки Дӯстум барои Атомуҳаммадхон дар Ҷунбиш ило муовинияти аввал муайян ва ато намуда буд, тамкин намекард, ки банда худ шоҳиди даргириҳои лафзӣ миёни афроди тарафайн ва бархурдҳои низомӣ дар дохил ва беруни шаҳри Мазори Шариф будаам. Ва ин дар ҳоле буд, ки Муҳаммади Муҳаққиқ намояндаи сиёсии ҳизби Ваҳдат дар шимол буд, робитаи наздик ва ҳамкории фаъол бо Дӯстум дошт ва аз салоҳиятҳо ва ҷойгоҳи худ дар канори Дӯстум розитар ба назар менамуд. Қумондони гурӯҳи мусаллаҳи танзими ҳизби исломии Ҳикматёр ба номи Ҷумъахон мутахаллис ба Ҳамдард, ки аз паштунҳои вулусволии Балх буд, дар канори Дӯстум дар доъияи Ҷунбиши миллии исломӣ зоҳиран худро шарик медонист. Ҳамчунон Насими Меҳдӣ низ аз фармондеҳони шимоли ҳизби исломӣ дар вилоёти Форёб ва Ҷузҷон ҳамкоса ва ҳавохоҳи сарсахти Дӯстум буд. Соири гурӯҳҳои хурду кӯчаке, ки марбут ба танзимоти таълифоти ҷиҳодӣ буданд, бо ихтилофоти зотулбайнӣ, ки дар тӯли ҷиҳод ва муқовимат миёни худ доштанд, раҳбарии Дӯстумро тарҷеҳ медоданд, то аз тариқи шӯрои низомӣ савқ ва идора гарданд, то ин ки ба ҷони ҳам биафтанд, зеро шароити ҷанг ва вазъи низомии сиёсӣ дар кулл тағйир карда буд. Дигар онҳо раҳбарони худро қонеъ барои тадовуми ҷанг бо якдигар ба ҳар баҳонае, ки дар собиқ метарошиданд, наметавонистанд бикунанд. Барои он ки аз як тараф, манобеи аслии кӯмакҳо барои танзимҳо хушкида буд, дигар ин ки дар саҳнаҳои набард касоне буданд, ки аз имконоти қавии низомӣ ва пулӣ баҳраманд буданд, мисли Бурҳониддин Раббонӣ, Аҳмадшоҳи Масъуд, Гулбиддини Ҳикматёр, Дӯстум, А. Мазорӣ ва Исмоилхон аз ҷониби ҳам онҳо чун дар мавқеъият ва хиттаи қудрати нерӯманди низомӣ ва сиёсии Дӯстум ва Ҷунбиши ӯ қарор доштанд, аз ин рӯ маслиҳатҳои хуберо барои бақои насбулайни худ бо

алқоби намояндаи ин танзим ва он танзим бо ахзи имтиёзоти молӣ ва қисман низомӣ аз Дӯстум ба бақои худ дар ҳудуди шимол идома доданд ва Дӯстум низ аз танаввӯи гурӯҳӣ ва қавмӣ баҳрабардории сиёсии муассире дар фаъолиятҳои баъдӣ дар баробари рақибони ҷиҳодии худ намуд. Аммо ҷунбишиҳои аслӣ, ки се гурдони асосиро дар идораашон доштанд, чун ҷенерол Мӯъмин, ҷенерол Сайидҷаъфар ва ҷенерол Дӯстум бо он ки чакидаҳои собити низоми гузашта буданд, аммо қудрати мутмаини иҷроӣ дар сафаҳоти шимол бар Дӯстум буд. Дар ин ҷамъ ҷенерол Мӯъмин бо мантиқи худаш чандон бо салоҳиятҳои ҷенерол Дӯстум бо фарохноии азиме қудрати низомиаш ҳатто дуртар аз мавқеиятҳои низомиаш, яъне шаҳраки Ҳайратон розӣ набуд. Зеро, аз як сӯ, ӯ худро оғозгари ҷунбиш медонист ва дигар ин ки ҷенерол Мӯъмин чун фирқаи механизаи Ҳайратонро ба як фирқаи қавмии маҳаллӣ мубаддал намуда буд, бардоштҳои бадбинонаеро аз мавҷудияти ӯзбакҳои мусаллаҳ дар манотиқи Хулм ва Ҳайратон дар ӯ ва атрофиёни ӯ эҷод намуда буд. Ихтилофот рӯз ба рӯз дар вазъи ҷадиде боло гирифта буд, ки Дӯстум алайҳи Масъуд дунболи баҳонаи ҷанг буд, дар ҳоле ки ангезаҳои аслӣ аз назари нависанда дар ин ихтилофот бардошти воҳид аз ин гуна, ки гӯё Дӯстум тавассути Озодбеки Покистонӣ дар каманди пантуркизм афтида ва нохоста мавриди баҳрабардории як ҷараёни сиёсии матруд ва бо собиқаи торик дар минтақа қарор гирифтаем ва ё ин ки ҷенерол Мӯъмин бо шӯрои нузор пайваста, дигар бо унвони ёру муттаҳиди собиқи мо амал намекунад ва ҳамаи захоир ва маводи базаҳои Ҳайратонро ба Панҷшер ва Кобул дода, бидуни машварае қумондонии низомӣ ва ҳайати раҳбарии шимол, инҳо ҳама ангезаҳои норавшане буданд, ки ду ҷенеролро ба фаъолиятҳои хасмона алайҳи якдигар тарғиб мекарданд. Бо он ҳам ташаннуҷи хомӯш дар шаҳри Мазори Шариф ва соири вилоёт ба асари ихтилофоти фармондеҳони пурқудрати ҷамъияти исломӣ, ҷенерол Дӯстум ва ҷенерол Мӯъмин маҳдуд набуд, балки дохили ҳастаи низомии гурдони Дӯстум дар ҷунбиши исломӣ низ

як сари ихтилофоти маҳаллӣ ва шахсӣ миёни Расули Паҳлавон ва ҷенерол Дӯстум низ гоҳ-гоҳе эҳсос мегардид. Расули Паҳлавон мавзеи тундравона нисбат ба муҷоҳидини гурӯҳҳои ҷиҳодие, ки худ аз муҷоҳидини ҳаракати инқилоби исломӣ буд, дошт. Ва бо ниҳояти қасовату бераҳмӣ ва таассуб дар баробари муҷоҳидини маҳаллӣ амал мекард. Ҷенерол Дӯстум бар хилофи Расули Паҳлавон аз мадоро кор мегирифт ва бо маслиҳатҳои замонӣ бархурд мекард. Ба ҳар ҳол дар шимол нисбат ба соири манотиқи Афғонистон, ки даргири ҷанг, беамнӣ, потакбандии роҳҳо ва азияту озори мардуми одӣ буд, нисбатан мантиқи боамн ва босуботи ягона коре, ки аз ҳама бештар барҷаста ва мутабориз ва дархури таъйиди умуми мардум буд, фаъол нигоҳ доштани марокизи идорӣ, таъсисоти суннатӣ ва ниҳодҳои фарҳангии омӯзишӣ, ҳатто боз шудани намояндагиҳои сиёсии баъзе аз кишварҳои ҳамсоя, чун Ӯзбакистон ва Туркманистон дар сатҳи консулӣ, ки суҳулати зиёдеро барои омадушуди хориҷиён ва баъзан визаи ҳамватанони мо фароҳам оварда буд ва назму насқи (тартиб) ташкилотҳои низомӣ ҳарчанд бо боздеҳи кайфияти пойин ва навъе таварруми ташкилотӣ ва бехосиятӣ, махсусан дар соҳаи мулкӣ ва низомӣ ҳамроҳ буд ва он тавре, ки ихтиёрот ва салоҳиятҳои ҷенерол Дӯстум на дар сатҳи вилоят ба санҷиш меомад ва на дар ҳиттаи иқтидори як давлат. Яъне ки дар шимол идора ва ҳукумати вижа зери фармони Дӯстум фаъолият мекард, бо он ҳам дар кулл шароит қобили таҳсин ва тамҷид нисбат ба соири манотиқи Афғонистон фароҳам омада буд, ки он мавҳибатро метавон дар гарави навъи маҳорат ва зарангии ҷенерол Дӯстум ва ҳайати мушовараи раҳбарии ӯ, ки умдатан мӯҳраҳои корозмудаи сиёсиву низомии режими қаблӣ буданд, донист. Ягона заъфи раҳбарии ҷунбиш аз ҳама бештар ба ақидаи нависанда дар он буд, ки афроди мусаллаҳи худро дар Кобул даргири ҷангҳо ва кашмакашҳои қудрат сохт, ки латмаи бузургеро баъдҳо ба ҷабини сиёсии худ камоӣ (ҳосил) намуд ва боиси силсилаи беэътимодиҳои сиёсӣ аз ӯ дар оянда гардид.

# ЧАНД СУХАНЕ ИЛҲОҚӢ

Пас аз он ки муҷоҳидин ба шаҳри Кобул мусаллат гардиданд ва дар ҳоли густариши ҳокимияташон дар кулли Афғонистон буданд, шаҳри Кобул ҳолу ҳавои аҷибе дошт. Дар гӯшае аз шаҳр агар мардум ба истиқболи муҷоҳидин мешитофтанд ва назароту хайрот ва дуохониҳоро сар медоданд, дар гӯшаи дигар тавассути ҳамин муҷоҳидин молу манолашон ба сирқат бурда мешуд ё хонаҳояшон аз эшон рабуда мешуд. Ё ҳам ба баҳонаҳои мухталиф ба сари мол ва мероси давлати гузашта ба ҷангҳо ва душманиҳо мепардохтанд, ки ба асари он аҳолии шаҳри Кобул азизон ва бастагонашонро аз даст медоданд ва оҳу зиҷҷаву зориашон гӯшҳоро ором намегузошт. Бо ин ки мардум интизори таваққуфи вазъи ҷории фавқро доштанд, вале рӯзҳо мегузашт ва мардум ҳамчунон бо бетартибиҳо ва бесариҳо, ки натоиҷи бади дар зиндагии шаҳриашон ҳукмфармо гардида буд, яъне оби ошомиданӣ вуҷуд надошт, қиматҳои ашёи мавриди ниёзи мардум рӯз ба рӯз боло мерафт, шабакаҳои барқӣ, ки дар бештари нуқоти шаҳр барқи ҳароратӣ мавриди истифода қарор мегирифт, тил (бензин) ва пурзаҷоти (чизу чора) истишанҳои он ва дастгоҳи барқӣ он ба яғмо бурда шуда буд, дигар аз барқ хабаре набуд.

Макотибу кӯдакистонҳо, донишгоҳҳо, вазоратхонаҳо ва дар маҷмӯъ таъсисоти давлатӣ ба маҳалли таҷаммӯъи афроди ин танзим ва он танзим мубаддал гардида буд. Кормандони давлатӣ, махсусан аъзои ҳизби Ватан илова бар ин зери як навъ фишори рӯҳии шадид (стресс) қарор доштанд. Ва нисбат ба оянда ва сарнавишташон шадидан нигарон буданд. Фармони авф, ки аз тарафи С. Муҷаддадӣ, аввалин раиси ҳукумати муҷоҳидин эълом гардида буд, чандон қобили эътимод наменамуд. Чунон ки маҳкамаи ихтисосӣ аз ҷониби баъзе раҳбарон эълон гардид, ки дар пешопеши онҳо устод Раббонӣ қарор дошт. Зеро роҳбарони ҷиҳодӣ ҳар яке аз Покистон ва Эрон меомаданд, аз фармону шароити афв таъбироти худро мена-

мударанд. Ин комилан мантиқӣ ҳам менамуд, барои ин ки ҳар як танзим сиёсат ва роҳу расми давлатдорӣ ва раҳбарии худро дар азҳон илқо менамуданд. Ҳатто барои таслимгирии қудрат ва ирсоли намояндаи комилихтиёр аз номи муҷоҳидин ба тафоҳум нарасида буданд. Аз ин рӯ ҳар кас дар пайи чораву илоҷи ояндаи худ мебаромаданд. Банда, ки таҳсилоти давраи мутавассит, лиса ва донишгоҳии худро дар тӯли давраи ҳокимияти ҳизби демокаратики халқи Афғонистон дар Кобул ба сар расонда ва фориғултаҳсили риштаи техники родори Пуҳантуни ҳавоӣ ва мудофиаи ҳавоӣ будам, вазифаи охиринам муаллими дарси сиёсӣ (коркуни сиёсӣ) дар яке аз қитаоти родори горнизони ҳавоии Багром буд. Дар остонаи вуруди муҷоҳидин дар бархе аз нуқоти кишвар гурӯҳҳои муҷоҳидини шӯрои нузор низ қабл аз духул ба шаҳри Кобул дар майдони ҳавоии Багром мустақар гардида буданд, ки баъдан групҳое аз иттиҳоди исломӣ низ бо онҳо пайвастанд. Бисмиллоҳхон – қумондони маъруфи Шӯрои низор, ки контролкунандаи аслии муҷоҳидини дохили майдони Багром буд, дар гармогармии вуруди муҷоҳидин ба Багром дар яке аз ҷаласоташ, ки ҳама масъулин, кормандон ва афсарони қумондонии умумии горнизони ҳавоии Багром иштирок намуда буданд, онҳоро мухотаб қарор дода, дар давоми сӯҳбатҳояш ба ду нукта ишораи сареҳ ва возеҳ намуд. «Бародарҳои азиз, шумо медонед, ки дар Афғонистон беш аз даҳ сол аст, ки ҷанги мусаллаҳона равон аст. Русҳо таҷовуз карданд. Миллат ба по хост. Алайҳи ишғол ҷиҳод карданд. Хушбахтона, русҳо бар асари муқовимати миллат билохира Афғонистонро тарк гуфтанд. Мо мӯътақид будем ва ҳастем, ки дигар ҷиҳоди афғон алайҳи афғон ҷавози шаръии худро надорад, аз ин рӯ бо бародарон тафоҳум намудем ва бародарон хости моро дар роҳи барқарории сулҳу оштӣ лаббай гуфтанд, яъне мо даст дароз кардем ва шумо ба мо даст додед ва дастони моро фишурдед, мо ба кори ҳеҷ кас дар ҳеҷ мавриде мудохила нахоҳем кард ва шумо соҳиби мансаб ва аҳли кору ҳирфа ҳастед. Монанди гузашта ба корҳоятон

давом диҳед. Агар мушкиле ҳам, ки пеш омад, аз тариқи мо ва ҳамкории бародарон ва масъули идораи горнизон ҳал хоҳем кард». Вале ҳафтае сипарӣ нагардида буд, ки як тан аз афсарони омирияти майдони горнизон дар маллаи ом гӯё ба дастури Мирвайс – қумондони иттиҳоди исломӣ мавриди лату кӯби афроди марбут ба он танзим қарор гирифт. Чанд рӯз баъдтар бархурди шадид ва хунин дар тавзеҳи мамер (руғаниёт) ва соири нақлияи майдон дар соҳаи мамери Багром миёни муҷоҳидини шӯрои нузор ва иттиҳоди исломӣ сурат гирифт, ки теъдоди зиёде аз афроди бегуноҳ аз ҷамъи омирин куштаву захмӣ гардиданд. Дар даруни горнизон соҳаи фаъолияти корӣ махсусан афсароне, ки дар бахшҳои лужистикӣ ва таъминотӣ масруфият ва вазифа доштанд, тавассути мушовирини ҷиҳодӣ маҳдуд ва ё ҳам сабукдӯш мегардиданд. Аз ҳама тарсовар ин ки сару садоҳое ба гӯш мерасид, ки афроди ҳизби исломӣ ба фармондиҳии муаллим Фатеҳ ва Сабури Фарид анқариб болои майдони низомии Багром ҳамла менамояд. Баъзан ракетҳои «Музоил» низ аз соҳаи ин ду қумондони ҳизби исломӣ аз шимол ва ғарби майдон дар соҳаи горнизон фуруд меомад. Афсарон зери таъсири як навъ фишори рӯҳӣ ба вазифа ҳозир мегардиданд, кору вазоифи низомӣ бехосият шуда буд, назму дитсиплини аскарӣ аз ҳам пошида буд. Рӯз ба рӯз шумори афсарон ва сарбозон ба далоили мухталиф суфуфи урдуро тарк мекарданд ва гар теъдоде ҳам дубора ба қитъа ва ҷои кораш ҳозир мегардид, мавриди суизан (шаккардан) ва машкук қаламдод шуда, гӯё бо ҳизби исломӣ дар муддати ғиёбат ҳамкорӣ доштааст.

Лозим ба ёдоварӣ медонам, ки банда, ки дар шаҳри Кобул хонаи шахсӣ надоштам ва дар ҳавлии шахсии момоям (бародари модар) бо пардохти кирояи ду утоқ, ки маблаҷи ду ҳазор афғонӣ дар моҳ мешуд, зиндагӣ мекардам. Ҳарчанд момоям марди ниҳоят меҳрубон ва дилсӯз ба сарнавишти фардоям буд ва чандон тамоил ҳам ба ахзи пули кироя аз ман надошт, худ маҷбураш менамудам, ки пули кирояи моҳвор аз ман биситонад. Зеро момоям му-

аллим буд, ҳуқуқи як муаллим се баробар камтар аз ҳуқуқи моҳвори як афсари низомӣ буд. Ҳуқуқи як афсари низомӣ ба таври авсат 9 ҳазор афғонӣ буд, дар ҳоле ки маоши як корманди мулкӣ, минҷумла муаллимин 3 ҳазор афғонӣ сирф бо имтиёзи маводи купонӣ. Афсарони урду низ аз панҷ қалами ҳамон маводи купонӣ як бури (халта) орд, ки қалами асосӣ буд, дар моҳ илова бар маоши моҳвор дарёфт мекарданд. Алқисса, ба машвараи дӯстон ва наздикони дилсӯз оҳанги сафар ба шаҳри Мазори Шарифро намудам. Дар он вақт овоза чунин буд, ки дар шаҳри Мазори Шариф ва ҳокимияти маҳалии он ҳеҷ тағйире наомада. Ҷиҳодиҳо аслан дохили шаҳр нашудаанд ва гар шудаанд дар маҳаллоти дури марокизи давлатӣ ҷо ба ҷо гардиданд. Аз ҳама муҳимтар ин ки тамоми қувватҳои ҷиҳодӣ ва ғайриҷиҳодӣ дар паймони маҳкам амал мекунанд. Ва дар ҳама ҷо амният ба сони гузашта устувор аст. Агарчи ин сару садоҳо баромада аз бардошти сода ва сатҳии мардуми авом буд ва ман ҳар қадар кӯшиш намудам чигунагии воқеъи вазъро аз натиҷаи як таҳлилу санҷиш бифаҳмам, вале муваффақ ба дарёфти ҳамчу шахсе бинобар тангии вақт нашудам. Ба ҳар ҳол роҳии шаҳри Мазори Шариф шудам. Дар арзи роҳи Кобул-Мазор афроди мусаллаҳи зиёде ба чашм мерасид, ки муҷоҳидин буданд, кулоҳ ё (пакулҳои) ҷиҳодиашонро бо ҷалфе(сабке) ба ақиби сар мегузоштанд ва бо либоси ҷиҳодиашон мубоҳот менамуданд ва аз пирӯзии худ ба якдигар пос (сохтан) медоданд. Дар роҳи Кобул-Мазор, ки дар гузаштаҳо сирф қаторҳои низомӣ рафтуомад мекарданд, барои афроди давлатӣ хусусан низомиҳо сафар кардан бо васоити нақлияи мулкӣ хатарнок буд. Аз ин рӯ бароям ҷолиб буд, ки баъд аз гузашти солҳо бо мутар сафар мекардам. Ва аз зебоиҳои табиат ҳаловат мебурдам. Саранҷом бо вурудам ба шаҳри Мазори Шариф шаҳр дар як намо аҷиб ба назарам менамуд. Бар хилофи шаҳри Кобул, ки муҷоҳидин бо ришҳои анбӯҳу дароз ва кулоҳҳои мудаввари дар худ лоёфта (печхурда) пакул болои мӯйҳои муҷаад ва тобгирифтаашон ва шалворҳои ариз бо кисаҳои мутааддид, ки

бутҳои соқдори баланд, лаббаҳои шалворҳоро дар худ фурӯ бурда буд, мошиндорҳои калашникови русӣ, мисрӣ, эронӣ ва амрикоӣ ва ракетандозҳои РПГ-ро ба дӯш андохта ва фишингдонҳо ва бамҳои дастиро ба худ меовехтанд ва тасмаву таҷҳизоти каммариҳои ариз ва захим бо пушҳои тикаии торӣ (ё ҷирӣ), ки қисматҳои мунфасилёфтааш бастаҳои мармии шоржури си файрро дар худ ҷо дода буд, дар баданҳояшон часпонида ва оро ёфта буданд. Дар шаҳри Мазори Шариф намоиши дигаре ба роҳ афтида буд. Афроди мусаллаҳи марбут ба ҷенерол Дӯстум ҳарчанд ки дар ҳукуматҳои собиқ мардум бо номи қитъаоти қавмӣ ва малишаӣ ва вазоифи низомии давлатиашон ошноии кофӣ доштанд, вале ин бор, ки худи Дӯстум дар раъси идораи як ҳукумати маҳаллӣ қарор гирифта буд, зоҳиран худро ниҳоят фарди дилсӯз ва меҳрубону ботинат ба намоиш гузошта буд ва ба символи тамсили ваҳдати тасаннӯии низомӣ низ мемонд. Тавре ки ҷиҳодиҳо аз як сӯ, тундравон ва мутаассибини қавмии ӯзбак аз сӯи дигар ва дастаҳои кӯчаки низомӣ, ки дар фирқаи низомии 53 дар гузашта алайҳи гурӯҳҳои муҷоҳидин дар ин ва ё он минтақа ба дастури давлат меҷангиданд, бо хую хавоси низомии ба ирс бурдаашон, ки ҳатто асабияти қавмӣ низ надоштанд, симои низомӣ дар кулл ҳароснок менамуд. Бо ин ҳама теъдоди бешуморе аз мардум аз маркази Кобул ва манотиқи дигари Афғонистон ба шаҳри Мазори Шариф муҳоҷир гардиданд, ки нишонаи (аломат) аслии муҳоҷират ба шимолро маъмурин ва аъзои ҳизби Ватан ва дар маҷмӯъ кормандони ҳукумати собиқ ташкил медод. Ҷенерол Дӯстум, ки раҳбари ҷунбиши сафаҳоти шимол буд, дар баробари муҳоҷирин ва беҷошудагони шаҳри Кобул ва вилоёти Афғонистон тартиботи хосе ба номи гурӯҳи кор ба вуҷуд оварда буд. Ин идора ду вазифаи аз ҳама асоситарро ба ӯҳда дошт. Аввал ин ки ба сурати умум дар қисмати таҳияи ҷо ва тавзеҳи миқдоре аз маводи хӯрокии аввалия ба муҳоҷирини Кобул буд, ки ин прусса дар таи замони андаке мутавақиф гардид, вале вазифаи дуюм, ки ҷалбу

ҷазби афроди маслакӣ ва аҳли ҳирфа буданд, дар ургонҳо ва идороти шимол, махсусан Балх ва Ҷузҷон идома ёфт. Ин шева то ҷое пеш рафт, ки баъдҳо чанд нафар дар як пост ва вазифа таъйин ва тақаррур меёфтанд ва як навъ таварруми (пундиданд) хоси идориро ба вуҷуд оварда буд. Банда низ аз ҷамъи муҳоҷирини Кобул бо машвараи Ҷонмуҳаммад ном як тан аз афсарони амнияти миллии ҳукумати собиқ, ки дар вилояти Қундуз анҷоми вазифа менамуд, номбурда низ чанде пештар аз банда ба Мазори Шариф муҳоҷир гардида буд. Ҷараён тавре буд, ки банда аз рӯи тасодуф мехостам дар яке аз поркҳои равзаи шоҳи вилоятмаоб ба тафреҳ ва гаштзанӣ бипардозам. Эшон, ки дар гӯшае аз як дарозчавкӣ дар васати порк нишаста буданд, ман ҳам дар канори дигари ҳамон дарозчавкӣ нишастам. Аз рӯи одат лаҳзае нагузашта буд, бо номбурда ҳамсӯҳбат шудем. Баъд аз он ки Ҷонмуҳаммад чизҳое аз саргузашти худ бароям қисса кард, дарёфтам, ки ӯ дар минтақа ва ҳудуди шимол бо вазъ ва ҳолот ошно аст. Ман ҳам бо шарҳи гузаштаам ва ин ки дар шаҳри Мазори Шариф чӣ бояд бикунам, Ҷонмуҳаммад бароям машварат дод, ки як донишгоҳи низомӣ феълан дар сафаҳоти шимол дар ҳоли эҷод шудан аст. Худам, ки дар он ҷо ба ҳайси афсари низомӣ дархости тақаррурӣ додаам, шумо ҳам метавонед муроҷиа намоед. Одами босавод ҳастед, таҳсилоти олии низомӣ ва собиқаи тадрис доред, ба шумо зарурат ҳаст, шуморо ҳатман қабул мекунанд. Ба рӯзи баъд қарор гузоштем, то ҳар дуи мо ба маҳалли донишгоҳи низомӣ рафта, аз наздик бо ҳолу ҳавои он ошно шавем. Ва бо ҳамдигар худоҳофизӣ намудем. Рӯзи дигар бо дӯстам Ҷонмуҳаммад роҳии қароргоҳи донишгоҳи низомӣ гардидем. Дар саҳни қароргоҳи низомӣ, ки дар соҳаи риҳоийиши маъмурини горзинои майдони ҳавоии Мазори Шариф ҷо ба ҷо гардида буд, албатта, гуфтанӣ аст, ки ин соҳа бо доштани даҳ блоки риҳоийши аз гузашта монда даруни ҳаёт ва баъзе сохтмонҳои зарурии дигар аммо маҳвата ва соҳаи васеи сабз ва ҷодаи асфалтшуда аз шаҳр илло блокҳо дар замони Ҷумъа Асак, ки қумондони опе-

ративии шимол эъмор гардида буд. Ба ҳар ҳол минтақаи зебо ва диданӣ буд. Дар саҳни ин блокҳо касоне ба чашм мехӯрданд, ки бароям ошно ва ноошно менамуданд. Аз вазирони ҳукумати собиқ, муинон (муовинон), қумондонони кулли урдуҳо ва шахсиятҳои сиёсиву низомии давлати собиқ, устодон ва донишҷӯёни донишгоҳҳои низомӣ, донишгоҳи ҳавоӣ ва мудофиаи ҳавоӣ, академияи Сорандуй, ҳарбӣ – пуҳантун ҳанӯз дар ҳоли омода шудан буд. Ҷалбу ҷазби афроди маслакиро дар риштаҳои мухталифи низомӣ, заминӣ, ҳавоӣ ва Сорандуй ба ҳайси устод афсари идорӣ, аҷир ва соири бахшҳои лозимӣ ва ҳамчунон ҷазби фориғини синфи 12 макотиб ва лисаҳои сафаҳоти шимол ва соири ҷоҳо ба шиддат давом дошт. Банда низ бо пешкаш намудани асноди лозим ва зарурии таҳсилӣ ва собиқаи корӣ ва маъмуриятам ба шӯъбаи кадрии пуҳантун (донишгоҳ) чанде баъд бо оғози расмии фаъолияти донишгоҳ шӯъбаи кадрӣ фармоне аз муқаррариҳоро иблоғ намуд, ки дар он банда ба ҳайси дастёри қумондони пуҳантун таъйин гардидам. Баъд аз гузашти чанд моҳ ба асари дархости худам ва ба идомаи корҳои қаблии тадрисиам хостам дар бахшҳои тадрисии донишгоҳ (пуҳантун) вазифа иҷро намоям, ки хушбахтона, қумондонии пуҳантун ва раёсати тадрисот дархостамро пазируфта ва мутобиқ ба прусияи вазоифи тадрисӣ муддати як солро ба ҳайси муовини устоди мазмун (асистент) сипарӣ намудам. Ва баъд аз хатми давраи муайян ахзи имтиҳон ва пешбурди семинори методикӣ расман ба ҳайси устоди донишгоҳи низомӣ ба вазифаи устод дар кофедрои улуми иҷтимоӣ шурӯъ ба кор намудам. Донишгоҳ болотар аз ҳазор нафар муҳассилро дар синфҳои мухталиф аввал, дуввум ва севум таҳти омӯзиш ва парвариш қарор дода буд ва дар ҳудуди сад тан устоди маслакӣ ва муҷарраб ба тадрис мепардохтанд. Донишгоҳи низомӣ ба фармони устод Раббонӣ раиси ҳукумати вақти муҷоҳидин ва дар натиҷаи пуштибонӣ аз ин назария ки кадрҳои маслакии низомӣ ба хусус таҳсилёфтагони донишгоҳҳои низомӣ дохил ва хориҷ мутафариқ нагарданд, то дар фурсати муносиб барои эҳёи

дубораи урду ва ба масобаи захираи мутмаин истифода сурат гирад. Гуфтаи фавқ қисмате аз суханронии Дӯстум буд, ки дар нишасте бо устодон дар остонаи ифтитоҳи расмии донишгоҳи низомӣ дар мақари фармондеҳиаш дошт. Вале бо дареғу дард, ки бо гузашти замон ҷудо аз бархе корҳо ва фаъолиятҳои символи низоъҳои гурӯҳии қавмӣ ва самтӣ тавассути афроди муайяни берун аз пуҳантун ба раҳбарии пуҳантун дикта мешуд. Муҳассилин баъзан ба ҷои фарогирии дурусти аслиашон зери таъсири таблиғоти сиёсии гурӯҳҳои ба истилоҳ қавмии ҳомияшон қарор мегирифтанд. Дар сунуфи дарсии махсусан дуруси сиёсӣ, ки банда тадриси мазмуни масоили мубрамро доштам, муҳассилин таваққуи онро доштанд, ки ҳадаф ва мавзӯи дарс дар ҳошияи корномаҳои танзимҳои дилхоҳашон айёр гардад. Дар ҳоле ки ҷунбиш ва ҷунбишиён исрор доштанд, ки меҳвари ҳама корот дар шимол созмони ҷунбиш аст. Пас сиёсатҳои ҷунбиш шомили програмаи дарсие мазмуни масоили мубрам гардад. Хулоса, дар маҷмӯъ полисҳои кории донишгоҳ ба самти сӯю сиёсатҳои ҳизби ҷунбиш дар ҳаракат уфтода буд. Махсусан замоне ки муносиботи ҷунбиш бо марказ дар остонаи хароб шудан мерафт. Футуҳҳои раиси давлат – Раббонӣ ва Масъуд – вазири дифоъ аз рӯи деворҳо поин оварда мешуд. Ҳамон тавре ки пуҳантун дар як вазъи дарҳаму барҳами сиёсӣ ва низомӣ таъсис гардид бо мурури айём аз ҳар таҳаввули рӯйдоде бо тамоми қувват ва имконаш мутаассир мегардид. Муҳассилин рӯз ба рӯз аз дарсу таълим фосила мегирифтанд. Устодон аз набуди маош ва таъмини зиндагӣ менолиданд. Ба дарс ва донишгоҳ кам меомаданд. Махсусан замоне ки як тан аз устодони бисёр шариф, мӯҳтарам ва муҷарраб, ки таҳсилоти олиашро дар маслаки пиёдаи низомӣ дар Русия хатм карда буд, дар Қалъаи ҷангӣ дар ҷараёни тадрис мавриди лату куби Лаълқумондон як тан аз қумондонони Дӯстум қарор гирифт, ки воқиъан мояи афсурдагии ҳама устодон гардид. Дар солҳои охир рӯҳияи устодон комилан шикаста ва фазову муҳити пуҳантун ваҳшатовар гардида

буд. Бо он ҳам донишгоҳи низомӣ то вуруди Толибон ба фаъолияташ идома дод ва дар тайи чор давраи таълимӣ муҳассилинро бо савияҳои мухталиф ва маслакҳои гуногун фориғ дод ва ба қитаоти низомии сафаҳоти шимол ва урдуи давлати исломӣ тақдим намуд.

Аммо аз вазъияти шаҳри Кобул пойтахти кишвар, ки баъд аз суқути ҳукумати ҶА ва авзои соири манотиқи дуру наздик, ки ҳадафи ишғоли ҳар танзим ва гурӯҳи мусаллаҳ ва ниҳоят ҳар фарди мусаллаҳу муҷоҳид қарор гирифта буд, чизе бигӯем. Аҳмадшоҳи Масъуд, ки меҳробу марказ ва нуқоти стратегии шаҳрро дар контрол дошт ва бинобар ниёти қаблиаш, ки дар ҷаласаи Ҷабалуссироҷ бо муттаҳидини низомии худ мавзӯи вуруди муҷоҳидин ба шаҳрро таъкид дошт, на ҳуҷумӣ ва кетлавӣ (дастаҷами) монанди Ҳикматёр. Махсусан гурӯҳҳо ва дастаҳои мухталифи ин ва ё он танзими муқим дар атрофи Кобул, ки қудрати маҳор кардани эҳтимолии онҳоро дар худ медид, вале баъдан аз сарозер шудани бетаносиби муҷоҳидин низ ҷилавгирӣ нанамуд. Зеро ба ақидаи нависанда Масъуд замон ва шароити дар суқут қарор гирифтани давлатии ҶА ва чигунагии инкишофи авзоъи баъдиро аз лиҳози сиёсӣ ва ҳам низомӣ дар берун ва дар дохил бо диққат ба таҳлил гирифта буд, ки самараи ибтидоии ҳамин диққати назараш тафоҳум ва музокирот бо фармондеҳони шимол ва гурӯҳҳои мусаллаҳи баъзе вилоёти шимолӣ ва ҷалбу ҳимояти ва ҳамкориашон аз шӯрои нузор ва дар айни ҳол суқути Кобул зери фишори қувватҳои низомии ӯ маҳвил намудани файсалаи баъдии сарнавишти ояндаи сиёсии миллат ва фароҳам намудани ва таслимии низом ба раҳбарони ҷиҳодӣ буд, ки дар ҳақиқат эътибор ва ҳайсияти ӯро ба масобаи як чеҳраи тавонманди низомӣ ва шахсияти қобили итминони сиёсӣ дар дохил ва берун матраҳ сохта буд. Аммо бо ин ҳама муваффақиятҳое, ки Масъуд ба даст оварда буд, нафси як стратегии сиёсӣ ва низомӣ дар он мавқеъ аз ҷониби он набуд. Ба баёни дигар, яъне Масъуд мӯътақид ба тасаллут ба тамоми Афғонистон ҳатто шаҳри Кобул дар он мавқеъ, ки

вазъи ҷомиа аз ҳар зовияе дар талотуми маргбори сиёсӣ қарор дошт, набуд. Пирӯзии Масъуд аз назари нависанда ҷавви муносиби худро надошт, зеро кор аз маҷрои дурусташ оғоз наёфта буд ва чандон амалӣ ба назар намеомад. Масъуд, ки махсусан аз вазъи ҷиҳоду муқовимат ва рӯҳияи муҷоҳидин ва дар маҷмӯъ характер ва хавоси аҳзоби ҷиҳодӣ ба хубӣ огоҳӣ дошт ва аксари авқоти худро дар ҷангҳо бо қувваи шӯравӣ ва давлати Кобул гузаронида буд, аз ҷоҳталабиҳои фи мобайни муҷоҳидин дар даврони ҷиҳод дар шакл ва анвоъи мухталифи он низ воқиф буд ва билохира ӯ дар минтақа ва деву девори худ ба муқовиматҳои хунин ва пурсару садо пардохта ва дар тӯли ҷиҳод фармондеҳи низомӣ буд, мехоста раҳбарони ҷиҳодиро рӯи як асоси маҳкам ва нақшаи ҷомеи сиёсӣ ғарази тасҳили раванди суқути ҳокимияти Наҷиб ва эҷоди давлати исломӣ тарғиб намояд. Бо ин ҳама ҳаргиз шароит он қадар барои инсон мантиқӣ фароҳам намешавад то инқилобро оғоз кунад. Яке аз афроди мусаллаҳи ӯ дар даврон ва муқовимати дуюм дар яке аз рӯзҳое, ки Толибон ба Ҳамбаркӯҳ даст ёфта буданд ва шаҳри Толиқонро саросар ваҳшат ва изтироб фаро гирифта буд, дар ҷамъи дигар аз ҳамкорони худ, ки рӯи тахти яке аз чойхонаҳои шаҳри Толиқон нишаста буд, маълум мешуд, ки панҷшерӣ аст, сӯҳбат мекард. Банда, ки дар фосилаи на чандон дур аз онҳо қарор доштам вазъи умумии саросемагии мардум аз эҳтимоли суқути ва бархӯрди Толиқон ва бархурди Толибон бо мардум дар ман низ таъсир намуда буд, ҳарчанд ки иштиҳое ба чой нӯшидан ва рафъи ташнагӣ надоштам, кӯшиш менамудам бо нӯшидани чой ба худ як навъ оромиши рӯҳӣ талқин намоям.

Ҳарфҳои онҳоро канда-канда мешунидам. Сарбози мусаллаҳ, ки дар ҷараёни сӯҳбаташ ба тарафи ман ва дигарон пайиҳам нигоҳ мекард, мегуфт, ки «Омир соҳиб қабл аз рафтан ба Кобул дар дараи Панҷшер ба теъдоде аз муҷоҳидине, ки давродаври ӯро ҳалқа намуда буданд ва шодиву сурури пирӯзӣ бар чеҳраашон нақш баста буд, гуфта буд, ки шояд, ба пирӯзии воқеӣ дар гирифтани

қудрат ва давоми ҳукумат ноил нашавем ё шояд, аз Кобул ақибнишинӣ намоем ва солҳо дубора ба набард ва муқовимат бипардозем». Муодили суханҳои мавсуфро родиои «Озодӣ» як моҳ қабл низ тафсира намуда буд. Фарди мусаллаҳ ҳарфҳои дигаре низ дошт. Вале банда чизи дигаре аз гапҳои онҳо нафаҳмидам. Ин гуфтаҳои он фарди мусаллаҳ фавран мусоҳибаи Масъудро, ки дар рӯзномаи «Шпигел» таҳти унвони «Ояндаи Афғонистон аз назари Масъуд» дар ахбори ҳафта мунташирёфтаи моҳи саратони соли 1372 ба ёдам овард, ки гуфта буд «Мо (муҷоҳидин) аслан омодагии лозим барои тасоҳуби қудрати сиёсӣ надоштем. Яъне, ки ҳукумати Наҷибуллоҳ аз нақшае, ки мо доштем, пештар ба суқут рафт ва аз саҳми қумондонон ҳар як ҷенерол Бобоҷон, ҷенерол Исо, ҷенерол Абдураззоқ ном бурд, ки дар режими Наҷибуллоҳ бо ӯ дар тамос ва ҳамкор буданд. Ва ё ин ки пас аз шикасти ҳамлаи муҷоҳидин ба шаҳри Ҷалолобод Масъуд дар соли 1989 таваққӯъ дошт, ки барои ҳаракат ба тарафи Кобул 4 соли дигар зарурат аст. (Зикрёфта дар китоби «Урду ва сиёсат»). Аз ибрози назари Масъуд чунин бармеомад, ки ӯ аз ин ки худро дар маърази як рӯйдоди бузурги сиёсӣ ва он қатъӣ ҳимояти шӯравии собиқ ва сиёсати ҷадиди Русияи федератив, ки дар раъси қудрат Б. Елсин қарор гирифт, нисбат ба Афғонистон мавзеи бетарафона ихтиёр намуда буд, ҳатто як мармии дигар ба давлати Афғонистон кӯмак нанамуд. Бо ин ҳол дар сарошеби суқут қарор гирифтани идораи Наҷибуллоҳ агар ба далели қатъи ҳимояҳои низомию сиёсӣ ҳомиёни байналмилалиаш буд ва ё ба далели беназмиҳое, ки дар дохили низоми Наҷибуллоҳ нашъат карда, аз бекифоятӣ ва адами коройии ҳукуматаш, ки табаоти ғайри контролшударо боис гардид, ба дур аз интизор ёфт. Аз ин рӯ тарҷеҳ дод, ки шомили ҷараёнот гардад, то ин ки берун бимонад. Бо он ҳам интихоби Масъуд як иқдоми тасодуфӣ ҳам набуд, балки санҷидаву дақиқ буд. Зеро ғайр аз Масъуд дар он мавқеъ Ҳикматёр ҳеҷ нерӯе ва ҳеҷ монее дар баробари аҳдофи сиёсиаш бо он ҳама собиқаи торик дар муносиботаш бо соири муҷоҳидин ва

танзимҳои ҷиҳодӣ барои касби қудрат ва барои ҳукумат кардан ва фардои ҳукумати худсохтааш, ки мегуфт бо зӯр низомро чаппа кард, шаҳри Кобулро дар ишғоли низомӣ даровард ва тасфияи хунинро миёни мардум ба роҳ андозад, дар саҳнаи низомӣ вуҷуд надошт. Аз ин рӯ худро дар мавҷи тӯфондае, ки ҳар он дар тағйиру талотум буд, дохил сохт ва марҳалаи аз ҳаёти сиёсиашро ба озмоиш гузошт ва он ба ду далел буд:

1. Касби машруияти хориҷӣ, ки солиёни мутамодӣ кишвари Афғонистон дар инзивои байналмилалӣ ба сар мебурд ва қариб ба аксарияти ҷавомеъ ва давлатҳои ҷаҳон хоҳони иодаи муносиботи судманде бо кишвари мо буданд ва машруияти дохилӣ, ки теъдоди мазиде аз мардуми Афғонистон мусалмон буданд.

2. Низову душмание, ки миёни муҷоҳидин дар даврони ҷиҳоди исломӣ вуҷуд дошт, бидуни шак пас аз суқути идораи Наҷибуллоҳ шакли даррандатар ба худ хоҳад гирифт.

Далели дуввум аз назари нигоранда дар бозори сиёсати ҷаҳонӣ дар тӯли ҷиҳоди исломии муҷоҳидин харидорҳои пуртавақӯъеро ёфта буд, ки ин даллолон ва муомилагарон ғайр аз матоъи мавриди ниёзашон ба чизи дигар намеандешиданд. Ҳарчанд Масъуд бо ҷуръат ва густохии тамом дар баробари ин даллолон ва муомилагарони сарнавишти инсонҳо, ки бидуни шак аҷноси тарафи алоқаашонро мерабоиданд, дар садади ҳазфи ин муомилаи камаршикан ва шароити тоқатзои (дархост) он баромад. Вале таҳмили он дар ҷомеа ногузир менамуд. Зеро Масъуд ба танҳоӣ наметавонист ҷилави хатари ношӣ аз онро бигирад. Магар бо кулли минтақа ва шуморе аз қудратҳо эълони ҷанг медод. Аз ин рӯ Масъуд талош мекард барои мақсади далели аввал талхиҳо ва тундиҳои далели дуввумро пазиро гардад ва барои аҳдофи сиёсии худ самту сӯи муносиб биёбад. Агарчи шарҳи фарзиёи боло дар сафаҳоти гузашта зикр гардида ва ё дар сафаҳоти баъдӣ такрори он дар ҷоҳои барои тасалсули (силсила) баёни матолиби навиштаи ҳозир сурат гирифтааст.

* * *

Аммо мардум, ки ҷавлонгоҳ ва арсаи тохту тозу кашмакашиҳои гурӯҳии шахсии ҳокимони ҷиҳодӣ ва сарони танзимҳои мухталиф ҳамчунин нозиру шоҳид бар аъмол ва кирдору сакаНоти онҳо буданд, бо гузашти ҳар рӯз пас аз омадани муҷоҳидин ба Кобул ҷанг, одамкушӣ, ғорат, вайронӣ, аҳдшиканӣ, зӯргӯӣ ба ёди рӯзҳои гузашта виҷдони худро мавриди истиҷвоб (бозхост) қарор медоданд, ки чи қадар мехостанд муҷоҳидин ин азизон, ин писарон ва падарон ворисини барҳақи кишвар рӯзе пирӯз гарданд. Ва моро ба орзуҳоямон бирасонанд, Худо коммунистҳоро ба ҷазояшон бирасонад ин ватанфурӯшонро. Вале он орзуҳои мо ба нобудӣ ва барбодӣ мубаддал гашт. Худоё, ту чи кардӣ? Муҷоҳидин, ки ормони муқаддас доштанд, алайҳи куфр ва бединӣ қиём карда буданд ва мо онҳоро кӯмак менамудем, дуо бароящон менамудем, аммо ҳоло онҳо ҳама чизро аз байн мебаранд, бо сурбу гулӯлаҳо ва бо рокет хун мерезанд. Онҳо хуни модарашонро, хуни фарзандонашонро, хуни ҳамсаронашонро ва хуни ҳамразмонашонро мерезанд. Ҳукумати муҷоҳидин бо раҳбарӣ ва идораи профессор Сабғатуллоҳ Муҷаддадӣ ташкил ёфта буд, дар шароите ба умри хеш идома медод, ки аз як тараф, бо адами пуштибонии мардум мувоҷеҳ шуда буд ва аз тарафи дигар, бо фуқдони ҳимояти раҳбарони ҷиҳоди бузургтарин рақиби сиёсии ӯ Бурҳонидин Раббонӣ буд. Касе, ки шахсе монанди Аҳмадшоҳи Масъудро дар паҳлӯи худ дошт ва аз қудрати низомии пуртавон бархурдор буд ва медонист, ки ҳазрати Муҷаддадӣ баъд аз инқизои ду моҳ ба василаи ӯ аз қудрат барканор мегардад.

Муҷаддадӣ барои идомаи муддати кӯтоҳи ҳукумати хеш рӯзҳои мутаволиро бо қабул намудани мардум ва фирақи гуногуни мазҳабӣ ва ақшори мухталифи Кобул сипарӣ кард. Дар масоҷид рафт, дар минбарҳо ваъз намуд, аз авфи умумӣ сӯҳбат кард ва барои сулҳу оштии миллӣ дуо намуд вале кадом хати машии сиёсии равшанеро

эълон накарда буд. На самтгирии сиёсии давлат ва ҷиҳатгирии иқтисодӣ ва иҷтимоии он маълум буд. Ҳиҷоби исломиро аксаран занон довталабона пазируфтанд ва наметавонистанд ҳам напазиранд. Дар аввалин рӯзҳо иддае аз кишварҳои арабӣ, урупоӣ низ бо онҳо пайвастанд. Амрико дар расмият шинохтани ин давлат тардиду тараддуд нишон дод. Аз хитобаҳои Муҷаддадӣ, ки маъмулан дар рӯзҳои ҷумъа эрод мекард, маълум мегардид, ки нахи сиёсии давлати ӯ ба дасти Покистон аст ва ҳар чи Навоз Шариф бихоҳад, ҳамон тавр иҷроот хоҳад гардид.

Тавре ки дар гузашта ишора рафт, шароити қаблии нобасомони давраи ҷиҳод агар заминаҳое парвариши ҳаводис ва иттифоқоти ногуворе пас аз пирӯзии муҷоҳидин буданд, бинувба давоми ҷангҳои ношӣ аз зӯрманишиҳои муҷоҳидин низ нагузошт то ҳукумати исломӣ ба маънои воқеии он ба вуҷуд ояд. Аз ин рӯ самараи мутаносиберо мувофиқ бо ниёт ва орзуҳои омилини нақшаҳои пушти парда ба бор овард. Хулоса, ин вазъияти аз қабл тарроҳишадуро Масъуд дар марҳилаи худ дошт. Бо он ҳам Масъуд эҳтимоли муваффақияти талошҳои худро дар ҷиҳати овардани як низоми сиёсии миллӣ бо мухолифини худ, аз ҷумла Ҳикматёр ба таври расмӣ ва ғайрирасмӣ ғайримунтафӣ (ғайринафабардор) намедонист. Аммо дарку фаҳми вазъияти сиёсии минтақаву ҷаҳон дар қиболи Афғонистон аз ҷониби иддае роҳбарони гурӯҳҳои ҷиҳодӣ, ки дигар сафҳае баргаштаву нақшафзории онҳо барои як сиёсати калони байналмилалӣ, ки иттакои аслии бурунмарзии онҳо ба ҳисоб меёмад, тамом шуда буд, маҳдуд ва ноқис менамуд. Ба хусус Ҳикматёр, ки дар зоҳир пешниҳодҳои мардумписандона доштанд, вале дар хуфя (пинҳонӣ) пайиҳам аз фишори низомӣ болои рақибони дирӯзи ҷиҳодии худ, аз ҷумла Масъуд исрор меварзид, дар маҷмӯъ ба масоили фавқ, аҳамият дода нашуд ва ё мавриди ғавру таҳлил аслан қарор нагирифт, ки ин ҳолат бо мурури айём на танҳо шикасти Ҳикматёрро дар саҳнаи таҳавуллоти сиёсӣ-низомии Афғонистон ва даст ёфтани ӯро ба қудрати сиёсӣ

тасҷил (саптшуда) намуда буд, балки ҳамаи гурӯҳҳои сиёсии ҷиҳодиро ба тарафи фалокати сиёсӣ мебурд. Биёед дар ин миён бархӯрди Ҳикматёрро ба шахси маъруф ва машҳури дар даврони ҷиҳоди исломӣ мубаддал гардида буд, нисбат ба қазоё ба санҷиш бигирем ва қазоват намоем. Ба таҳлили нигоранда Ҳикматёр сарфи назар аз гузаштаи ҷиҳод ду мавқеъ ва фурсати хуберо аз назари сиёсӣ баъд аз пирӯзии муҷоҳидин дар баробари мангироиҳояш аз даст дод.

**Яке он** ки ба файсалаи ҷаласаи сарони танзимҳо ҳатто амалан арзиш қоил нашуд ва дар ҷануби Кобул омодаи ҳамлаи низомӣ ба шаҳри Кобул шуд. Дар ҳоле ки давлати Кобул тасмими қотеъи худро барои таслими қудрат ба муҷоҳидин эълом намуда буд, ки дар ин иқдоми худ қалби миллионҳо инсон, ба хусус мардум ва шаҳриёни Кобулро ҷареҳадор сохт ва ҳам эътимоду эътибори раҳбарони ҷиҳодӣ ба фард-фарди муҷоҳидинро аз худ саволбарангез намуд. Ва балки натиҷа ҳам шикаст. Дар ғайри он сурат эътибор ва нуфузи гузаштаи роҳбариии ҳизби худро бидуни шак дар миёни мардуми Афғонистон ва ҳам муҷоҳидин ҳифз мекард ва бо мавқифгирии солим ва диди фарох шанси бештаре барои ба даст овардани дили мардум дошт, то аз ҳайсияту мақоми шомихе (баланде) бархурдор мегардид.

**Дуввум,** баъд аз он ки шикастҳоеро дар дохил ва ҳумаҳои (атрофи) шаҳри Кобул мутақобил гардид, бештар тарафдори гушудани боби музокира бо Раббонӣ ва раҳбарони ҷиҳодӣ мебуд, то ин ки шаҳри Кобулро зери борони рокет қарор медод. Дар ҳоле ки дар шаҳри Кобул ҳатто на хонаводаи Масъуд ва на хонаводаи Раббонӣ вуҷуд дошт. Шаҳр вайрон шуда ҳазорон нафар бехонаву бе ҷо ва ҳазорҳо нафар куштаву маълул ва захмӣ гардиданд. Ва худро даргири як ҷанги кӯр ва беҳадаф сохт, ки ҳар рӯз на танҳо аз эътибор ва нуфузаш коста мешуд, тавони низомии ӯ хурд ва рӯҳияи афродаш тазъиф мегардид. Тавре ки бархе созмонҳои таблиғотӣ дар гузашта бо назардошти манофеи хоси худашон ба пардози шахсияти ӯ

саҳми қобили мулоҳиза доштанд. Ривояте дар замина вуҷуд дорад, ки гӯё дар давраҳои ҷиҳод муҳоҷирини афғонӣ дар Покистон аз навозишҳои давлати Покистон аз Ҳикматёр ва баъзан ноздонагии ӯ дар баробари ҳокимони покистонӣ бар хилофи дигар раҳбарони ҷиҳодӣ, ки даснигари давлати Покистон буданд, суд мебурданд. Яъне шароити муҳоҷират ва тасҳилот дар корёбӣ ва хадамоти дигари иҷтимоӣ ҳамчунин рафтуомади муҳоҷирин ба Покистон ва Афғонистон бидуни он ки кадом монеае аз тарафи малешиҳо ва ё урдуи Покистон сурат гирад. Ин боис гардид то пас аз пирӯзии ҷиҳод низ аксари тасомим ва файсалаҳои ҳизби исломӣ бар меҳвари аноният ва баъзан ифротии Ҳикматёр устувор гардад то мафоҳимаву гуфтугӯ ва мушовира ва бештар полисиҳои сиёсии ӯ бархоста аз ниёт ва фаҳми шахсии худаш буд, то раҳбарии ҳизби исломӣ, ки дар давраҳои мухталифи ҳаёти сиёсии ҳизби исломӣ буданд. Шахсиятҳои тирози аввали ҳизб, ки ба таври кетлавӣ (якҷоӣ) ва фардӣ аз ҳизби исломӣ ба раҳбарии Ҳикматёр канорагирӣ намуда буданд. Хулоса, дар ҳар ду бархурдаш ба лузуми истифода аз ҳикмат дар ҳалли қазоё пай набурд, дар буғзу адоват бо Масъуд. Саранҷом мавқеиятҳои сиёсиро чи қабл аз тасмими аввалиаш мабнӣ бар ҳамла бар Кобул ва чи баъд аз мустақар шуданаш ба ҷануби Кобул, яъне Чоросиё, ки ҳанӯз эътибор ва ҳайсияти сиёсии ӯ дар иғмози (пушиши) таҳаввулоти сиёсиву низомӣ, ки дар Кобул ва дигар манотиқи Афғонистон дар ҳоли вуқӯъ буд, маҳфуз монда буд, аз даст дод. Хуб буд аз хештандорӣ кор мегирифт ва тавассул ба ҷанг ва рокетзанӣ намешуд. Ба ҷои он вориди идеологияи сиёсӣ мегардид, ки ҳам асрписанд буд ва ҳам Худописанд. Зеро дар Кобул бидуни мавҷудияти афроди ҳизби исломӣ ҳам даргириҳое сурат гирифта буд ва тасаввури даргириҳои бештар ҳам мерафт. То Масъуд ба унвони масъули амнияти Кобул ва вазири дифои давлати исломӣ дар баробари шуури ом мувоҷеҳ ва худ ба тақвияти мавзеи сиёсиаш мепардохт. Яъне дар Кобул роҳҳои дигаре низ ғайр аз мушакборони шаҳри Кобул

вуҷуд дошт, ки Ҳикматёр интихоб мекард, то таҳлилҳои беҷон, ки мубаййини (байёнгари) эҳсосоти сиёсии замон буданд вале ин Масъуд буд, ки характер ва хусусиёти равонии Ҳикматёрро амиқан дарк карда буд ва ба пешгомиҳо ва пешдастиҳо пардохт. Ин ки баъзе раҳбарон даргири ҷанг бо як силсила нишастҳо ва ҷаласот на ба асоси фармони виҷдон, ва иродаи безабони мавҷи азими мардум ва миллати Афғонистон, балки зери фишори мавқеиятҳои табъолуди (таспи) сиёсиашон дар Исломобод, Ҷалолобод ва Макка тан доданд. Аз ҷумла қарори ҷаласаи Макка муаррихи 17.12.1371 раҳбарони ҷиҳодӣ, ки ба даъвати Малик Файсал – подшоҳи Арабистон сурат гирифт, раҳбарон савганд ёд карданд, то ба фикри ислом ва осоиши миллат бошанд ва ҷилави хунрезиро бигиранд. Вале ҳеч гоҳ борони рокет ва хунпораҳо болои шаҳри Кобул қатъ нагардид. Ҳар рӯз даҳҳо нафарро ба коми худ фурӯ мебурд ва ба ҳеч қарор ва мисоқе (паймони) аз ин ҷаласот амалӣ нагардид. Зеро азбаски назариёти иддаи раҳбарон аз сархӯрдагӣ ва ошуфтаҳолиашон ҳикоят мекард, аз ҷумла Ҳикматёр ба натиҷаи қатъӣ намерасид. Яке аз пешниҳодҳои Ҳикматёр дар ҷаласоти Ҷалолобод ин буд, ки шаҳри Кобул аз вуҷуди афроди мусаллаҳи танзимҳое мухталифи муҷоҳидин ба малишаҳои Дӯстум тахлия гардад. Вазорати дифоъ ва дохила ба шакли шӯроӣ ва шӯро тавассути комиссиюни босалоҳият интихоб ва тавассути шахси устод Раббонӣ контрол ва идора шавад. Бидуни он ки фарди дигаре дар ин мақом аз ҷамъият интихоб шавад. Вазорати дохила низ тавассути комиссиюн ва шӯрои идора ва дар раъси он шахси Ҳикматёр бидуни ин ки аз ҳизби исломӣ касеро интихоб кунад. Масъуд баъдан бо он ки устод Раббонӣ дар ҳузури раҳбарон ба ин тарҳ розӣ буд, онро напазируфт. Вале оё ин тарҳ ба пешниҳодот метавонист корсоз ва гиреҳкушои маъзал (мушкил) гардад, ки хостгоҳи он тақсими қудрат буд. Ба ҳамагон ва ба хусус афроди чизфаҳм возеҳ буд, ки ин тарҳ содиқу солим барои рафъи маъзала (мушкили) ва мушкиле мавҷуд набуд, балки бештар ба дому талае мемонд, ки боз

захме ба ҷо мегузошт. Бо ин тавзеҳ, ки ҳизби исломӣ зери мафоди ин тавофуқ афродеро ба дохили шаҳр месохт, зоҳиран ба баҳонаи муҳофизини худ ва атрофиёни раҳбар, ки баъдҳо ин муҳофизин теъдоди дигареро низ бо худ ҳамроҳ ва ҳамсадо мегардонид ва бо пайравӣ аз дигар танзимҳо ба қароргоҳ даст меёфтанд. Ин ба чӣ маъно метавонист бояд бошад. Оё ин вазъият ҷуз ба иштиоли бештари ҷанг кӯмаке ба овардани сулҳ мекард? Ҳаргиз! Биноан ҷанг як амри мантиқӣ буд. Дар ҳоле ки Масъуд, ки аз тарафи шӯрои раҳбари раиси комиссиюни мусолиҳа таъйин гардида буд. Ин комиссиюн вазифа дошт, ки шаҳри Кобулро аз вуҷуди афроди мусаллаҳи танзимҳои гуногун, ки дар давоири давлатӣ, муассисоти мулкӣ, вазоратхонаҳо, сафоратхонаҳо, макотиб ва донишгоҳҳо қарор доштанд, бо як барномаи муназзам ба ҳавзаҳои амниятии горнизонҳои урду дар шаҳри Кобул тахлия ва интиқол намояд, ки дар таркиби ин комиссиюн афроде монанди ҷенерол Яҳё Наврӯз, ҷенерол Раҳими Вардак, дуктур Наҷибуллоҳ, Муҷаддадӣ, Ҳоҷӣ Шералам, Мавлавӣ Шафиуллоҳ, қумондон Анвар (Дангар), қумондон Абдулҳақ, ҷенерол Мӯъмин, ҷенерол Ҳусомуддин шомил буданд, ки чандон кори асосӣ дар ростои аҳдофашон карда натавонистанд. Биноан мавзеъгирии Масъуд дар баробари тарҳи Ҳикматёр аз рӯйи санҷиш ва масъулиятдорӣ менамуд, дар як қазовати кӯтоҳ бояд гуфт, ки суқути ҳукумати Наҷибуллоҳ ва пирӯзии низомии муҷоҳидин марҳалаи озмуни воқеӣ, аммо мушкил ва номуваффақ дар ҳаёти сиёсии Ҳикматёр ва ҳизби исломии Афғонистон буд. Масъуд низ сивои (ҷудои) қазоёи Ҳикматёр ва даргириҳое, ки муҷоҳидин дар тӯли ҳукумати исломӣ миёни худ дар шаҳри Кобул доштанд, натавонист барои эҷод ва таҳаққуқи як барномаи ҷомеъ дар эҷоди як низоми босубот ва дархури эътимод ва ҳомии мардуми Афғонистон бо нақшу масъулияти худ ба унвони як чеҳраи сиёсиву низомии номдор муфид воқеъ гардад. Ҳатто аз амнияти дохилии шаҳри Кобул хабаре набуд. Ва ҳеҷ фарду гурӯҳи ғосиби сохтмонҳои мухталифи давлатиро, ки бо

мушоварахои носолими амдӣ ва ғайратмандии раҳбарон тавъам буд, аз маркази шаҳр берун ронда натавонист. Бо он ки дар ин замина тадобире айниро рӯи даст гирифта буд, гурӯҳҳо ва афроди мусаллаҳи танзимҳои ҷиҳодӣ дар шаҳрҳои манотиқи мухталифи Афғонистон нофармонӣ аз давлат ва фарёд аз худсариашон ҳар рӯз боло мегирифт. Баъдҳо, ки роҳбарони ҷиҳодӣ ин нуктаро дарк карда буданд, ки тадовуми вазъ ба нафъи ояндаи мақому мавқеияташон нахоҳад буд, зеро ихтилоф ва рӯёрӯии танзимӣ асоси идеологӣ надорад. Ва мухолифатҳои сиёсиро канори як миз ва гуфтугӯву музокира дар ҳошияи хатти фикрии исломӣ метавон ҳал намуд. Дуруст он чиро, ки мебоист дар тӯли даврони ҷиҳод анҷом медоданд, яъне барои расидан ба ҳукумати исломӣ бояд ибтидо ба ваҳдати исломӣ, яъне ваҳдати созмонӣ мерасиданд ва ин замоне буд, ки сулуки ба ҳамойии фавқи раҳбарон чандон асар болои афроди танзимашон, ки ҳар даставу гурӯҳ дар қайду бандҳои маҳаллӣ ва этникӣ… қарор гирифта буданд, надошт ва ин раҳбарон ба шоҳони белашкар монанд буданд то ғайр. Дар миёни раҳбарон ва муҷоҳидин аз ҳама бештар шайх Осифи Мӯҳсинӣ, Абдулраб Расули Сайёф, Мавлавӣ Муҳаммаднабии Муҳаммадӣ, Муҳаммадюнуси Холис зимни ихтилофоти салиқаӣ ва созмонӣ ва миёнмазҳабиашон тамоили зиёде ба ҳимоят ва пуштибонӣ аз ҳукумати Раббонӣ дар муддати пас аз пирӯзии муҷоҳидин доштанд. Аз ҷумла, Юнуси Холис, ки мусинтар (солхӯрда) аз ҳама буд ва дар айни замон қариҳаи шеърӣ низ дошт, дар порчаи шеъраш зери номи «Тура лалам»[1] ишорае дорад ба ҳукумати Раббонӣ ва осебҳое, ки коммунистҳои мавҷуд дар низоми муҷоҳидин мутаваҷҷеҳи гӯё ҳукумати муҷоҳидин намудаанд, ки матни комили он порчаи шеърӣ дар ихтиёри банда набуда вале дар оршиви родюи Би Би Си ҳатман вуҷуд дорад, зеро банда мақсади он порчаи шеъриро худ аз родюи Би Би Си, ки тавассути наттоқи родию хонда шуд, дарк ва фаҳмидам..

---

[1] Каждуми сиёҳ.

Ҳама маслиҳати ҳифзи низоми «ба ном ҳукумати исломӣ ва муҷоҳидинро» таъкид доштанд. То ин ки дунболи қироатҳо ва таъбирҳои худ аз низоми исломӣ бароянд, ки шайх Осифи Мӯҳсинӣ, Абдулраб Расули Сайёф аз аввал то охири ҳукумати Раббонӣ дар доияи ӯ иштироки худро ҳифз карданд. Дигарон низ кам аз кам тавонистанд дар идораи ҳукумати Раббонӣ саҳим гарданд ва аз имтиёзоти сиёсии худ бархурдор гардида буданд. Танҳо гурӯҳҳои аҳли ташайюъ, махсусан ҳизби Ваҳдат, ки аз назари қавмият сиёсӣ шуда буданд, мухолифати худро бо Раббонӣ дар саҳм ва иштироки қавми ҳазора дар низоми сиёсӣ матраҳ мекарданд. Ва салоҳият ва ба коргирии қувватҳои низомие ҳизби ваҳдатро барои худ маҳфуз медонистанд. Махсусан ило таъмини ҳуқуқи комили ҳизбӣ, қавмӣ ва фирқаишон Масъуд низ фурсатро муғтаним шуморида дар идораи ҳукумати устод Раббонӣ баъзе танзимҳои мутамоил, аз ҷумла иддаи раҳбарони ташайюъро, ки хоҳони иштирок буданд, бо гузашт ва тафоҳум ба Раббонӣ машварат дода, дар низом ҳузури фаъол ёфтанд, яъне ба навъе забони муштарак пайдо намуданд. Дар ин ҷамъ Абдулалии Мазорӣ, ки манотиқи ғарби Кобул ва қисмати аслии ҳазораҷотро зери контроли низомии худ дошт, ба дидгоҳҳои Масъуд бо шакку тардид менигарист ва ҳозир бо ҳамсӯӣ бо Раббонӣ нагардид ва дар таи 9 ҷангу даргириҳо бо Масъуд ва Сайёф созмондиҳии ҷангиро махсусан дар ғарби шаҳри Кобул ба ӯҳда дошт, вале ба шароити Масъуд тан надод. Ҳатто ривоёте аз ӯ аст, ки номбурда дар нишасте, ки бо ҳайати сулҳ ва оташбас дар ғарби Кобул дошт, бисёр возеҳ ва пӯстканда гуфта буд, ки ман медонам, ки оғои Аҳмадшоҳи Масъуд бо ман душманӣ дорад, вале душмани қавмам нест. Ӯ нагуфта буд, ки бо Масъуд чӣ душманӣ дошта. Шояд, ҳамон мақоми садорат, ки ӯ барои худ дар Ҷабалуссироҷ аз раиси Шӯрои ҷиҳоди исломии Афғонистон, яъне Масъуд тақозо намуда буд ва аз сӯи Масъуд дар он вақт рад шуда буд, эҷоди бадбинӣ ва душманӣ намуда бошад.

* * *

Дар ҳоле ки ҷангҳо ва кашмакашҳои қудрат дар Кобул камокон миёни аҳзоб ва гурӯҳҳои мусаллаҳи муҷоҳидин ба шиддат давом дошт, бозмондагони ҳукумати собиқ мутаносиб ба мақом ва дараҷаи муносиб расмии қаблӣ ва мусоид ба шароит ба зиндагии шахсиашон дар ҳамкорӣ бо ҳукумати муҷоҳидин дар Кобул ва соири вилоёт мебоист барои имрори маоши худ ва атрофиён, яъне хонавода коре кунанд ва музде дарёфт намоянд, то чархи зиндагӣ ба ҳаракат дарояд. Аз ин рӯ бо қувватҳои ҷиҳодӣ ба фармондеҳони нисбатан нерӯманд ва дорои нуфузи нисбии қавмӣ ва гурӯҳӣ, аз ҷумла дар сафаҳоти шимол ва дар ҳавзаи ҷанубу ғарб ҳузури густурда ёфта буданд. Бо ин ки истихдомҳо (вазифадоданҳо) дар сатҳи нозирӣ тавъам бо табодулаи нобаробари кору музд сурат мегирифт. Масалан, дар ҳокимияти Исмоилхон, ки зеҳниятҳои ҷиҳодӣ ва ғайриҷиҳодӣ ҳоким буд, дар сафаҳоти шимол ҳам аносири мутаассиби қавмӣ маҷоли бештар барои онҳо дар даруни ҳокимият ва системи идораи ҷенерол Дӯстум намедод. Вале кордонӣ ва тахассус нимоду ҷавҳаре аст, ки дурахшиши он лояҳои (қишрҳои) мукаддари (торик) қалбҳои ҷомидро тобнок ва ба таппишу ҳаракат меовард. Ва ин чизе аст, ки ҳар идорачӣ агар як барге аз адабиёти сиёсиро хонда бошад, чунин хоҳад кард. Аз ҳамин рӯ Дӯстум истифодаи мазид дар ҳама арсаҳои ҳокимияти маҳаллии хеш аз онҳо ба амал овард.

Муҳоҷирини соҳиби ҳирфа то фуқароти ташкилоти шимол мавқеи маҳкаме пайдо мекарданд, ҳамчунон бо соири фармондеҳони мутамаррид (саркаш) аз фармони ҳукумати устод Раббонӣ дар баъзе вилоёти ҷанубӣ дар сояи авотиф ва эҳсосоти қавмӣ, ки бозори аслиҳаву лашкаркашӣ гарм буд, махсусан аскарони муҷарраб ва маслакӣ ба фунуни ҳарбӣ ва техникаи аслиҳаи низомӣ, ки баъдан дар ҷангҳои миёнгурӯҳии муҷоҳидин низ иштирок варзиданд, барқарор карда буд. Фармондеҳони ҷиҳодии вилоёт дар шимол ва ғарби Афғонистон, ки дар доираҳои навъи ташкилоти ҳуқуқӣ амал мекарданд, дар Кобул

ҳузурашон дар ҳадди амри аъто (бахшиш) ва дорои салоҳиятҳои дасти севум, чорум дар идороти мулкӣ ва низомӣ мушоҳида мешуд ва дар як юниформи (либоси якхела) мутаҳидулшакле бо муҷоҳидин даромада буданд, ҷануб, ҷануб-ғарб ва шарқ, ки парокандагӣ ва элаҷории (бебанду бор) ҳоким буд ҳамин афсарон ва маъмурин зери таъсири беқайдиву бепарвоии онҳо ҳақорати худро бо ҳифзи маош, ки ба таври аҷир дар баробари корашон дарёфт мекарданд, мутақаббил мегардиданд, ки баъдҳо ин пайванд низ аз ҳам гусаст. Давлати Бурҳониддин Раббонӣ манбаи асъори хориҷии мутанобеҳ надошт ва муттакӣ ба бонкнотҳои афғонӣ буд. Ҳуқуқи моҳонаи кормандони давлат бо моҳҳо таъхир пардохт мешуд ва саҳмияи шимол ва ғарбӣ ва шимол-шарқию шарқ миқдори аслии масорифи давлатиро дар бар дошт, ба ҳокимони низомии манотиқ нақдӣ таслим дода мешуд. Яқинан, ки қисмати бештарини ин буҷа ҳам дар марказ ва ҳам дар вилоёти мутазаккира сарфи махориҷи низомӣ мегардад. Ин мушкили дигаре буд, ки Масъудро дар мавқеъияти душворе қарор дода буд. Хулоса, ҳаёти сиёсӣ, идорӣ, низомӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар дар ихтиёри ҳокимиятҳои маҳаллӣ қарор гирифта буд ва бо гузашти ҳар рӯзу моҳ ҳаводис ва иттифоқот яке пайи дигар авзои бесуботро бесуботтар ва бар печидагии бештари вазъи сиёсӣ меанҷомид.

Ҷенерол Дӯстум, ки аз пешҳо дар шимол дасти баланди низомӣ дошт ва қумондони умумии низомии шимол буд, ин бор аз мавқеияти сиёсии ҳизби навбунёд ба номи Ҷунбиши миллии исломии Афғонистон бо Масъуд вориди муомилоти сиёсӣ мегардид. Ва ҳайатҳоеро, ки дар тайи моҳҳои даври аввали ҳокимияти Раббонӣ дар чанд навбат, аз ҷумла ҳайатеро, ки ба риёсати Оятуллоҳ Сиратиӣ Толиқонӣ назди Масъуд ва Кобул фиристод, ба ин мақсад, ки мавзеи ҷунбишро дар ҳимоят аз ҳукумати Раббонӣ итминон диҳанд. Машрут бар ин ки масъалаи ба расмият шинохтани ҷунбишро дар ҷаласаи роҳбарони ҷиҳоди «шӯрои қиёдӣ» ва фармондеҳон ҳал намоянд. Масъуд бо он ки пешниҳодоти Дӯстумро рад намекард, аммо ба

ҷаласаи раҳбарон ва раъйи умумии раҳбарон мавкул (вогузори) месохт. Ва ин чизе буд, ки ҳеҷ гоҳ амалӣ набуд, зеро раҳбарон ҳеҷ вақте дар ҳеҷ ҷое ҳузури комил наёфта буданд, ки гузашти замон барои Масъуд фурсат медод, то дар робита ба шимол тактикҳои муайянеро дунбол ва ба озмоиш гирад. Масъуд зимни рад нанамудани пешниҳодоти Дӯстум ба таҳлили нигоранда ду масъаларо низ пешбин буд:

**Аввал ин ки** дар ҳама вилоёти Афғонистон, ки фармондеҳон ва гурӯҳҳои муҷоҳидини танзимҳои мухталиф мусаллат гардидаанд, шояд бо ин иқдом тақозоҳои аз ин даст аз ҷониби дигарон низ сурат гирад. Саранҷом Афғонистон дар як савбе (тараф) тааҳҳуди маҳалгирӣ ва ниҳоят ба микротаҷзияи ҳудуди ҷуғрофиёӣ ва сиёсӣ ғӯтавар хоҳад шуд. Ва ташкилотҳои нокорои зӯрмандони низомӣ дар гӯшаву канори Афғонистон ба дур аз интизори мардум ва дар ғояти хафақон (тангдили) ба вуҷуд хоҳад омад.

**Дуввум,** ҳузури иддаи афроди дасти аввал ва саршиноси низоми қаблӣ дар дохили Афғонистон, хусусан шаҳри Кобул, афрод ва ҳавохоҳонашон, ки дар ҳолати билотаклифӣ (бевазифагӣ) ба сар мебурданд, созмондиҳии дубора ғарази тасоҳуби қудрат ба шеваи бесобиқае, ки заминаҳои муассири дохилии муаҷҷиди он қобили итминон ба ҳисоб меёбад, буд. Ба хусус афроди боварманди низомӣ, сиёсӣ, ки дар баданаи низоми муҷоҳидин ва берун аз он дар шаҳри Кобул ҳанӯз дар ихтифо (махфи) қарор доштанд ва масруфи созмондиҳӣ буданд. Чун Маҳмуди Барёлай, Абдулҳақи Улумӣ, Набии Азимӣ, Нурулҳақи Улумӣ, Довуди Азизӣ ва Осифи Диловар, ки теъдоде аз афроде ба даврашон ҷамъ шуда буданд. Чи ҷое, ки худи ҷенерол Дӯстум, Мӯъмин ва Сайидҷаъфар низ бозмондагони режими қаблӣ буданд. Матраҳ сохтани фаъолияти сиёсии ҷунбиш ва гурӯҳҳои чадиди сиёсӣ дар шароите, ки Покистон ва як теъдод ҳалақоту кишварҳои манфиатҷӯ аз давоми вазъи кунунии кишвар баҳрабардориҳои васеи сиёсӣ ва озмандонае намуда буданд. Ва дар садад буданд

ҳукумати муҷоҳидин ба раҳбарии устод Раббонӣ назҷ (нутфа) наёбад, холӣ аз ишкол барои Масъуд набуд, зеро на танҳо дар басти низом кӯмак намекард, балки ҳукуматро дар чолишҳои ҷадид қарор медиҳад. Ин таҳлилу бардошти бандаро Оятуллоҳ Сирати Толиқонӣ, ки вақте раиси шӯрои фарҳангии ҷунбиши исломӣ буд, дар дидоре бо Масъуд аз ҷониби Дӯстум дар Кобул дошт, муаззаф гардида буд, зимни сафаре, ки ба соли 1999 ба шаҳри Толиқон доштам ва мавсуфро, ки аз замони ҳокимияти Дӯстум дар шимол мешинохтам, дар маҳбатаи масҷиди ҷомеи шаҳри Толиқон гир овардам, баъд аз мусофиҳа ва аҳволпурсӣ дар давоми сӯҳбатҳои мо мавриди таъйид қарор дод. Чи номбурда дигар дар мақоми шӯрои фарҳангии ҷунбиш қарор надошт ва на ҷунбише буд ва на он созу барги низомии он. Ӯ мегуфт, ки қасду ниёте дар миёни баъзе афроди муҳим ва саршиноси шимол дар набуди дурии фосилаҳо миёни Масъуд ва Дӯстум вуҷуд дошт. Аммо намедонистам, ки барои Дӯстум кӣ машварат медод, барои мо ҳидоят мешуд, ки чунон кунем ва чунин шавад. Зеро қарорҳои Дӯстум баъзан зуд-зуд иваз мешуд.Пешниҳодҳои аслии ҷенерол Дустум, ки дар гузашта ишора рафт, шиносоии созмони ҷунбиш ва манзурии ташкилоти низомии шимол буд, ҷанбаи зӯроварона низ дошт. Ва он аз касрати лашкариён ва сипоҳиёни ӯ шаҳодат медод, ҳар касро дар воҳима ва ҳайрат меандохт. Ва дар Мазор овозаҳо паҳн шуда буд, ки Дустум подшоҳ анқариб салтаи ҷиҳодҳоро ва ҳар ҷои дигар аз байн хоҳад бурд. Ин сару садоҳо , ки бештар аз забони мардуми омма ба гӯш мерасид, бо зоҳири вазъият аз симоҳои дурушти низомии дустумиён ва паҳлавонон ва дар кулл ҷангҷӯёни таҳти амри Дустум, ки аз мардуми узбек ва туркман сипоҳи бесару бебареро дасту по карда буд ва ё ин ки хабаре пахш мешуд, ки дар шимол шакли дигаре аз пул ба муомила гузошта хоҳад шуд, бо овозаҳо қаринӣ дошт. Вале он чи аз назари муҳаққиқин дар шимол машҳуд буд, он набуди як стратегии возеҳи сиёсӣ ва маҳорати лозим дар савқ (сатм диҳи) ва идора ва истифода аз имконоти низо-

мии мавҷуд дар шимол барои эҷоди як модели кучак аз қудрат, ки дар низоми исломӣ ва ҳар низоми дигар ҷойгоҳи шоистаашро меёфт.

Дар шимол аз ҳама бартар қумандонони қитъаоти мутмаин, ки аз Дустум фармони хосе мебурданд, бо чеҳраҳои мутлақи қавмӣ, ки аз фирқаи 53 муштақ гардида буданд, то сатҳи лувоҳо (воҳиди низомии бузургтар аз полк) ва фирқаҳо иртиқо намуда буданд, буду набуди ҳокимияти шимол дар азму ҷазми онҳо вобастагии мутлақ дошт, ки аксари онҳо бо тарбияву ташвиқи мустақими Дустум ва чеҳраҳои маъруфи дар фирқаи 53 ва мантиқии Ҷузҷон ва Сарипул ва Форёб мубаддал гардида буданд. Монанди Лаъл қумандон, Зайни паҳлавон, Иброҳими чирик, ҷенерол Содиқ, Абдураҳмони сарҷанг, Абдураҳмони ҷарман, Ҳакими ҷарман, Шери араб, Акаи ёсин. Бештари инҳо бесаводу беимон буданд, ки парвои ҳеҷ чиз ва ҳеҷ касро надоштанд. Сарбозони Дӯстум дар роҳпаймоии худ чун маллоҳе, ки дар киштӣ аст, ба воситаи фармондеҳашон маҳсур шуда ва беихтиёр ба ҳар сӯ кашонда мешуданд. Соири афроди низомӣ, ки дар чавкоте ба номи қумондонии низомии сафаҳоти шимол назм ёфта буданд, дар раъси корҳо ва шуаботу мақомҳои раҳбарӣ, махсусан қитаъоти мухталати ҷиҳодӣ, ғайриҷиҳодӣ рехтаву порчаҳои аз суфуфи қувваҳои мусаллаҳи собиқ афроди таҳсилкарда ва мутахассис қарор доштанд, ки рӯҳияи ҷангии қотеъ дар муқобили душманони ҷунбиш дар суфуфи афроди ин қитъаот ба нудрат дида мешуд.

* * *

Аммо Ҳирот ва ҳавзаи ҷанубу ғарб, ки Исмоилхон худро амири он соҳот хонд ва тақрибан дар панҷ вилоят мусаллат ва ҳузури низомӣ дошт, ҳолу ҳавои дигареро ба бар карда буд. Исмоилхон, ки дар режимҳои қаблӣ ба ҳайси афсари низомӣ дар фирқаи 17 Ҳирот ифои вазифа мекард, қабл аз вуруди қитаоти низомии урдуи сурхи Иттиҳоди Шӯравии собиқ ва дар имтидод ва қиёми мардуми Ҳирот дар 24 ҳути 1357 алайҳи ҳукумати Нурмуҳаммади Тараки

ба қиёмкунандагон пайваста буд ва баъдан дар танзими ҷамъияти исломӣ бо ҷамъи дигар аз афроде чун Аловуддин ва Сафиуллоҳ ба муборизаашон алайҳи ҳокимият шурӯъ карданд. Дар хилоли пирӯзии муҷоҳидин аз тарафи Бурҳониддини Раббонӣ Раиси Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба ҳайси волии Ҳирот таъйин гардид. Исмоилхон, ки дар даврони ҷиҳод аз нуфуз ва эътибор дар зуни шимол ғарби Афғонистон бархурдор буд, дар вазъи ошуфта ва нобасомони ҷомиаи Афғонистон Исмоилхон монанди дигар қумондонони машҳури ҷиҳод пас аз пирӯзии муҷоҳидин ба гунае хост баёни ҳуввияти сиёсӣ кунад. 1. Ин ки ӯ ҳиттаи ҳокимияти худро маҳдуд ба Ҳирот нагузошт ва даст ба силсилаи таҳарукот ва пуррӯиҳои низомӣ зада ва дар вилоёти Бодғис, Ғур, Фароҳ ва Нимрӯз иқтидори низомиашро таҳким бахшид ва тамоми ақалиятҳои танзимӣ ва қавмии мусаллаҳро халъи силоҳ ва саркӯб намуд, ки баъдан лақаби амирро ба вай тавфиз намуданд. Исмоилхон бар илова дар даврони ҷиҳоди исломиаш ташкилотеро ба манзури басиҷи (сафарбар кардан) муҷоҳидини ҳавзаи ҷанубу ғарб ба номи шӯрои «Соғар» эҷод карда буд, ки навъи истиқлол ва мудирияти қумондононро дар дохили кишвар матраҳ месохт ва дар фаъолиятҳои худ дар даврони ҷиҳод аз мақоми бартари низомӣ нисбат ба дигарон ва ҳайсияти қобили мулоҳизаи маънавӣ дар миёни мардуми он вилоят бархурдор буд. Аз забони як тан аз афсарони низомӣ дар урдуи ҳукумати Наҷибуллоҳ ба номи Ҳамидуллоҳ, ки рутбаи афсарии низомӣ (туран – капитан) дошт ва дар тулаи мухобираи майдони ҳавоии Ҳирот афсари низомӣ ва зодаи манотиқи ҷануби Афғонистон буд, нақли қавл мекунанд, ки ӯро афроди Исмоилхон тасодуфан ду бор бо юниферми низомӣ аз масири роҳи майдони ҳавоии Ҳирот илло шаҳри Ҳирот дар манотиқи Гузара ва Пули Молон дастгир намуда ва дар ҳар дафъа ӯ Исмоилхонро, ки дар манотиқи шаҳри кӯҳнаи Ҳирот ва Дарби Қандаҳор мавозеи махуфи зеризаминӣ ҳуфр карда буд ва алайҳи ҳукумати Кобул муборизa менамуд, аз наздик дида буд.

Исмоилхон бо такрор ва таъкид аз ӯ тақозо мекунад, ки ба ҷиҳод бипайвандад ва ҷиҳод анқариб пирӯз мешавад. Афсари мазкур, ки узви одии ҳизби Ватан буд, дар ҳар ду бор ба тақозои ӯ лаббайк мегӯяд, вале баъд аз озод шудан амал намекунад. Ҳамидуллоҳ ном (туран) дар ҳар мартаба аз дидор зимни ин ки аз пешомади Исмоилхон ва афроди ӯ ризоятмандӣ мекунад, ки гӯё бо ӯ, ки афсари низомӣ буд, бархурди зишт ва нодурусте сурат нагарифта буд. Дар айни ҳол аз ҳамкорӣ ва ҳимояти мардум аз ӯ ёд мекард. Ҳамидуллоҳ мегуфт: «ман ҳам ҳар ки бошам, билахира як фарди ин ҷомиа ҳастам ва ҳаққи интихоб дорам, монанди Исмоилхон, ки дорои ормон ҳастам ва ҳадафе сари роҳи зиндагиам қарор дорад – яъне як ҳизбӣ ҳастам».

Равобити Исмоилхон бо Масъуд ва ба сурати умум миёни Шӯрои нузор ва Шӯрои Соғар дар айни ин ки аз соҳаи дофиа ва ҷозибаи аҳзоби Пешовар ва усулу завобите вуҷуд надошт ва ҳар ду созмон бо истиқлолияти раъй амал менамуданд, дар тӯли даврони ҷиҳод бисёр самимӣ ва бародарона буд, вале пас аз пирӯзии муҷоҳидин ва ибтикороте, ки Исмоилхон дар ҳавзаи сиёсию низомӣ, ки дар ҳавзаи ҷанубу ғарб анҷом медод, на танҳо бо машвараи Масъуд – вазири дифоъ набуд, балки дар айни ин ки ба густариши иқтидори низомиаш фикр мекард, назарияи эҷоди низоми исломиро бо атрофиёни наздик баъзан ба баҳс ва гуфтугӯ мегирифт. Исмоилхон муҷоҳиди сода ва софу содиқе буд. Бо ҳамин сифот дар ҳавзаи ҷанубу ғарб ҳар монеаи низомиро барои таъмини қудрати беҳадду ҳасадаш бо мантиқи зӯр аз миён мебардошт. Исмоилхон илова аз панҷ вилояти ғарбӣ ва ҷанубу ғарбӣ, ки султаи низомии хешро баст ва таҳким бахшида буд, вилоёти Ҳилманд, Қандаҳор Ғазниро низ зери таъсири соми (воҳима) низомӣ ва нуфузи маънавияш қарор дода буд, ки дар равобит бо Масъуд фасли тозаеро ба вуҷуд оварда буд. Махсусан ҷаласоте, ки дар соли 1993 мутобиқи 1372 бо фарохонии қумондонони умдаи вилоёти ҷанубӣ ва маркази бо мизбоние қумондон Қорибобо волии вилоёти Ғазнӣ сурат гирифт ва эҳтиром ва пазироие, ки аз ӯ ба

амал омад, ба як ҳамоиши бузурге мубаддал гардид, ки мақсади он ҷудо аз пардохтан ба масоили ҳамарӯза ва такроре чун амният дар соҳаи ҷанубу ғарб ва посдории арзишҳои ҷиҳод як навъ чеҳранамоӣ ва фигур (пайкара) аз шамоили (шаъни) низомии ӯ буд. Исмоилхон дар тӯли муддати як солу ним пас аз пирӯзии муҷоҳидин аз маҳдудаи иқтидори низомиаш дар чеҳраороии сиёсии худ дар сатҳи миллӣ ва минтақаӣ низ истифода намуд. Ҷаласаи Ҳирот, ки дар он аз иддаи роҳбарони ҷиҳоди технократҳои муқими ғарб ва қумондонони машҳури муҷоҳидин даъват гардида буд ва иштирок намуданд, ҳуввияти сиёсии Исмоилхонро бештар аз пеш тақвият намуд. Исмоилхон равобити ҳасанае низ бо Ирон ва Туркманистон барқарор намуда буд, ҳарчанд ки диду водидҳои ҳайати намояндагии ин кишварҳо дар доираи тафоҳумоти амнияти марзӣ ва иқтисоди маҳаллии манотиқи ҳар ду кишвар буд, бидуни шак дар ҷойгоҳи сиёсӣ ва машруияти дохилии Исмоилхон низ асари мусбат гузорида буд. Ин хазиданҳои сиёсӣ, ки амнияти баъзе маҳаллотро ба шакли тулӣ дода буд, дар асл милливу исломӣ ҳам ба назар меомад, барои Масъуд, ки талоши мазид меварзид, то ҳалқаи тафоҳумотро дар атрофи Раббонӣ наздику нозим гардонад ва аз маҷрои давлат ба вифоқи миллӣ ва исломӣ даст ёзад, хабарҳои хуше набуд. Ва ин дар ҳоле буд, ки давлати Покистон ва ISI пайи ҳам дар садади барандозии пояҳои сусти ҳокимияти нимбанди Раббонӣ бо тавтеаҳои дар ин ҷову он ҷо махсусан дар ҳаволӣ ва ҳавошии Кобул буд.

* * *

Соҳоти шарқӣ ва фаъолияти шӯрои машриқӣ бо он ки монанди сафаҳоти шимол ва ғарбу ҷанубу ғарби кишвар, ки амният дар зери сояи туфанг вуҷуд дошт ва пароканда-гии гурӯҳӣ, низомӣ ва қавмӣ маҳор ва ё аз байн бурда шуда буд, вазъ ва ҳолот таърифи дигаре дошт. Шӯрои машриқӣ, ки мураккаб аз фармондеҳони номдори танзимоти муҷоҳидин буданд, фармондеҳон мувофиқа намуда буданд, то раҳбарии шӯроро аз ҳизби исломии Юнуси Хо-

лис дар машриқӣ ба раҳбарии Ҳоҷӣ Қадирхон пеш бибарад. Номбурда, ки кулли урдуи № 1 дар асари эъттилофи Афзали Лудин афсари собиқи урдуи давлати Ҷумҳурии Афғонистон дар баст таслим шуда буд ва кулли урду бидуни осебе ғайр аз он ки баъзе афсарон сабукдӯш гардиданд, ба ҳайси як қуввати низомие хориҷ аз чавкоти урдуи Афғонистон ва идораи Масъуд вазири дифоъ ба нафъи шӯрои ҷиҳодии Нангарҳор ва таҳти қумондаи мушорунилайҳ қарор дошт, кӯшиш ба харҷ дод, то бо истифода аз қуввати низомии бодоварда дар робит ва муносиботаш то сатҳи қудратҳои низомии вилоёт чун Кунарҳо ва Лағмон ба навҳи эъмолӣ нуфуз намояд. Аммо зулму бедодгарӣ, ҳатто ҷангҳои танзимӣ дар вилоёти Кунарҳову Лағмон, Нангарҳор гоҳ-гоҳе ба мушоҳида мерасид. Хулоса, ки амнияти мардум дар атрофи як қудрати қавии низомии қавмӣ ба сони шимол ва қудрати қавии ҷиҳодиқавмӣ дар ҳавзаи ҷанубу ғарб дар машриқӣ вуҷуд надошт. Ҷангҳо дар машриқӣ бештар ангезаи моддӣ ва иқтисодӣ аз тариқи тасоҳуби бандарҳо, шоҳроҳҳо ва бозорҳо дошт то қавмию қабилавӣ ва танзимӣ. Ба хотири ин ки фармондеҳон умдатан мутааллиқ ба як қавм, яъне паштун буданд, баҳонаи ҷангҳои тоифаӣ ва қабилаӣ дар он вақт мутассавир набуд ва Ҳоҷӣ Қадир бештар онҳоро тарғиб ба ин мекард, ки ҳамаи шумо аз як қавм ва мусулмон ҳастед, пас ҷанг чаро миёни мову шумо вуҷуд дошта бошад. Бо он ки аз зоҳир баъзе ҷангҳое, монанди ҷанги Лағмон миёни инҷенер Қарор аз ҷамъият ва Шӯрои нузор ва фармондеҳ Носир аз ҳизби исломии Ҳикматёр, ки дар моҳҳои аввали соли 1372 рух дод ва ҳафтаҳо давом кард, даҳҳо куштаву садҳо захмӣ ба ҷо гузошт. Вале ҷанг бар сари ҷоҳу ҷалол буд, то манофеи танзимиву гурӯҳӣ. Ҳоҷи Қадир ҳама фармондеҳони қавмии варзидаи се вилоятро узви шӯрои машриқӣ намуда буд ва бо ибтикори шахсияш дар ҳукумати маҳаллӣ саҳмеро барояшон мутаносиб бо ҷойгоҳи танзимӣ ва нуфузашон дода буд. Дар миён аз маҷмӯи соҳоти Афғонистон танҳо манотиқе, ки мутлақан пароканда, беназм ва дар сояи ҷанг ва хушунат вуҷуд

дошт, манотиқи ҷанубӣ буд. Фармондеҳони ин манотиқ бо интибоҳ (бардошт) аз гузаштаи дури хонаҷангӣ нифоқи қабилаии ҳар гурӯҳи мусаллаҳ валав ва агар аз ҳар танзими исломие, ки буд, бештар посдори манофеи қабилаи худ буд. Тавре ки Ҷалолуддини Ҳаққонӣ яке аз он фармондеҳони муҷоҳидин буд, ки баъд аз эътилоф бо Имомуддин – қумондони ҷабҳаи Гардез, тавре ки Набии Азимӣ дар китобаш оварда «ивази он ки қулурдии (ҷузъу томи калонтар аз дивизия) севум ва ҷузву томҳои бузурги мустақар дар Гардезро даст нохӯрда нигоҳ бидорад ва дар бораи урдуи ояндаи миллии Афғонистон бо фароханде-шии бархурд намояд, тобеъи ҷаҳолат ва тангназарии асҳоби хеш қарор гирифт. Пас арраҳоро аз миён барка-шиданд, танкҳоро арра карданд. Аслиҳаҳоро буриданд ва қитъа-қитъа сохтанд ва ба Покистон бурданд ва ба фурӯш расониданд. Ҳаққонӣ чунон мақҳури ин дониш ва бефазилатӣ гардид, ки монанди Хуст хоки Гардезро низ ба тубра кашид». Даҳҳо бор афроди мусаллаҳи ғайриқабилаи худро мавриди тамасхур ва ҳамлаи низомӣ дар ҳудуди Пактиё қарор дода буд, махсусан, ки узви танзими ҷамъият мебуданд. Дар ҳар деву дара, кӯчаву қишлоқ ва шаҳру диёри он зулму зӯр ҳоким буд.

Шаҳри Ғазнӣ дар марказ зери идораи яке дигар аз қумондони ҷиҳодӣ маъруф ба номи Қорибобо қарор дошт. Қорибобо шахси худраъй буд, равобити нек бо Масъуд дошт. Баъд аз даст ёфтани ӯ ба шаҳри Ғазнӣ Муҷаддадӣ ӯро ба ҳайси волии вилояти Ғазнӣ таъйин на-муд. Ва баъдан Раббонӣ низ вазифаашро ба ҳайси волии вилояти Ғазнӣ фармон дод. Қорибобо худро дар тақдири ҳукумати марказӣ шарик медонист, амру наҳйи вазорати дифоъро гӯш медод, саҳмияи масорифи низомӣ ва мулкии вилоятро аз марказ мураттаб дарёфт менамуд. Тарафдори амният ва ҳифзи обрӯ ва иззати муҷоҳидин буд. Короти идориро намедонист, болои қисмате аз ҷодаи Кобулу Қандаҳор дар ҳудуди Ғазнӣ мусаллат буд. Тадобири ам-ниятии ӯ маҳдуд ба шаҳри Ғазнӣ мешуд. Дуруст монанди охури ҳайвонот, дигар берун аз шаҳр, ки ҷӣ балое болои

мардум меомад, фарёду зории мардум аслан шунида намешуд ва маро бо ту коре набуд. Манотиқи дигари марказии Афғонистон Ҳазораҷот аст, дар ин соҳот танзимҳои ваҳдаткардаи ҳизби Ваҳдат ва ҳаракати исломӣ умдатан баландшуда аз як қавм ва як мазҳаби исломӣ буда, нифоқеро, ки бархоста аз шеваи нигариш ба ҷомиаи ташайюъ ва қавми ҳазора буд, бо дарсҳое аз гузаштаи ҷиҳод дар худ доштанд. Бо он ҳам манотиқи Бомиён ба таври умум ва шаҳри Бомиён ба таври ахаз аз як навъ амнияти ҷиҳодӣ-қавмӣ дар канори як тактанзимӣ-фирқаӣ бархурдор буд, мардум масруфи зиндагии сода буданд ва иртибототи иқтисодиашон аз тариқи роҳҳои саъбулубур (душворгузар) бештар бо шаҳрҳои Мазори Шариф ва Пулихумрӣ таъмин буд. Бо ин ҳол дар ҷараёни ҳукумати исломӣ ва муборизаи низомӣ-сиёсии Масъуд ба шакли дигаре аз таҷрибаҳои мустақими даврони ҷиҳоди ӯ буд, ки ҳадафи пирӯзии муқовимати исломиро бо худ дошт. Аммо ин бор истиқрори низоми исломӣ, ки дар ҳар ду марҳала масъулияти сарнавиштсоз ва хатиреро аз ҷониби раҳбарони ҷиҳодӣ, ки намояндагӣ аз як маҷмӯае аз ҷомиаи моро менамуданд, ба дӯш мекашид. Мушорунилайҳ, ки вазири дифоъи давлати исломӣ буд ва дар муборизааш бо авзои умумии кишвар, ки дар фавқ мухтасаран бо он ишора шуд, давом ва паёмади он вазъ барои ояндаи босубот ва рӯшан ва дар истиқрори сиёсии кишвар надошт, тактикҳои мухталифи низомӣ ва полисиҳои мутааддиди сиёсиро бо шеваҳои мармуз ва ошкор ба кор бурд. Вале натиҷа ҷуз печида шудани вазъ чизеро дар пай надошт. То ҷое ки ба асари фуқдони (набуди) шинохт аз таърих ва равоншиносии ҷомиаи мо коройии фанҳои Масъуд кишварҳои ҳамсоя ва минтақаро ба ду гумандешӣ аз ӯ тарғиб намуд, чи ин ки бо омадан ба Кобул мавзеи рӯшан дар баробари қудратҳои шарқу ғарб надошт. Тавре ки Исмоили Акбар дар китобаш ба номи «Фасли охир» менависад: «Бале, ин мавқифи Масъуд ғарбро ҳассостар сохт ва тарс дар онҳо халқ кард, то набошад ислом дар чеҳраи Масъуд, ки як марди моҳири

низомӣ аст, фазои гуфтугӯи тамаддунҳо ва фарҳангҳоро, ки дар ҷаҳон дар ҳоли қавом ёфтан аст, мухтал (халалдор) гардад. Биноан ҳамин каректари (характери) шахсии мавоҷеҳ нашудаи Масъуд бо кашолаи Афғонистон ангезаҳои нав ба нав халқ кард ва нагузошт то марҳалаи истиқрор бар вифқи муроди Масъуд ва ҳомиёни ӯ пеш равад». Бо ин ҳам Масъуд нисбат ба оянда хушбинона менигарист ва даме ҳам аз роҳандозии шеваҳои нав зери фармон овардани вазъи лаҷомгусехтаи сиёсӣ наистод.

* * *

Раҳбарони ҷиҳодӣ дар баробари Масъуд, махсусан мавзеъгириҳои иддае аз сарони танзимоти муҷоҳидин, аз ҷумла ҳизби ваҳдати исломӣ, ки аз қудрати инсиҷоми беҳтар ва басичи боитминон ва якпорчаи афродаш ба услуби классик бархурдор буд ва ҳизби исломии Ҳикматёр, ки сӯи ниёт халқ карда буд ва ҳар он дар камине ҳамла бар худро эҳсос мекард, бо дигар раҳбарон дар вазъи мушкилсоз қарор надошт, зеро нақши соири гурӯҳҳо, аҳзоб ва шахсиятҳои ҷиҳодӣ ба далоили мухталиф дар таҳаввулоти ҷараёни истиқрори ҳукумати муҷоҳидин ба ҳошия рафта буд. Яъне дар саҳнаи сиёсӣ насбулайне (рамзи) беш набуданд. Ва дар аксари ҳаводис ва рӯйдодҳо назорагари вазнҳои сиёсии низомии рӯйи саҳна буданд. Вале тарафҳои аслии даргирию мунокиша бо ҳукумати устод Раббонӣ низ баёни мантиқӣ аз хасмварзиашон надоштанд. Ҳама инро мегуфтанд давлат бояд мавриди қабул ва писанди умуми раҳбарон бошад. Аммо аз ин ки дилҳои баъзе ҳокимон ва раҳбарон пеш аз зеҳнашон ба ҳаракат даромада буд, ҳеҷ як намегуфт, ки роҳи расидан ба ин ҳукумат чи гуна аст. Сирф ба суратҳои гумроҳкунанда ва фиребои дасти тавассул (пайваст) ба сӯи баҳонаҳои ғайривоқеӣ ва ғайриамалӣ кам аз кам аз назари замонӣ дароз мекарданд. Таҷрибаи зиндагӣ собит намуда, баҳонаҷӯиҳои нобихрадона ҳатто дар зиндагии фардӣ ва рӯзмарра ва ҷангҳову табъизҳо механизми дифоӣ вакте номида хоҳад шуд, ки ба таври нохудогоҳ ва ғайрииродӣ (нохоста) мавриди исти-

фода қарор бигирад. Яъне шахс бидуни ин ки воқиан мутаваҷҷеҳ бошад, дигаронро омили гуноҳи худ бидонад. Чи ҷое, ки гурӯҳҳо ва раҳбарон ҳар кадом дорои ақидае бо манофеи асосии нуфузи ақлу мантиқро ҳар чанд ҳам заиф нафӣ (аз байн намебарад) намекунад. Масалан, ҳизби Ваҳдат тавре ки дар навиштаи оқои Дойкундӣ яке аз фаъолони сиёсии ин ҳизб ва аз шахсиятҳои тирози аввали ҳизби Ваҳдат ба ҳисоб меомад, чунин мехонем: «Ҳамон тавре ки як олим ва шахсияти бузурги мазҳабӣ ва мавриди эҳтироми шиъӣ барои бародарони аҳли суннати мо наметавонад раҳбари мазҳабӣ бошад, ҳамон тавр як рӯҳонии аҳли суннат низ наметавонад барои ҷомиаи ташайюъ раҳбари мазҳабӣ бошад. Бад-ин тартиб дар Афғонистон тааддуди аҳзоби сиёсӣ ва созмонҳои исломӣ бо бофти иҷтимоии қабилавӣ ва қавмӣ, ашираӣ ва нажодӣ ва теъдоди мазоҳиб расмият доштан, мазҳаби ҷаъфарӣ ва ҳанафӣ низоме такраҳбарӣ ҳам аз назари сиёсӣ ва ҳам аз назари мазҳабӣ қобили татбиқ нест ва заминаи пазириш барои ҳамагон мавҷуд нест». Ин гуфтаи оқои Дойкундӣ фармондудаи дуктур Сурушро ба хотирам овард, ки гуфта: «Ҳар ислоҳ ва инқилобе дар ҷомиа ду зул (тараф) дорад: як зулаш вайронгарии амалӣ аст ва зули дигараш навоварии теорӣ аст. Агар ин навоварии теорӣ набошад, он вайронгарии амалӣ як шӯриши кулл аст ва умеде ба давоми он наметавон дошт». Бале, дар фуқдони теории мақбули баҳамоии сиёсӣ буд, ки ҷомеа ҷафои бузургеро барои худ раво дошт. Дар тӯли ҳокимияти муҷоҳидин маъракаҳои ҷадиди сиёсиву низомӣ бо қудратмандони минтақавию дохилии Афғонистон чун Дӯстум – қумондони умумии низомии панҷ вилоёти шимол, Исмоилхон – амири вилояти ғарб ва Ҳоҷӣ Қадирхон -раиси шӯрои се вилоёти машриқӣ, Абдулалии Мазорӣ – раҳбари ҳизби Ваҳдат, ки ба бахши ғарбии шаҳри Кобул ва дар қисмати васее аз вилояти Бомиён салтаи низомӣ дошт. Ҳикматёр раҳбари Ҳизби исломии калон ба ҳумаҳои ҷанубӣ ва шаҳри Кобул ҳоким буд, месохт. Ба силсилаи истифода аз зарфиятҳои мавҷуди низом Масъуд бо он ки

таъсири суст ва заифи раҳбарони ҷиҳодии ҳавохоҳи давлат, монанди устод Сайёф, Юнуси Холис, Сайидаҳмади Гелонӣ, Муҳаммадосифи Мӯҳсинӣ, Муҳаммаднабии Муҳаммадӣ ва теъдоде аз шахсиятҳои маъруфи танзимҳои мансуб ба раҳбарони номбурда, чун Аҳмадшо Аҳмадзай, Анварӣ, Сайидмусо Тавоно, оқои Ҷовид, Арсалон Раҳмонӣ, Ҳидоят Амин Арсало, Содиқии Парвониро дар ҳалли қазоёи ҷорӣ, миёнгурӯҳӣ эҳсос мекард, вале нисбат ба иштирокашон дар ҷаласоти шӯрои раҳбарӣ бо баъзе тафоҳумоти давлат беалоқа набуд. Рӯйи ҳамин малҳузот (мулоҳизот) шӯрои раҳбари давлати исломиро, ки аз қабл вуҷуд дошт, қавоми бештар бахшид. Мехост аз як тараф машрӯъияти сиёсии низоми муҷоҳидинро ба намоиш бигузорад ва тавони сиёсии давлатро дар баробари ҳарифони дохилӣ ва ҷавви (атмосфераи) эътимоди берунӣ баланд бибарад ва аз тарафи дигар, фармондеҳони мутамаррид муталлиқ ба ин гурӯҳҳоро аз таалуқоти гурӯҳии онҳо таҷрид намуда ва онҳоро, ки аз фармони давлат ва вазорати дифоъ сар боз мезананд, ба масобаи ёғиён ва худсарон дар маҳаллот аз басти салтаашон боз дошта, имконоти ҳарбиву лужистикиашонро ба таҳлил барад. Ва дар ғоят роҳро барои ҳамалоти саркубгаронаи низомии хеш махсусан дар манотиқи мутлақан ноамн ҳамвор сохта, то ҳастаҳои идории давлатро эҳё ва густариш диҳад. Вале ин ҳадаф ва мақсад дар сурате метавонист таҳаққуқ биёбад, ки ҳукумати муҷоҳидин бо душвориҳои воқеӣ ва на мушкилоти ба сурати тасаннуии халқкарда сару кор медошт, ки ин боиси давоми вазъи номусоиди сиёсӣ ва низомӣ пас аз рӯи кор омадани ҳукумати муҷоҳидин ва хушунату овора шудани дубораи мардум ба Покистон, Эрон ва соири кишварҳои минтақа ва давоми қатлу куштори мардум гардид. Ба таври мисол, мавориди зерро метавон дар тавҷеҳи сӯи ниёт баъзе кишварҳои минтақаву ҷаҳон аз давлати Бурҳониддини Раббонӣ ва мавқифи душвори Аҳмадшоҳ Масъуд донист. Сафари раҳбарони мусалмони кишвари Судон, ба хусус Ҳасан Туробӣ – раҳбари мазҳабии Судон, ки дар ҷаҳон бунёдгаро хонда

мешуд, ба Афғонистон то аз рӯи ахлоқи исломӣ миёни гурӯҳҳои муҷоҳидин ба миёнҷигарӣ бипардозанд, ки мазид бар он ҷенерол Дӯстум эълон кард, ки раҳбарони Судон аз тариқи майдони ҳавоии Багром силоҳу муҳиммот ба кишварашон интиқол медиҳанд. Ё ин ки Ҳикматёр ҳазорҳо тан афроди ҷангҷӯёни ҳизби исломиро ба ҷанги Озарбойҷон алайҳи Арманистон фиристод, ки дар баробари ҳар яки он маблағе ба даст меоварад. Илова бар он наворҳои видиое дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ба намоиш гузошта шуд, ки дар он теъдоде аз чирикҳои (партизанҳои исломи) тоҷик дар пойгоҳҳои Аҳмадшоҳи Масъуд дар ҳоли тамрини низомӣ дида мешуданд, ки давоми ҷанги миёни муҷоҳидин ва ҳукумати тарафи ҳимояи Русия дар Тоҷикистонро исбот мекард. Ҳатто кишварҳои муслиҳ низ ба бардоштҳои мутафовит аз вазъи умумии кишвар бидуни дарки дақиқ аз решаи ғойла (хушунат) иғфол гардиданд.

Аз ин рӯ мавзеъгириҳои мухталиф ба асоси завоҳири ҳолот дар ҳоли инкишоф бо дастабандиҳои гуногун ихтиёр гардид ва фурсати мудохила ва баҳрабардории бештари сиёсӣ, махсусан барои кишварҳое, ки собиқаи торики муносиботи сиёсӣ бо Афғонистон доштанд, мусоид гардид. Аз ҷумла давлати ҳамсояи ҷанубӣ ва шарқии Афғонистон Покистон, ки душмании таърихии он бо Афғонистон дар тайи се марҳала аз равобити дипломатикиаш комилан машҳуд аст ва дар аксари мақолот ва рӯзномаҳо ва осори таҳқиқӣ ба қадри кофӣ таҳрир ёфта, ки ба чанду чуни бештаре он дар навиштаи ҳозир намепардозем. Сирф бахше аз он мақосидро, ки дар солҳои ахир ҷузъи аслии стратегии давлати Покистонро дар сиёсатгузориҳояш, махсусан баъд аз пирӯзии муҷоҳидин нисбат ба Афғонистон аҳамият дода шуд, макс (таваққуф) мекунем. Баъд аз вуруди Артиши Сурх ба Афғонистон зимомдорони панҷобии Покистон ба ин зан афтоданд, ки баъд аз хуруҷи Артиши Шӯравӣ ҳокими мукаддароти тамоми Афғонистон бошанд. Ҷангҳои чордаҳсола ва муҳоҷиратҳои катлавӣ ба Покистон ҳурмати марзҳо ва

тамомияти арзии Афғонистонро зоил намуд. Салтаи сиёсиву низомии Покистон дар тӯли хатти Дюранг истиқрор ёфт. Илова бар ин, Покистон бо кор миёни қумондонон ва аҷирсозии иддае аз онон заминаҳои убури нуфузии хеш ба ғарб ва шимоли Дюрангро мусоид сохт. Бо суқути давлати доктор Наҷибуллоҳ ва оғози ҷангҳои дохилӣ миёни муҷоҳидин Покистон, аз як сӯ, мутамоил ба паштунҳои тундрав буд, чун тасаввур мекард, ки таассуби паштунии онҳо иҷозат намедиҳад, ки бо Эрон канор биёянд ва аз сӯи дигар, ин нигарониро ҳам дорад, ки ҳимоят аз паштунҳои тундрави исломӣ мӯҷиби тақвияти онҳо гардад ва бори дигар масъалаи паштунҳоро дар минтақа матраҳ созанд. Бо назардошти умедворӣ ва нигаронии фавқ аз ду равиш хост истифода кунад ё ҳокимияти заифи паштунҳои тундрав ва ё ҳокимияти ғайрипаштунҳое, монанди Раббонӣ, яъне, ки бо эҷоди музоҳимат барои давлат тавассути бархе паштунҳои мутаассиби қавмии давлати Афғонистон равобити худро бо Покистон ҳифз намояд. Аммо баъдҳо тарҷеҳ дод сиёсати эҷод ва истимрори ҳукумат ва қудрати қавмии паштуниро, ки аз лояҳои зерин ва мазҳабии паштунон бармеомад, то аз як тараф, қаноати паштунҳои муқими Покистон, ба хусус миллигароёни паштунро аз зуомати (роҳбарии) паштунии Афғонистон фароҳам созад ва аз ҷониби дигар, муттаҳиди қавмӣ бошад ба гунаи ду давлати мусулмон дар баробари душмани анъанавӣ ва ҳамсояаш Ҳиндустон, ки бо сиёсати умқи стратегӣ ва иттикои ақибӣ, аз як тараф, битавонад инони контроли рақобатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ дар минтақаро ба даст гирад. Ва аз сӯи ҳам дар садади хомӯш сохтани иддаои марзии таърихии Покистон ва Афғонистон барояд. Зеро каректари Масъуд бо ин ниёт, ки бӯи душманӣ медод, мувофиқ набуд, дар ҳоле ки пеш аз рӯйи кор омадани ҳукуматҳои сохтаи ҳизби демократии халқ ва муҷоҳидин зуамои паштунии Афғонистон низ бо равишҳои авомфиребона бо давлати Покистон дар навъи заду банд ва муомила бархурд мекарданд, яъне «шиносоии ҳудуди сарҳадии Дюранг».

Ҷумҳурии Исломии Эрон аз гузашта ҳеҷ гоҳе фориғ аз масъалаи Афғонистон набуда, бо гузашти замон фаъолияти сиёсии Эрон дар мавриди Афғонистон ба унвони як кишвари ҳамсояи муҳим бештар шуда буд. Дар даврони ҷиҳоди исломӣ таъсир ва нақши фаъол дар сиёсат ва амалкарди нӯҳгонаҳои шиъӣ, ки марокиз ва пойгоҳояшон дар Эрон ва аз Эрон тахзия мешуданд, дар ҳукумати муҷоҳидин сиёсати хориҷиаш бо тамоилоти шиъӣ шакл ёфт ва бо ҳимояти фирқаӣ дар баробари ҳукумати Раббонӣ қарор гирифт ва ёроии лозим аз худ дар нигариши ҷомеъ нисбат ба ҳукумати муҷоҳидин напарваронд, дар абъоди маҳдудтари фирқаи сиёсатҳояш идома ёфт. Ҳизби шиъаи ҳазораро ҳамаҷониба ба раҳбарии А. Мазорӣ мавриди ҳимоят қарор дод ва лужистики низомӣ ва икмоли таслиҳотии онро то сарҳади тадоҳуми ҷангҳо барои ахзи мавқеи сиёсӣ ва диниашон дар низоми муҷоҳидин бахшид ва ҳимоят намуд, ки боиси дарди сарҳои ҷиддӣ дар ҳукумати муҷоҳидин гардид. Бо он ки қабл аз солҳои 1994 ба баъд тағйири махсус дар мавозеашон мабнӣ бар канор омадани ҳизби шиъа дар ҳукумати Раббонӣ ба вуҷуд омад, ҳизби Ваҳдат зери таъсири мавқифи тағйири сиёсати Эрон дар ҷангҳои Шӯрои ҳамоҳангӣ алайҳи давлати Раббонӣ бо ҳампаймононаш ҷунбиши исломӣ ва ҳизби исломӣ иштироки низомӣ накард ва мухолифати сиёсии худро идома дод. Бо ин ҳам тағйири сиёсати Эрон баъд аз вақт, зеро хушунат ва инқитобҳои (зиддиятҳо) танзимӣ ба ҳадде боло гирифта буд, ки на танҳо таззоди фирқаӣ, гурӯҳӣ, балки қавмию забониро илло хона ба хона ва кӯча ба кӯча ба вуҷуд оварда буд, ки контрол ва маҳори он тавассути раҳбарон ҳам гоҳ-гоҳе ғайримумкин мегардид. Рафсанҷонӣ – раиси ҶИЭ дар сафари минтақавиаш ба Ҳинд ва Покистон ҷанги аҳзоби исломиро дар Афғонистон «ҷангӣ ҳеҷу пуч» хонд ва афзуд, ки барои хатми он кӯшиши ҳамсояҳои Афғонистон зарур аст. Дар ҳоле ки саҳми сиёсии ҳизби Ваҳдат дар ҳукумати Раббонӣ намоён буд. Оқои Халилӣ – вазири молия ва чор тани дар постҳои мухталифи ҳукумат

аз нухбагони танзимҳои шиъа ҳузур доштанд. Бо ин ҳам агар аз резакориҳои сиёсати хориҷии Эрон дар қиболи Афғонистон бигзарем, ниёт ва полисиҳои давлати Эрон дар маҷмӯъ иқтидори як низоми воқеии исломиро дар вуҷуди оқои Раббонӣ ва Масъуд ба худ мекашонд. Зеро ҳуввиятҳои ҳар дуи онҳо аз назари собиқаи мубориза ва ҷиҳоди исломӣ шинохта шуда буд, нахустин бор лақаби Шери Панҷшерро ба А. Масъуд Алиакбари Вилоятӣ – вазири хориҷаи Эрон дар аввалин дидораш ба ӯ дод, ки ҳамин дидгоҳ ба сайри ҳамкории мустақими Эрон бо ҳукумати устод Раббонӣ мутаносиб ба пирӯзиҳои Толибон, билхусус бо тасарруфи Ҳирот тавассути Толибон оғоз ёфт.

Кишварҳои Ӯзбакистон, Туркманистон ва Тоҷикистон бо он ки мавзеъгириҳои мутафовит аз назари этникӣ ва сиёсӣ доштанд, вале дар кулл аз як навъ сиёсат пайравӣ мекарданд ва он муқобила бо бунёдгароии исломӣ, зеро дар ин кишварҳо бардоштҳои воқеӣ дар доираи манофеи геополитикии Руссия сареҳан вуҷуд дошт, ки дигар дар Афғонистон исломи суннатӣ ҷояшро ба исломи инқилобию сиёсӣ иваз карда ва ин ҷумҳуриҳо, ки ҳайатҳои раҳбариашон бозмондаи низоми комунистӣ ва меросхӯри Иттиҳоди Шӯравӣ буданд, бо вуҷуди барпоии ҳукуматҳои нав қолабҳои идорӣ ва шеваи раҳбарии сиёсии ҷомиаҳо ба тарзи гузашта вуҷуд дошт. Ва аз ҳама муҳимтар ҳоким будани фарҳанги русӣ дар шууни ҷавомеи эшон наметавонистанд ба қазоёи ҷории Афғонистон бидуни дар назардошти масоили фавқ субот ва амният сулуки давлатҳои нав ба таҷрибагирифтаашонро ҳифз кунанд. Ба хусус Ӯзбакистон ва Тоҷикистон, ки ҳам тундравони ташкилотҳои сиёсии қавмӣ ва миллигароӣ ва ҳам бо гурӯҳҳои исломист ва инқилобии кишварҳои хеш мушту гиребон буданд, ки таъсироти ногувори худро болои ҷавонибы мунозиаи дохилии Афғонистон низ таҳмилонда буд.

Корзори муборизаи Масъуд на танҳо бо қумондонҳои дохилӣ дастоварди дархури қабул надошт, балки рафта-

рафта шикофро васеътар аз пеш гардонида ва гузинаҳои низомӣ мавриди муомилаи маҳофили сиёсӣ қарор гирифта буд, тавре ки дар байни гурӯҳбандиҳои Кобул мунташира дар китоби «Урду ва сиёсат» чунин мавзеъгириҳое ба вуҷуд омада буд: «Шӯрои нузор ва иттиҳоди исломӣ муттаҳид шуда буданд, ҳизби Ваҳдат бо ҳизби Ҳаракати Мӯҳсинӣ ихтилоф дошт. Ҳизби исломӣ бо ҳизби Ваҳдат наздик шуда, ба сӯи эътилоф мерафт. Дар ин замон ҳизби Ваҳдати исломӣ муттаҳиди сиёсии ҷунбиши шимол шумурда мешуд. Ҷунбиши шимол, ки бо ҷамъият ва Шӯрои нузор эътилоф карда буд, акнун ба сурати ошкор мавзеи бетараф ихтиёр карда буд ва тафоҳум байни Масъуд ва Дӯстум хатчадор шуда буд. Бо васфи сафари устод Б. Раббонӣ ба Шибирғон ин сӯитафоҳум марфуъ нагардида буд. Ҳикматёр саъй дошт бо ҷенерол Дӯстум наздик шавад. Ҷунбиши шимол дар натиҷа тасмим гирифт бо Ҳизби исломӣ низ мавқифи бетарафона иттихоз намояд. Пас бояд гуфт, ки ҳизби Ваҳдат ҳам ҷунбиш ва ҳам ҳизби исломиро дар паҳлӯи худ дошт ва бад-ин тартиб ду қутби нирӯманди низомӣ иҷод гардида буд ва ин замоне буд, ки шӯрои ҳаллу вақт мутобиқи файсалаи раҳбарон дар ҷаласаи Исломобод ва дар остонаи тадвир қарор дошт». Ҳизби Ваҳдат бо тасаввури ин ки гӯё Шӯрои нузор ҷониби иттиҳоди исломиро дар ҷангҳои гузашта ва ҷанги ҷорӣ алайҳи ҳизби Ваҳдат гирифта бошад ва ба ҷангу пешравии васеи дар ду истиқомати Силу ило гарданаи Боғи Боло ва дар истиқомати пули Ортал ило Ҷиндовул, ки қаблан манотиқи таҳти идораи афроди мусаллаҳи Шӯрои нузор буд, даст мезанад. Ин ҷанг сароғози ихтилофи урёни ҳизби Ваҳдат ва Шӯрои низорро мерасонд. Ки Масъудро аз эҷоди тафоҳум ба идомаи гуфтугӯ бо раҳбарон, махсусан ҳизби исломӣ, ҷунбиши исломӣ ва ҳизби Ваҳдат рӯи чигунагии тадвири Шӯро, ноумедтар сохта буд. Ҳатто тасаввури он мерафт, ки Шӯрои ҳаллу вақт нахоҳад тадвир ёбад. Бо он ки афроди мусаллаҳи ҳизби ваҳдат аз аҳолии Ҷиндовул, Пули Ортал, Боғи Ваҳш, Гарданаи Боғи Боло ва Силу билофосила тавассути нирӯҳои мусаллаҳи Шӯрои

нузор ва мутаҳидини он ақиб рафтанд, гуфтанӣ аст, ки дар зидди ҳамлаи давлат алайҳи ҳизби Ваҳдат, ки дар маркази шаҳр худро расонида буданд, ғарази маръуб намудани ҳизби Ваҳдат дар ғарби Кобул ҳамроҳ бо бамбордмонҳои ҳавоӣ нерӯхои мусаллаҳи қумандон Басири Холид ва қумандон Анвари Дангар бо фармондеҳии шахси Масъуд аз ҳама нақши асосӣ доштанд. Як теъдод таҳлилгарон бар он буданд, ки ҳизби ваҳдати исломӣ дар бозуи ғарбии шаҳр, ҳизби исломии Ҳикматёр дар ҳошияи ҷанубии шаҳри Кобул қувватҳои ҷенерол Дӯстум дар навоҳии Маркази ш. Кобул, ки мавзеи машкук ихтиёр намуда буданд. Тадбири шӯрои ҳалу ақд баъид аз имкон хоҳад буд. Аммо Масъуд бо вуҷуди рокетпароганиҳо ва ҷангҳои боздорандаи шӯрои ҳаллу ақд алайҳи мавозеъи ҳукумати Раббонӣ се шаб пештар аз тадвири ҷаласа ба тариқи ахбори родюи Би Би Си эълон намуд, ки «як теъдод касоне, ки аз иродаи миллат метарсанд, хостанд вазъро саботаж кунанд, ки гӯё ҷилави харобкориашон гирифта шуда ва шӯрои ҳаллу ақд ба унвони мавзӯи файсалагардида ва тафоҳумшудаи ҷаласаи раҳбарони ҷиҳодӣ дар Исломобод ба силсилаи таҳаққуқи соири файсалаҳо дар рӯзи мавъуд тадвир меёбад». Хулоса, устод Раббонӣ дар аввали моҳи ақраби соли 1371 (соли 1993) барои машруияти хеш шӯрои ҳаллу ақдро тадвир ва давраи кори худро тамдид намуд.

## ШӮРОИ ҲАМОҲАНГИИ ИНҚИЛОБИ ИСЛОМӢ ЧӢ ГУНА ШАКЛ ГИРИФТ

Ихтилофоти танзимӣ, бахусус ҳизби Ваҳдат, ки бо иттиҳоди исломӣ дошт ва ҷангҳову ракетбориҳои шаҳри Кобул тавассути ҳизби исломии Ҳикматёр ва дар айни замон мухолифатҳои сарпӯшидаи ҷунбиши миллии исломии шимол инҳо ҳама авомиле буданд, ки баъд аз гузашти як моҳи даври дуввуми зимомдории устод Раббонӣ вазъияти умумии низомӣ-сиёсии кишварро бо бумбаст барои як роҳи ҳалли сиёсии ҷадид мувоҷеҳ сохта буд. Устод Раббонӣ, ки баъд аз интихоби дубора ба риёсати давлат

дар шӯрои ҳаллу ақд зимни баёния дар шӯро тааҳуд супурд, ки баъд аз ин амнияти шаҳри Кобул аз ҷумлаи улавиятҳои кори ӯ дар оянда хоҳад буд. Ин суханонро ӯ дар замоне ирод мекард, ки чаҳор танзими ҷабҳаи наҷоти миллӣ, маҳози миллӣ, ҷунбиши миллӣ, ҳизби Ваҳдат эъломияе интишор доданд, ки ҷамъияти исломиро мутаҳҳам ба тақаллуб ва сӯиистифода аз орои намояндагон тазаккур дода буданд. Ки аз ҷамъи танзимҳои фавқ ҳизби исломӣ ва ҳизби Ваҳдат камокон ба роектпароганиҳояшон дар соҳоти давлати устод Раббонӣ идома медоданд. Масъуд ба асоси муфоди файсалаҳои шӯрои ҳаллу ақд мубтанӣ ба таъмини амнияти шаҳри Кобул даст ба амалиёти низомӣ ва тасфиявӣ дар манотиқи чун Бакромӣ, Пули Чархӣ, Шинаву Камарӣ, Ҳудхел, Хоки Ҷаббор зад, ки қисман тавонист манотиқро аз вуҷуди афроди ҳизби исломӣ пок ва марокизи партови рокетҳоро мунҳадим намояд, ки чанд муддате рокетпароганӣ болои шаҳр коҳиш ёфт, ки баъдан миёнҷигарии қозии Ҳусайн Аҳмад дар тадовуми оромиш кӯмак намуд. Дар миён Ҳикматёр дар музокироташ бо қозию Ҳусейн Аҳмад дар мавҷудияти ҷенерол Ҳамидгул истеъфои Раббониро аз риёсати ҷумҳурӣ ва интихоботи озодро дар зарфи шаш моҳ аз шароити давоми оташбас эълом дошт, ки ин дархост аз назари огоҳон ғайриамалӣ ва мантиқӣ менамуд. Зеро агар манзури Ҳикматёр интихобот миёни муҷоҳидини мусаллаҳ бояд сурат мегирифт, ки фарди мусаллаҳ ба раҳбари хеш раъй медод, ҳар танзиме, ки теъдоди афроди мусаллаҳаш бештар буд, раъйи бештарро ба даст меовард ва ҳамон раҳбар ва танзим ҳукумат кунад, то ҳанӯз чунин чизе дар ҳеҷ ҷомеае таҷриба нашуда ва асоси ҳуқуқӣ ва қонунӣ надорад. Вале агар манзури Ҳикматёр мурочиа ба орои мардум бошад, мардум замоне озод раъй ба кондидҳои хеш медиҳанд, ки таҳдиди салоҳ вуҷуд надошта бошад ва он дар сурате ҳадди ақал метавонад бароварда шавад, ки Ҳикматёр ва дигарон вазоифашонро дар низом ишғол менамуданд ва аз мухолифати мусаллаҳона даст мекашиданд ва дар ҷиҳати вифоқи

миллӣ ва ташаккули беҳтари низом содиқона амал менамуданд. Ки на танҳо чунин нашуд, балки натоиҷи вазъияти фавқ баҳонае шуд, то қутуббандиҳо эътилофҳои сиёсӣ ва собиқ амалан дар ҳам шикананд ва дар моҳи ҷадии соли 1993 мутобиқи 1371 қабл аз хатми миёди давраи дуввуми ҳукумати устод Раббонӣ иттилофи зидди давлат дар вуҷуди иттиҳоди ба номи шӯрои олдии ҳамоҳангӣ, ки бо иштироки чаҳор ҳизби сиёсӣ, ҷунбиши миллӣ, исломӣ, ҳизби Ваҳдати исломӣ, ҷабҳаи наҷоти миллии исломӣ ва ҳизби исломии Гулбиддини Ҳикматёр тағйири мавзеъ дода, бо сенария ва аҳдофи нав вориди маъракаи ҷадиди сиёсӣ-низомӣ гардиданд. Раёсати шӯрои ҳамоҳангиро С. Муҷаддадӣ, ки шадидан сархӯрдаи тадовуми қудраташ дар ду моҳи аввали ҳукумати муҷоҳидин буд, ба дӯш гирифта буд. Шӯро шадидтарин ҷангҳоро алайҳи ҳукумати Раббонӣ ба роҳ андохт. Б. Раббонӣ билофосила ҷиҳодро алайҳи Дӯстум ва атрофиёни ӯ эълон менамояд бо ин матн «Барои таъмини амнияти кишвар ҷиҳодро бо аҳли бағӣ, яъне шӯрои олии мавсум ба шӯрои олии ҳамоҳангӣ воҷиб медонам, то заволи комили сардамдорони аҳли бағӣ ва бақоёи коммунизм ба ҷиҳодатон идома диҳед». Ки ҳамзамон бо он ҳизби исломӣ илова бар ҳамалоти муштарак бо қувватҳои ҷунбиш дар атрофи шаҳри Кобул дар соири ҷоҳо низ аз ҷумла, дар Тагоб болои қувватҳои шӯрои нузор ҳамларо оғоз карданд ва дар кулли соҳот ва нуқоти мухталифи Афғонистон қувватҳои эътилоф болои мавозеи ҷамъият ва муттаҳидони он, ки ҳукуматро тамсил мекарданд, ҷангро тадовум бахшиданд. Сафҳаи тозае аз душманиҳо ва харобиҳои шаҳри Кобул ва манотиқи дигари Афғонистон гушуда шуд. Вале чаро чунин шуд? Далоили аслии ин бархурд, ки дар гузашта аз он зикр ба амал омад, вале ангезаи маълуми он интиқоли афроди мусаллаҳи ҳизби Ваҳдат ва ҷунбиши шимол аз тариқи майдони ҳавоӣ тавассути тайёраҳои ҷунбиш аз Мазори Шариф бидуни дар ҷараён қарор додани вазири дифоъ Масъуд буд ва шакку гумонҳоро ба вуҷуд оварда буд. Дар ҳоле ки Дӯстум худ муовини аввали вазири дифои

муҷоҳидин буд ва ин ҳаракат дар замоне сурат мегирад, ки Масъуд тоза аз ҷангҳои ҳизби ваҳдат бо оташбаси шикананда даст ёзида буд. Аз сӯи дигар, эъломияҳои ба торихи 18.9.1372 аз тарафи маркази фарҳангии ҷунбиш ба нашр расида буд. Ба қарори матлаби зикрёфта дар китоби Ҷанги дохилии аҳзоби Афғонистон, «ки ҷунбиш қаблан хатимашҳои ҳизбии худро, ки бо шӯрои нузор доштаанд, тағйир додаанд ва фирқаи 53 вазорати дифоъ, ки ҳамон бақоёи коммунистҳо аст, таҳти фармони Дӯстум воқеъ дар чорроҳии сиҳати ома аст, алайҳи давлати Б. Раббонӣ басичу маҳич (сафарбар) намуда, як силсила таҳаррукоти низомии зидди давлатиро аланӣ намоянд».

Масъуд босуръат фармони таваққуфи интиқоли нерӯҳоро аз Мазори Шариф ба Кобул содир мекунад, вале ба амри Масъуд аҳамият дода намешавад ва дар натиҷа болои афроди ҷунбиш дар масири роҳи майдони ҳавоӣ ва чорроҳии сиҳати омма аз тарафи постҳои шӯрои нузор файр сурат мегирад. Ҷанг оғоз мегардад. Дар муқобил нерӯҳои боқии Дӯстум, ки аз қабл бо ҳизби исломӣ равобите барқарор намуда буданд, алайҳи шӯрои нузор ба истиқоматҳои Ришхур ва Шошаид ба амалиёти ҳамоҳанг даст мезананд. Дар ин миён ҳизби Ваҳдат дар ин ҷанг иштирок намекунад, дар ибтидо ҷангу пешравӣ ба нафъи эътилофи шӯрои ҳамоҳангӣ буд ва марокизу пойгоҳҳои шӯрои назори Масъудро дар навоҳии Теппаи Бибимаҳрӯ ва Сиҳати Омма, Пули Маҳмудхон, микрорайонҳо, Вазир Акбархон ва қисматҳое аз Теппаи Болоҳисорро тасарруф мегарданд ва пешравишон ба тарафи Арк идома меёбад. Масъуд, ки аз пеш бинобар тақозо ва шароити сулҳи Ҳикматёр аз мақоми вазорати дифоъ канорагирӣ карда буд ва ин мақомро ба Ваҳидулоҳи Сабоҳун намояндаи ҳизби исломӣ бо пешниҳоди Ҳикматёр Раиси ҷумҳур Раббонӣ супурда буд, вале аз ҷобаҷоиҳои нерӯҳо ва қитъаоти амнияти дохилии шаҳри Кобул, ки ба сурати мухталат идора мешуданд, ба гунаи пинҳонӣ назорат дошт. Бо ҳаракати мутаҳаверона (ҷасурона) даст ба кор мешавад ва бо фарохонии иддае аз қумандонҳояш аз

Панҷшер ва бо тақозои ҳамкорӣ аз баъзе аз гурӯҳҳо ва қитъаоти мусаллаҳи ҳизби исломии муқим дар шимоли Кобул ва гурӯҳҳои аз ҷамъияти исломӣ дар минтақаи шимолӣ, ки аз гузашта норозӣ будани худро дар мавҷудияти қитъаоти Дӯстум дар Кобул ба Масъуд эълом менамуданд, ба теъдоди 2 ҳазор нерӯ дохили шаҳри Кобул мегардад.

Дар ин моҷаро тӯлу тафсирҳои зиёде вуҷуд дорад. Вале он чи ки ба воқеият наздик метавонад бошад, ин аст, ки Масъуд баъд аз шикаст ва ақибнишинии қисмате аз қитъаоташ дар истиқоматҳои ҷануб ва шарқи маркази шаҳр бо гузаштан ба мудофиаи оҷил ва матин фурсат меёбад, то қитъаоти эҳзоршударо ба таарруз омода намояд ва амалиёт ва таарузи қитъаоти Масъуд баъд аз чошти фардои шабе, ки шӯрои ҳамоҳангӣ аз пирӯзии қарибулвуқӯяш тавассути Ҳамоюни Фавзӣ аз тариқи родюи Би Би Си эълон гардид, шурӯъ мегардад ва то саҳаргоҳони шаби ҳамон рӯз ҷанг ба шиддат идома меёбад, ки дар натиҷа ин ҷанг фардои ҳамон рӯзи ҳамлаи Шӯрои нузор чашмдиди худро аз шаҳри Кобул Мирвайси Ҷалил хабарнигори родюи Би Би Си чунин шарҳ дод: «Нерӯҳои мусаллаҳи Президент Раббонӣ на танҳо болои сангарҳои қаблиашон дида мешаванд, балки дар мавозеи нерӯҳои мухолифашон чун майдони ҳавои Шашдарак гаштугузор мекунанд. Ҳамчунон нуқоти марказӣ ва шимолӣ ва қисматҳои аз ҷанубу ғарбии шаҳр, ки дар чанд навбат ҷанг идома ёфт, манотиқи Боғивахш Боғи Бобур, Пули Маҳмудхон, Ғозии Истидиюм, Масҷиди Идгоҳ, Ҷодаи Майванд, Ғунди Башир дар масири роҳи майдони ҳавоӣ, баъдан манотиқи Ҳутхел, Қобилбой, Тарахел аз афроди Дӯстум ва муттаҳидони он озод карда шуд. Роҳе, ки аз тарафи шимолӣ ба дохили Хайрхона мунтаҳӣ мешавад, ба куллӣ боз шуда ва ҳеҷ фарде аз афроди Дӯстум ва ҳизби Исломӣ дар он ҷо дида намешавад. Ҷанг ба фосилаи даҳметрӣ дар атрофи теппаи Маранҷон ва Болоҳисор идома дорад». Баъд аз фурӯкаш кардани ҷанг рӯзи аввал дар майдони ҳавоии Шӯрои нузор ва афроди ҷунбиш Ҳоҷӣ Ҷалолхон –

як тан аз мутанаффизини соҳаи риҳоишии майдони ҳавоии Кобул чашмдидашро чунин нақл кард «Дигари торик ва шоми равшан дастаҳое аз афроди Дӯстум дар атрофи майдони ҳавоиро дида, ки дастмолҳои сурхи гули себ дар камаршон баста ва почаҳои пироҳану тунбонашон баланду поин нифа карда ва бо лунгиҳое, (салла) ки аз тикаи чорхонаи тира ва рӯшан буд, ба гарданҳо овезон, як по бараҳна ва як по дар кафш маҳҷубу номавзун гом бармедоштанд, пешорӯи пакулпӯшони мусаллаҳи шӯрои нузор ҷуха-ҷуха (гуруҳ - гуруҳ) равон буданд».

Масъуд, ки теорияпардози ҳаракоти низомӣ ва вазири дифоъи ҳукумати Раббонӣ буд, агар худро дар чандин ҷабҳа ва бо чандин гурӯҳи низомӣ мувоҷеҳ дид, ба хусус, ки пойгоҳҳои низомии ӯ дар шимол, аз ҷумла дар Мазори Шариф, вилояти Балх, Сари Пул, Самангон ва Бағлон, ки аз дасти ӯ рафт. Вале салобат ва савқи идораи ӯ дар мудофиаи бахши аслии шаҳри Кобул ва тасарруфи аксари навоҳии шаҳр ва қисман ҳумаҳои он бар хилофи таҳлилгарон ва нозирони сиёсӣ, ки қудрати азими басиҷии низомии шӯрои ҳамоҳангиро бо аҳдофи суқути ҳукумати исломӣ дар берун рондани нерӯҳои Масъуд аз шаҳр буданд, дар азҳон мусаҷҷал намуда буданд ва ё эътиқод бар ин ки ҳар гоҳ Дӯстум аз Масъуд бибурад, тавозуни низомӣ ба нафъи Масъуд нахоҳад буд, ғалат аз об баромад. Ҷангҳо идома ёфт, талафот ва зоеъоти бешумореро ба бор овард ва садҳо ҳазор мардуми бедифоъи дигар шаҳри Кобулро маҷбур ба тарки хонаву кошонаашон сохт ва ин дар ҳоле ки хатти марзии махуф ва ғайри қобили убур ва тавсифнопазир миёни гурӯҳҳои даргири ҷанг ба вуҷуд оварда буд, имкони тараддуд низ ба навоҳии мухталифи Афғонистонро аз мардум гирифта буд.

Бо гузашти ҳар рӯз дарду алами мардум зиёдтар мегардид. Мавозӣ бар он ҳаракатҳои сулҳҷӯёна ин ҷову он ҷо ба роҳ меафтид. Аммо ҷуз ноумедиҳо чизеро ба бор наовард. Аз натиҷаҳои пайвастаи нокомӣ талошҳои гурӯҳҳои сулҳи дохилӣ ва миёнҷигароне, ки бо хости муҷоҳидин ва тавассути муҷоҳидин зери назари ҳайатҳои

хориҷӣ, махсусан давлатҳои ҳомии муҷоҳидин, чун Эрон ва Покистон ва Арабистон идома меёфт, мусмири самар воқеъ намегардид. Аз ҷониби ҳам дар ҷараёни оташбаси ларзон, ки дар моҳи далви соли 1371, ки бо мизбонии Навоз Шариф- садри аъзами Покистон ва миёнҷигарии Аловуддини Буруҷардӣ –муовини вазири хориҷаи Эрон, Алфайсал- намояндаи давлати Саудӣ, намояндагони давлат-Исмоилхон ва Юнуси Қонунӣ ва ҷониби ҳизби исломӣ шахси Ҳикматёр иштирок намуда буданд, дар Исломобод сурат гирифт, саъй намуда буданд, дархости Ҳикматёр барои таъмини сулҳ, ки мегуфт: «Ё устод Раббонӣ Раиси ҷумҳур боқӣ бимонад, ё Масъуд- вазири дифоъ». Ва мaводоти отиро мувофиқат намуданд: 1. Шӯрои дифоии муштарак аз танзимҳо дуруст шавад, то урдуи миллиро бисозад. 2. Аслиҳаи сақила аз аҳзоб ҷамъоварӣ шавад. 3. Таъмини амнияти роҳҳо сурат гирад, ки аз ҳама шароити он файсаланома танҳо Масъуд ҳозир гардида буд, аз мақоми вазорати дифоъ барои таъмини сулҳ канор биравад. Ки баъдҳо Ваҳидуллоҳ Сабоун ба намояндагии ҳизби исломӣ ба ҳайси вазири дифоъ таъйин гардид, ки ғайр аз канор рафтани Масъуд аз вазорати дифоъ дигар ҳеҷ паймони он ҷаласа амалӣ нагардида буд. Ин амал Масъудро зиҳақ ва қобили бовар дар ҳалли бӯҳрон таблиғ намуд. Аз ин рӯ мардум дигар уммедҳояшон ба яъс мубаддал гардида буд, вазъ ҳар рӯз бадтар шуда мерафт. Ҳеҷ гуна нишона ва асаре аз беҳбуди вазъ пайдо нашуд. Мардум - ин катлаҳои (дастаҳои) наҷиби инсонӣ, ин аксарияти хомӯш ва қонеъ бо шонаҳои уфтода ва лабҳои дӯхташуда медиданд, ки ҳама чиз дар перомуни онҳо нобуд мегардад ва шаҳри азизашон аз даст меравад. Ҳақиқати замона ҳақиқати малмуси зиндагӣ ва зиндагонии онҳоро ба худ оварда буд.

Имтиёзе, ки Масъуд барои таъмини сулҳ бо канор рафтанаш аз мақоми вазорати дифоъ ба даст оварда буд, дар доираи муборизоти хеш алайҳи вазъи нобасомони ҳоким ба ҳаракоти ҷадиди аҷинтурӣ ва кашфӣ, таҷвиз ва ба истихдоми афроде пардохт, то тавониста бошад

фаъолиятҳои сиёсиашро дар вазъияти марҳалаи ҷадиди сиёсӣ ва низомӣ аз нав тавҷеҳ ва таъриф намояд. Ва бо як саре аз тамосҳо бо мухолифини билқувваи низомиаш рӯи мавзӯе, ки аз ҳама мардумписандона зоҳирпазир буд ва дар ҳар музокира ва нишасти махсусан ҳизби ваҳдати исломӣ ва ҷунбиши миллии исломӣ бепарда аз он сухан меронданд, он эҳқоқи ҳуқуқи ақвомашон буд, яъне, ки ҳуқуқи миллиятҳояшонро ба муомилаи сиёсӣ мегузоштанд ва ин дуруст замоне, ки ҳайати 52 узвии шимол ҷиҳати мушаххас шудани вазоифи баъдии шӯрои олии ҷиҳоди исломӣ дар моҳи саври соли 1371 баъд аз дидорашон бо Масъуд ва истимои нуктаназарҳои Масъуд, ки аз ибтидои таъсиси шӯрои ҷиҳоди исломӣ то он замон чандон тағйир нанамуда буд, ки шарҳи онро зикр намудем, хотираи хуше надоштанд. Ва ин амр сабаб шуда буд, то шиори қавмии танзимҳои зикргардида дар фавқ, махсусан ҷенерол Дӯстум аз бардошти соф ва содаи бозӣ бо сарнавишти миллиятҳои маҳрум шиори қавмии ӯ мантиқи амалӣ касб намояд ва ҳаракоти хасмонааш дар баробари Масъуд дар шимол мавриди ҳимояти бештар воқеъ гардад. Бо ин ҳам ҳеҷ кадом ба механизм ва шеваи амал барои ин тарҳу назари ҷомеъ ироа дода наметавонист ва ё ҳам агар буд, мувофиқати умум ҳосил намешуд. Масъуд нозукии масъаларо дарк карда бо ҷойгоҳи ҷадид ва диди нав ба он ба наҳви дар пайи роҳкоре баромада ва аз вазъу ҳавои дохили миёни танзимҳо ва раҳбарони муҷоҳидин, ки лабрез аз тазод ва ҷоҳталабӣ ва зиёдхоҳиҳо буд, хост баҳрабардории муассире намояд, ки аз ҳама аввалтар самара ва натиҷаи кори ӯ дар шӯрои раҳбарии ҳизби Ваҳдат, ки аз солҳо пеш дар хафақон ба сар мебурд ва бо ҳимоят аз шохаи Акбарӣ ва бардоштани бесобиқаи иншооб (пора шудан) дар ҳизби мавсуф буд. Ҳарчанд дастоварди номуваффақӣ аз лиҳози низомӣ, барои Масъуд дар пай дошт, зеро илова бар он ки дар ҳизби ваҳдат ва шӯрои марказӣ аксарият бо оқои Мазорӣ набуд, вале аз ҳимояти нерӯи низомии бештаре бархурдор буд. Мазид бар он сиёсати шиӣ дар таърихи Афғонистон камтар аз сиёсати

қавмии ҳазора виҷҳайи муборизотӣ ва озодихоҳӣ доштааст. Саранҷом ба таърихи дуи ҳафти 1372 баъд аз як даргирии мусаллаҳона миёни сиёсатҳои қавмии Мазорӣ ва сиёсатҳои шиӣ Муҳаммади Акбарӣ дар шӯрои марказии ҳизби Ваҳдат бо аксарияти ороъ Мазориро аз узвияти ҳизб ихроҷ кард. Бо ин ҳол Масъуд рӯҳияти миллии низомро аз ангезаи хатари қавмии ҷанг ва хушунати дарозмуддат аз ҷониби ҳизби ваҳдати шиӣ ба раҳбарии Муҳаммади Акбарӣ тақвият бахшид. Устод Раббонӣ, ки бо ташвиқи Сайёф – раҳбари иттиҳоди исломӣ ва ҳимояти Мавлавӣ Муҳаммад Юнуси Холис – раҳбари ҳизби исломии хурди холис ва Мавлавӣ Муҳаммаднабии Муҳаммадӣ – раҳбари ҳаракати инқилоби исломӣ ҷиҳодро алайҳи ҷенерол Дӯстум ва атрофиёни ӯ эълон намуд, аз рӯи гувоҳии қароин Масъуд дар аъмоқи дил ва завоёи рӯҳи худ бо эълони ҷиҳод мувофиқ набуд, вале ӯ ба маслиҳати динӣ дар ҳалқаи аз тарроҳони ин иқдом, баҳонае буд, то пои ҳамаи муҷоҳидинро дар ҷанг алайҳи Дӯстум кашонида шавад, масъалаи Дӯстум ва шимолро дур аз ранги қавмӣ ба нафъи ҳокимияти ҷиҳодӣ поён бахшад ва форму хислати сиёсии эълони ҷиҳодро худ бисозад. Ва он ин ки Дӯстум илова аз потенсиали баланди низомӣ ва вофире, ки бархурдор гардида буд, қавми ӯзбакро низ дар як интихоби таърихӣ дар набуди заими (раҳбар) ҷиҳодии бориз ва қобили эътимод ба ҳама ӯзбакон ва туркзабонон барои эҳрози ҷойгоҳи сиёсиашон дар низоми оянда қарор дода буд, Масъуд якҷо бо раҳбарон сари таъйид шӯронд. Илова аз он ҳар баддили дигаре дар баробари ин тасмими раҳбарони ҷиҳодӣ дар он мавқеъ Масъудро дар ҳастаи низом, ки ҳанӯз нопухта буд, ба инзиво (ҷудоӣ) мекашонид. Бо он ки давлат ва низоми исломӣ камтавон ва камтаъсир буд, агар маром ва усули асосӣ дошт, барномаҳои идорӣ ва иҷроияш ғайр аз маҳдудаи низомӣ ё набуд ё камтар эҳсос мешуд. Аз ин рӯ эълони ҷиҳод бо он ки як падидаи на амалӣ ва на мантиқӣ буд, натиҷа ҳам ҳамон шуд, ки тасаввур мерафт. Дар мусоҳибаҳои худ Масъуд гурӯҳи мӯъталифаи мухолифро кудаточиён ва ёғиён ва ихлолга-

рон хитоб мекард ва ҳеҷ гоҳе калимаҳое аз ҷиҳоду ислом ва куфрро нисбат ба Дӯстум ва ҳайати идории шимол ҳавола намекард. Аммо оё ин ҷанги эътилофи шӯрои мухолифини давлати устод Раббонӣ ва Масъуд паёмаде пешбинишуда ва қобили боваре дар ростои аҳдофи барандозии низоми Раббонӣ барои аъзои ин эътилоф, ки таркиби номутаҷониси аз лиҳози сиёсиву қавмӣ ва мазҳабӣ доштанд, дар пай дошт? Дар ҳоле ки на устод Раббонӣ аз мақомаш мустаъфӣ шуд, ки истеъфои ӯ дар дастури кори шӯрои эътилофӣ ҷой дошт ва на эътилоф ба як паймон ва қарори муайяне боқӣ монд. Ба ҷуз Масъуд, ки пойгоҳи низомии худро дар пойтахти кишвар мустаҳкам намуд ва машрӯъияти сиёсиаш дар ақиби ин тоқат бештар аз гузашта тақвият ёфт ва ҷенерол Дӯстум, ки ҳудуди васее аз шимолро аз нерӯҳои Масъуд ва ҷамъият тасоҳуб кард ва ба ишғоли низомии ӯ даромад ва аз як тавони бузурги низомӣ дар ҳудуди шимол бархурдор гардид, соири аъзои эътилофи шӯрои ҳамоҳангӣ назири Ҳикматёр, Муҷаддадӣ ва дигарон на танҳо дар асари ҷангҳо ва даст ба даст шудани манотиқ чуру чаповул, (ғорат) мол ва дороии мардум, тороҷи хонаҳо ва таарруз ба ҳайсияту номуси мардум ва дар ниҳоят нафрати мардумро нисбат ба худ барангехтанд, балки рӯҳияи беэътимодӣ дар афрод ва наздикони худ низ нисбат ба хеш афзуданд ва бо гузашти ҳар рӯз фуқдони эътиқод ба нафс дар миёни суфуф ва низомиёнашон роҳ боз менамуд. Зеро нирӯҳои мӯъталифа ангезаҳои ҷангҳо ва эътилофҳои худро дар асл натавонистанд тавҷеҳ кунанд. Ҳикматёр дар посухи саволи хабарнигори Би Би Си ангезаи эътилоф ва ҷангҳоро «дили нохостаамон» унвон кард, ки дар ҳамон рӯзҳои аввал барои мардуми одӣ ва аъзои эътилоф ва нозирони дохиливу хориҷӣ мувоҷиби эҷоди шак ва ибҳом гардид, чи ҷое, ки мардуми Афғонистон дар тӯли солҳои ҷанг аз як навъ саводи ибтидоии сиёсии ҳадди ақал бархурдор гардидаанд. Ба ҳар ҳол канор омаданҳо ва канор рафтанҳо ва аҳд бастанҳо ва аҳд шикастанҳо аз ҷанге то ҷанге гоҳ муваққатӣ ва замоне тактикӣ ва ба ҳар баҳонае

натавонист ҳалолгари авзои печидаи бархоста аз низоъҳо ва кашмакашҳои қудрат дар Афғонистон, ки хоҳони як тарҳи ҷомеъ ва маъқул буд, воқеъ гардад. Ва он дар бахшишу инъитофи (гузаштӣ) тарафҳои даргири ҷанг дар ба вуҷуд овардани як ҳукумати масъул, корой ва қонунӣ, ки ҳамаи ақвом ва гурӯҳҳои сиёсиро бо назардошти шароити таърихӣ ва арзишҳои ҳоким ва писандидаи динӣ ва фарҳангӣ аз ҷомеаи мо намояндагӣ кунад ва харобиҳо ва вайрониҳои солҳои мутамодии ҷангро, ки дар ҳама абъоди зиндагӣ ва ҳаёти ҷомеа ва мардум соя афканда бозсозӣ намуда ва заминаи авдати (бозгашти) дубораи муҳоҷиринро ба ватани аслиашон фароҳам созад. Ки тибқи як эҳсоягирӣ (ҳисобгири) аз манобеи бетараф дар ҷараёни ҷангҳои дохилии муҷоҳидин дар шаҳри Кобул илло омадани Толибон дар 35 ҳазор илло 40 ҳазор нафар ба қатл расида, 90 ҳазор нафар маҷрӯҳ ва беш аз чаҳорсад ҳазор хонавор овора ва маҷбур ба тарки Кобул гардидаанд. Ин хости Қотибаи (бештари) миллат на танҳо ҷомаи амал напӯшид, балки даст ёфтан ба як роҳи ҳалли маъқулро бештар аз пеш номумкин гардонида буд. Аз сӯе ҳам зудудани рӯҳияи адами эътимод ва нобоварӣ миёни муҷоҳидин ва ғайримуҷоҳидин аз тавони фармондеҳон ва раҳбарони ҷиҳодӣ нисбат ба мавқеиятҳои сиёсӣ ва низомиашон дар оянда барои як низоми босубот ва қобили қабул барои ҳама хориҷ гардида буд, чи он, ки ба асари мудохилоти васеи кишварҳои минтақа ва ё баъзе шабакаҳои иттилоотӣ ва ҷосусии созмонҳои байналмилалӣ бо баъзе ангезаҳои норӯшани таърихӣ ва таҳрикоти қавмӣ ва самтиву забонӣ, ки асбоб ва абзорҳои муассир ва коргари тадовуми ҷангҳо ва чира шудан бар якдигар бо рӯҳия ва вежагиҳои тоифавӣ, махсусан миёни қишри ҷавон, ки аксаран аз китобу мактаб ва дарс ба дур буданд, ба ситезаҳо ва душманиҳои ақвом мустақиман мунтаҷ (натиҷа) гардида буд. Чунон ки дар манотиқи ӯзбакнишин ҳар кас, ки ба форсӣ сӯҳбат мекард, ба дур аз доираи бархурди огоҳона ва шинохти қаблӣ ба шӯрои нузор нисбат дода мешуд ва ҳамин тавр дар баробари ҳазораҳо ҳар фарди қавми ҳазора, ки дар манотиқ ва

соҳаи умдатан пуштунишин рафтуомад менамуд, тасаввуре ҳатман ба вуҷуд меовард, ки ё барои ҷосусӣ омада ё дунболи кадом ниёти шуми дигаре аст. Дар ҳоле ки иродаи ҳамаи ӯзбакҳо ва ҳазораҳо ба ҳеҷ ваҷҳ дар асл бо чунин қиёс ҷур намеояд, яъне ҳар ду қавм аз ҷумлаи ақвоми заҳматкаш, ватандӯст ва меҳмоннавоз дар тӯли таърихи Афғонистон бо ифтихор дар канори соири ақвом зисту зиндагонӣ намудаанд. Вале дар миёни пуштунҳо ва тоҷикони кобулӣ фазои бархурд ва муошират рӯшантар менамуд. Бо ин ки танзимҳои ҳизб ва ҷамъият симоҳои расмӣ ва возеҳи миллӣ надоштанд, маҳбусини аҳзоби даргири ҷанг бо раҳбарони вобаста аз ин ду қавм дар зиндонҳояшон, ки сирф ба ҷурми пуштун будан ё тоҷик будан бошад, дида нашуда ва аз азияту озори ҳам ба ин баҳона камтар ба мулоҳиза расидааст. Шояд, ин натиҷа ва намоёнгари таркибии афрод аз ақвоми бузурги тоҷик ва пуштун дар гурӯҳҳои сиёсӣ, ҷиҳодии номбурда буда бошад. Аъзои ҳукумати устод Раббонӣ пас аз мувофиқати ҷаласаи Ҷалолобод:

1. Профессор Раббонӣ, Раиси ҷумҳур ва сарпарасти комиссиюни Вазорати дифоъ.
2. Сайид Нуруллоҳ Имод, Вазири зироат.
3. Инженер Муҳаммад Айюб, Вазири обу барқ.
4. Инженер Ҳикматёр, Садри аъзам ва сарпарасти комиссиюни Вазорати дохила.
5. Қозӣ Муҳаммадамин Виқод, Вазири мухобирот.
6. Инженер Файзмуҳаммад, Вазири умури сохтмонӣ.
7. Мавлавӣ Ҷалолиддини Ҳаққонӣ, Вазири адлия.
8. Ҳоҷӣ Динмуҳаммад, Вазири иттилоот ва култур.
9. Ҳидоят Амин Арсало, Вазири хориҷа.
10. Саид Сулаймон Гелонӣ, Вазири сарҳадот.
11. Доктор Сайидмуҳаммадамини Фотимӣ, Вазири сиҳати омма.
12. Доктор Ҳашматулло Муҷаддадӣ, Вазири ҳавонавардӣ.
13. Инженер Аҳмадшоҳ Аҳмадзай, Вазири шаҳрсозӣ.
14. Сайид Умар Маниб, Вазири таҳсилоти олӣ.
15. Муҳаммадкарими Халилӣ, Вазири молия.

16. Ҳаётулло Балоғӣ, Вазири тиҷорат.

17. Мавлавӣ Ҷалилуллоҳ Мавлавизода, Вазири маориф.

18. Мавлавӣ Арсало Раҳмонӣ, Вазири ҳаҷ ва авқоф.

19. Сайид Муҳаммадалии Ҷовид, Вазири плон.

20. Сайид Ҳусайни Анварӣ, Вазири кор ва умури иҷтимоӣ.

21. Доктор Форуқи Аъзам, Вазири авдати муҳоҷирин.

* * *

Ба силсилаи тарҳҳои сулҳ ва сафои мардумӣ ва ватанӣ, ки аз ҷониби шахсиятҳои мустақил ба гурӯҳҳои даргири ҷанг пешниҳод мешуд, раҳбарон ғайр аз шароити худҳоро дигар ба ҳеҷ чизе аҳамият намедоданд то ин вақт Гулбиддини Ҳикматёр ба намояндагии шӯрои ҳамоҳангӣ мегуфт. Раббонӣ бояд истеъфо бидиҳад. Раҳбарон бинишинанд ва рӯи як ҳукумат ба тавофуқ бирасанд. Раббонӣ мегуфт аввал оташбас барқарор шавад, дар тӯли меъёди боқимондаи давраи ҳукуматаш, ки шаш моҳ буд, тадоруки шӯрои муваққат гирифта шавад, то интиқоли қудрат ба шӯрои номбурда сурат гирад. Созмони Милал ва Конфаронси кишварҳои исломӣ дар интиқоли қудрат аз Раббонӣ таъҷил нишон медоданд то ки Рабонӣ истеъфо бидиҳад. Ва ин дар ҳоле буд, ки гурӯҳи Толибон аз Қандаҳор ба тарафи Кобул марш карда буданд.

Масъуд дар конфаронси матбуотиаш дар Багром ба хабарнигорон гуфт, ки барои вогузории қудрат аз Раббонӣ ба шӯрои муваққат се шарт дорад: 1. Оташбас барқарор гардад. 2. Роҳҳои вурудӣ ба шаҳри Кобул ба рӯи корвонҳои амвол, махсусан дар Суруби, ки тавассути роҳзанҳои Г. Ҳикматёр рабуда мешаванд, боз гардад. 3. Тамоми мавозеъ ва роҳҳои вурудии байналмилалӣ ба Афғонистон дар ихтиёри давлат қарор гирад. Ин пешниҳодҳо метавонад баъд аз истеъфои Раббонӣ пешшарти тазминӣ бошад барои сулҳ. Гуфтанӣ аст, ки дар ин муддат, яъне аз шурӯи ҷангҳои миёнгурӯҳии муҷоҳидин возеҳтар аз давраи зимомдории С.Муҷаддадӣ ҳукумати чормоҳа ва имтидоди ҳаждаҳмоҳаи ҳукумати устод Раббонӣ Созмони милал ҳеҷ навъ мудохи-

ла, ташаббус ва ибтикори мустақим дар ҳалли қазоёи сиёсии Афғонистон нишон надод. То ин ки дар авоили соли 1995 Созмони милал бо гуморидани Маҳмуд Мистери қазоёи сиёсии Афғонистонро баъд аз як вақфаи дусола аз нав хост мавриди маддоқа (диққат) қарор диҳад. Ҳайати Созмони Милал, ки меҳроқи талошҳояшро дар давраи аввали маъмурияташ гуфтугӯ бо тарафҳои аслии даргири ҷанг унвон кард вале дар ҷараёни кор аз барномаи қаблиаш удул намуд ва ҳама ҷараёнҳову шахсиятҳо ва тарафҳои муассиру ғайримуассирро дар як радиф қарор дод ва ба музокира пардохт ва ҷомеаро амалан ба тарафи чолиши такассури қудрат дар як марҳалаи хос ронд ва эътимоду коройии худро дар ҳалли бӯҳрон назди мардум аз даст дод. Аз тарафи дигар, дар набуди муроқибати лозим аз ҳаракоти сиёсӣ ва аз ҷараёноти авзоъи робит ба он дар манотиқи мухталиф паймонҳо ва ҳимоятҳои маънавии моддии иддае аз кишварҳо талошҳои намояндаи Миллали муттаҳидро ба суди аҳдофи хосашон дар ҷомеаи Афғонистон камаҳамият сохта буд. Тавре ки дар китоби Муҳамади Муҳаққиқи Дойкундӣ мехонем: «бахши давлатии родюи Ландан дар пайи интишори хабари мулоқоти ҷенерол Дӯстум бо муқомоти сафорати Амрико дар шаҳри Тошканд гузориш дод, ки вай бо анҷоми дипломосии фаъол дар Афғонистон дар садади афзоиши тамосҳои байналмилалии худ баромадааст. Бар гуфтаи ин родию дар маҳофили байналмилалӣ ин назари кулли мавриди таофуқ аст, ки сарфи назар аз гузаштаи Дӯстум ӯ бо аҳамияттар аз он аст, ки нодида гирифта шавад». Дар ҳоле ки дар Кобул ва ҷойҳои дигар музокироти намояндаи Милали муттаҳид, ки Амрико аз талошҳояш ҳимояти худро низ эълон карда буд ва нафасҳо барои навиди сулҳ дам мегирифт, ин ҳаракот чӣ маъноро ифода мекард, ки баъдҳо мо шоҳиди адами пухтагии барномаи даври аввали музокирот ва паёмади номаймун (нохуш) дар пруссаи сулҳ будем. Бо гузашти моҳҳо аз даври аввали музокирот Пирӯз Питрӯз Голи – сармуншии СММ дар сафараш ба Покистон ва дидорҳояш бо сарони муҷоҳидин ба ин натиҷа расид, ки Маҳмуд Мис-

тери дубора маъмурияташро аз сар гирад. Тавъам бо он ҳайати сулҳе аз афғонҳо низ дар ҳимояти СММ, ки мураккаб буд аз 14 нафар шахсиятҳои бетараф, ки ба онҳо гурӯҳи тамос низ мегуфтанд, фаъолияташонро ғарази тафоҳум бо оштӣ ва истемои назариёт буд, миёни тарафҳои аслии ҷанг оғоз карданд. Ин шахсиятҳо иборат буданд аз доктор Муҳаммад Юсуф, Саттори Сират, Самади Ҳомид, Расули Амин, Ҳаким Катавозӣ, Юсуф Нуристонӣ, Қозӣ Амини Виқод, ки баъдан шоеъ шуд ин гурӯҳ дар садади ташкили ҳукумате аст. Вале баъдан сухангӯи ин гурӯҳ эълон кард, ки мақсади онҳо сирф раҳнамоии намояндаи Милали муттаҳид дар мавриди Афғонистон буда. Ашхоси фавқ илова бар он, ки аксаран муҳрхӯрдаи ҷараёни салтанатталабӣ ва ҳавохоҳони Зоҳиршоҳ буданд, шеваи бархурдашон низ на бар асоси раванди табиӣ ва на мутобиқ раволи маъмул, ки муттакӣ ба маслиҳат ба роҳ афтид, бегона аз хусусияти марҳалаи ҷорӣ менамуд. Бонид Рувин – нависандаи маъруфи амрикоӣ плони Маҳмуд Мистериро гоме барои овардани сулҳ қаламдод намуд на таъмини сулҳ. Ӯ истидлол кард, ки то вақте ки мувофиқати Масъуд ҳосил нагардад ва шаҳри Кобул тавассути нерӯи бетараф идора нашавад, ҳеҷ ҳукумате наметавонад муваффақ бошад. Зеро Масъуд қуввати низомии он идда фармондеҳонеро, ки дар амнияти шаҳри Кобул саҳим гарданд, ғайр аз худашон намепазирад ва ба раванди сулҳ кӯмак намекунад. Қумондонон низ танҳо фармондеҳии Масъудро намепазиранд, чи он ки толибон дар ҷануб ба як қуввати бузурги низомӣ мубаддал шуда буданд. Ба ҳар ҳол ҳам Созмони Милал ва ҳам ҳайати сулҳи афғонӣ дар нишасте, ки ҳафтуми меҳрмоҳи 1373 дар кумитаи Покистон баргузор шуд, тадоруки Луи Ҷирга буд, ки ҷонибайн мувофиқати машрути худро мабнӣ бар эълони музокира аз ҷониби Масъуд бо толибон баён доштанд. Аз он ҷое ки Луи Ҷирга ба масобаи як механизми суннатӣ ҳатто дар гузаштаҳо, ки зери риш ва фармоиши шоҳон анҷом мешуд, муассирияти саросарии умуми чандон надошт. Чи ҷое, ки ҳукумати муҷоҳидин мантиқан мебоист машруияти нави-

неро сомон медод, чунон ки Чингизи Паҳлавон дар асараш ба номи «Афғонистони асри муҷоҳидин» бо таъйид аз иштироки ҳама танзимҳои муҷоҳидин дар ҳукумати устод Раббонӣ менависад: «Ҳукумати муҷоҳидин хотираи таърихии давронсозе аз худ ба ҷо ниҳодааст, ки ҳеҷ кас наметавонад ба осонӣ онро аз ёдҳо бизудояд. Ин ҳукумат асбоби мушорикати қавмиро ба гунаи бесобиқа фароҳам овард ва мардуми гуногуни кишвар ба худ ҳақ доданд, ки саҳмгирӣ дар сохтори сиёсати иҷроиро аз ормонҳояшон ба ҳисоб оваранд. Номбурда меафзояд, ки дар асри муҷоҳидин се кӯшиши умда дар ҷиҳати бозсозии машрӯъият дар Афғонисон сурат гирифт. Нахуст барпойии шӯрои аҳли ҳаллу ақд, пас аз он маҷмаи бузурги Ҳирот ва саранҷом кӯшишҳои Масъуд буд, ки дар ҷиҳати пайрезии тафоҳуми густурда се нишастро ба бор нишонад: аввал Франкфурти Олмон, сипас дар Туркия ва барои бори севум дар шаҳри Бонни Олмон, ки ин охирин бо ширкати шумори зиёди равшанфикрон ва андешагарон ҳамроҳ гашт».

## ХУТУТИ АСОСИИ ДАВЛАТИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН

Бародарон ва хоҳарон!

Дифоъ ва ҳимоят аз дастовардҳои ҷиҳод ва инқилоби шукӯҳманди исломӣ, пахшу нашри даъвати исломӣ, таъмиқи мафоҳими эътиқодӣ ва амалии ислом дар ҳама абъоди зиндагии ҷомеъа, истиқрор ва истеҳкоми давлати исломӣ, таҳкими ҳокимияти миллӣ, ҳифзи истиқлол ва тамомияти арзӣ ва ваҳдату якпорчагии миллӣ бар мабнои таъолими волои исломӣ дар сатри вазоифи исломии мо қарор дорад. Эҳтиром ва кароматИ (манзалат) инсонӣ ва ҳуқуқи табиии мардум эҷоди заминаҳои саҳмгирии афроди ҷомеъа дар таъйин ва интихоби зуъомати сиёсӣ ва идории кишвар аз тариқи татбиқи асли шӯро ба унвони аситарин бунёди ҳукумат дар низоми сиёсии ислом асли умдаи машши сиёсати дохилии моро ташкил медиҳад.

## ФИШУРДАИ МАВОДИ ХУТУТИ АСОСИИ ДАВЛАТИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ТАВАҶҶӮҲИ ДАВЛАТ ДАР РАФЪИ НИЁЗМАНДИҲОИ ОҶИЛ

Давлати исломӣ хоҳад кӯшид мизони арзаи маводи авалияро дар бозор афзоиш диҳад ва аз эҳтикор[1] ҷилавгирӣ ва қиями[2] мавод назорати ҷиддӣ ба амал оварад.

Дар буъди (самти) бозсозӣ ва эъмори муҷаддад:

– Эҳдоси макони тафреҳӣ барои кӯдакон ва ҷавонони макотиб ва мадорис, марокизи сиҳӣ ва беҳдошти саломатии муҳити зист, ҷойгоҳҳои муносибе барои таъмири ибодатгоҳҳо ва масоҷид дар назар гирифта шавад.

– Поксозии моинҳо (минаҳо).

– Ҷо ба ҷо шудани муҳоҷирин ва оворагон.

– Бозсозии системаи обёрӣ, тармими саракҳои вайроншуда.

Дар буъди дифоъи миллӣ ва урдуи ҷиҳодӣ:

– Давлати исломӣ мухолифи таҷзияи қувваҳои мусаллаҳ ба номҳои мухталиф буда, бад-ин манзур қитаъоти оперативии амнияти давлатӣ ва сорандуйро дар чавкоти урдуи исломӣ танзим ва мудғам сохта ва ташкилоти малишаи қитъаоти қавмиро мулғо эълон менамояд, то урду посбони ҷону мол, иззату обрӯи мардум бошад, на қотилу ғоратгари он.

– Давлати исломӣ дар ташкили урду ва соири органҳои давлатӣ ҳуқуқи ҳама миллиятҳои кишварро бар мабнои ҳаққу адолат риоят менамояд.

Дар буъди идораи амният:

– Мо тасмим дорем, қувваҳои амниятии кишвар баъд аз ин бо рӯҳияи исломӣ дар хидмати таъмини ҳуқуқ ва озодии афрод қарор гирад ва алайҳи беназмӣ ва қонуншиканӣ ва сӯистифодаи афрод аз иқтидору салоҳият ва ҷилавгирӣ аз ҷароҳим ва ихлолгарони амнияти омма

---

[1] гирд овардан ба қасди гарон фурӯхтан.

[2] баланд шудан.

огоҳона ва масъулона амал намояд.

Дар буъди молӣ ва иқтисодӣ:

– Зербинои аҳдофи иқтисодии дар муддати моро таъмини истиқлоли иқтисодӣ, худкифоӣ, рафъи ақибмондагиҳои дерина, касби рифоҳи умумии мардуми заҷиркашида ва ба кор бурдани манобеи моддии дохилӣ ва ташвиқи тавлидоти дохилӣ ва беҳтар шудани сатҳи камиву кайфии он ташкил медиҳад.

– Давлат сармоягузории дохилӣ ва хориҷиро ба манзури инкишофи саноеъ дар кишвар дар чаҳорчӯбаи қонун ва аҳкоми шариъати исломӣ ташвиқ ва тазмин менамояд.

– Аз ҳама донишмандон, уламо, инженерон, атбо ва мутахассисоне, ки дар хориҷи кишвар ба сар мебаранд, тақозо менамоем, дар ин марҳилаи ҳассос аз таърихи кишвар ба ниёзи меҳани исломии хеш лаббайк гуфта ва бо баргашт ба ватани вайронашон рисолати динӣ ва таърихии худро ифо намоянд.

Дар умури сиҳӣ (саломатӣ):

– Мо саъй хоҳем варзид, то васоили беҳдошт ва хадамоти сиҳӣ дар ҳама нуқоти кишвар ба сурати ройгон ва мутавозим таъмин ёбад.

Дар соҳаи таълиму тарбият:

– Давлати исломӣ талош меварзад, то барои ҳамаи навбовагон ва навҷавонони кишвар заминаи таҳсилро ба сурати ройгон фароҳам созад.

– Мо дар назар дорем мисоли таълимиро мутобиқ ба усули исломӣ ва ниёзмандиҳои зиндагии навини ҷомеаамон тайёр созем.

– Мо таълимоти ҳирфаӣ ва маслакӣ ва тарбияи кадрҳои фаннӣ, техникӣ аҳамият қоил ҳастем.

Дар соҳаи матбуот ва фарҳанг:

– Давлат саъй меварзад, то программаҳои радио ва телевизион дар хидмати тарбият ва таҳзиби ҷомеъа бо васила пахшу нашри даъват ба фарҳанги ғанӣ ва асили ҷомеъа сурат гирад.

Дар соҳаи иҷтимоӣ ва рифоҳӣ:

– Давлати исломӣ мукаллаф (вазифадор) аст шароити

кор ва музди коргарро ба таври одилона танзим ва ниёзмандиҳои коргаронро ҳам аз хадамоти сиҳӣ ва иҷтимоӣ бароварда созад.

– Ҳимояти хонавода ва кӯдак дар давлати исломӣ масъалаи муҳим ва қобили таваҷҷӯҳ аст.

– Таҳияи маскан ва сарпаноҳ ҷиҳати ҳалли мушкилоти муҳоҷирин, ки дубора ба ватан авдат менамоянд ва барои мардуми маҳрум ва бесарпаноҳи кишвар ҷузъи умда ба ҳисоб меояд.

Дар соҳаи сиёсатӣ хориҷӣ:

– Давлати исломӣ ба маншури Созмони Милали муттаҳид, Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқии башар ва соири усул ва маозини байнулмилал арзиш ва эҳтиром мегузорад.

– Давлати исломӣ дар роҳи барқарории таҳким ва беҳбудии муносибати дӯстона бо ҳама дували ҷаҳон алоқаманд аст.

– Аз мубо줌ризаи милали мустазъаф дар роҳи сулҳу озодӣ истиқлолӣ миллӣ, ҳуқуқи иҷтимоӣ ва таъини сарнавишташон ҷонибдорӣ менамояд.

## ЗУҲУРИ ТОЛИБОН

Шароити ҷангӣ ва ҳолоти ноҳинҷори ношӣ аз он, ки дар тамоми соҳот ва навоҳии кишвар шакли музмин (давомдор) ба худ ихтиёр намуда буд, металабид то вазъ дар кӯтоҳмуддат ба гунаи низоми яктарафа нагардад, сардаргумиҳои сиёсӣ ва талошҳои номуваффақи сулҳталабона камоком идома хоҳад ёфт. Ҳатто то сарҳади таҷзияи кишвар ва қарор гирифтани порчаҳои он канори ҳар як аз кишварҳои ҳамсоя ва минтақа ё ба таъбири иддае Афғонистон кишвари заиф боқӣ бимонад, то натавонад гӯё хатаре билофасл барои таҳаққуқи аҳдофашон дар минтақа эҷод кунад. Чунин ниёте шайтонӣ саранҷом ба нопадид шудани ҳуввияти таърихии як сарзамине, ки куллаҳои шомихи фарҳангии пурбораш ҳавза ва

минтақаро дар худ печондааст, бианҷомад. Аммо кӣ ва чӣ гуна нерӯе метавонист ин маъмулро бароварда созад, то ҳар фармондеҳеро дар ҷояш биншонад ва силоҳро аз шонаи ҳар мусаллаҳ пойин орад. Масъуд, ки дар тӯли ҷангҳои остонаи пирӯзии муҷоҳидин ва ҷараёни барпойии ҳукумати исломӣ, махсусан дар амалиётҳои ҷангӣ дар баъзе манотиқи шимоли Кобул, шимол-шарқ то Тагоб, Ғурбанд, алайҳи афроди ҳизби исломӣ ва ё ҷангҳои бо нерӯҳои Дӯстум ва соирин дар атрофи Кобул, манотиқи шимол-шарқ, Бағлон ва Қундузро ба ҳар далеле, ки буд, созмондиҳӣ ва иштирок варзид, дигар он маҳбубияти даврони ҷиҳодашро кам аз кам миёни авом зери савол бурда буд ва дар ҳамаи навоҳии Афғонистон аз Масъуд бардоштҳои мутазоде рӯз ба рӯз қувват мегрифт: «Чун Масъуд худхоҳ аст, Масъуд ҷангафрӯз аст ва ё Масъуд ба бегонаҳо вобаста аст». Ва аз ин қабил андешаҳо ва изҳори назарҳо Масъуд бо назардошти вазъ ва шароити фавқ ба таҳлили нависанда ду интихоб дошт ё ин ки дар майдони набард ба зӯрозмоии низомӣ мепардохт ё ин ки саҳнаи аслии муборизаи низомӣ, яъне Кобул-пойтахтро тарк мегуфт. Вале ӯ интихоби дуюмро бар аввал бо камоли зиракӣ ва талхӣ пазируфт. Зеро ки ӯ аз авом бардошти дақиқ дошт. Ду далелро метавон дар интихоби Масъуд суроғ кард:

1. Ин ки ҳар қадар ӯ худро даргири ҷанг мекард ва ҳатто ба пирӯзиҳои низомӣ ҳам, ки алайҳи мухолифини худ ноил мешуд, душмании қавмиро, ки солҳо боқӣ мемонд, василае ихлоли суботи сиёсии давлаташ ба дасти мухолифинаш мегузошт, ки даргириҳои дохилии давомдорро боис мегардид. Чи ин ки ҳалақоти муайяни сиёсӣ дар кишварҳои мухталифи минтақа ва ҷаҳон дар садади созмондиҳии биловақфаи бӯҳрони кишвар буданд. Ҳатто дар зери таъсир ва ҳимояи сиёсатҳои ҷаҳонӣ ангезаҳои минтақавӣ ва этникӣ, нажодӣ амал менамуданд ва аз тарафи дигар, дар дохили кишвар маҳбубияти боқимондаашро бинобар турктозияҳояш ба куллӣ аз даст медод. Дуруст монанди баъзеи ҳуккоми ду асри ахири

таърихи Афғонистон, ки гирдбоди укдаҳо ва душманиҳои худхалққарда ба партгоҳи нестӣ ва барбодӣ супурдашон. Ба ин далел ӯ хост, ки на танҳо аз масъулияти эҷоди душмании қавмие нохоста, ки ҳод (хатарнок) гардида буд, бипарҳезад, балки дар сурати номуваффақ будани ҳамалот дар саркӯби мухолифинаш аз суқути маҷмӯи эътибороти шахсияти худ ҷилавгирӣ намояд.

2. Ин буд, ки Масъуд тамоили худро аз як ҷанге, ки тамоми имконот ва қувваташро хурд месохт ва чизе ҳам насибаш ғайр аз пирӯзиҳои муваққатӣ он ҳам дар соҳаи набарди низомӣ намесохт, дар ҳоле ки медонист шуморе аз гиреҳҳои ҳалли қазия ва бӯҳрони сиёсии Афғонистон дар берун вуҷуд дорад ва то ба онҳо бо як маҳорат ва дарояти сиёсӣ даст наёбад, авомили ҷанг ба сурати кулл бартараф намегардад ва миллат ҳамчунон дар иғво боқӣ хоҳад монд.

Аз ин рӯ бо он ки роҳи ҳалли низомиро дар кӯтоҳмуддат мӯътақид буд, вале инро ҳам ба далоили фавқ написандид то аз мавқеияти ӯ сурат гирад. Зеро ӯ ангезаҳо ва ҳассосиятҳои шаклёбии чунон нерӯеро ба қасди халъи силоҳи низомии афроди мусаллаҳ ва саркӯби қумондонони гурӯҳҳои ҷиҳодии марказгурез ва ғайрипаштунӣ ба манзури таъмини навъи машруияти сиёсии қавмӣ дар зарфияти рӯҳии дастаи мутаассибини таълимдидаи пуштуниро бо басиҷи афроди умдатан нимасавод ва бесаводи ҳар қабила ва тоифаи ҷомеаи паштунии Афғонистон ва он тарафи марзҳо, яъне Покистон шадидан дарк ва эҳсос намуда буд. Махсусан сафари сардор Валӣ, ки дар авохири соли 1992 аз Урупо ба манотиқи Субаи сарҳад ва дидори ӯ бо як теъдод шахсиятҳои бонуфузи қавмии пуштун ва шоеаву овозаи ин ки номбурда гӯё паштунҳои ларру барро дар барандозии ҳукумати Раббонӣ ва Масъуди тоҷик ҳамсадо ва ҳампаймон месозад. Ва мувофиқаи ҳомиёни Покистонро дар ин «мақсад бо шароити таҳмилии чун сарфи назар аз иддаи таърихии Дюранг…» ва ғайра ба даст оварда бошад, матраҳ шуда буд вазоҳати бештаре ба масъалаи фавқ мебахшид. Ин ки

мақосиди сафари Сардор Валӣ чӣ буд ва киҳо ақиби он будаанд, гуфтаҳо рӯи таҳқиқ устувор нест, вале сафар сурат гирифта буд ва дидорҳое ҳам бо сарони қабоил дошт. Дар робита як воқеияти таърихиро мехоҳам дар ин ҷо зикр намоям. Дар китоби «Мухтасаре дар бораи қабоили паштун» навиштаи С. Лоиқ омадааст, мехонем, ки «Қабоил нақши азимеро дар таҳкими озодӣ, ҳифзи истиқлол, ҳуввият ва шарафи миллӣ ва ҳокимияти миллии Афғонистон (пӯштунҳо) ифо кардааст, ҳанӯз мекунад. Мо дар баробари қабоили бародар воқеан мақруз ҳастем». Бале, қабоил аз гузаштаҳо ҳокимияти сиёсии пуштуниро дар Афғонистон дар баробари ҳақхоҳиҳо ва ҳақҷӯиҳо ва хашму ҷазаби инсонҳои маҳруму ба ҷон расида аз бетадбириҳо ва бекорагиҳои низомҳои таҳмилӣ ва ғайримунтахаб, ки сиёсатҳои авзиишон (тунд) ҷомеаро ба хафақони сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодӣ кашонда буд, мустақим ва ғайримустақим посдорӣ намудаанд. Ҳамин қабоил буд, ки дар барпоии ҳокимияти муҷаддади пуштунӣ бо шароити ҳифзи манофеи истимор дар минтақа Нодирхонро дар барандозии низоми Ҳ. Калаконӣ бо ҳимояи қудрати истеъмории Ҳинди бритониёӣ ёрӣ доданд ва ба як муомилаи сиёсӣ даст ёзиданд. Тавре ки Саид Расул дар китобаш «Нигоҳе ба ахди салтанати амонӣ» менависад: «Баъд аз он ки Шоҳвалихон зери назари Нодирхон қумондаи афроди ҷамъоваришуда аз ақвоми ҷанубиро ба даст гирифта буд ва чандин навбат шикасти ҳуҷуми он дастаҳои қавмиро дар баробари қувваи ҳукуматии Ҳабибуллоҳ дар атрофи Гардез ба Нодирхон хабар медод ва талоши баъдии Нодирхон дар якҷошавии қувваи Ҷоҷӣ ва тааҳҳуди ақвомро дар ҳошияи Қуръон таҳрир ва имзо намуд ва плони ҳамла ба Гардезро худ ба ӯҳда гирифт. Бори дигар дар баробари қувваи Ҳ. Калаконӣ шикаст мехӯрад ва дигар умеде аз пирӯзии ақвоми ҷамъкардааш дар ҷануб барои ӯ намонда буд, маҷбур мешавад бо илтимосу зорӣ аз ақвоми Вазир ва Уруксай моварои сарҳад бо шумори зиёде кӯмак мегирад. Иддаи зиёде аз ин ақвом баъд аз мувофиқати инглисҳо аз сарҳад убур намуда, хос-

танд ба кӯмаки Нодирхон биёянд». Ин бор низ сардор Валихон бар расми аслофаш (гузаштагон) бояд кӯмак мегирифт, зеро ҳокимияти сиёсии қавми пуштун дар хатар афтида буд ва қабоил ҳам ба ҳайси падарватан ба ҳайси қабилаи ҳоҷоти миллӣ ва иҷтимоӣ ва сиёсии худ низомро аз хатари нобудӣ наҷот медоданд. Вале ин хатарсозон русон буданд ё ирониён, ки бидуни шак ҳеҷ кадоми онҳо, зеро на Масъуд чеҳраи ноошно ба миллат буд ва на Раббонӣ. Ҳарду зодаи ин обу хок буданд ва ҳақ доштанд ба масобаи ворисини ин сарзамин аз тариқи раҳбарии сиёсии кишвар дар хидмати ҷомеа қарор гиранд.

Ин як амри табиӣ аст, ки ҳеҷ кас валав инқилобию мутараққӣ ҳам бошад, то барқарории сулҳ наметавонад ба танзими умур бипардозад. Мушкили мо танҳо ба сари ҳукуматкунанда ва ё ин ки чи ақвом ва бо вежагӣ зимоми идораи кишварро ба даст дошта бошанд, нест. Балки муҳимтар ин аст, ки дар ҷомеаи мо то ҳанӯз ҷуз ҷанг эътинои камтаре ба соири равишҳо ва рафторҳои дигари пайкор ва мубориза барои висул ба қудрат ва ё мушорикат дар бахше аз он сурат гирифтааст – ба таъбири ҷангу рақобати хунин. Дар воқеъ, ягон василаи бозӣ ва ё забони баёни таборӯзи дастаҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ будааст. Махсусан гурӯҳони муҷоҳидин, ки дар баробари ҳам қарор гирифтанд ва инсонҳои мазлуму бедифои ватани мо Афғонистон бераҳмона поймоли рақобатҳои носолими онҳо гардиданд. Гарчи машруияти ҳукуматҳои гузашта, ки ба дунболи бетаваҷӯҳиҳо ва ҳақпушиҳои мардумӣ ва қавмӣ дар Афғонистон ба вуҷуд омаданд ва ҳеҷ кадом аз мабонӣ ва шолудаҳои одилона ва қонуни бархурдор набуданд, ду бор маърӯзи (мавқеи) ҳамалоти идеологияҳо қарор гирифт. Аввал бар ҳафти савр ва бори дуввум дар ҳашти савр. Бори аввал, ки бо тундиву талхӣ, яъне таҳаввули ҳафти савр анҷом шуд, ба гунаи машруияти мардумӣ ба вуҷуд омад ва ба оромӣ ва оҳистагӣ дар даруни ҳокимият ва дар қайду басти як қавм даромад, вале бори дуввум, ки машруияти мардумӣ иттифоқ афтод, ҷараёни хашин ва мароратборе ба худ гирифт, зеро ки

таборӯзи ақвом ва ҷавомеи қабилавӣ ба шеваи бесобиқа берун аз доираи қудрати классикро дар пай дошт, ки дар ҳар ду навъ машруият муҳаррикин ва ҳомиёни идеологияҳо натавонистанд ба масъалаи асосӣ, ки он адолати иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаи миллӣ буд, бо диди ҷомеашиносона ва таърихӣ ба он бипардозад. Яъне сарҳоро боло андохта, ҳаракат карданд ва ҷомиъаро хушбинона бо он чи гуфтанду карданд, ба дӯзах мубаддал сохтанд. Ва ин боис шуд, ки таассуб дар замир ва ниҳоди ҷомиъа боқӣ бимонад ва мутаассибини гироишҳои фавқи қавмӣ ва минтақавӣ як сару гардан баланд ҷомеаро ҷавлонгоҳи тохту тозҳои хеш қарор диҳанд, ки ин мутаассибин ё аз даричаи ҳукумат ва давлат сар берун карданд ва ё аз мазрааҳои ҳизбию гурӯҳӣ. Дар робита метавон гуфт, ки гурӯҳҳои ифротии қавмӣ, минтақаӣ ва исломӣ буданд, ки чӣ дар даврони ҷиҳоди исломӣ ва чӣ дар ҷараёни пас аз пирӯзии муҷоҳидин талоши зиёде намуданд, то Масъудро низ дар тӯли ин муддат мутаваҷҷеҳи аҳдоф ва ормонҳояшон созанд ва ҳимояти ӯро ба наҳве касб намоянд, вале Масъуд ҳеҷ гоҳе рӯи хуш нишон надод. Ҳисси умумӣ ин буд, ки Масъуд болотар аз ҳар чиз ватани худро дӯст дошт.

Аз мавзӯъ, ки дур нашавем, меоем ба матлаби қаблии худ. Ба ҳар тақдир агар чунин тасмиме ҳам вуҷуд дошт, мебоист заминаҳои амалиро фароҳам месохт ва ин бовармандиро барои ҳар нозири одӣ мавқеияти ҳаммарзӣ ва сиёсати ҳамон шабу рӯзи Покистон медод. Вале зиёдаравии муҷоҳидин низ як бахши воқеият буд ва ҳамон шуд, ки ҳукумати Покистон аз тариқи созмони истихбороти (амнияти) ОСО, ки дар тавтеасозӣ дасти баланде дошт ва дорад ба таври махфиёна дар ақиби ин ниёти шум низ меистад ва бо ҳамдастии як идда Созмонҳои мазҳабӣ, ки табори пуштунӣ доштанд ва аз боиси ба қудрат нарасидани Ҳикматёри пуштун сахт дар воҳима афтода буданд ва бо ҷалбу ҷазби иддаи афроди норозӣ аз ҳукумати Раббонӣ, ки дарбаргирандаи муҷоҳидин ва афроду чеҳраҳо аз низоми қаблӣ буданд, ба таври аланиву махфӣ дар ҳамёрии бахше

аз туллоби мадориси исломии Покистон нахустин ҷарқаҳои толибиро дар вулусволии Кишкинахуди Қандаҳор ва ё ба таъбири истиноди асноди дигар пайдоиши қиёми онҳо ба таври расмӣ аз мадрасаи мухтасаре, ки дар деҳкадаи Сангсар дар минтақаи Майванди Қандаҳор, ки мулло Муҳаммад Умар он ҷо машғули дарс буд, ба вуҷуд оварданд. Толибон ба қавли баъзеҳо ибтидо сӣ нафар буданд, ки 14 нафар мусаллаҳ ва боқӣ ғайримусаллаҳ. Гӯё, ки масорифи онҳо аз Ҳоҷибашар аҳли Майванд, ки яке аз фармондеҳони ҳизби исломии Мавлавии Холис буд, таъмин мешуд. Мулло Умар баъд аз як ду ҷанги мухтасари гирду атрофи он деҳкада бо афроди ба таъбири худаш «шурур ва нораво» ба муомилаи тақдирсозе даст мезанад ва он ин ки ёри наздики худро, яъне Мулло Раббониро бо теъдоде аз афроди худ ба Кобул ғарази мулоқот бо раиси ҷумҳур Раббонӣ эъзом медорад. Дар ин мулоқот афроди мулло Умар тавонистанд ҳимоят ва кӯмакҳои моддии раиси ҷумҳур Раббониро ба даст оварданд. Раббонии раиси ҷумҳур дар ин гурӯҳ зоҳиран пуштибононе дида буд, ки рӯзе алайҳи ҳизби рақиби ӯ Ҳикматёр ба кор ояд. Ба ҳар ҳол Толибон баъд аз ин таъидия даст ба пешравиҳои низомӣ хориҷ аз соҳаи аслии худ ба бахши аз вилояти Қандаҳор мезананд. Вале ба таъбири дигар зимни тасарруфи Испинбулдак тавонистанд пойгоҳи низомии «Пошшоҳ»-ро, ки махзани тадорукот ва муҳимоти зиёде буд, дар авосити соли 1993, ки аз марзи Покистон ворид шуда буданд, тасарруф кунанд. Бинобар ин бар хилофи таъбири фавқ ин гурӯҳ худҷӯш на, балки аз он тарафи марз ба мақсади маъмурияти хосе эъзом шуда буданд. Афросиёби Ҳатак, ки яке аз шахсиятҳои миллигарои пуштуни Покистон ва мухолифи ҳукумати Беназари Буту аст, мегуфт, ки «Толибон аз Покистон ба Афғонистон рафтанд ва дар ин ҳеҷ шаку шубҳае нест, мунташир шуда дар Родюи Би Би Си». Ва ё ин ки Абдураҳим Мандухел намояндаи Авоми нишнал порти дар парлумони Покистон ба сароҳат гуфт, ки Б. Буту ва Насруллоҳ Бобур бо ба вуҷуд овардани Толибон мехоҳанд алайҳи ҳукумати қонунии Афғонистон ихти-

шоши дигаре дар Афғонистон халқ кунанд. Бо вуҷуди ин, дар ибтидо тавре бардошт мешуд, ки Толибон афроди махсуси муҳофизат ва амнияти шоҳроҳи тиҷории Испин-Булдаки Ҳирот хоҳад буд ва ин дар ҷараёни дидори Насруллоҳ Бобур вазири дохилаи Покистон бо Масъуд ва бо миёнҷигарии Клинал Имом – қонсули Покистон дар Ҳирот дар сӯҳбатҳояш бо Исмоилхон мувофиқат сурат гирифта, мабнӣ бар ин ки таъмини хазинаи амнияти шоҳро тавассути Покистон барои рафтушуди колоҳо ва амволи тиҷорӣ ба Покистон ба Осиёи Миёна сурат гирад. Таъбири фавқ метавонад низ дар ин ҳаракат мистоқ биёбад, ки Б. Буту аз ҳомиёни Толибон буд, дар сафараш, ки 28 октябри 1994 дар Ашқободи Туркманистон сурат гирифт, дар робита бо Исмоилхон ва Ҷанрол Дӯстум мулоқотҳое дошт ва раиси ҷумҳур Ниёзов мусирона (боисрор) аз он ду танҳост, ки аз тарҳи бозсозии бузургроҳи Кувита – Ҳирот ва системаи моҳвораӣ ҳимоят кунанд. Ба ҳар ҳол диду водидҳо ва ваъдаву ваидҳо ва сафарҳо бидуни як ҳадафи сиёсӣ наметавонист мантиқӣ бошад ва он чизе буд, ки Раббониву Покистон ба дунболи он буданд. Ҳукумати Раббонӣ муттаҳиди паштуниро дар низоми худ бо як тавони блонсии низомӣ эҳсоси шадид мекард. Шояд ба чунин тафоҳуме тавассути Исмоилхон даст ёзида бошад. Вале аз назари Масъуд Толибон ҳақиқати беш аз як чунин зоҳирбофӣ ҷилва мекарданд ва дастурҳои раиси ҳукумат Раббониро низ рад намекард. Тавре ки мушорунилайҳ дар яке аз мусоҳибаҳои хеш мунташира дар маҷмӯаи мақолот зери унвони «Марди устувор» баъдан гуфта буд, ки: «банда бинобар масруфиятҳои низомӣ, устод Раббонӣ аксаран дар тасмимгириҳои сиёсӣ танҳо амал мекардам». Ин гуфтаҳо агар навъе масъулиятнапазирии ношӣ аз сифоти зишти ҳаракоти анҷомшудаи Толибон ва муҷоҳидин буда бошад вале мушорунилайҳӣ чунин музокирот ва тафоҳумотеро низ як бахше аз кор медонист. Пешравиҳои толибон дар соири манотиқи Қандаҳор ва билохира, нуфузашон ба шаҳри Қандаҳор ва баъдан вилоёти ҳамҷавори Қандаҳор, Зобул, Ҳилманд, Урузгон, Заранҷ ва Фароҳ собит сохт, ки

онҳо ҳақиқати печидатар аз он чизе будаанд, ки иттифоқ афтода буд, зеро ҳукумати Раббонӣ ба ҷуз манотиқи Испин-Булдак, ки шаҳри Қандаҳорро ба Покистон васл мекард ва тавассути афроди Илаҷори вобаста ба гурӯҳҳои дигари муҷоҳидин буданд, дар худи Қандаҳор пойгоҳи қавии низомии мавсум ба кулуурдуи Қандаҳор, ки бар аксари гӯшаҳо ва нуқоти ҳассоси шаҳр мусаллат буд ва тавассути Нақибуллоҳ Охундзода яке аз фармондеҳони бонуфузи ҷамъияти исломӣ идора мегардид, то шаҳри Ҳирот амният дар дасти ҷамъияти исломӣ буд ва кунтрули аксари шоҳроҳҳо кандаву бурида тавассути давлати Раббонӣ ва муттаҳидини ҷиҳодиаш сурат мегирифт, дар ҳоле ки Толибон ибтидо ҳамин масирҳо ва фосилаҳои шаҳри Қандаҳор ва марзи Покистон ва Ҳиротро бо халъи силоҳи афроди ҷиҳодӣ дар мақсади аввалии худ қарор доданд. Бо ин вазъ ба назари нависанда нутфаҳои ҳақиқат ҳам дар даруни таҳрики Толибон машҳуд буд ва ҳам дар пешомади Масъуд, дар даруни Толибон он буд, ки таҳрик аз як ноҳамгунии аносур бо аҳдофи сиёсии ҷудогона ва хостгоҳи қавмии муштарак иборат буд. Чун шохаи халқиҳо, заргуниҳо, афғонмиллатиҳо, мусулмонони тундрав ва пайрави мактаби девбандӣ ва салтанатталабони ҳавохоҳи Зоҳиршоҳ. Ин шохаҳо бо ихфои ниёт ва аҳдофи аслии худ дар ростои аҳдофи таҳрик, ки ҷамъоварии салоҳ ва суқути ҳокимияти Раббонӣ ва дар ниҳоят басти иқтидор ва нуфузу тасаллуташон дар тамоми ҳудуд ва навоҳии Афғонистон буд, дар айни иштирокашон дар барномаҳои куллӣ ва умумии таҳрик бо баъзе созмондиҳиҳо, ва Таҳрикот, ки густариши нуфузашон дар хиттаи ташкилоти таҳрик мубодират меварзиданд. Аммо бо он ҳолу ҳавои дохилӣ ва хориҷӣ ва аҳдофи шахсиву зимнишон мавриди баҳрабардории васеи ду нерӯи берунӣ ва дарунӣ қарор гирифтанд, нерӯи берунӣ, яъне аҳдофи мантиқавӣ ва фароминтақавии қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ ва дигар нерӯи дарунӣ ва дохилӣ, яъне Масъуд, ки маҷоли танаффус барои ҳузури ҳамаҷонибаи дуборааш дар саҳнаи сиёсиву низомӣ бе дарду сар ва ё камоком мубарро аз ашколи авзои қабл аз ҷулуси Толибон буд,

қарор гирифта буданд, зеро Толибон ба гунае созмони низомӣ амал мекарданд ва Масъуд, ки сахт озодахотир аз бугӯмагӯҳои сиёсӣ ва беҳосили қумондонон ва ҳокимону раҳбарони манотиқи мухталифи Афғонистон хаста шуда буд, беалоқа набуд дар пешравиҳо ва пирӯзиҳои низомии Толибон. Зеро Толибон алова бар хатоҳои намоёни сиёсишон ба анборгунае борут аз назари таркиб ва сохтори гурӯҳӣ низ мемонд, ки осебпазирии ҷариёнро ҳар лаҳза шаҳодат медод. Ва Масъуд фишори ин нуктаҳоро дар ҳаёти сиёсии гурӯҳи Толибон ба саргармиҳои сиёсӣ дар оянда ба нафъи хеш мадди назар дошт. Ҳамчунон риқобатҳои сареъ ва ошкори қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ дар эҷоди муаллифаҳои суботбарандоз ва низомшикан, ки бо ҳимояти ҳамаҷониба аз Толибон сурат мегирифт, қобили дарк буд. Баъд аз он ки Толибон аз як нерӯи маҳаллие, ки сулҳу амниятро ба ҳараҷу мараҷ бар аҳолии шаҳри Қандаҳор таҳмил карданд, ба як гурӯҳи бузурги низомӣ дар Қандаҳор ва манотиқи атрофи он мубаддал гардиданд.

* * *

Агар таҷрибаи вазъи ҷангиро, ки мегӯянд «шӯҳрат сабаби пайвастани норозиён ба шӯришиён мегардад», мисдоқ қарор диҳем, дар ҷануб ва ҷануб-ғарби кишвар сирф ду ё се мавзеъ ва ё нуктаи низомие марбут ба танзими ҷамъият ба раҳбарии устод Раббонӣ беш набуд, ки аз Раббониву ҳукумати ӯ ҳимоят кунад. Соири афроди мусаллаҳи гурӯҳҳои муҷоҳидин ҳама дар хатти мухолифат бо ҳукумати Раббонӣ ва вазири дифоъ Масъуд қарор доштанд, ки тавъам бо он ҷангҳои юришии Толибон, ки ношӣ аз таомули печидаи шароити иҷтимоии сиёсии ҳоким бар ҷануби Афғонистон низ буд, Толибонро бо қувати бештар ва замони камтар ба саҳнаи ҷидоли сиёсӣ-низомӣ омода кард. Ва ило ғайри қобили бовар аст нерӯе, ки шомили беш аз сад нафар набуд, дар тӯли як солу чанд моҳ аз корномаҳояшон ба як нерӯи чордаҳҳазор нафарӣ мубаддал шаванд. Аз сӯе ҳам баъид аз имкон хоҳад буд, ки таъминоти лужистикии лозим дар гирдоварӣ ва густаришу

нигаҳдории як чунин мошини ҷангӣ кори мадрасае бошад. Возеҳ аст, ки дар миён ҳимояти мустақими Покистон дар ба вуҷуд овардани як чунин нерӯи бузурги низомӣ асарбахш ва таъйинкунанда буд. Толибон, ки манотиқи ҷанубу ғарбии Вардак, Лугар ва Чоросиёбро бо суръати тамом аз контроли аҳзоби мухталифи марбут ба ҳаракоти инқилоби исломӣ, ки теъдоди бештари афроди ин гурӯҳ бо Толибон буданд ва гурӯҳҳои Ҳикматёр, ки дар айни замон даргири ҷанги миёнгурӯҳӣ бо Қорибобо аз ҳаракати инқилоби исломӣ ва воливу устондори Ғазнӣ дар вилоёти Майдон буданд, саркӯб ва халъи силоҳ намуданд. Ва ба таърихи 25 сунбулаи 1374 пас аз пирӯзиҳо дар атрофи Кобул ба дарвозаҳои шаҳри Кобул расиданд. Масъуд дар музокирааш бо Толибон дар минтақаи ҷавору ғарбии шаҳри Кобул аз қабл чандон барои ҳалли сиёсӣ дар эҷоди ҳукумати эътилофӣ эътиқод надошт. Лизо ин гурӯҳи нерӯманди низомии Толибон, ки дигар посухе шуда буд ба вазъи нобасомон аз ҳукуматҳои ҳар деҳу қаря ва шаҳру вилоят ва зулму ҷабру фишор ба мардум бо шиорҳои халъи силоҳ ва таъмини амнияти роҳҳо, дил ва раъйи мардумро, ки интизори идеоложии толибонӣ ва алоиқи шадиди мазҳабиро надоштанд, ба даст оварданд. Зеро ҷангҳои миёнгурӯҳии муҷоҳидин ба ҳадде мардумро хаста карда буд, ки дар ин ҷову он ҷо замзамаи толиб буд ва поёни вазъи нобасомон ва ноҳинҷори ҳоким. Дар он вакт мардум ин ҷумларо мегуфтанд, ки «Агар гурӯҳи Толибон кофир ҳам бошанд, мо қабул дорем, ба шарти ин ки моро аз ҷанги ин золимон ва ҷониён наҷот диҳад». Ва воқеан аз назари авом чунин ишорае ба ҳама муҷоҳидини ҳар гурӯҳ, тоифа ва ё ҳар минтақа ва қавме мерафт. Зеро мардум (авомуннос) махсусан дар ҷомиае чун Афғонистон, ки аз ҳар ҳайс ақибмонда ва ҷомондааст, амнияту кор ва нон зарурати аввалияи мардум аст, дар ғайри он магар Афғонистонро ҷангал ва мардуми онро ҷангалӣ биномем.

***

Масъуд, ки дар тайи ду бор гуфтугӯву музокира бо То-

либон натиҷае ҷуз он чи дар пеш зикр гардид, нагирифта буд. Яъне тамоми имконоти ҳарбиву ҷангии давлати исломии худро ба унвони пешшарт (пешпардохт) ба Толибон таслим мекард, зеро Толибон баъд аз расидан ба дарвозаҳои ҷанубӣ ва ғарбии Кобул дигар ба ӯ ба унвони вазири дифоъ ва намояндаи давлати исломӣ ва соҳиби тарҳу пешниҳод пешомад накарданд, балки монанди сойири гурӯҳҳое, ки халъи салоҳ шуда буданд, аз Масъуд низ ба унвони сардастаи гурӯҳе, ки дар Кобул ҳоким буд, мутолибаи таҳвилие силоҳашро карданд. Масъуд на танҳо чунин дархостро рад кард, балки омодаи як ҷанги тамом айёр бо Толибон шуд. Дар ҷанг танҳо нуктае, ки Масъудро осебе ғайри қобили ҷуброн мерасонд, ғарби Кобул ва махсусан манотиқе, ки дар контроли ҳизби Ваҳдати исломӣ буданд ва тавассути афроди мусаллаҳи А. Мазорӣ идора мешуд, ҳине, ки Толибон музокираро бо А. Мазорӣ давом медоданд.

Вазъи низомӣ дар ғарби Кобул ду чашмдошти муҳимро ба вуҷуд овард. Яке аз ҷониби Толибон нисбат ба устод Абдулалӣ Мазорӣ, ки агар баъд аз музокира бо он чи дар музокирот миёни ӯ ва Толибон гузашта буд, дар минтақа ва қароргоҳаш бармегашт, шояд бо Масъуд канор меомад, ки ин барои Толибон мушкили азимеро халқ мекард. Чи ҷое, ки устод А. Мазорӣ иштибоҳеро ҳам муртакиб шуда буд ва он ин буд, ки на дар соҳаи ҳоил, балки дар минтақаи аслии Толибон ба музокира пардохта буд. Дигар он ки Масъуд аз натоиҷи музокираи устод А. Мазорӣ бо Толибон бо бардошти эҳтимолии тавофуқи мабнӣ бар нуфуз ва рахна кардани Толибон дар соҳаи ғарбии Кобул то мавозеъ ва истеҳкомоти онҳоро мутассариф гарданд. Дар ин робита доктор Абдуллоҳ-сухангӯи Масъуд ба родюи Би Би Си мегӯяд: «Мо иттилооте доштем, ки А. Мазорӣ ва Ҳумоюни Фавзӣ ҳозир шуда буданд, баъд аз музокироти аввал Мазорӣ бо Толибон, ки силоҳҳои сақилаашонро ба Толибон бидиҳанд, ки бахши аъзами силоҳҳои сақилро супурданд ва қисмате аз мавозии низомиашонро низ Толибон мутасарриф гардида буданд. Би-

ноан Масъуд гом ба гом қувватҳои худро ба дохили соҳа эъзом намуд ва ба пайгирии мавзӯъ пардохт, то аз вуқӯи амали пешбинишуда ҷилавгирӣ намояд. Ҷанг оғоз гардид ва Толибону нерӯҳои ҳизби Ваҳдат, ки дар баробари қувваҳои Масъуд пайиҳам ақибнишинӣ менамуданд, устод А. Мазорӣ дубора ба Толибон таи номае мурочиа мекунад, ки силоҳҳои сақили моро бозпас диҳед. Мо худ ба дифоъ дар баробари Масъуд мепардозем. Ин хабар аз родюи Би Би Си пахш гардид. Хабари пахшгардида гуфтаи доктор Абдуллоро дар фавқ тасдиқ мекард. Устод Мазорӣ азбаски ҳаяҷонӣ мешавад, худ дар минтақаи Толибон меравад ва боли пешниҳодаш исрор мекунад, вале Толибон ӯро бо ҷамъе аз ҳамроҳонаш дастгир мекунанд ва рӯзе баъд ба Қандаҳор мефиристанд. Ҳамзамон бо он беназмӣ ва бесарӣ дар суфуфи афроди ҳизби Ваҳдат боис гардид, ки аз вуруди бештари Толибон ба минтақа ҷилавгирӣ ба амал наояд. Толибон мавқееро, ки дар вурудашон ба ғарби Кобул ёфта буданд, Масъуд низ бо шитобе ҳар чи тамомтар дохили иқдоми шадиди низомӣ мешавад, то нагузорад ғарби Кобул куллан ба тасарруфи Толибон дарояд. Ҷанг миёни афроди Масъуд ва Толибон дар хилоли ду рӯзе, ки сарнавишти А. Мазорӣ дар ибҳом ва баъдан дар масири роҳи Кобул-Қандаҳор ӯро толибон ба қатл мерасонанд. Ва дар минтақаи ғарби Кобул, ки дигар афроди ҳизби Ваҳдат аз ҳам пошида буданд, оғоз мешавад, ҷанг ниҳоят сангин буд ва ба қавли шоҳидони айнӣ чунин ҷанге аслан то он мавқеъ дар шаҳри Кобул иттифоқ наяфтода буд. Масъуд, ки худ раҳбарии ҷангро ба ӯҳда дошт, аз ҳавову замин амалиёти низомии қувватҳои мусаллаҳи муъталифаи давлати исломиро дар манотиқ ва соҳоте, ки Толибон ишғол намуда буданд, савқ ва идора менамуд ва дар камтар аз як рӯзу ним ҳудуд ва мавқеияти ҳизби Ваҳдатро дар ғарби Кобул ба контроли хеш гирифт. Толибонро аз соҳаи маскунии ғарби Кобул ва аз маҷмӯи соҳоти ишғолии ҳизби Ваҳдат берун ва саркӯб намуда, илло Чоросиёб ва навоҳии Лугар ақиб ронд. Зеро Толибон дар аввал бо вазъи низомӣ қасд доштанд гурӯҳҳоро би-

тарсонанд, вале баъдҳо Масъуд онҳоро ба ҷанги ҳисорӣ ва ҷиддӣ кашонда буд. Ба ин тартиб нерӯҳои Вазорати дифои ҳукумати исломӣ дар соли 1375 шаҳри Кобулро ба таври комил аз нерӯҳои ҳизби исломӣ, ҳизби Ваҳдат ва ҷунбиши миллии исломӣ ба даст гирифтанд. Толибон дар ҷанги ғарб ва ҷануб-ғарби шаҳри Кобул дар шикасташон аз нерӯҳои Масъуд сахт шук бардошта буданд ва нахустин бор ҷанги воқеиро таҷриба мекарданд, ки моҳҳо масруфи ҷамъу ҷӯршавии созмони низомии худ шуданд. Ва ин бар хилофи он тасаввуре буд, ки Толибон бо бархурдорӣ аз ҳимояти низомии Покистон ва ёрии молии Арабистон дар арзи ду то се моҳ ҳама Афғонистонро фароҷанг меоварданд. Ин фикри бобунёди ноустувор танҳо дар зеҳни тарроҳони сиёсии низомии Покистон сар бар кашида буд. Бо ин ҳам аз симо ва ниёти мардум ҳамчунон пайдо буд, ки ҳанӯз ҳимоят аз шиорҳои онҳо дар миёни мардум ба қувваташ боқӣ аст. Бозигарони расмӣ ва ғайрирасмии сиёсии Покистон баъд аз шикасти хурдкунандаи Толибон дар ғарби Кобул тарзи ҳимояти худро аз Толибон мавриди бозандешии ҷиддӣ қарор доданд, яъне ки агар стратегияи аслӣ ба ҳолаш боқӣ буд вале тактикҳои лозим ва зарурии дигарро ҷузви барномаи низомиашон намуданд. Ва он ин ки баъд аз як таваққуфи кӯтоҳи замонӣ давлати Масъуд ва Раббониро дар ғарб ва ҳавзаи ҷанубу ғарб мавриди фишори шадиди низомӣ қарор доданд.

Ҷое, ки дар идора ва раҳбарии комил ва биломунозиаи низомии Масъуд қарор надошт, лекин паёмади ҳамлаи низомӣ ва ишғоли манотиқи ғарбии кишвар ба ҳайсияти сиёсӣ ва эътимоди маҷомеи ҷаҳонӣ аз давлати Раббонӣ дар дохил ва берун зарбаи ғайри қобили ҷуброне буд, зеро Исмоилхон дар моҳҳои охир аз Масъуд чандон фармон намебурд ва бо вуҷуди он ки чанд гурӯҳи мусаллаҳи марбут ба қитаоти низомии шӯрои нузор ва низомиёни таҳти фармони Масъуд аз шаҳри Кобул тавассути тайёра дар хутути муқаддами нерӯҳои ҳавзаи ҷанубу ғарб эъзом ва таҳти раҳбарию қумондаи Исмоилхон алайҳи Толибон қарор гирифтанд, аз ҷумла, ҷенерол Форуқ аз

фармондеҳони ҷамъият, ки баъдан асири Толибон шуд, бо қитъаи низомиаш ва афроди мусаллаҳи марбут ба қитъаи низомии ҷенерол Furthermore Бобоҷон ёдовар шуд. Исмоилхон, ки худ ба савқи идораи қувватҳои низомии ҳавзаи ҷанубу ғарб мепардохт, имконоти низомӣ ва ҷангиаш ба таносуби дафъаи аввали қабл аз ҳамлаи аввали Толибон, ки ба минтақаи Шиндан ва навоҳии ҷанубу ғарби Ҳирот пешравӣ намуда буданд, дар вазъи хубе қарор надошт. Аз ҳама муҳимтар мушкилоти сӯи мудирият ва ихтилофи шадиди салиқаӣ ва шахсӣ дар идораи низомӣ ва мулкии ҳавзаи ҷанубу ғарб роҳ ба вуҷуд омада буд. Чи ин ки Толибон ин бор бо афзори қавии низомӣ ва ҳимояти густурдаи кишварҳои араб ва Покистон дар саҳнаи ҷанг қарор гирифта буданд ва аз ҳамҳама ва ҳангомаву таблиғоти дохиливу байналмилалӣ низ бархурдор буданд. Дар ҳоле ки ҳавзаи ҷанубу ғарб аз назари теъдоди афроди мусаллаҳ ва ташкилотҳои муназзами низомӣ ва гурӯҳмонҳои дифоъ ва таарруз, салои мутмаин, таҷҳизоти бокайфият таҳти савқу идораи Исмоилхон дар ҳадди болотар ва бартар аз Толибон қарор дошт. Яъне дар ҳудуди 20 ило 30 ҳазор нафар мусаллаҳ аз қарори баъзе тахминот мустақиман таҳти идораи ӯ ва ҳудуди ҳазорҳо нафар ғайримусаллаҳ ба ишора ва имои ӯ дар ҳавзаи ҷанубу ғарб ба итоати ӯ қарор доштанд, ки як рақами чашмгир буд. Ба ҳар ҳол дар оғози ҷанг пешравиҳои пайиҳами нерӯҳои Исмоилхон, ки то соҳаи гириш ва Лашкаргоҳ дохил гардида буданд, Толибонро қадам ба қадам мекӯфтанд. Ногаҳон якбора дар суфуфи нерӯҳои дохили набард бо Толибон чанддастагӣ ва ҳараҷу мараҷ роҳ ёфт. Ва огоҳии номатбӯъ аз ҳараҷу мараҷ дар суфуфи хатти аввали нерӯҳои боқии ҳавзаи ҷануб-ғарбро берӯҳия сохт. Толибон, ки ба қавли шоҳидони айнӣ дар вилояти Қандаҳор по ба гурез ниҳода буданд, бо дарёфти иттилоъ аз вазъи нерӯҳои таҳти амри Исмоилхон дубора мурор мегиранд. Ва аз ақибнишиниву изтироб дубора ба мудофиа мегузаранд ва ҳамалоти худро баъд аз басиҷи дубора болои мавозеи афроди Исмоилхон оғоз мекунанд. Баъзеҳо айб, кундиву берӯягии афроди

Исмоилхонро нарасидани бамавқеъи маводи лужистикӣ ва таъминотӣ медонанд вале ба ақидаи нигоранда баъд аз он ки Масъуд доктор Абдуллоҳ-сухангӯи вазорати дифоъ ва Муҳаммадсиддиқи Чакарӣ – вазири иттилоот ва културро барои мушовира бо Исмоилхон ба Ҳирот эъзом намуд, афроди номбурда, ки аз чеҳраҳои намоёни ҳукумати устод Раббонӣ ва ашхоси фаъоли танзими ҷамъият буданд, саъй намуданд то афкор ва дидгоҳҳои Исмоилхон ва ҳомиёни наздики ӯро рӯи сарнавишти ҳавзаи ҷанубу ғарб бо Масъуд наздик созад, то рафъи ибҳом ва кудурат намоянд. Зеро дар гузаштаҳо низ кӯшишҳои номуваффақи аз ҷониби Масъуд барои боз намудани ҷойи пой дар дастгоҳи маҳаллии Исмоилхон сурат гирифта буд, ин бор хоста буд аз маҷбуриятҳои шадиди Исмоилхон истифодаи мазид бардошта ва раҳбарии ҳавзаи ҷанубу ғарб аз тариқи афроди вафодор ба худ монанди Аловуддинхон ва чеҳраҳои дигар дар ҳайати идораи низомии ҳавзаи ҷанубу ғарб дар контрол гирад. Ин ниёти Масъуд дар наҳваи коройии ҳайати эъзомӣ ифшо мегардад, то он дараҷае, ки Исмоилхонро сахт барошуфта месозад ва дастури ақибнишинии қитъаоти худро, гӯё ки интиқоме аз Масъуд гирифта бошад, аз тариқи шабакаи истихборотиаш таҳаққуқ мебахшад ва шикастро дар баробари он ҳама ҷову ҷалол мепазирад. Зоҳири Азимӣ наттоқи ҳавзаи ҷанубу ғарб дар родюи Би Би Си суқути Ҳиротро дар ду омил медонад: 1) набуди халлоқияти раҳбарӣ; 2) ихтилофоте, ки дар боло зикр гардид.

Хулоса, ҳавзаи ҷанубу ғарб бо ҳама имконот ва таҷҳизоти ҷангии ҳавоӣ ва заминӣ дар тӯли як рӯзу як шаб суқут мекунад. Ва Исмоилхон бо иддае аз афроди низомиаш ба кишвари Эрон – ҳамсояи Афғонистон фирор мекунад. Толибон тамоми соҳоти таҳти фармони Исмоилхонро ишғол мекунанд.

* * *

Аммо дар Кобул, ки тамоми нуқот ва ҳудуди шаҳр бар хилофи се соли гузашта дар контроли шӯрои нузор ва

муттаҳидини ӯ қарор дошт, дар баробари пешравии Толибон ва ба ҷавоби ин ҳаракати сареҳи Толибон гурӯҳе аз афроди норозии хашмгин, ки бештар ба як ҳаракати фармоишӣ мемонд, то худҷӯш ба сафорати Покистон ба унвони эътироз ба тарафи он санг партоб мекунанд ва баъдан вориди маҳватаи он гардида ва болои сохтмони аслии он ҳамла мекунанд ва афроду кормандони он сафоратро мавриди лату кӯб қарор медиҳанд, то ҷое ки як корманди сафорат ба қатл мерасад. Шаҳри Кобул, ки баъд аз чанд сол, махсусан баъд аз шикасти қувватҳои низомии аҳзоби ваҳдати муқими ғарби Кобул ва қитаоту дастаҳои низомии марбут ба ҷенерол Дӯстум дар ҷануби Кобул ва дафъи юриши аввали Толибон ба шаҳри Кобул танаффуси роҳат ва айёми оромиши ба дур аз садои файри рокет ва хумпораро (снарядро) имтиҳон мекард, вазорати дохила дар ҳоли тартибу танзими барномаҳои амниятӣ буд. Мизони эҳсоси амният ва фаъолиятҳои одии мардум дар ҳама заминаҳо чи шахсиву хусусӣ чи расмиву давлатӣ рӯз то рӯз боло мерафт. Кормандони давлат, ки ба шакли мухталат аз муҷоҳидини босавод ва камсавод ва афроди боқимондаи ҳукумати собиқ дар бахшҳо ва соҳоти мухталифи кории давлат чи низомиву чи мулкӣ намояндагӣ мекарданд, бо иродаву итминони қавитар болои кор ҳозир мешуданд. Тиҷорати кӯчак ва доду сутуди колоҳо дар шаҳри Кобул аз нав гирифта шуда буд. Роҳҳо қисман боз гардида буданд. Махсусан масири Қандаҳор, Испинбулдак ва Кобул. Дар айне, ки эътимоди мардум нисбати поядорӣ ва салобату давлати Раббонӣ ва маҳорати қавии низомӣ дар мудофиаи шаҳри Кобул бо гузашти ҷангҳои тӯлонӣ ва хона ба хона ва ноҳия ба ноҳия дар шаҳри Кобул бо ҳарифонаш маҳсус буд, вале нигаронӣ аз як ҳукумати босубот ҳамчунон ба ҳолаш боқӣ буд. Ва дере нагузашт, ки хаёлот ва тасаввуроти мардум аз ташвишу дилҳара ба ҳақиқат пайваст. Устод Раббонӣ, ки қаблан омодагӣ нишон дода буд, то қудратро ба комиссиюни муташаккил аз бетарафон ва намояндагони ҷиҳодӣ, ки аз 6 нафар иборат буданд: 1. Доктор Юсуф. 2. Саттори Сират.

3. Самади Ҳомид .4. Абдулқодири волии Нангарҳор. 5. Исмоилхон – волии Ҳирот. 6. Ҳоҷӣ Мангал – кордори сиёсии ҳизби исломӣ дар Покистон, ки баъдан Сайидмӯсо Тавоно ва Мавлавӣ Тарахел низ ба ин ҷамъ изофа гардид, таслим намояд. Маҳмуд Мистерӣ низ эълон намуд, ки Раббонӣ воқеан ҳозир аст, ки истеъфо бидиҳад, вале бинобар таҳаввули вазъи низомии кишвар ва ба хусус ҳамлаи Толибон ба минтақаи Пуличархӣ Раббонӣ истеъфои худро машрут донист, то аввал оташбас миёни тарафҳо сурат гирад, баъд таслими қудрат. Вале Маҳмуд Мистерӣ намояндаи СММ дар умури Афғонистон қабл аз оташбас истеъфоро исрор дошт. Толибон низ қабл аз оташбас истеъфои Раббониро хостор буданд ва амнияти шаҳри Кобулро ба нерӯи бетараф мувофиқат намуданд.

Вале Толибон ба ҳавзаи ҷанубу ғарб ҳамла мекунанд ва минтақаи Ҳиротро ба тасарруфи худ меоваранд. Исмоилхон, ки узви комиссиюни интиқоли қудрат буд, дигар волии Ҳирот набуд. Толибон бо ғурури муфрад баъдан ба Раббонӣ мегӯянд таслим шавад. Ҳамин буд, ки охирин марҳилаи мавъуди таслимии қудрат, ки дар Наврӯз ба висотати (подармиёнӣ, миёнаравӣ) СММ мебоист сурат мегирифт, солҳо ба таъвиқ меафтад ва Толибон ҳамлаашонро болои Кобул оғоз мекунанд ва СММ гурӯҳҳои дохилӣ ва кишварҳои ҳомии сулҳу созишро нисбат ба худ беэътимод ва бебовар месозанд. Толибон ибтидо шаҳри Кобулро зери борони ракету хунпора қарор медиҳанд. Тақорун бо он нерӯҳои пиёдаи Толибон сусморгуна ба манотиқи Пуличархӣ ва маҳбас ҳамла мебаранд ва ин манотиқро ба тасарруфи худ даровarданд. Масъуд низ зимни мудофиаи шаҳр аз соири истиқоматҳои вурудӣ ба шаҳр ба таъаррӯзи васеъ дар соҳоти ҷанубӣ ва шарқии шаҳри Кобул даст мезанад. Ва Толибонро баъд аз даргирии мухтасар дубора ба аҳибнишинӣ ба мавзеи аслиашон водор мекунад, ки дар ин таарруз теъдоде аз Толибон асир ва теъдоде ҳам кушта шуданд. Ба қавли обирин ва таъйиди родиюҳои байналмилалӣ ва расонаҳои ҷамъӣ, махсусан родиюи Би Би Си, ки гӯё кушташудагони

Толибон бо даҳҳо нафар бо амома (дастор)-ҳои сафед дар масири шоҳроҳи Кобул-Пуличархӣ дида мешуданд. Ин дуввумин бархурди ҳисобшудаи Толибон бо қувваҳои Масъуд дар музофоти шаҳри Кобул буд, ки шикаст хӯрданд. Толибон, ки қабл аз ҷанги Пуличархӣ хоста буданд, шаҳри Кобулро аз се тараф ба муҳосира бикашонанд ва Масъудро водор ба ақибнишинӣ аз Кобул намоянд, баъд аз шикасташон аз минтақаи Пуличархӣ барои иҷрои муваффақонаи ин плон ибтидо вилоёти ҷанубии Пактиё ва Хуст ва баъдан аз роҳи вулусволии Ҳисорак ва Тезин вориди ҳудуди машриқӣ шуданд.

Чингизи Паҳлавон дар китоби «Афғонистони асри муҷоҳидин» менависад: «Идоракунандагони шаҳри Ҷалолобод ҳангоме ки аз нияти Толибон огоҳ гаштанд, роҳро барои музокира гушуданд. Вале Толибон ин фурсатро аз онон рабуданд. Ва пирӯзии низомиро ба музокира тарҷеҳ доданд. Дар шӯрои Ҷалолобод нерӯҳои ҳавохоҳи ҳукумат ва мухолифони он ва нерӯҳои бетараф нисбат ба ҳукумат ширкат меҷустанд. Ба ҳамин иллат Ҷалолобод дар остонаи сукут, фармондеҳии низомии воҳиде дар ихтиёр надошт, ки битавонад дар баробари Толибон истодагӣ кунад». Паҳлавон изофа мекунад, ки «Ҳоҷӣ Қадир баъд аз ҳамлаи Толибон ба Покистон паноҳ ҷуст ва инженер Маҳмуд, ки ба гузориши Лумун аз мухолифини ӯ буд, бар ҷояш нишаст. Волии ҷадид қасди муқобилаи низомӣ надошт ва намехост аз роҳи ҷанг бо Толибон тараф шавад. Ба ҳамин сабаб аз басичи низомии нерӯҳо дар шаҳр чашм пӯшид ва ба музокира рӯй овард, ки беҳосил монду ҷонашро ҳам аз даст дод».

Бо ин ҳол Толибон пас аз тасарруфи Турҳам ба қавли шоҳидони айнӣ қувваҳои худро мустақиман аз дохили Покистон вориди Афғонистон намуданд. Масъуд, ки қаблан бо тақозои Ҳоҷӣ Қадирхон – раиси шӯрои машриқӣ ба изоми нерӯи заминӣ ба шаҳри Ҷалолобод ва бомбабоброни пойгоҳҳои онҳо дар манотиқи Хуст ва Ҷалолобод мубодират варзида буд, вале иқдомоти аз ин даст натавонист аз пешравии сареи Толибон ва манотиқи

шарқ ҷилавгирӣ намояд. Баъд аз тамаркузи қуввaи онҳо дар шаҳри Ҷалолобод ва вилояти Кунарҳо ва Лағмон низ аз контрол ва идораи ҳавохоҳони Ҳоҷӣ Қадир ва шӯрои машриқӣ хориҷ гардид. Дар ин миён нерӯҳои ҳизби исломӣ бо фармондеҳии фармондеҳоне чун Зардод, Чаман ва Қалам ба раҳбарии Ҳикматёр, ки ҷадидан ба мақоми садри аъзам аз тарафи Раббонӣ муваззаф гардида буд, дар масири ҷодаи Кобул–Ҷалолобод яке пас аз дигаре таслим шуданд. Фармондеҳони нерӯҳои Масъуд, ки иборат буданд аз Басири Солангӣ, доктор Тоҷмуҳаммад, қумондон Қатра бо раҳбарӣ ва қумондии ҷенерол Фаҳим ҷамъан як идда афроди пошхӯрдаи шӯрои машриқӣ натавонист саддеро, ки шикаста шуда буд, бигиранд. Ин нерӯҳо дар атрофи шаҳр, бахусус манотиқи шарқии шаҳри Кобул дар масири роҳ таҷаммуъ ва мавзеъ гирифта буданд. Мардуми одӣ тасаввури инро доштанд, ки ҷанги воқеии Масъуд оғоз мешавад ва ё иддае ҳам фикри хушбининона аз вазъияти пас аз онро доштанд. Дар ҳоле ки соҳибназарон ва коршиносони умури сиёсӣ, Кобулро дар як суқути ҳатмӣ аз назари тамоили афкори омма ва ҳам аз назари сайкалужӣ ё равонии афроди ҷангии давлати муҷоҳидин медиданд ва дар ниҳоят ҳама эҳтимолҳо дар ҷиҳати мухолифи будани Масъуд дар Кобул буд. Дар рӯзҳое, ки ҷанг ва пешравии сареи Толибон дар ҷануб ва шарқ идома дошт, яке аз рӯзҳо Масъуд бо Ваҳидуллоҳ Сабоун, ки ба намояндагии ҳизби исломӣ дар ҳукумати Раббонӣ дар солҳои 1995 то охири ҳукумати Раббонӣ вазири дифоъ буд, бо ҷамъе аз ҳаводоронашон машғули дидор аз майдони ҳавоии Кобул буданд. В. Сабоун вазири дифоъ ба Масъуд мегӯяд: «омир соҳиб, бояд марзи Афғонистон ва Покистон ва масири ҷодаи аслӣ ва ё ин ҷову он ҷои машриқӣ гӯё бомбаборон шавад, то ҷилави сареи ҳаракати Толибонро ҳадди ақал гирифта бошем». Масъуд ба Сабоун – Вазири дифоъ мегӯяд: «вазир соҳиб, ҳама кӯҳу дара ва ҳамаи инсонҳои ватан алайҳи ҳокимияти муҷоҳидин қарор гирифтаанд. Инҳо, ки байрақҳои сафедро баланд мекунанд, Толибон нестанд, инҳо безоршудаго-

ни давраи ҳукмравоии мо раҳбарони ҷиҳодӣ ҳастанд, ки шиору байраҷи Толибонро баланд мекунанд. Кадом нуқтаи ин ватанро зудтар ва ё дертар бомбаборон намоем. Боз бомбаборонамонро ба хотири ҳифзи ҷони худ анҷом диҳем ё мардум. Агар ба хотири ҷонамон бошад, ин худхоҳӣ аст ва агар ба хотири мардум бошад, мардум Толибонро мехоҳанд, на моро». Масъуд баъдан ин мавзӯъро бо Чингизи Паҳлавон – нависандаи эронӣ дар Панҷшер низ аз таҳи дил дар миён гузошт «ки мардум аз аҳзоб ва раҳбарони ҷиҳодӣ розӣ нестанд, аз тафриқа хаста шуданд». Толибон замоне, ки ба дарвозаҳои шарқии шаҳр расиданд, Масъуд зимни авомили қаблӣ ҳаракати драматики Толибон, ки дар ҷануб ва машриқ ба тасарруфи соҳот ва навоҳии мухталиф пардохтанд ва аз вуруди бе қайду шарти нерӯҳои Толибон аз Покистон аз тариқи бандари Турхам муталлӣ гардида буд, амиқан болои барномаҳои сиёсӣ ва мавқифи баъдии низомии худ бозандешӣ намуд. Зеро вазъияти баамаломада на танҳо барои Масъуд, балки барои ҳар инсони одии ватан тааҷҷуббарангез буд. Масъуд қарори иттилооти муассақ (аниқ) як ҳафта пештар омодагии худро барои тахлияи нерӯҳояш аз шаҳри Кобул ва музофоти он гирифта буд ва саранҷом дар соати сеи баъд аз зуҳр амри ақибнишинии нерӯҳояшро дар фирқаи ҷиҳодии Хайрхона эълон мекунад ва шаби ҳамон рӯз нерӯҳои Масъуд куллан шаҳри Кобулро тарк мегӯяд. Ва дар тӯли рӯзи баъд, яъне 5-уми мизон Толибон мисли селе, ки садди худро мешикананд, вориди Кобул шуданд.

Қиёми Толибон, аз зуҳурашон дар тобистони 1994 то фатҳи Кобул ба дасташон тақрибан ду сол тӯл кашид. Бо ақибнишинии Масъуд аз Кобул дубора ба зодгоҳаш Дараи Панҷшер ахзи мавқеъ намуд, дар ҳақиқат давлати муҷоҳидин ақиб нишаст ва таҳаввули муҳим дар арсаи ҳаёти ҳуқуқӣ ва сиёсии Афғонистон падидор гашт ва давлат мебоист бо ёрии нерӯҳои размӣ ба ҳаёти сиёсиаш идома медод ва илло хайр. Толибон танҳо ба Кобул басанда накарданд, балки вилоёти Парвон, Кописоро баъд аз

муқовиматҳои заъиф ва камдавом низ тасарруф намуданд. Ва то дараи Соланг пеш рафтанд, дар даҳанаи Панҷшер, ки мехостанд дохили Панҷшер нуфуз кунанд, бо муқовимати шадиди қумандонони фидоии Масъуд чун Гулҳайдар ва Ҷаландар мувоҷеҳ гардиданд, ки тавони нуфуз ба дохили Дараи Панҷшерро наёфтанд. Ва даҳанаи Панҷшер охирин нуқтаи парвози Толибон дар шимол сабти таърих гардид. Масъуд баъд аз ақибнишинӣ аз Кобул ғарази эҳёи рӯҳияи мардуми Панҷшер ва умуман мардуми шимол дар иҷтимое аз мардуми Панҷшер зоҳир шуд ва ба суханронӣ пардохт. Тавре ки дар китоби «Ҷанги қудрат» навиштаи Лаълистонӣ омадааст: «Агар мо ҳиммат кунем ва дифоъ аз мардум ва кишвари мо фаъолона саҳм бигирем, бидуни шак душман шикаст хӯрда ва номамон дар таърих ба унвони посдорони асили ин хок дарҷ хоҳад шуд. Ӯ ба Атораҳмони Салим дастур дод то коғазу қалам ба даст гирифта номи тамоми қумандононро, ки дар муқовимат саҳм хоҳанд гирифт ёддошт намояд, вале аз миёни қумандонон, ки замоне ҳар кадом ихтиёроти вижае дар Кобул доштанд, касе овоз баланд накард, то бар зидди Толибон муқовимате сурат гирад…» Лаълистонӣ, ки худ нозир ба ҳолу ҳавои ҷаласа буда тазаккур медиҳад: «Масъуд, ки худаш тарроҳ ва муҷрии барномаҳои ҷангиаш буд, тибқи назарияи худ хутути дифоиро дар баробари Толибон тарсим намуда ва ба қумандонон Қасими Ҷангалбоғӣ ва дигарон вазифа дод, то ҳар кадом дар мавқеиятҳои таъиншуда қарор гирифта беш аз ин боиси шикасти рӯҳияи мардум нашаванд. Ӯ ки осори шикастро дар симои фард-фарде қумандононаш ба хубӣ мушоҳида карда буд, як ҷо бо муҳофизинаш ба сӯи хатти муқаддами ҷанг рафт». Масъуд ба манзури таҷдиди ороиши қувваҳои низомӣ ва нақшаҳои ҷадиди сиёсӣ ва фаъолиятҳои баъдии ҷангиаш баъд аз қарор гирифтан дар дараи Панҷшер як зарурати айнӣ (объективӣ) ва корсозеро ба мавқеъ матраҳ сохт ва он эҷоди эътилоф ва ҳамоҳангӣ барои фаъолиятҳои муштараки низомӣ алайҳи Толибон бо сужаву сибғаи (ранги) миллӣ, ки мақсади аввал зоҳир сохта-

ни кудурат ва душмании аз қабл ба амал омада, миёни ақвом ва миллатҳои ғайрипуштун буд ва аз сӯи дигар бардоштани ҳолаи ибҳом аз рӯи пуштунҳои мусаллаҳи ғайритолибӣ ва ҷиҳодӣ. Зеро муҷоҳидини рӯшанфикри пуштун бархе дар зоҳир ва бархе дар ботин ба ҳимояти сареҳ аз Толибон напардохтанд. Ба таърихи 19. 07. 1375 дар Хинҷон бо ҳузури раҳбарони ҷиҳодӣ чун Карими Халилӣ раҳбари ҳизби Ваҳдат, ҷенерол Дӯстум раҳбари ҷунбиши миллии исломӣ, ки қаблан ҳамкориҳое бо Толибон дошт ва тағйири сиёсат дода буд. Сайидисҳоқи Гелонӣ намояндаи ҳизби Маози миллӣ, намояндаи ҳизби исломӣ ва намоянда аз иттиҳоди исломӣ ва дигар шахсиятҳои инфиродии пуштун, аз ҷумла Атомуҳаммадхони Қандаҳорӣ иштирок доштанд. Мегӯянд ҷенерол Дӯстум дар аснои дидораш бо Масъуд дар Хинҷон беихтиёр ва ғайриироди саломи низомӣ ба Масъуд меандозад, дуруст монанди як афсаре, ки баъд аз иҷрои амре ба омираш итминон медиҳад. Ин ҳаракати Дӯстум мояи тааҷҷуби дигарон, яъне раҳбароне, ки барои эътилоф гирд омада буданд, мешавад. Дар маҷмӯъ тамоилот аз тарафи ҷонибайн вуҷуд дошт, сурат гирифт. Бо он, ки иддае дар сохтори ин шӯро Эронро мубтакир медонанд, вале ИСИ низ натавониста буд байни Ҳикматёр, Толибон ва ҷенерол Дӯстум ба иттиҳоде муваффақ гардад, ба ҳар сурат бо ин нишаст Масъуд зиммадории масъулияти фардои онро беш аз ҳар каси дигар дар азҳон илқо намуд, ки ба номи «Шӯрои олии дифоъ аз Афғонистон» мусаммо гардид ва дар ҷаласаи Шӯрои Олӣ давлат тавсеа дода шуд. Исмоилхон ва Ҳоҷӣ Қадир узв гардиданд.

Масъуд ду мавзӯъро пешбин буд: 1. Шаку гумонҳоеро, ки дар ҷангҳои Кобул бо ҳизби ваҳдати шиа дошт, кӯшид бо ду шохаи шиӣ, ки аз робити гармиву сардӣ моломол буд, роҳро барои ҳамоҳангӣ амалӣ бо Халилӣ ва Акбарӣ ҳамвор созад. Ҳамчунин дар шимол бо ӯзбакҳои мусаллаҳ ва зеҳниятҳоеро, ки нисбат ба ӯ рақибонаш халқ карда буд, мавриди тааммули ҷиддӣ қарор диҳад ва ному эътибори худро аз нав эҳё кунад. 2. Хост фишори низомиеро,

ки Толибон болои Шӯрои нузор ворид намуда буданд, тақсим намояд, ки тавъам бо фишори қавмӣ низ буд. Зеро Толибон бо таборизи хислатҳои қавмӣ ин ҷову он ҷо илова бар низомиёни гурӯҳҳои афроди қавмии ғайрипуштунро низ ба ҷурми панҷшерию бадахшонӣ будану ҳазораву ӯзбак будан гӯшмолиҳо медоданд, ки баъдҳо то сарҳади лату кӯбу қатлҳои дастаҷамъӣ шадидан normoҳат намуда буданд.

Марказияти ҳукумати устод Раббонӣ, ки баъд аз ақибнишинии қувватҳои низомии давлат таҳти фармони Масъуд вазири дифоъи ҳукумат ба шаҳри Толиқон интиқол ёфта буд, на танҳо машруияти камранги хориҷии давлати устод Раббониро ҳифз кард, балки Раиси Ҳукумат бо машвараи Масъуд таъйинотеро низ дар кадри роҳбарии ҳукумат ба вуҷуд овард. Ба ин тартиб вазорати дохилӣ ва хориҷиро, ки қаблан намояндаҳои ҷамъияти исломӣ ва мутаҳидини он дар ихтиёр доштанд ва аз ҷумлаи вазоратҳои калидӣ ба ҳисоб меомаданд ва дар он вақт мегуфтанд, ҳар танзими пурқудрат бояд яке аз вазоратҳоро дар контрол дошта бошад, пешшарт барои ваҳдати миллӣ метавонад шавад, зеро раҳбарии танзимҳои мусаллаҳ худро ба намояндагӣ аз ҷойгоҳи сиёсии ақвомашон дар ҳукумат зиҳақ медонистанд. Аз ин рӯ вазорати дохиларо ҳизби Ваҳдат ва вазорати хориҷаро ҷунбиши миллии исломӣ дар идораи хеш қарор доданд. Ин мадоро аз ҷониби Масъуд, ки ҳалқаи эътимод ва боварро миёни гурӯҳҳо пурра менамуд, аъзои шӯрои олии дифоъи Афғонистонро ба масоъии бештар дар масири ваҳдат роғибтар сохт ва қарор ба он гузоштанд, ки алайҳи Толибон дар манотиқи шимол ҷангро оғоз кунанд. Ҷанг воқеан шурӯъ шуд. Манотиқи шимоли Кобул, Солангҳо, Дараи Ғурбанд, қисматҳое аз вилоёти Майдон, Бомиён, вулусволии Наҷроб аз контроли Толибон озод гардид. Вале оё иқдоми гурӯҳҳои муъталифа алайҳи Толибон навиди хубе барои мардуми Афғонистон, бахусус шаҳриёни Кобул дошт?

Дар ҳоле ки ин гурӯҳҳо ҳар як имтиҳони номуваффақеро дар баробари миллат сипарӣ намуда бу-

данд, аз назари нигоранда Масъуд бо ҳама карру фарри ин гурӯҳҳо дурнамои ҷудо аз он чи гурӯҳҳои шомили иттиҳод ба сар мепарваронданд, дошт. Раҳбарони узви паймон, махсусан ҷенерол Дӯстум, ки гоҳ-гоҳе бо Толибон аз эътилоф сухан мегуфт ва кӯмакҳои техникӣ ва пулӣ ҳам аз назари айнӣ ба гурӯҳи Толибон карда ва ваъдаи бештар низ дода буд, то ҷое, ки қабл аз эътилофи Хинҷон эълон кард, ки агар Масъуд болои Толибон ҳамла кунад, Шӯрои ҳамоҳангӣ ба дифоъ аз Толибон хоҳад пардохт. С. Муҷаддадӣ – раиси шӯрои ҳамоҳангӣ изҳор дошт, ки шӯрои ҳамоҳангӣ бо Толибон кӯмак карда, зеро ҳадафи мо ва Толибон суқути ҳокимияти Раббонӣ аст. Карими Халилӣ ба намояндагии ҳизби Ваҳдат баъд аз дидорашон бо Толибон эълон кард, ки Толибон метавонанд амниятро таъмин намоянд. Вале қатли доктор Наҷибуллоҳ раҳбарони ҷиҳодӣ, ба хусус Дӯстумро нисбат ба Толибон беэътимод сохт. Дар садади ҳифзи ҳокимияти худ дар чанд вилояти шимолӣ бо қабули таовун ва ҳамкориҳои низомӣ, ки аз ду самти ҳиттаи иқтидори низомии ӯ тавассути Масъуд ва Халилӣ мастур буд, бо эътилоф дар ҷангҳои берун аз соҳаи тасаллути низомии хеш дар шимол мӯътақид буд ва дар ниҳоят бо пирӯзӣ ва истиқрори муҷаддади ҳукумати исломӣ дар шаҳри Кобул умедвор буд, ки ба тақозои эҳтимолии ӯ Масъуд ва гурӯҳҳои ҳамкори ҷиҳодиаш мавқеият ва хостҳои сиёсии қаблии ӯро дар ҳукумати Раббонӣ биломонеъа тасбит хоҳанд кард. Ва дигар ҷое барои чоназаниҳое аз ҷониби Раббонӣ ва раҳбарони ҷиҳод ва Масъуд боқӣ нахоҳад монд. Ҳифзи ваҳдати исломӣ ниёти дигаре дар сар дошт, аз як сӯ дар андешаи интиқомгирии раҳбари мақтулашон аз Толибон буданд ва аз сӯи дигар бо ҳифзи хостаҳои қаблии сиёсиашон аз Масъуд ва аз эътилоф ба идомаи ҳаёти сиёсӣ ва қисман дар инсиҷоми ҳифз ва мавқеияти низомӣ ва фармондеҳии ҷудогонаи ҳизби ваҳдат таъкид доштанд, ки бидуни шак ин дидгоҳҳо ва ормонҳо вазъи такрорро дар ҳукумати эҳтимолии ояндаи муҷоҳидин баъд аз пирӯзии дубора алайҳи Толибон пешбинӣ медод. Оғози ҷангҳо дар

шимоли Кобул, вилоёти Парвон, Кописо, Бомиён ва Майдон боис гардид, ки манотиқи аз дастрафта дубора фатҳ гардад ва Толибон фарсангҳо дур, дар атрофи шаҳри Кобул ақибнишинӣ намоянд. Бо вуҷуди ҷангҳо ва пешравиҳо ва ақибнишиниҳои муваққатӣ гурӯҳҳои муъталифа бар зидди Толибон ба ақидаи огоҳон дастоварди қобили эътимоди сиёсиву низомӣ мақдур набуд.

* * *

Толибон баъд аз он ки шаҳри Кобулро дар панҷи мизон ишғол карданд, интизор мерафт, ки ҳукумати худро бо хати машйи ҷадиде эълон намоянд. Чингизи Паҳлавон менависад, ки ба идомаи изҳори назари Девис Николас Бренс маъмури вазорати хориҷаи Амрико дар мавриди маҳкум намудани қатли Наҷибуллоҳ Ҷон Хултсман шождофири (иҷрокунандаи вазифаи сафирӣ) Амрико дар Покистон мехост дар 3 октябр бо Толибон мулоқот кунад, вале сафари ӯ лағв шуд. Ҳайате аз Толибон ба дидори ӯ рафт ва мулоқот сурат гирифт. Баъдан Толибон танҳо бо як идда фаромини сирф динӣ ва як шӯрое мавсум ба шӯрои сарпараст таҳти роҳбарии мулло Раббонӣ, ки идораи умури давлатро ба дур аз ташрифоти хоси ҳукуматӣ буд, ба пеш мебурданд. Фаромини асли Толибон роҷеъ ба масоили иҷтимоӣ, ки нигарониву изтироби густурдаеро ба вуҷуд оварда буд, аз ҷумла дар мавриди занон буд, яъне ки занон озод гаштугузор накунанд, дар берун аз манзил бо бурқа ороста бошанд, духтарон ба мактаб ва донишгоҳҳо нараванд ва ба хадамоти давлатӣ гумошта нашаванд. Ба мардон дастур медоданд, ки риш бигузоранд, шунидани мусиқиро манъ эълон карданд. Коғазбозӣ ба гуфтаи рӯз «гудипаронбозӣ», ки саргармии умдатан барои навҷавонон буд, мамнӯъ карданд ва дигар дилгармиҳои завқиву шавқии мавоқеи тафреҳро, ки ба расму анъанаи мардуми мо аз солиёни мутамодӣ даромада буд, аз қабили кабӯтарпаронӣ, шатранҷбозӣ, кабкҷангӣ, мурғҷангӣ, сагҷангӣ, шутурҷангӣ, бузкашӣ, паҳлавонӣ ва соири одобу одатҳои мардум мамониат менамуданд ва бо истидлоли

ин ки ислом дар гузаштаҳо бинобар набуди тазмини иҷрои натавонистааст шариатро дар қиболи ин падидаҳо иҷро намояд ва дар ҳадди панду насоеҳи ахлоқии ислом берун аз минбар ва масҷид дар байни мардум роҳ наёфтанд ва амалӣ нагардидааст. Ҳатто бо баҳонаҳои мухталиф ба таҷассуси хона ба хонаи мардум мепардохтанд, бо он ки иттилооти вазъи фавқ дар гузоришоти хабарнигорон, рӯзномаҳо ва матбуот васоил ва нашриёти байналмилалӣ ва созмонҳои ҳуқуқии башар ба таври пӯшида ва махфӣ ба мароҷеашон ирсол мегардид ва фарёд баланд мекарданд, ки бунёдгароии мазҳабӣ ба шакли хушунатомез мутаваллид шудааст. Бо назардошти эътилофи ҷадид дар Хинҷон ва наҳваи амалкарду бархурд бо мардум Толибон баъд аз ишғоли Кобул натавонистанд муваффақиятҳои сиёсӣ ва дипломатикиро ба даст оваранд, мазид бар он бо бетафовутӣ ба дидгоҳҳои ҷаҳони назми ҷадид ва торикеро рӯз ба рӯз беш аз пеш ба шаҳри Кобул таҳмил мекарданд. Теъдоде аз кишварҳо ва маҷомеи ҷаҳонӣ ҷасорат карда, сиёсати Толибонро маҳкум ва дар муғойират бо озодӣ ба ҳуқуқи башар қаламдод мекарданд. Чор моҳ пас аз тасаллути Толибон ба Кобул родиюи Би Би Си эъломияи вазорати хориҷаи Амрикоро пахш кард, ки ба ин ҷараён ба унвони гурӯҳе менигарист, ки метавонад саранҷом дар Афғонистон субот ба армуғон биоварад. Дар 27 сентябри 1996 мавқифи расмии давлати Амрико бо хушбинии тамом тавассути сухангӯи вазорати хориҷааш «Глин Девис» баён гардид, ки Амрико дар робита ба қавонини исломии Толибон ҳеҷ мулоҳизае барои мухолифат намебинад, ҳатто ба унвони қудрати бумӣ бояд ба расмият шинохта шавад, ки баъзан ин мавзеъгириҳои муҷмал ва норавшан Толибонро бо он ки дар пешопеши як сиёсати берунӣ ба таҳаҷҷур кашонда буд, ташвиқ ба идомаи вазъи мавҷуд мекард. Ҳатто оҷонсиҳои кӯмакрасонии ғарбиро дар Кобул ба сари дуроҳа қарор дода буд, ки бо Толибон мадоро кунанд, то прогромҳои худро амалӣ созанд ё ин ки Толибонро мунзавӣ кунанд. Вале дар охируламр сиёсати мӯътадилтарро ихтиёр кард.

# ЧАНД СУХАНЕ ДАР БОРАИ НАҶИБУЛЛОҲ – РАИСИ ҶУМҲУРИ АФҒОНИСТОН

Дар остонаи наздик шудани Толибон ба дарвозаҳои шаҳри Кобул ва омодагии ақибнишинии нерӯҳои низомии ҳукумати муҷоҳиддин аз Кобул, як масъалае, ки то ҳанӯз дар ибҳом боқӣ мондааст, ин аст, ки оё доктор Наҷибуллоҳ – собиқ Раиси Ҷумҳури Афғонистон, ки дар дафтари Милали муттаҳид дар шаҳри Кобул паноҳ бурда буд ва дар он ҷо зиндагӣ мекард, аз хатароти тағйири вазъияти низомӣ дар шаҳри Кобул воқиф сохта шуд ва масъулияти амнияти фардои ӯро кӣ ба дӯш мегирифт? Давлати Раббонӣ ё Миллали Муттаҳид ё Толибон, ки баъдан вориди Кобул шуданд? Дар робита банда дар солҳои 1999 дар як нишасте, ки фарҳангиёни муҳоҷири афғон дар дафтари нашрияи «Ҳамбастагӣ» дар шаҳри Душанбе доштам, аз Муҳайюддини Меҳдӣ – масъули нашрияи «Ҳамбастагӣ», ӯ аз иддоди (ҷумлаи) муқаррабони Масъуд ва дар собиқ аз фаъолони созмони «Ҳадидиён» шӯрои нузор буд, пурсида шуд. Дар ҳузури ҳама эътироф кард, ки аз ҷониби давлат дархосте аз эшон сурат гирифта буд, ки мебоист ба шаҳри Толиқон (маркази муваққатии давлати исломӣ) ва ё Панҷшер бо масъулияти масъунияти ҷони ӯ аз ҷониби давлати исломӣ мувофиқат намояд. Вале худаш хост дар Кобул бимонад. Баъдан банда ин мавзӯъро бо ҷенерол Уриё Пағмонӣ, ки яке аз масъулони амниятии он замони шаҳри Кобул буд, дар солҳои муқовимати Масъуд дар Тахор қумондони маркази таълимии Хусдеҳ вазифа иҷро мекард, дар меҳмонхонаи раёсати ҷумҳурӣ, дар мавриди сиҳҳату суққум будани мавзӯъи фавқ ҷӯёи маълумот шудам. Ӯ низ ҷараёнро ин тавр баён кард: «Омир соҳиб Масъуд назди Наҷибуллоҳ як тан аз наздикони Фаҳимхон ва шояд, худи Фаҳим раиси амнияти миллиро фиристода буд, то охирин тасмимашро дар робита бифаҳмад. Наҷибуллоҳ дар ҷавоб мегӯяд: «То ҳол ки ба ман осебе нарасид, баъд аз ин ҳам хатаре маро

таҳдид нахоҳад кард». Ва аз ҳусни нияти Масъуд ташаккур мегӯяд» ва мехоҳад ҳамчунон дар дафтари намояндагии Созмони Милал боқӣ бимонад. Ин ки чӣ чизе ба Наҷибуллоҳ дар он лаҳазоти ниҳоят ҳассос итминони хотир медод, шумо худ қазоват кунед.

Амрико, ки дар соли 1996 тавассути намояндаи вазорати хориҷааш хонум Робин Рофайл дар шаҳраки Истолиф мулоқоте бо Масъуд дошт, гуфта буд: «Ҷанги шумо бо Толибон маъзилаи дохилии худи шумо аст ва хориҷиён дар сафи онон онҳоеанд, ки шуморо дар даврони ҷанг бар зидди шӯравӣ кӯмак карданд ва Покистон ҳам дар умури шумо мудохила надорад». Мақсад аз ин гуфтаҳои намояндаи Амрико тавҷеҳи он мавзеъгириҳои қаблии сиёсати Амрико буд, ки Толибонро ба масобаи як воқеият бояд шинохт. Вале Хонум Рофайл илова ба он номае ҳам бо худ дошта. Ривояте аст, ки аз Масъуд тайи ҳамин нома хонум Рофайл ба намояндагии вазорати хориҷаи Амрико хоста шуда буд, ки дар давлати Толибон иштирок намояд. Масъуд бо лаҳни матин, аммо ороми дипломатӣ гуфта буд: «Дар давлате, ки дигарон бар мо таҳмил кунанд, иштирок нахоҳам кард ва инро нанг медонам». Робин Рафайл ба ҷавоби Масъуд мегуфт: Агар Толибон тамоми навоҳӣ ва соҳоти арзии Афғонистонро ишғол кунанд, чӣ хоҳӣ кард? Масъуд дар ҷавоб бо хашму асабоният мегӯяд: Агар чунин шуд ба андозаи як пакул (кулоҳ) ҳам ҷои пое биёбам ба муборизаи худ идома медиҳам. Ин гуфтугӯҳо ибтидое буд, ки ҷонибайн итминон болои он чи ки мегӯянд, надоштанд, бо як гузашти замон инро собит мекард. Агар Толибон Кобулро аз Масъуд мутасарриф гардиданд, маҳорату ҷасорати сиёсии хешро дар навъи инсиҷоми гурӯҳҳои сиёсии мухолифини Толибон дар шимол аз назари айнӣ дар вуҷуди чанд ҳизби сиёсӣ, аз ҷумла аҳзоби шиӣ, ҷунбиши исломӣ ҳузур ва давоми ҳаёти сиёсии худро башорат медод. Толибон бар хилофи ақидаи иддае аз саронашон, ки пойтахт ва тасарруфу контроли онро яке аз унсурҳои мувофиқ ва мусоид ғарази шиносоии як давлат аз тарафи давлатҳои ғайр дар гузаштаҳо буда ва

то ҳанӯз ба навҳи бо машруияти қудрат гиреҳ хӯрда, бо тасарруфи Кобул шадидан хоҳони шиносоии давлаташон аз тарафи дунё буданд. Таъкидашон ғайр аз шарти фавқ рӯи тавоноиашон ба хотима додан ба ҳарҷу марҷи ҷангҳои дохилӣ буд, вале ҷавомеи байналмилалӣ аз онҳо сирф як гурӯҳи низомӣ ном бурданд ва ҳозир ба шиносоиашон нагардиданд. Дар ин робита Мавлоно Файзурраҳмон – ҳомии аслии Толибон талош кард бо мавқифе, ки дар вазорати хориҷаи Покистон дошт, ба Вашингтон ва кишварҳои урупоӣ сафар намояд ва баъзе кишварҳоро ба ҳимояти сиёсӣ аз Толибон ҷалб кунад. Вале ғайр аз кӯмаки молиявии Арабистони Саудӣ ва кишварҳои халиҷи Форсро, ки ба сӯи Толибон сарозер намуд, дигар коре натавонист. Аз ин рӯ ҳамин се кишвар Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Покистон ҳукумати Толибонро аз назари сиёсӣ низ ба расмият шинохтанд, ки бештар ҳомӣ ва мушаввиқи сиёсатҳои тундравона буданд, агарчи баъдҳо равобити Арабистони Саудӣ бо Толибон дар мавриди истирдод нанамудани (надодани) Усома бини Лодан ба он кишвар ба сардӣ гароид, мақсади аслиашон ҳамчунон по бар ҷо буд. Толибон марказияти амораташонро, ки дар Қандаҳор буд, ба Кобул интиқол надоданд. Зеро Толибон ва ҳомиёнашон ин нуктаро ба хубӣ пай бурда буданд, ки машруият бо ҳукумате аст, ки Масъуд вазорати дифои онро намояндагӣ мекунад, то Масъуд билқувва мавҷуд бошад, дунё ҳам ӯро ва ҳукумати ӯро дар назар хоҳад дошт. Ин ҳақиқатро Толибон дуруст дарк карда буданд, зеро устод Раббонӣ мероси машруияти ҳукумати муҷоҳидинро, ки аз С. Муҷаддадӣ аввалин мумассили давлати муҷоҳидин қудратро тақрибан дар фазои ором ва расман таслим шуда буд, камоӣ намуд. Яъне ки таслимии қудрат аз давлати собиқ ба муҷоҳидин дар дохил ва дар сатҳи минтақаву ҷаҳон мавҷи азимеро дар ҳимояташ дошт. Дар ҳоле ки Толибон дар як фазои мухтанақи (хафакунанда) сиёсиву низомӣ ба Кобул мусаллат шуданд. Ва бо сиёсати фишору саркӯб манотиқро ба ишғоли низомӣ даровroutданд. Аз ин рӯ То-

либон бо интиқол надодани марказияти сиёсии гурӯҳи хеш ба пойтахт, яъне шаҳри Кобул саъй намуданд аз аҳамияти марказияти сиёсии Афғонистон бикоҳанд ва бо кулли қазоё бархурди низомӣ намоянд. Ҳарчанд ки машруият як амри нисбӣ ва дар қайду банди кулии завобити ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар ҷомеа аст вале машруияти низомҳои сиёсиро қавонин ва ҳимояти бе қайду шарти ҳамаи мардум тасбит менамоянд. Ҳол он ки Толибон ҷамъи ҳомиёни минтақавӣ ва ҷаҳониашонро чораи ин мушкилро дар яктарафа кардани тақдири низомии тамоми гурӯҳҳои мусаллаҳ аз шарқ то ғарб ва аз шимол то ҷануби Афғонистон медонистанд. Ба ин мақсад Толибон ҳамалот ва юришҳояшонро дар шимоли Кобул ва шимолу ғарб дар баҳори 1376 ҳамзамон болои мавозеи ҳизби ваҳдат дар манотиқи марказӣ ва дар шимоли Кобул, ки тоза аз контролашон озод гардида буд, оғоз карданд.

***

Дар ҳоле ки мавозеи мутаҳҳидини шимол мавриди таҳоҷуми нерӯҳои Толибон қарор гирифта буданд, бахше аз қувватҳои Масъуд, ки дар вилоёти шимолу шарқӣ таҳкими мавзеъ намуда буданд, баъд аз боз шудани ду ҷабҳа дар шимолу ғарб ва манотиқи маркази Афғонистон худро то андозае фориғулбол ёфта буданд ва масруфи омодагиҳои баъдӣ барои муқобила бо Толибон буданд. Тавре ки Масъуд бо як идда аз ҳамразмони худ зимни боздидаш аз минтақаи Кирону Манҷони вилояти Бадахшон дар як нишасти истирорӣ (маҷбурӣ), ки дар ҳудуди он соҳа дошт, ба мухотабинаш гуфта буд, ки «барои ҷангу муқовимати чандинсола бояд омодагӣ гирифт ва соҳаи ҳамвор ва муносиби он минтақаро ғарази истифодаи парвози тайёроти Ҷабҳаи муқовимат тарҳ дода буд, ки баъдан ин нишаст дар 16 ҷавзои соли 1376 аз тариқи сервисҳои хабарии родюи «Озодӣ» пахш гардид. Ва Масъуд, ки дақиқан мутаррасити (мутаваҷҷеҳи) авзои сиёсиву низомии манотиқи мухталифи Афғонистон, аз ҷумла шимол буд, чандон эътиқод ба давоми муқовимати

Дӯстум ва қувватҳои низомии шимол надошт. Зеро дар авохири ҳокимияти Дӯстум як силсила тазодҳое миёни шибирғониҳо ва майманагиҳо шадидан эҳсос мешуд, ки ангезаи он ҳам бештар дар нафси худи ҷунбиш парвариш ёфта буд ва он аз ҳама возеҳтар дар қатли Расули Паҳлавон – бародари бузурги ҷенерол Малик, ки гӯё ба ишораи Дӯстум сурат гирифта бошад, нуҳуфта буд.

Ҳизби ваҳдат ҳам, ки муттаҳиди динии ҷунбиши Дӯстум буд, наметавонист ҳадди ақал ҳузури худро дар чанд вилояти Сари Пул, Балх ва шаҳраки Пулихумрӣ ҳифз кунад ва аз таъсироти манфии ин нифоқ дар амон бимонад. Ҷабҳаи Форёб, ки муташаккил аз нерӯҳои Исмоилхон, ки зоҳиран таҳти амри Дӯстум ва бинобар мавқеияти минтақавӣ ва оперативӣ зери фармони Гулмуҳаммади Паҳлавон – бародари кӯчаки ҷенерол Малик бо қитъаоти ҷунбиш ҳамоҳанг бар зидди Толибон амал менамуданд, баъд аз тафоҳумоти сиррии ҷенерол Малик бо Толибон манотиқи Форёб дар мухолифати ошкори ҷенерол Малик бо ҷенерол Дӯстум аз контроли фармондеҳии низомии шимол аз шахси ҷенерол Дӯстум хориҷ ва ба Толибон пайваст. Ва ба Дӯстум ултиматум гузоштанд, ки сафаҳоти шимолро ҳар чи зудтар тарк гӯяд. Дӯстум ҳар талоши сулҳталабонаеро, ки тадорук ва маслиҳат дид, ҷенерол Малик напазируфт ва баъд аз муқовиматҳои камдавом дар атрофи Шибирғон ва Сари Пул дар баробари ҳуҷуми нерӯҳои ҷенерол Малик, ки аз Толибон дар ҷанг кӯмак гирифта буд, тоб наоварда омодагии фирор аз Афғонистонро мегирад, зеро ӯ ба далоили мухталифи дар Мазори Шариф ва дигар ҷоҳои шимол ба муқовимат пардохта наметавонист. 1) Ин ки вилоёти шимол ғайр аз Ҷурҷон ва Форёб муттакои қавмии анъанавӣ ва суннатии нерӯманд барои ӯ набуд, зеро дар вилоёти шимол ба хусус вилоёти Балх, ки аз гузашта сарзамини тоҷикҳо буда ва умдатан тоҷикҳо зиндагӣ мекарданд, Дӯстум, ки дар муддати ҳокимияташ дар шимол натавониста буд аз маҳдудаи салтаи низомӣ берун рафта ва пойгоҳи иҷтимоӣ биёбад, мантиқан наметавонист чору чораи барои дифоъ дар он ҷо бияндешад. 2)

Баданаи бузурге аз дастгоҳи низомии қавмӣ аз ӯ дур шуда буд, биноан замон ва фурсати андак барои ӯ ва нирӯҳои берӯҳияаш маҷоли мудофиаи қавиро намедод, бо он ки теъдоди аз қитъаоти муҷоҳидини ҳизби ваҳдат ва шӯрои нузор ба кӯмаки нирӯҳои сафаҳоти шимол ба Шибирғон эъзом шуда буданд. Бад-ин тартиб Толибон мебоист вориди сафаҳоти шимол мегардиданд. Толибон, ки хушбинона ба таҳаққуқи барномаҳои низомӣ ва сиёсии худ масту аласт буданд, билофосила вориди Форёб шуданд. Ҷенерол Малик, ки қаблан ғарази ҷалби таваҷҷӯҳ ва нишон додани ҳусни нияташ ба Толибон Исмоилхонро, ки бо иддае аз афроди низомии ӯ душодуш алайҳи Толибон дар манотиқи Форёб ва хумаҳои он меҷангиданд, таслими Толибон намуда буд. Толибон ҷамъи нирӯҳои Малик ба тарафи Шибирғон ва Мазори Шариф дар ҳаракат афтоданд. Хулоса, вилоёти шимолӣ яке пайи дигар ба тасарруфи Толибон дармеояд ва Дӯстум бо хонаводаи шахсӣ ва аъзои раҳбарии мулкиву низомии шимол ба Ӯзбакистон фирор менамояд. Дӯстум қабл аз он ки аз сарҳади Афғонистон дар Ҳайратон убур мекард, ба асоси гуфтаи ҷагран (майор) Аминуллоҳ – як тан аз афсарони фирқаи 70, дар бахши оператсия (амалиёт), ки баъдан мавсуф ба ҳайси афсари идорӣ дар пуҳантуни низомии сафаҳоти шимол тақаррур меёбад, чашмдиди худро чунин нақл кард: «Дӯстум бо хитобаи кӯтоҳаш, ки дар мавқеи убур аз Пули Ҳайратон ба иддае аз афсарони қароргоҳ ва ҷенеролони фирқаи 70-и микониза, ки мавсуф низ дар он ҷамъ ҳузур дошта гуфтааст, ки алайҳи мо як тавтеаи бузурге ба роҳ афтид ва дар айни ҳол ӯ моро ба сабру хештандорӣ даъват кард, дигар чизе нагуфт, ки аз ҷониби кӣ ва дар куҷо нақшарезӣ гардид». Вале ин гуфта як иддаоро сареҳан собит мекунад, ки фармондеҳон ва қумондонони қудратманди манотиқи мухталифи Афғонистон давраи ҳукуматӣ муҷоҳидин назире Дӯстум, Ҳоҷӣ Қадир ва Исмоилхон ва дигарон бештар маҳсули вазъи мултаҳид ва ошуфтаи низомии маҳз пас аз ҳукумати муҷоҳидин будаанд. Мардум афроди номбурдаро дар Афғонистон бо собиқаи низомӣ ва чеҳраҳои ҷангӣ дар ҳар

гӯшаву канори Афғонистон бо ин гурӯҳ ва он танзим бештар мешинохтанд то ин ки ҳуввияти сиёсии қобили баҳсе дошта буда бошад. Аз ин рӯ Толибон ва ҳомиёни онҳо дар азму ҷазми худ барои саркӯби ин ҳокимони худхонда иштибоҳ накарда буданд. Мусаллам аст ҷараёни ҳукумати муҷоҳидин, ки давлати номниҳоде беш набуд ва агарчизе ҳам аз рехтаву бозмондаи ҳукуматҳои собиқ бо ному унвони аз қолибҳое чун идорот, муассисот, ниҳодҳо ва вазоратҳо буд, ба асари набуди афроди мутахассис ва кордон ва шоистаи маъмурият, ки дар ҷои дигаре аз ин навишта тазаккур хоҳем дод, бехосият ва чеҳраи ғайри амалӣ ва коро ба худ гирифта буданд. Дар робита ба масъалаи фавқ ин ҳақиқатро низ мадди назар дошт, ки агар тавонмандиҳои низомии танзимҳои ҷиҳодиро, ки дар тӯли ҷиҳоди исломиашон касб гардида буд, пас аз пирӯзиашон талош карданд аз зарфиятҳо ва бартариҳои низомии худ дар тасоҳуби қудрат алайҳи якдигар истифода баранд, Ҷамъияти исломӣ, ки шаҳри Кобулро зери идораи нирӯи низомиаш қарор дода буд, шояд, ин натиҷаи навъи раванди мантиқӣ буда бошад ва агар аз назари ин ки ҳукумат дар дасти чӣ касе ё касон буда бошад, виҷдони бедор инро мегӯяд, ки чеҳраҳои аз ҳамаи ақвоми сокини Афғонистон ба таври бесобиқа аз назари мушорикати миллӣ дар ҳукумати устод Раббонӣ бо вазоҳате тамом намояндагӣ мекарданд. Ба таври мисол Чингизи Паҳлавон боре дар мусоҳибааш аз А. Мазорӣ мепурсад, барои чӣ ҷанг доред бо ҳукумати Раббонӣ, дар ҳоле ки чанд вазир ба намояндагии ҷомеаи ташайюъ ва ҳазораҳо ҳам акнун дар ҳукумати Раббонӣ саҳм доранд? А. Мазорӣ билофосила мегӯяд: «Чор вазир дар ҳукумати Раббонӣ ба намояндагии ҳазораҳо кор мекунад». Ин гуфта ба ин маъно буд, ки мо ҳам дар давлат ҳастем ва ҳам алайҳи давлат. Пас ба роҳандозии ҷангҳои хунини алайҳи ҳукумати Раббонӣ оё худнамоии раҳбар буд ё ин ки ситамзадагии мардуми ҳазора, ки раҳбарии ин ҳизбро водор месохт то ба осонӣ ба касе бовар накунад ва ҳам камтаҷрибагии сиёсиашон буд ва ҳоказо.

Аз ин рӯ таборӯзи фигурҳои сиёсии қобили мулоҳизае

ба сони Дӯстум подшоҳ,[1] Амир Исмоилхон ва раис Абдулқадирхон, ки теъдодеро аз ин қавм ва он қавм ва гурӯҳ ба гирди худ дар шарқ ва шимол ва ғарб ва манотиқи марказӣ ҷамъ намуда буданд, чизи тасодуфӣ набуд. Билохира дар набуди барномаҳои миллӣ ва инқитобҷӯиҳо ва зиёдахоиҳо ва напазируфтани баъзе маслиҳатҳои мақтаӣ дар як барномаи афғонӣ ва миллӣ вазъи мутаҳавили сиёсиву низомӣ ба василаи Толибон онҳоро бо муомилаҳои ҷангӣ саркӯб ва аз саҳна берун ронд. Ва ё мавзӯи аз ин ҳам содатар буда метавонад, ки Дӯстум ба он ки аз тарафи ҷенерол Малик ва атрофиён ва бародарони Расули Паҳлавон мавриди шак дар қатли Расули Паҳлавон, ки дар моҳи саратони 1374 сурат гирифт, қарор дошт ва тазодҳову нофармониҳои ношӣ аз сӯизаннҳои он ҳодисаро вақтан ва вақтан эҳсос менамуд, вале хушбоварона ва айёрона бо он бархурд мекунад. Қарори гуфтаи як идда аз шоҳидони айнӣ аз саҳнаи пас аз охирин мулоқоти Дӯстум ва Малик қабл аз воқеаи аввали суқути шимол дар майдончаи ҳавоии ҷавори шарқии шаҳри Шибирғон назди Дӯстум бо вуҷуди иттилооти маҳкам ва устуворе, ки вуҷуд дошт, гӯё ҷенерол Малик дар садади иншооб ва ниёти сӯ алайҳи чунбиш ва ҳокимияти шимол аст, машвараҳое ба Дӯстум дода шуда буд, ки қабл аз ҳамин дидори Малик ва Дӯстум Малик бояд дастгир мешуд, то зери ин фишор ҷенерол Гулмуҳаммад водор ба қабулии шароити Дӯстум мегардид. Вале Дӯстум пардохт намекунад ва истидлолу таъкид мекунад, ки болои ҷенерол Малик ва ҷенерол Гулмуҳаммади Паҳлавон эътимоди қавӣ дорад. Магар сиёсат кори айёрон ва ё ҳаракати сирф ахлоқӣ аст? Дар ин тардиде нест, ки расми маҳаллиро мӯҳтарам шуморидан ва бартарии ахлоқии худро бар душман мудаллал сохтан ҷойгоҳи вижаи ахлоқии худро метавонад дошта бошад. Агар сиҳати амал дар доираи шахсият бошад, вале агар

[1] Подшоҳ лақабе буд, ки мардуми оддие аз ақвоми узбек ва туркман дар сафаҳоти шимол ба Дӯстум дода буданд.

модом аз раҳбарии ҷамъӣ ва низомӣ ва идораӣ ҳара мезанем, ин маъмул ҳама вақт ва дар ҳама ҳолот ва бо ҳар кас ҷавоз надорад ва моро ба фикри байти Ҳофиз мебарад, ки хуш фармуда:

*Дар мазҳаби тариқат хомӣ нишони куфр аст,*
*Оре, кори давлат ҷустисту чолокӣ.*

Рӯи ҳамин муҳосибот ва шинохти аҳволи подшоҳони маҳаллӣ буд, ки мутасаддиёни пружаи Толибӣ ва Масъуд аз роҳи ҳалли низомии қазия дар кӯтоҳмуддат барои таҳаққуқи аҳдофашон дар дарозмуддат ба наҳве тарафдорӣ ва ҷонибдорӣ мекарданд. Сирф бо ин тафовут сиёсатҳое, ки Толибон дунбол мекарданд, дарҳул (гирд) ва меҳвари манофеи ғайриафғонӣ ба таври пинҳонӣ нуҳуфта буд, дар ҳоле ки дар юришҳои Толибон ҷамъ кардани ҳукуматҳои маҳаллӣ қавиан эҳсос мешуд, ки тамоили гурез аз қонун ва музир ба ҳокимияти сиёсии Афғонистон буданд, ҷониби муқобили Толибон Масъуд агар аз як тарҳи маъқул ва қобили писанди афғонӣ ошкоро сухан мегуфт, вале чигунагии таҳаққуқи он аз алоиқи пинҳонии ӯ буд, зеро сиёсати лафзӣ чизе, ки давлатҳо ё раҳбарон мехоҳанд, душманон ё мутаҳидони билқувва ё мардуми кишвар онро ба унвони аҳдоф ва мақосиди давлат бидонанд. Дар бештар маворид сиёсати лафзӣ бозтоби маъқули аҳдоф ва мақосиди давлат ва гурӯҳҳо будааст. Дар мавоқеи бисёр низ инчунин нест. Раҳбарон ва давлатҳо ба ин боваранд, ки бояд аҳдоф ва мақосиди воқеии худро пинҳон нигоҳ доранд. Бо боварифавқ на Масъуд ва на Толибон на дар аҳдоф ва на дар шеваи амалашон сароҳати кофӣ вуҷуд надошт бо он ҳам вазъ дар шимол бар хилофи манотиқи шарқ ва марказу ҷануби Афғонистон, ки аз ҷанг ва хунрезӣ мардум безор шуда буданд, дар кулл беҳтар ва хубтар буд. Ва аз ҳимояти возеҳи қавмӣ дар як-ду устони шимол низ бархурдор буд. Зимни ин ки ҳаводисе аз беамнии мулкиятҳои мардум ҳатто гоҳгоҳе номус ва ҷони мардум низ таҳдид мешуд, яъне чизеро, ки дар соири манотиқи Афғонистон фармондеҳон дар ҷангҳо ба унвони мулкияти якдигар тасоҳуб мекарданд, аз

худ гуфта ва ё аз дигарон ва зулму норавоиро дар рӯзи равшан анҷом медоданд, дар Шимол пӯшида аз анзори мардум муртакиб мешуданд ва набудани ҷанг ва амнияти физикиро бо минатгузориҳо аз мардум интизор буданд. Дар ин маврид ман худ тасодуфан дар моҳи саври 1374 дар Мандавии (номи бозор) шаҳри Мазори Шариф ва он шоҳиди саҳнае будам ва он ин ки замоне аз як маҳалли таҷамӯъ ва буду боши афроди амниятие, ки зоҳиран масъулияти амнияти ҷода ва навоҳии дохили Мандавии шаҳрро ба дӯш доштанд, рад мешудам. Сару садои сарбозе ба гӯшам расид, ки аз омираш мепурсид, либосҳоям кӯҳна шуда, чӣ кор кунам. Омир дар ҷавоби сарбозаш ба ӯ салоҳият медиҳад, ки агар либосаш кӯҳна шуда, ба дӯкони рахтфурӯшқ рафта, тикаи мавриди ниёзашро гирифта либос тайёр кунад. Ва агар попӯшаш кӯҳна шуда, аз бутфурӯшӣ ва агар дар хона нон надорад, ба нонфурӯши рафта зарураташро бартараф намояд. Сарбоз рӯ ба омираш мекунад, пул надорад то қимати колоҳоро бипардозад. Қумондон ба сарбози худ боғурур мегӯяд: «Оё ин пул нест ва ин музд надорад, ки мо амнияти онҳоро гирифта, то хариду фурӯш ва кор кунанд ва дар ин шаҳр зиндагӣ кунанд, ба ин хотир. Пул ситондан дар баробари ниёзҳои мо дур аз инсоф аст». Илова бар он ҷой ва амокини мардум бо таҳдиду фишор аз онҳо рабуда шуда, махсусан мавқеиятҳои хуб дар атрофи шаҳр ва ҷойҳои дидании дигар ҳамчунон тоҷирони бузурге, ки колоҳояшонро ворид мекарданд, агар дар масири роҳ ба потакволо (таваққуфгарони транспортҳо) ва ҳар пост пуле намепардохт, ҳатман шароите сипосгузории амниятро ба мақомоти баландпояи шӯрои низомӣ бояд ба тафоҳум менишаст ва микдори пулеро, ки ба маротиб баландтар аст, аз таъдия ба потакҳои (таваққуфгоҳҳо) масири роҳ буд, таъдия медошт. Дар мавриди тоҷирони кӯчаки дохилӣ ҳеҷ назорат ва бозхосте дар роҳҳо аз афроди зӯргир вуҷуд надошт. Донишгоҳҳо ва макотиб фаъол буд, вале савияи бештари донишомӯзон паст буд. Ришваву пора ба таври аланӣ дар марокизи таълимӣ ривоҷ ёфта буд. На танҳо

духтарон, ҳатто писарони бараҳнарӯй дар маркази шаҳр ва гӯшаву бешаи он эҳсоси тарс ва ваҳшат мекарданд. Духтарон аксаран ило донишгоҳ бо буркаъ (чодар) рафтуомад мекарданд. Паҳлавонон ба чор зану панҷ зан қаноат намекарданд. Ҳуқуқи моҳвори кормандони низомӣ ва мулкӣ ба муамои сарпӯшидае мемонд, ки онро на Худои осмонҳо ва на Худои заминӣ, яъне Худойқул ҳал метавонист. Масъулини бахшҳо бояд моҳҳо интизор мекашиданд ва чекҳои бешумореро қатор ва афзун мекарданд, зеро имзои Дӯстум дар дархостиҳо ва ароиз аломагузорӣ мешуд. Ба ҳар ҳол мардум ба наҳве бо вазъ созиш мекарданд.

* * *

Вале баъд аз тасаллут ёфтани Толибон дигар аз мактабу таълим ва донишгоҳ низ хабаре набуд. Шаҳр яксара дар торик фурӯ рафт. Ҷенерол Малик, ки рӯйи як душмании шахси тағйири асосиро дар вазъи минтақа боис гардид, ду кори ҳисобиро ғарази бақои худ дар шимол баъд аз Дӯстум бо Толибон аз қабл пешбин буд. 1. Аз дохил шудани Толибон ба теъдоди васеъ дар манотиқи шимол ҷилавгирӣ намуд ва танҳо афроди ибтидо дохили вилоёти Форёб гардиданд, ки дар раҳбарии идораи амре ба маъруф ва наҳйе аз мункари Толибон қарор доштанд, бо ҷамъи афроди муҳофизи мусаллаҳ бо васоити ангуштшумору дастаҳои кӯчаки размии он ҳам ба хотире, ки битавонанд дар соири вилоёт дар баробари муқовимати қувои боқимондаи ҷенерол Дӯстум ҳам аз нуқтаи назари таъсири равонӣ ва ҳам дар ҳадди аз назари ҳузури физикӣ ба муқобила ва муҷодила пардозад. 2. Ҷенерол Малик бар хилофи қумондони Қорибобо волии Ғазнӣ таслимии силоҳи худро ило озод шудани сафаҳоти шимол аз идораи Дӯстум бо Толибон мувофиқат карда буд. Омили дигаре, ки бо ду омили фавқ заминаи боэътимоде шуд барои шикасти қатъӣ ва комили Толибон дар шимол ақибнишинии қувватҳои ҷиҳодии ҳизби ваҳдати исломӣ, ҷамъияти исломӣ ва афроди муталошишудаи Дӯстум, ки аз ҷенерол

Малик баъдан итоат карданд, дар гирду атрофи шаҳрҳо, бахусус Мазори Шариф, Шибирғон, Пулихумрӣ, Самангон таҳкими мавзеъ намуда буданд, ҳамин буд, ки лаҳзае мавъуд (лаҳзаи ваъдашуда) таслими силоҳи афроди Малик фаро расид. Ҷенерол Малик дар тафоҳуми қаблӣ бо Масъуд ва дигар раҳбарони ҷиҳодӣ зимни амали муштарак ҳамроҳ бо қувватҳои муқим дар атрофи шаҳрҳо даст ба як тааррӯзи саросарӣ дар маҷмӯи сафаҳоти шимол алайҳи Толибон заданд, ки дигари рӯзи баъд ҳузури Толибон то нимаҳои шаб тавони муқовимати низомии Толибон аз байн рафт. Ва фардои он Толибон ба таври инфиродӣ ва гурӯҳӣ таслим ва ё дар ҳар гӯшаву канори шаҳр ва атроф саркӯб гардиданд, ки бинобар омор дар ҳудуди ҳазорҳо нафар қурбонии ин ҷанг гардид ва дар Дашти Лайлӣ мадфун гардиданд. Иддае ҳам дар нуқоти мухталифи шимол пароканда гардиданд, ки баъд ҳамин Толибони мутаворигардида – дар вилояти Қундуз аз нав таҷаммӯъ намуданд.

Хулоса, ҷанг дар тайи як рӯзу ним харобиҳои зиёдеро ба бор овард. Шаҳри Мазор чуну чаповул (ғорат) гардид, мол ва мулкияти мардум мавриди дастбурд қарор гирифт. Иморот ва ободиҳои шаҳр осеби шадид диданд, дар Мазор мардум мегуфтанд, ки Толибонро ҳазрати Алӣ шикаст дод, зеро Толибон бо кафшҳояшон ба устони ҳазрати Алӣ бо беҳурматӣ дохил мешуданд. Баъд аз ин тағйироти ҳокимият дар шимол аътои (додани) саҳми сиёсии Дӯстум ва атрофиёни ӯ дар ҳукумати Раббониро ҷенерол Малик ба зимма гирифт, ки симмати (мақоми) вазири хориҷаро худ ба ӯҳда дошт.

* * *

Масъуд бо он ки аз раванди сиёсиву низомии авзоъ дар кулли кишвар ба хусус дар шимол муталӣ буд, дар контроли шимол ба таври ғайри мустақим низ даст ёфта буд. Ва он ин ки ба гуфтаи як тан аз афсарони аршади муовинияти техникии вазорати дифоъ ба номи дагарвол (полковник) Ашраф, ки аз дер боз ба қавли худаш бо ниёти ин

ки Толибон аҷнабиҳоанд (бегонагонанд) баъд аз муддати муҳоҷират дар Покистон роҳии дараи Панҷшер мешавад ва бо бахшҳои техникии тармимотии шӯрои нузор дар дараи Панҷшер ҳамкории фаъол дошта. Ба нисбати қуробати сабабие, ки бо номбурда доштаам, дар ҷараёни дидор ва сӯҳбатҳоямон дар шаҳри Мазори Шариф ин нуктаро чунин баён дошт: «Замоне, ки сафаҳоти шимол ба нафъи Толибон сукут мекард, паёми Масъуд фардои он рӯз, ки Толибон салтаи ому томи худро бар сафаҳоти шимол эълом доштанд, ба ҳар афсару муҷоҳид қароргоҳ ва марокизи ҷамъият ин буд, ки ташвиш накунед, Толибон афроди бегонаанд ва шумо шоҳиди сукути сареъи Толибон ба ҳамкории мардум дар поёни имрӯз хоҳед буд». Ва ин чизе буд, ки дар Мазори Шариф таҳаққуқ ёфта буд. Малик ки ҳокими шимол ва ба раҳбарии ҷунбиш муҳарриз гардида (мақом гирифт) буд, дар воқеият халоъи Дӯстумро натавониста буд пур кунад. Бештар эҳсоси наздикӣ бо Масъуд мекард. Дар ҳама хитобаҳои худ аз ниёти солими Масъуд дар баробари Дӯстум ва сарони шӯрои низомӣ ва аз худбиниву худхоҳиҳои Дӯстум ва атрофиёни ӯ ёд мекард. Ҳузури физикии афроди мусаллаҳ ва фармондеҳони танзими ҷамъияти исломӣ, Ҳизби ваҳдати шиӣ ба раҳбарии Муҳаммади Акбарӣ, ки қаблан муттаҳиди сиёсии Масъуд фаъолият надошт, дар шимол чашмгир буд. Масъуд баъд аз шикасти Толибон дар шимол дар соли 1996 1) аввал ғараз таъмини иртибототи байналмилалӣ ва тадовуми умуроти идорӣ бо мувофиқаи раҳбарони Ҷабҳаи муттаҳид марказияти давлати исломиро аз Тахор ва вилояти Балх ва шаҳри Мазори Шариф муваққатан интиқол дод. 2) Ба тармими кобина ва таъйини нахуствазир мепардозад ва гирдиҳамоие ба таърихи 23 асади соли 1376 дар Панҷшер сурат гирифт, ки дар он ҷенерол Малик ба ҳайси Вазири хориҷа, Ҳоҷимуҳаммади Муҳаққиқ-Вазири дохила, Ғаффори паҳлавон-муовини Раиси ҷумҳур ва Аҳмадшоҳи Масъуд- Вазири дифоъ ва муовини Раиси ҷумҳур Абдураҳими Ғафурзай ба ҳайси садри аъзам мувофиқат гардид. Ва ҳамчунон тасмим ги-

рифта шуд, ки ҳукумати муаққатӣ дуруст шавад ва баъд аз шаш моҳ Луи Ҷиргаи анъанавии афғонҳо доир гардад ва аз Толибон низ хоста шуд, ки дар ҳукумат ширкат намоянд. Зеро нахуствазири қаблӣ дар ҳукумати муҷоҳидин Г.Ҳикматёр, ки талошҳои низомии бесамари ӯ дар авоили ҳукумати муҷоҳидин барои эҳрози мақоми фарди аввал дар идораи кишвар як идда паштунҳои мутаассиби дохил ва берунро озурдахотир намуда буд, ки норизоиён ҳам аз ҷамъи ифротиюн ва ғайриифротиюни мусулмон ва ҳам тарафдорони қудрати анъанавии паштунӣ дар Афғонистон буд, хост таъбири ҷоҳталабона ва зӯрманишонааш аз зеҳнияти ин ду гурӯҳи ҳомиёни зуомади паштунӣ бардошта шавад. Ҳикматёрро бо вуҷуди мухолифатҳое, ки дар баробари ӯ дар дастгоҳи ҳукумати Раббонӣ ба сурати ошкор ва пинҳон дар авохири солҳои ҳокимияти муҷоҳидин дар Кобул буруз карда буд, ҳатто иддае ҳаракати Масъудро хатои стратегӣ хонданд. Зери муоҳидаи Моҳипар симмати (мансаб) нахуствазирии ӯро болои Раббонӣ ва атрофиёни ӯ биқабулонад. Ҳикматёр чанд моҳ пас аз вазифаи садриаъзамӣ дуруст замоне ки Кобул дар маърази суқут қарор мегирад, аз тариқи Панҷшер ва пойгоҳҳои низомии Масъуд дар шимолшарқ ва соҳоти таҳти контроли ӯ ба Эрон паноҳанда шуд. Алоиқашро низ баъдан бо Масъуду Раббонӣ қатъ мекунад.

Масъуд бинобар ҳассосиятҳое, ки аз таркиб ва ташкили созмони низомии Ҷабҳаи муқовимати зидди Толибон ва ҳомиёни онҳо дошт, бар он шуд то як кобинаи мамзуч (омехта) аз чеҳраҳои сиёсии либерол, шахсиятҳои бонуфузи қавмӣ ва технократҳои муқими ғарб ва рӯшанфикрони мусулмон сохта ва дар раъси онҳо Ғафурзай, ки як чеҳраи паштунӣ ва таҳсилкардаи ғарбу Амрико буд, ба ҳайси Садри Аъзам таъйин гардида буд, эътимоди ҳамаи ақшори ҷомеаро ҷалб намуда ва маҷомеи ҷаҳониро аз тардид дар шинохти ҳукумати Раббонӣ бениёз гардонад. Ғафурзай зодаи минтақаи Андароби вилояти Бағлон ва аз пуштунҳои ноқили он диёр буд. Ӯ дар миёни мардуми

Қандаҳор ва ҷануб аз нуфузи қавмӣ ва эътибори хонаводагии хуб ва дар ғарб аз собиқаи таҳсилот ва афкори рӯшанбинонааш, дар миёни муҷоҳидин аз алоиқи вофири ӯ ба муҷоҳидин ва ҷиҳод метавонист дар истиқрори як ҳукумати маъқул тарафи қабули ҳамаи тайфҳо ва ақшори ҷомеа нақши муносибе бозӣ намояд.

Дар ниҳоят Раббонӣ ва Масъуд саъй намуданд худро аз чолиши қавмӣ озод ва роҳро барои барои пиёда кардани аҳдофи сиёсиашон боз намоянд. Вале ин барномаву плон дар остонаи шаклгирӣ мухтал мешавад ва он ин ки Ғафурзай дар ҷараёни диду водид аз манотиқи мухталиф бо раҳбарони танзимҳо ғарази тарҳи аҳдоф ва мароми ҳукуматаш бо иддае аз аъзои кобинаи муаййатии (ҳамроҳи) ӯ дар як сониҳаи ҳавоӣ дар майдони ҳавоии Шибартуи вилояти Бомиён аз байн меравад. Дар ин робита мебоист ба тасҳеҳи як нукта, ки ба ҷалат дар китоби «Афғонистони асри муҷоҳидин ва баромадани Толибҳо» нигориш ёфта, пардохт. Ва он ин ки оқои Чингизи Паҳлавон дар китобаш тазаккур дода, ки тайёраи ҳомили Ғафурзай аз Панҷшер ба парвоз даромада ва баъд аз нишаст дар майдони ҳавоии Мазори Шариф ба савби (тарафи) Бомиён парвоз карда ва дар майдони Шибартуи вилояти Бомиён суқут карда. Бояд ёдовар шуд, ки тайёраи ҳомили Ғафурзай аз навъи АНТ-26 буд, назар ба хавоси техникиаш аз майдончаҳое, ки ба қасди нишасту бархости чархболҳо дар дараи Панҷшер истифода мешуд, наметавонад нишасту бархост намояд ва ин ки тайёра нахуст аз куҷо ба парвоз даромада эҳтимоли қавӣ вуҷуд дорад, ки аз худи Мазори Шариф буда бошад. Зеро марказияти муаққади давлат Мазори Шариф буд.

Масъуд замоне даст ба ин ҳаракати сиёсӣ зад, ки Толибон баъд аз тасхири вилоётии шимолӣ ва инъикосоти шикасти онҳо бо бардоштҳо аз навъи ҷангҳои қавмӣ ва самтӣ рӯз ба рӯз қувват мегирифт. Ва аз сӯи дигар кишварҳои минтақа ва созмонҳои сиёсии афғонӣ – берунӣ як силсила мавзӯъгириҳои мушаххасро бо тасаллути Толибон дар шимол бисёр оҷилона иттихоз намуда ва эълон дошта бу-

данд. Аз ҷумла Покистон Толибонро ба ҳайси як давлати машрӯъ ба расмият шинохт. Зоҳиршоҳ – шоҳи собиқ эълон кард, ки акнун сулҳ дар Афғонистон таъмин мешавад. Эълони ин мавозеъ, ки қоидаашон муштарак буд, зоҳиран аз ду забон, аз ду маҳал ва аз ду навъ ташкилот шунида шуд ва паёми он ҳам аз ҳимояти Зоҳиршоҳ аз гурӯҳ ва ҳам аз ҳимояти давлати Покистон як уммедро дар азҳон илқо мекард ва он ин ки ҳокимияти Толибон бинобар хислате, ки аз худ табориз дода буданд, гузаро ва кӯтоҳ хоҳад буд. Аммо шикасти Толибон бо он ҳама хисороти моддии низомӣ ва таъминотӣ дар шимол зиёнҳои ҷиддии сиёсӣ низ барои ҳомиёнашон дар пай дошт, ки аз бештар бар бекифоятии раҳбарони Толибон ва ҳомиёни покистониашон мӯҳри саҳеҳ гузошт ва аз сӯе ҳам ниёти як идда ҳалакоти мутаассиб ва девонае тасаллути низомие як қавм бар дигаронро дар берун ва дохил нақш бар об кард. Масъуд сахт мавқеъшинос буд ва дар сиёсат агар фурсатҳо ва имкониятҳо аз таҳлилу санҷиши сиёсатмадор ба дур монад ва аз дарки сайри ҳаводис оҷизу нотавон гардад, будаҳо нопадид ва нобудаҳоро дастнорасида месозад.

* * *

Ба ҳар ҳол стратегияи Масъуд дар таҳаққуқи аҳдофи дақиқи мақтаии ӯ бо вуҷуди шикастҳои ҷуброннопазир моҳ ба моҳ ва лаҳза ба лаҳза масирҳои маъқул ва шеваҳои муассирро меёфт. Толибон баъд аз шикасти сангине, ки дар шимол бардоштанд, мутарасиди ҳол ва аҳволи шимол буданд. Ба хусус он иддае аз онҳо, ки шаҳри Қундузро дар ихтиёр доштанд, ҳар он мунтазири мавқеъ буданд, то зарбае ба эътилофи шимол ворид кунанд. Раҳбарони шимол низ чандин бор аҳд бастанд ва қарор гузоштанд то ҳамалоташонро ба Толибони мутаворӣ, ки дар вилояти Қундуз таҷаммӯъ намуда буданд, низ оғоз намоянд, бо он амал накарданд, дар ҳоле ки Толибон муназзам аз ҳаво ба икмолоти моводи лужистикӣ ва нақлу интиқоли афроди мусаллаҳашон аз Кобул ва ҷоҳои дигар мепардохтанд. То ин ки баъдан ҳамларо болои манотиқи ғарбии шаҳри

Қундуз ва манотиқи Тошқӯрғону Ҳайратон оғоз карданд. Ва ин ду минтақаи вилояти Балху Самангонро ишғол ва ба тарафи шаҳри Мазори Шариф пешравӣ намуданд, ки дар натиҷа шаҳри Мазори Шариф мавриди таҳдиди ҷиддӣ қарор гирифт. Дар ин вақт ҷенерол Дӯстум, ки дар яке аз кишварҳои ҳамсояи шимолии Афғонистон паноҳида шуда буд, эълон дошт, ки минҳайси як сарбоз ба ман иҷозат диҳед то алайҳи Толибон мубориза кунам. Дӯстум зоҳиран дар оғоз кӯшид худро ҳамроҳ ва ёвари ҷенерол Малик ҷилва диҳад, бо он ки ин хости ӯ ба ҷенерол Малик ҳушдор буд, вале аслан ӯ аз раҳбарони эътилоф, ба хусус Масъуд чунин тақозоеро намуда буд, зеро ӯ медонист, ки Масъуд то устухон дар шимол нуфуз карда, дар муқобил Масъуд низ нақши эҳтимолии Дӯстумро дар шимол пешбин буд, ки Дӯстум дигар хатаре барои аҳдофи дурнамоии ӯ наметавонад бошад, зеро ки ӯ дигар на он ҳайсият ва нуфузи меҳварии қавмиро дорад ва на он чеҳраи пурҷозибаи низомиро. Биноан аз набудаш беҳтар аст буданаш. Масъуд кӯшид ба Дӯстум эътибори раҳбари символӣ дар миёни қавми ӯзбак аз маснаду эътибори сиёсии худ бидиҳад, то бошад ҳарбаи мутмаини қавмӣ дар ақиби фаъолиятҳои сиёсии худ дар баробари Толибон дошта бошад. Дӯстум камоком низ дар садади интиқомгирӣ укдаи пинҳонии худ аз ҷенерол Малик буд. Пас аз иҷоза ёфтан ба дохил ва иштирок дар ҷангҳо ва пирӯзиҳо дар манотиқи Ҳайратону Тошқӯрғон ошкор сохт, ки ҷангро то сарҳади вилояти Форёб, Ҷузҷон ва дар ниҳоят суқути ҳокимияти ҷенерол Малик дар вилоёти шимол идома хоҳад дод. Баъзе аз соҳоти вилояти Балх, Ҷузҷон ва Сари Пул омадани ҷенерол Дӯстумро истиқбол намуданд бо файрҳои шодиёна, ки миллионҳо файр дар як шаб ҳамроҳӣ мешуд, ибрози эҳсосот мекарданд.

Дӯстум пас аз бозгашташ дар вазъияти равонӣ ва сиёсии хубе қарор надошт. Бо ҷо ба ҷо шудан дар вилояти Ҷузҷон ва зодгоҳаш бо ҷамъу ҷур сохтани лашкари пошхӯрдааш алайҳи пойгоҳи ҷенерол Малик амалиёти низомиашро ба Форёб идома дод. Саранҷом ҷенерол Малик

баъд аз се моҳи ҳокимият дар шимол ба асари фишори низомии Дӯстум аз вилоёти Форёб ба Туркманистон фирор мекунад. Дӯстум дубора дар шимол ва бахусус дар се вилояти Форёб, Ҷузҷон ва Сари Пул ҳокимияташро аз нав таҳким мебахшад. Дӯстум бо вуҷуди нақши фаъолаш дар пирӯзӣ алайҳи Толибон дар шимол дигар қудрати воқеӣ дар Мазори Шариф ва баъзе вилоёти шимолӣ аз они ӯ набуд. Гурӯҳҳои мусаллаҳи ҷиҳоди ҷамъиятӣ ва ҳизби Ваҳдати исломӣ дар шаҳри Мазор бештар аз пеш ҳузури низомӣ ёфта буданд ва дар садади вусъати салтаи хеш буданд.

Масъуд дар ваҷоҳати баланди сиёсӣ илова бар он ки гурӯҳҳои мӯъталифаро дар корзори сиёсат бо бархурдҳои воқеӣ хезишҳо ва ҷасторҳои ҳарифони воқеии худ (Толибон) малокӣ (оина) сохт ва самту сӯи эҳрози мавоқифи сиёсии дурусташонро гӯшзад намуд, саъй менамуд, ки зарурати раҳбарии якдасти низомиро низ барои сарони Ҷабҳаи муттаҳид амалан ва талвиҳан илқо намояд. Аммо аз ихтилофоти хатарноке, ки аз гузашта дар байни онҳо вуҷуд дошт, тавоноии баҳамойии самимонаро аз онҳо рабуда буд. Тавре ки устод Урфонӣ дар навиштаашон ба номи «20 сол ҷанг ва куштор дар Афғонистон» гуфтаанд: Номбурда суқути вилоёти Мазори Шариф, Ҷузҷон, Форёб ва Бомиёнро дар чанд омил зикр намудаанд: 1.Вуҷуди аҳзоб ва раҳбарони муттаҳид. 2. Адами ҳамоҳангӣ ва эътимоди нирӯҳо ба якдигар. 3. Гурӯҳгаройӣ ва ҳизбпарастии Ҷабҳаи муттаҳид. Воқеан, ки Ҷабҳаи муттаҳид комилан муттаҳид набуд то муттаҳид амал кунад. Аз ин рӯ замоне нагузашта буд, ки Толибон дубора ба манотиқи марказӣ ва шимолу ғарбӣ болои мавозеи Дӯстум ҳамалоташонро аз нав оғоз карданд. Дӯстум бо таҳкимоти қавии хутути мудофиа ва нерӯҳои кӯмакии шӯрои нузор, ҳизби Ваҳдат ва ҳизби Ҷамъият, ҳизби Ҳаракати исломӣ, махсусан дар нуқот ва қуллаҳои муртафеи мавсум ба Катакам, ки ҳайсияти дарвозаи убурӣ ба шаҳри Майманаро дошт, бо ҳафтаҳо муқовимат натавонист дар баробари Толибон истодагӣ намояд, ки бо

ақибнишинӣ аз ин нуқот дигар муқовиматҳои атрофи Шибирғон, Балх ва Тахор ва Бомиён монанди девори регӣ нам мекашид ва фурӯ мерехт.

Билохира вилоёти шимолӣ ва марказӣ ба шумули Тахору Бағлон ило навоҳии ғарбии шаҳри Файзобод – маркази Бадахшон ба дасти Толибон сукут мекунад. Дӯстум дубора аз тариқи Ӯзбакистон ба Туркия ва баъд ба Эрон паноҳанда мешавад. Раҳбарони ҳизби Ваҳдат ба истиснои Карими Халилӣ, ки баъд аз муқовиматҳои ноком дар яке аз мағораҳои кӯҳҳои Бомиён дар муҳосираи Толибон мемонад, тавассути чархбол Масъуд номбурдаро ба Панҷшер интиқол мекунад. Дигарон ба Эрон фирор менамоянд. Бо он ки муқовимати шадид, аммо пароканда дар баробари Толибон дар вилоёти шимолӣ ва марказӣ сурат гирифт, вале аз ин ки аворизи ҷиддӣ дар амалкарди артиши эътилофи шимол вуҷуд дошт, як идда фармондеҳони мусаллаҳ дар муомилаҳои худсарона дар маҳалоташон тағйири мавзеъ дода, шикасти қувватҳои шимолро суръат бахшиданд. Ва ин табиӣ аст, ки ҳамеша нерӯҳои мусаллаҳ дар ҷойи пойи фармондеҳони худ қадам бармедоранд ва ҳар чи пояҳои иродаи фармондеҳон суст мешуд, ин тасалсул дар вазъи рӯҳии сарбозон роҳ меёфт ва шимол яксара зери идораи низомии дубораи Толибон қарор гирифт.

Он чи дар ин ҷо зарур менамояд, тавзеҳи ҷанг ва сулҳ аз назари ҳуқуқ ва равобити байналмилал аст, ки нахуст ба баррасии он пардохт ва хусусиёти ҷангҳои дохилии Афғонистонро аз дидгоҳи фавқ таъйин намуд. Дар байни уламои ҳуқуқи байналмилал тавофуқе дар хусуси ин ки чӣ касоне метавонанд ба ҷанг мутавассил шаванд, вуҷуд надорад. Аз диди баъзе аз нависандагон мисли Опенҳойм, Вебар ва Русо танҳо манбаи дорандаи ҳаққи тавассул ба хушунат (давлат) аст. Баъзеи дигар дар ҳини иттифоқи назар бо ин дидгоҳ гурӯҳҳои шаҳрванд дар ҷангҳои дохилиро низ таҳти шароити ҷузви дорандагони ин ҳақ маҳсуб мекунанд. Мусаллам ин ки бар ин дидгоҳҳои суннатӣ истисноотн фаровон ворид аст. Ҷанг дигар лузуман байни

давлатҳо нест ва ҷомеаи байналмилалӣ бо ҷангҳои чирикӣ, ҷудоиталабона, озоддибахш ва ғайра мувоҷеҳ аст. Возеҳ аст, ки ҳанӯз давлатҳо маъмултарин тарафҳои ҷанг маҳсуб мешаванд. Бо ҳуқуқи ҷанг низ ин муҳимро дар назар доштааст. Навъе бархӯрди мусаллаҳона аз навъи ҷангҳои миллӣ, ки дар ҳукми масъалаи дохилии давлатҳои даргир талаққӣ мешуд ва тарҳи қавоид ва завобити ҳуқуқи байналмилал қарор надошт ва танҳо дар сурате ки давлати даргир тарафи дигарро ба унвони мутахосим шиносоӣ мекард, ҳуқуқи ҷанг ба марҳилаи амал дармеомад. Вале ин маъмулро афзоиши даxолати қудратҳои бегона дар ҷангҳои дохилӣ зери таъсир қарор дода, ки мудохилоте дар баъзе кишварҳо, чун Ветнам, Қибрис, Лубнон, Ангола ва Афғонистони солҳои 1978 ва 1988 бо мудохилаи мустақими низомии як кишвари қудратманд сурат гирифт, ки ҷанги дохилии Афғонистонро буъди байналмилалӣ бахшид. Ман рӯи мавқеияти ҷангии хоси дар солҳои фавқ таъкид надорам вале бидуни шак ҷангҳои миёнгурӯҳии муҷоҳидин зодаи байналмилалӣ шудани ҷангҳои солҳои қабл аз ҳокимияти муҷоҳидин мебошад, ки дар ҳошияи ҷанги сарди ҷаҳонӣ шакл гирифта буд. Дар ҳоле ки дар миёни тарафҳои ҷанги дохилӣ муқаррароти нозир ва бархӯрдҳои мусаллаҳона на байналмилалӣ, балки урфиву суннатӣ гоҳ-гоҳе нофиз мегардид. Биноан ҷангҳои гурӯҳҳои муҷоҳидин, махсусан аз солҳои 1992 ба баъд ба таври машрӯҳи ҳуқуқӣ ба худ нагирифт ва аз ин хотир ҳам буд, ки мароҷии мӯътабари байналмилалӣ ба танбеҳи лозими гурӯҳҳои даргири ҷанг напардохт, зеро асос ва усули аз назари манобеи ҷанг, ки як тавофуқоти байналмилалӣ бошад, вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, гурӯҳҳои муҷоҳидини даргири ҷанг, ҳар гурӯҳе ки тавони низомии қавитар ва тадбири сиёсии бештар дошт, барои ҳузур дар саҳнаи сиёсӣ ва ё қудрати худро ҳифз ва муҷомеъи байналмилалро низ дар халои ҳуқуқии ҷанг ба тарафдорӣ аз худашон ночор мекарданд ва Милали муттаҳид низ баъзан бо ин гурӯҳҳои нерӯманд канор меомад. Ба ин тартиб ҳар гурӯҳи ҷангӣ, ки дар майдони набард шикаст ва ё хурд

мешуд, дар ҷустуҷӯи роҳу чорае мебаромад ва дубора худро ба саҳнаи рақобати қудрати низомӣ ва ҷангӣ ҳозир месохт, чӣ ҷое ки моҳияти аҳдофи гурӯҳҳои муттаҳориб чизе ғайри нофаҳм барои ҳама ва якдигар набуд ва кишварҳое ҳам, ки имконот дар ихтиёрашон қарор медод, худро муттааҳид ба ҳеҷ қарору паймоне намедонистанд. Аз ин рӯ ҷанг ва аноршии тавлидшуда аз он солҳо идома ёфт.

## ШУРӮЪИ МУҚОВИМАТИ МАСЪУД

Толибон, ки дар навад фисади Афғонистон баъд аз суқути навоҳии шимолӣ ва марказии Афғонистон аз идораи низомии аҳзоби Ҷабҳаи муттаҳид мусаллат шуданд, танҳо шаҳри Файзобод, вилояти Бадахшон ва дараи Панҷшер ва бахше аз манотиқи шимоли Кобул бо ҳуҷуми дубораи Толибон ба шимол зери ҳокимияти устод Раббонӣ боқӣ монда буд ва бас. Толибон бо ҳузури дубораашон дар шимол ва дарсҳое, ки пас аз шикасти ҳамлаи нахуст ба вилоёти шимолӣ бурдошта буданд, махсусан қатли омми афроди низомии Толибон дар манотиқи мухталифе аз шимол, аз ҷумла Дашти Лайлӣ, ки ба ҳазорҳо нафар қатли ом гардида дафн шуданд, ба сурати мутафариқ тавассути гурӯҳҳо ва дастаҳои мусаллаҳи аҳзоби мӯъталифаи Ҷабҳаи муттаҳид, ки бо мақсад ва иродаи танзимӣ сурат гирифт, яъне натиҷаи як барнома ва полисии кулли ҷабҳаи шимол набуд, Толибон бисёр хашинтар аз пеш бо аҳолии шимол бархурд карданд. Куштору шиканҷаи онҳо дар иқдоми душманона ва талофиҷӯёна маҳдуд ба афроди низомии танзимҳо намонд. Балки мардуми оддии ақвоми сокини шимолро низ дар бар гирифт. Танҳо дар Қарияи Қизилобод 70 нафар аз ҳазораҳоро ба қатл расониданд.

Созмони ҳуқуқи башар ва авфи байналмилал бо эъломияи дастгирии гурӯҳҳои ғайрипаштунӣ дар шимолро маҳкум кард. Милали муттаҳид, ки баъд аз салтаи Толибон ба Кобул аъмоли тундравонаи ин гурӯҳро ҳамвора мавриди сарзаниш ва накӯҳиш қарор дода буд, ин бор

ҳамроҳ бо шӯрои амнияти милали муттаҳид хоҳони таваққуфи ҷанг ва оғози музокира бо тарафҳо гардид. Вале файсалаҳо ва тарҳҳо ҳама ба рӯи коғаз хулоса гардид зеро тақдири вазъи мавҷудро ҷанг ва ғалаба ба таъбири тарафҳо таъйин менамуд, на гуфтугӯҳо ва ваъдаву қарорҳо. Махсусан Толибон бо сипоҳи азимашон бо шиори «Ҳар ки об аз дами шамшер хӯрад, нӯшаш бод» амал мекарданд.

Маркази давлати камзамини Масъуд дар Бадахшон ва маҳалли фармондеҳии низомии ӯ дар дараи Панҷшер, ки зодгоҳаш буд, омодагии дифоъ аз таҳоҷуми васеи Толибонро, ки ба замми онҳо охирин сангарҳои муқовимат буд, мегирифтанд. Толибон дар тайи як таваққуфи козиби замони фармони афвро содир мекунад, ки дар асл ишорае буд ба Масъуд ва афроди низомии ӯ, ки дар майдони набард бо гурӯҳи Толибон боқӣ монда буданд. Ба асоси гуфтаи Зикриё – собиқ афсари низомӣ дар қитъаи Тӯпчии қувли урдуи марказӣ ва яке аз ҳамсинфони даврони мактабам дар ҳарбишуванзай бо нигоранда буд, номбурда, ки ба қасди сафар ба Русия хоста буд аз ватан хориҷ шавад, дар он мавқеъ ягона хутути ҳавоие, ки аз он барои сафар ба хориҷ, махсусан ба кишварҳои ҷануби Русия истифода менамуданд, Панҷшер–Душанбе ва баъзан Бадахшон–Кӯлоб буд. Масъуд тавониста буд хати иртиботи ҳавоии худро бо хориҷ тавассути тайёроти ҳиликуптар (чархболҳо) таъмин намояд. Ин тайёрот, ки вазифаи аслиашон расонидани муҳимот аз Панҷшер ва Толиқон ба ҷабаҳоти низомии Ҷабҳаи муқовимат дар Бомиён, Сари Пул, Дараи Суф, Луристон ва Кунару Нангарҳор буд, гоҳе ҳам наќлу интиқоли афроди низомии ҷабаҳотро ҳам анҷом медод. Дар моҳ ду бор ва се бор ба Душанбе ва Кӯлоб низ парвоз менамуданд.

Ин парвозҳо ҳайати раҳбарии Ҷабҳаи муттаҳид ва худи Масъудро дар музокироти хосе, ки бо намояндагони кишварҳо ва созмонҳо қарор мебуд сурат гирад, анҷом мешуд. Баъдҳо аз ин парвозҳо афроди низомии Ҷабҳаи муттаҳид, ки хонаводаҳояшон дар Тоҷикистон,

Ӯзбакистон ва Эрон зиндагӣ менамуданд низ истифода мегардид. Ки аз ин фурсат пилутон бебаҳра намемонданд ва як теъдод мусофирине, ки пулҳои газзоф ба пилутон ва амалаи тайёрот мепардохтанд, пас аз машаққати ҳафтаҳо интизорӣ интиқол медоданд. Зикриё ҳам аз ҷамъи ҳамин мусофирин буд, ки баъд аз ҳафтаҳо интизор дар Панҷшер ба Тоҷикистон расида буд ва озими сафар ба Русия буд. Дар нишасте, ки дар яке аз чойхонаҳои Душанбе бо ӯ доштам, зимни мулоқот ва таоруфот аз ҳолу ҳавои ҷанг дар Панҷшеру шимол пурсидам. Ӯ ки аз гузашта дар амонатдорӣ ва ростгӯӣ дар миёни ҳамкаторони худ ва ҳатто ҳамсинфони мо забонзади бисёриҳо буд, чашмдидашро чунин баён кард: «Дар Панҷшер шӯру фазои аҷибе ҳоким буд, ки инсонро воқеан дар ҳайрат меандохт. Масъуд, ки фармони афви Толибонро бо мардум дар миён гузошта буд, мардум ба ӯ маслиҳат доданд, то ки ту дар Панҷшер бимонӣ ва алайҳи Толибон муқовимат кунӣ, мо ва фарзандони мо фидоят. То ҷое ки мо ҳам бо мардум ҳамсӯҳбат мешудем, ин гуфта дар дилашон ҷӯш мехӯрд. Аз қавл ва забони як тан аз муҷоҳидини Масъуд, ки исмашро аз ёд бурдам, ӯро Мавлоно соҳиб садо мезаданд ва аз вулусволии Хусту Френгӣ Бағлон буд, мегуфт: Табиати Омир соҳибро тавре ки ман медонам, дарду ранҷ ва машаққатро ба содагӣ намепазирад. Ҳатто худро дар майдони мубориза бо номумкинот меозмояд, чи ин ки лашкариёни толибӣ аслан ҳарифе нестанд дар баробари Омир соҳиб».

Ин ҳарфҳо бо он ки дар он мавқеъ орӣ аз ангезаи таблиғӣ набуд, вале Масъуд рӯзҳои баъд эълон намуд, ки то охирин links мармӣ ва охирин нафас алайҳи ишғолгарон ва бегонагон меҷангам, ки ин баёнгари навъи омодагии Масъудро шаҳодат медод. Тавре ки Масъуд баъдан дар нишасташ бо Ч.Паҳлавон худ мегӯяд «дар ҳангоми ҳамлаи Толибон алайҳи Ҷабҳаи муттаҳид фикр кардем, ки бо як ҷанги тӯлонӣ рӯ ба рӯ ҳастем. Аз ин рӯ сиёсатамонро ба ду асл устувор сохтем. Аввал: ҳифзи Панҷшер. Дуввум – созандагӣ аз пушти сар». Аз ин рӯ Масъуд барои масофи

дарозмуддат ва доманадор бо Толибон аз қабл омода мешуд.

Рӯзи баъд гӯё, ки Толибон мунтазири посух буда бошанд, іамла ва юриши Толибон ба гунае селосо ибтидо болои дараи Панҷшер аз минтақаи Ниҷроб, ки бо кӯҳҳои муртафеъ бо дараи Панҷшер пайваст гардида, оғоз гардид. Бо он ки маҷоли убур аз он кӯҳҳоро ба дохили дараи Панҷшер наёфтанд, вале фишори низомиашонро аз масири Такоб–Кописо болои манотиқи Парвон, Багром, ки тавъам гардида буд, ҳаракаташон аз роҳи сараки кӯҳна ва нави шимолӣ-Кобул, вулусволии Ғурбанд ва ҳамчунон



манотиқи Соланги шимолӣ аз тариқи интиҳои кӯҳии соҳаи Андароб то даҳанаи кутали Ховок идома доданд.

Юриши Толибон, ки ҳазорон нафарро аз се истиқомат дар бар мегирифт, сирф ба мақсади нуфуз ва тасхири дараи Панҷшер ба роҳ афтида буд. Ҳамалот, ки бо вақфаҳо, вале шабҳову рӯзҳо идома ёфт, дар марҳалаи аввали юриш осори шикасту талафоти сангини тарафайн, махсусан аз нирӯҳои Толибон, ки дар таарруз буданд, бештар аз нирӯҳои Масъуд, ки дар мудофиа ва дохили мавозиъ қарор доштанд, эҳсос мешуд. Масъуд тавонист бо таҳкимоти ҷадид ба мавозеи собиқи ҷиҳодиаш махсусан гарданаи кутали Ховок ва баладияти ӯ ба сурати кулл ба арозии кӯҳии Панҷшер афроди худро дар мудофиаи соҳоти таҳти идораи худ дар баробари Толибон ба ваҷҳи аҳсан раҳбарӣ намуд. Толибон дар тайи чанд ҳафта ҷанг ва пешравӣ ва бо бомбаборони соҳоти маскунии дараи Панҷшер ва мавозеъ ва пойгоҳҳои мухталифи Масъуд, ки тавассути тайёроти шикорӣ аз навъи МИГ-21 ва СУХУ-27 ва ҳеликуптарҳои тупдор сурат гирифт ва бо тағйиру таъдили муқаррари мавзеъҳои ҳар ду тараф махсусан пешравии бебоконаи Толибон ба даҳонаи Ховок, ки минтақаи Талро ба контроли хеш дароварда буданд ва масири Тал ва вулусволии Хосту Фаринг қатъ гардида буд, натавонистанд ба дохили дараи Панҷшер ва пойгоҳи аслӣ ва маҳалли қумондии низомии Масъуд рахна кунанд. Масъуд бо он ки талафот ва зоеъоти ниҳоят камро дар мудофиаи қавие, ки бо сангарҳои мустаҳками кӯҳӣ дар баробари зарработи пайи ҳам ва юришҳои дам ба дам ва нокоми Толибон, ки ҳафтаҳо тӯл кашид, ба сахтӣ муқовимат кунад, Толибонро низ хаста ва монда карда буд, ки ин салобати Масъуд дар ҳақиқат тасдиқе буд ба пешбинии як тан аз афсарони рус ба номи сарҳанг Борис Такинович Каримбоев аз ҷумлаи қумондонони қитъаоти Сапедноз (гурӯҳҳои вижаи командавии урдуи шӯравӣ), ки боре дар мусоҳибааш бо маҷаллаи «Континент», чопи Қазоқистон анҷом дода буд, хабарнигор аз ӯ пурсида буд, ки феълан дар Афғонистон ҷанг идома дорад, ҳаракати

Толибон мехоҳанд, ки дараи Панҷшерро тасарруф кунанд. Бигӯед, ки оё Толибон метавонанд Масъудро аз он ҷо берун кунанд. Дар посух гуфта буд: «Панҷшерро ба ҳеҷ ваҷҳ Толибон наметавонанд аз назди Аҳмадшоҳ Масъуд бигиранд. Қувва ва васоиле, ки урдуи шӯравӣ дошт, Толибон надоранд. Барои тасарруфи Панҷшер қувваҳои хеле зиёд лозим аст. Кӯмаки нерӯи ҳавоии урдуи низомӣ ва гурӯҳҳое, ки таҷоруби хуби ҷангӣ дар манотиқи кӯҳистонӣ доранд, зарур мебошад. Ба ғайр аз ин дар дараи Панҷшер фақат як роҳ вуҷуд дорад. Толибон наметавонанд, ки бар баландиҳои дараи Панҷшер бароянд. Зеро дар ҳама ҷо афроди Масъуд пинҳон ҳастанд. Баландиҳо аз лиҳози муҳандисӣ хеле хуб муҷаҳҳазанд. Муҳосираи дара аз тарафи Толибон маъно надорад, барои Аҳмадшоҳи Масъуд аз Панҷшер ба хориҷ иртибот гирифтан ҳама вақт имкон дорад. Дар Панҷшер тилло, лоҷуворд ва зумуррад мавҷуд аст. Ғизои кофӣ дар дастраси мардум аст, бинобар ин Аҳмадшоҳи Масъудро аз Панҷшер Толибон берун карда наметавонанд. Ман бо ӯ ҷангидаам ва инро хуб медонам» (Тарҷумаи Нуралӣ, мунташиршуда дар нашрияи «Ҳамбастагӣ»). Толибон бо ноумедӣ ва шармсорӣ аз даст наёфтанашон ба дараи Панҷшер сиқлати азими низомиашонро бо таъсиси меҳвари амалиёти ҷадид дар Толиқон болои мавозеи Масъуд дар манотиқи соҳили дарёи Кукча тавҷеҳ намуданд. Дар ин ҳудуд низ баъд аз моҳҳо мубориза ва рӯ дар рӯӣ дар соҳоти аслӣ ва марказии Бадахшон пешрафти қобили мулоҳизаи низомӣ надоштанд. Билохира хатти тадофии дар охирин нуқтаи пешравии худ, яъне вулусволии Калафгон ва Хоҷағор ва навори соҳилии дарёи Кукча эҷод карданд. Бо ин ҳама Масъуд ба зиндонии билқуввае мемонд, ки зимни ҷо гирифтан дар дараи тангу тавили Панҷшер ва дар арозии маҳдуди кӯҳии Афғонистон, ба сони ҷазирае, ки аз чор тараф бо об маҳол бошад, ба соҳилу канори он сӯи обҳо нопайдо, яъне на он ёрону раҳбарони дирӯзи муқовимат ва на осоре аз сипоҳиён ва лашкариёни онҳо ва на ҳам тупу тонк, тайёроту таҷҳизоти лозими ҳарбӣ, таҳлилҳои рӯз гувоҳи он

буд, ки Масъуд бо ин вазъият дар як мушкили беамони таърихӣ қарор гирифтааст ва вориди маъракаи сарнавиштсози бақо ва умри сиёсии худ мешавад. Мушорунилайҳ баъд аз як таваққуфи сареъ аз ҳолати инфиоли мутлақ ба марҳалаи на чандон шӯру ҳаракати махсус ворид мешавад ва он ин ки бо сарриштаи маҳдуд ва андаке имконоти низомӣ мубориза ро аз дараи Панҷшер ва зодгоҳаш алайҳи ҳарифи мағрур ва қудрати ҳаюлоиаш оғоз мекунад. Аммо чӣ гуна?

* * *

Бо ақибнишинии давлати исломӣ аз Кобул ва ба ҳам хӯрдани ҳокимиятҳои навоҳӣ ва соҳоти Афғонистон тавассути Толибон имконоти низомӣ, ки аз ҳукумати Наҷибуллоҳ дар ангарҳо ва дипуҳои низомии марокизи урду ва кулли урдуҳо дар вилоёти мухталиф ва дар қаламрави раҳбарони танзимҳо боқӣ монда буд, ҷамъи васоили техникӣ ва силоҳҳое, ки муҷоҳидин бо худ доштанд, дар тӯли муддати ҳокимияти муҷоҳидин ҳеҷ кишваре ба таври расмӣ бо ҳукумати Бурҳониддини Раббонӣ акду қарордоди таслиҳотӣ набаста буд. Вале гоҳ-гоҳе тарафҳо барои таъмини таслиҳоти худ аз тарафи бозорҳои сиёсӣ фурӯши аслиҳа ва таҷҳизоти ҷангӣ ва ё ҳам ба иқтизои хоси дар минтақа мубодират меварзиданд, вориди Афғонистон мешуд, ки бештари ҳамин имконоти мавҷуди ҳарбӣ ва таслиҳотии соҳаи урдуи ҳукумати устод Раббонӣ низ бо ақибнишинии Масъуд аз Кобул ба дасти Толибон афтид. Аз ҷумла чанд аррода тонк ва ба таври ангуштшуморе чархболҳои ҳарбӣ беш дар ихтиёри Масъуд набуд ва дар ҷангҳо ҳам аксаран аслиҳаи пиёда ва рокетҳои РПҶ мавриди истифода қарор мегирифт. Масъуд бо вуҷуди вазъи дарҳаму барҳам ва нобасомони низомӣ як теъдод фармондеҳони муассирро, ки дар гузашта бо ном ва алқобҳои мухталиф дар гӯшаву канори Афғонистон дар итоати мустақим ва ғайримустақими Раиси ҷумҳур - Раббонӣ ва ҳукумати ӯ буданд ва бо фишори Толибон дар дохил ва берун пароканда гардида ва ё

ҳам таслими Толибон гардида буданд, дархости ҳамкорӣ дод то ҳастаҳои муттааҳиди ҷиҳодиро ба вуҷуд оваранд. Чун Атомуҳаммад аз вилояти Балх, Аҳмадхон аз вилояти Самангон, Ҳоҷимуҳаммади Муҳаққиқ аз Чоркенти Балх, фармондеҳ Ҳазрати Алӣ аз Нангарҳор ва Ҳоҷӣ Карим аз вилояти Заранҷ, ки бо вуруди ин афрод ҳастаҳои муқовимат, аз ҷумла Дараи Сӯфии вилояти Самангон бо истиқрори Ато Муҳаммад, Ҳоҷӣ Муҳаммади Муҳаққиқ ва Аҳмадхон дар вулусволии Чорбурҷаки вилояти Заранҷ, Ҳоҷӣ Карим ва Алоёрхон дар вулусволиҳо ва минтақаҳои шарқӣ, чун дараи Печ ва дараи Нур дар вилояти Кунарҳо ва Лағмон қумондон Ҳазрати Алӣ ва дигар аз фармондеҳони ҷиҳодиро ҷо ба ҷо ва нуқоту мавозеи муқовиматро паҳн ва густариш дод. Агарчи дар ибтидо ин ҳарактҳо ба як бозие намойишӣ беш намемонд, вале баъдҳо ба сангарҳои воқеии алайҳи Толибон мубаддал гардиданд ва масорифи азими икмолотиро ба худ ихтисос медоданд ва ин чизе набуд, ки Масъудро ба даступочагӣ мекашонд. Зеро Масъуд пешзаминаҳое фароҳам намуда буд. Аввалтар аз ҳама саъй намуд то роҳҳои заминиро ба хориҷ, аз ҷумла ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавқеиятҳои муносиби марзӣ эҳё кунад, ки яке аз ин гуна роҳҳо аз тариқи бандари Ойхонум ва минтақаи Кокул дар кишвари Тоҷикистон буд, ки ҳамаи маҳмулаҳои (боріои) низомӣ ва маводи таъминотии Ҷабҳаи муттаҳиди миллӣ аз ин тариқ ворид мегардид.

Дар робита ба шароити фавқ чанд суханро лозим медонам тавзеҳи бештар диҳам ва он ин ки дар остонаи пирӯзии муҷоҳидин ва дар авохири ҳукумати Наҷибуллоҳ соли 1991 кишварҳои ҳамсоя бинобар табиати низомҳои сиёсиашон, ки мавзеъгириҳои мухталиф дар қиболи рӯйдодҳо ва тағйироти сиёсӣ дар Афғонистон доштанд, аз ҷумла ҳамсояҳои шимолии Афғонистон чун Ӯзбакистон, Туркманистон ва Тоҷикистон, ки тоза ба истиқлоли сиёсӣ ноил омада буданд, сиёсатҳои ноустуворе ношӣ аз камтаҷрибагии низомҳои мустақил дар идораи ҷавомеи суннатӣ ва умдатан қавмиашон рӯнамо гардид, дар раван-

ди инкишофи вазъи сиёсии дохилӣ ва ҷойгоҳи минтақавии Афғонистон таъсироти сӯъ ва номатлубе ба ҷо гузошт. Дар ин кишварҳо, ки ҳарчанд низомҳои сиёсиашон асоси фалсафӣ ва идеологии яксон доштанд, яъне ки як идда бо ҳифзи арзишҳои комунистии ҷомеаи сутсиалистӣ ва пайравӣ аз сиёсати тотолитарӣ дар ҳиттаи кишварҳояшон аз нав ба таҷриба оғоз намуда буданд, вале иддае дигар шеваи идораи Горбачевро, ки бозсозии системаи сиёсӣ ва иқтисодӣ дар мадори падидаи демократӣ дар чавкоти бозори озод ҷомиъаи сутсиолистӣ буд, дар дохили ҷавомеъашон роҳ дода буданд. Аммо як хатари асосӣ ҳамаи ин кишварҳоро ба нобуди ҳаёти сиёсиашон таҳдид менамуд ва он андешаи сетараҷӯии қавмӣ ва нуфузи рӯзафзуни исломистҳо дар сафҳаи исломи суннатӣ буд, зеро эҳсосоти инқилобии мазҳабии мардум монанди эҳсосоти қавмиашон бо нуфузи Давлати Шӯравӣ дар сарзаминҳои Осиёи Миёна баъд аз солҳои 1921 бад-ин сӯ сахт ҷариҳадор шуда буд. Ин давлатҳо бо он ки асли низомҳои барпокардаашон бо ҳардуи ин гароишот ба шеваи тундравона дар таноқуз (зид) буд, вале бинобар басирати сиёсӣ баъзе аз ҳокимони ин ҷавомеъ аз ҳар ду якеро алайҳи дигар, ки замъашон зиёнаш камтар буд, ба кор гирифтанд. Яъне қавмро дар баробари мазҳаб ва ё мазҳабро дар баробари қавм қарор доданд. Дар ин ҷамъи кишварҳо танҳо таҳрики исломии Тоҷикистон буданд, ки қодир ба эҷоди ташкилоти сиёсӣ ва созмонии возеҳтар ва мунзабиттар аз тариқи низомӣ гардида буданд, то тавониста бошанд дояи (ақидаи) исломии худро матраҳ ва билқувва аз он дифоъ намоянд.

Сохтори сиёсии исломистҳои Тоҷикистон, ҳамон тавр ки аз вазъи нобасомони иҷтимоӣ-сиёсии солҳои 1991 ва баъдтар аз он худнамоӣ кард, дар баробари ҳукумате буд, ки ӯ низ маҳсули ҳамон вазъи ошуфтаи сиёсӣ-иҷтимоии солҳои 1991 ҷомиъаи Тоҷикистон буд, ки ба асари мудохилаи низомии русҳо тавониста буд роҳро барои ҳузур ёфтан дар саҳнаи таҳаввулоти сиёсии баъд ва тасоҳуби қудрати сиёсӣ пайдо намояд, вале таҳаммули ҷонибайн ва

гуфтугӯҳои сиёсӣ ба ҷое нарасид. Дар натиҷа ҷангҳои шадидеро боис гардид, ки ба қатлу куштори ҳазорҳо тоҷик ва овора шудани садҳо ҳазор тани онҳо ба кишварҳои ҳамсояи Тоҷикистон, чун Афғонистон мунҷар гардида буд.

Каримов – Раиси ҷумҳури Ӯзбакистон бо сиёсати қарор додани қавм дар баробари мазҳаб на танҳо бо шиорҳои дурушти қавмии нажодӣ дар маҳдудаи ҷомеи Ӯзбакистон амал кард, балки дар баробари кишварҳои ҳамсоя низ сиёсати ҳимояти қавмиро дунбол намуд. Махсусан, ки дар Афғонистон, ки ҳукумати муҷоҳидин ба пирӯзӣ расида буд, бо ҳимояти васеъ аз ҷенерол Дӯстум марзҳои худро аз тараддуди афроду размандагони исломии Ӯзбакистон ба дохили хокаш маҳдуд сохт ва дар муқобили фаъолиятҳои созмониашон дар сояи қудрати муҷоҳидин дар Кобул, ки ба шӯру ҳаракат омада буданд ва ҳавои ҳукумати исломию муборизаи мусаллаҳонаро дар сар доштанд, дар кӯтоҳзамон ба муваффақиятҳои назаррасе ноил гардида буд ва низоми кишварро аз хатари тавтеаи размандагони исломӣ, махсусан ҳизби Таҳрир ҳифз намоянд. Бо ин ҳама натоиҷи дархури ниёзи давлат навъи бархурд бо қазоё ҳукумати Каримовро аз эҳрози як сиёсати кулии афғонӣ то ҳимояти қавмӣ сукут дод. Агар аз мавзӯъ хориҷ нашавем, ҷудо аз қазоёи фавқ кишварҳои ёдшуда бо тасаллути Толибон дар шимол авзои геополитикии минтақа дар кулл ба ҳам рехт.

Масъуд бо ҷавви ҷадиди сиёсӣ дар минтақа ва манофеи бахусуси кишварҳои ҳамосояи шимолии Афғонистон низ мувоҷеҳ буд. Ба гуфтаи як тан аз тоҷикони огоҳ, ки гӯё дар соли 1992 Масъуд номае ба мухолифини ҳукумати Тоҷикистон ва шахси Раҳмонов навишта буда ва онҳоро даъват ба сулҳу тафоҳум ва оштӣ намуда бошад. Ба гуфтаи мушорунилайҳ қудрати каломи Масъуд, ки аз як санҷиши дақиқи сиёсӣ берун омада буд, асари фавқулоддаи худро дар эҷоди рӯҳияи сулҳу оштӣ миёни тоҷикон ба гунаи беназире ба ҷо гузошт, ки баъдҳо яке аз факторҳои заминаи ҳукумати маҳсули сулҳу созиш гардид.



Дар робита ба сиҳату саққами вуҷуди номаи зикргардида банда хостам бо Саидамир Зуҳуров, ки дар он замон вазири амният буд ва дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ низ яке аз мудирони сарвисҳои иттиллоотӣ дар минтақа буд, мусоҳибае дошта бошам. Саидамир Зуҳуров аз вуҷуди номаи бо чунин матни изҳори беиттилоъӣ намуд, вале гуфт ки мулоқотҳое бо Аҳмадшоҳ Масъуд ҳам дар Кобул ва ҳам дар Панҷшер доштем. Исрорашон бештар ба таъмини сулҳ миёни мухолифини давлати Тоҷикистон ва давлати Тоҷикистон буд. Ӯ дар яке аз нишастҳо рӯ ба ҷониби намояндаҳои давлат ва намояндагони оппозисиюни Тоҷикистон ба раҳбарии устод Нурӣ карда, гуфт: «Мо чӣ самарае аз ҷанг дар Афғонистон бардоштем? Ҳар рӯз ба садҳо нафар кушта мешавад, ҳазорҳо бехонаву овора мешаванд. Ҷодаҳову сохтмонҳо хароб ва хок яксон мешавад». Ва аз мо мусиррона талаб мекард, сулҳ кунем ва муҳоҷирини тоҷикро дубора ба ватан баргардонем. Ӯ мегуфт, ки дар Афғонистон на давлат тавони онро дорад, ки муҳоҷирини тоҷикро кӯмак кунад ва на амният дар кишвар мавҷуд аст, ки муҳоҷирин худ кор кунанд ва рӯзгори худро пеш баранд. Саидамир Зуҳуров изофа кард, ки Масъуд бо вуҷуди он ки медонист мо ҳама ҳам намояндагони давлат ва ҳам мухолифини давлати тоҷик ҳастем, вале ӯ ҳеҷ гоҳ аз доираи масъулияти ҳамчун шахсияти афғонӣ ва миллии хеш фаротар бо мо чизе дар миён нагузошт. Дар ҳар ҳол.

Ин гувоҳи он аст, ки Масъуд бо вуҷуди даст ёфтан ба қудрат, вале мӯътақид ба давоми ҳукумат дар Кобул набуданд. Ба ин маъно, ки номаи Масъуд панҷ сол баъд, ки Толибон тамоми нуқот ва навоҳии Афғонистонро тасхир намуда, ба ҷуз дараи Панҷшеру Бадахшон, дигар ҷое барои ҳукумати Раббониву Масъуд боқӣ намонда буд, ниёти Масъудро аз барномаҳои сиёсии солҳои баъдии ӯ ҳикоят

мекунад. Яъне ки ҳаққи машрӯъи кӯмак хостан аз як кишварро бо дар назар доштани хусусиёти ҷомиъа ва низом ва вижагии ҷуғрофиёии он барои кишваре, ки мавриди таҳоҷум воқеъ гардад, барои хеш маҳфуз дошта буд. Аз ин рӯ Масъуд бо он ки арозиву қаламрави ҳукуматаш дар Панҷшеру Бадахшон маҳдуд мешуд ва афроди мутааҳҳид ба орзуҳо ва аҳдофи на чандон равшани ӯ, яъне сарбозони ҷонфидо ва ҳамроҳони бо азму бо имон дар гирду атрофи ӯ низ чашмгир набуд, вале ӯ бо имконоти андаки низомӣ ва лужистикӣ ва қувваи башарии вофиреро дар атрофи ҷозибаи шахсии худ дар камтарин замон тавре дар дохил пайдо намуд, ки наметавонист ҷомиъаи байналмилалӣ ва кишварҳои минтақа мавқеият ва короии ӯро нодида ангорад. Ба гунае, ки ӯ моҳҳо тавонист дар баробари Толибон тоб биоварад ва ба муқовиматҳои хунин мубодират (машғул шудан) варзад. Аз сӯи дигар, Масъуд аз сардии муносиботи Толибон бо ҷомиъаи байналмилалӣ, ки дар заминаҳои зиндагиву ҳаёти рӯзмарраи мардум пеш омада буд ва мунҷар ба адами шиносоии онҳо аз сӯи ҷомиъаи байналмилалӣ гардид, дар муомилот бо дунё равобит ва муносиботи машрӯъи сиёсии қаблии ҳукумати муҷоҳидинро бо сиёсатҳои умумиҷаҳонӣ ва конвенсионҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи башарӣ ҳамсадо ва ҳамгом сохта буд. Яъне озодиҳои воқеии инсон, ҳуқуқи зан ва фаъолияти аҳзоб ва созмонҳо, рушди таълиму савод ва ғайра, ки дар чавкот ва шомили барномаи як низоми машрӯъ масоили асосӣ ба ҳисоб меояд. Ҳарчанд ки заминаи таҳаққуқи онҳоро дар соҳаи ҳукумати камарзу тӯли худ чандон надошт, вале нишонаҳои фавқ ҳар гоҳе эҳсос мешуд.

Аммо Тоҷикистон, ки дар ҳавошии солҳои 1998 ба баъд сарзамине буд бо амн ва субот, Масъуд роҳи тадорукоти низомӣ ва икмолотии худро дар мувофиқат бо давлати тоза ба истиқрорёфтаи Тоҷикистон ба дохили Афғонистон махсусан манотиқи шимолу шарқӣ боз намуд. Масъуд, ки дар ин муомилаи сиёсӣ то ҷое ба мақсадаш ноил омада буд, ҷониби муқобил Э. Раҳмон ва давлати Тоҷикистон

низ далоили асосиро дар назар доштанд. 1) Ин ки аз таъсир ва нуфузи маънавӣ ва мазҳабии Масъуд ва Раббонӣ болои мухолифинаш дар тақвият ва истимрори ҳукумати худ истифода кунад. 2) Аз сӯе ҳам қудрати сиёсии Масъуд дарояндаи сиёсии Афғонистон ба унвони як тоҷик метавонист ба ҳадди аққали дарди сар дар низоми сиёсӣ ва ғайримазҳабии осебпазири худ, махсусан аз ноҳияи исломхоҳӣ ва исломҷӯии мутаассибона дар амон бимонад. Ин пешбиниҳо роҳкорҳо ва заминаҳое буданд, ки Масъуд тавонист беш аз пеш кӯмакҳои моддиву иқтисодии кишварҳои ҷаҳон, махсусан ҳампаймонҳои минтақавии давлати Бурҳониддини Раббонӣ, чун Русия, Эрон ва Ҳиндро бо ҳимоятҳои қисман сиёсиашон аз тариқи хоки Тоҷикистон низ ҷалбу ҷазб намояд. Манотиқи шимоли Кобул (вилояти Парвон ва Кописо), ки баъд аз суқути Кобул ба дасти Толибон афтида буд ва зери идораи онҳо қарор гирифта буд ва дар тайи ҷангҳои хунин, Ҷабҳаи муттаҳид ин манотиқро дубора аз контроли Толибон озод карданд, камокон зери идораи давлати Раббонӣ боқӣ монда буд, ки бо эҳдоси хати дифоии қавӣ дар ҳудуди шимоли Кобул Масъуд даст ба яке ҳамлаи бозқинона ва тамомаёр алайҳи мавоқеъ ва сангарҳои Толибон дар шимол-шарқ мезанад ва бо тааррузи (ҳамлаи) васеъ манотиқи Вурсач, Фархор, Хоҷағор, маркази Тахор-Толиқон, Имомсоҳиб ва Ишкамишу Наҳрин ва Андаробро дар таи чанд рӯз тавонист аз зери салтаи Толибон хориҷ намояд, ки дар ҳақиқат ин аввалин шур ва ҷаҳиши низомии Масъуд пас аз моҳҳо инфиолоти сиёсиву низомӣ ва дар айни замон омодагиҳои низомӣ буд.

* * *

Ҳаводис ва рӯйдодҳо, ки ба суръат мутаҳавил буд ва нозирону таҳлилгарон ағлаб ба (мазҳуландешӣ) дугумандешӣ ва сардаргумӣ аз шароити печида ва душворе чун ҷомиъаи Афғонистон барканор мемонданд, то назарияи мондагор ва мӯътабар ироа диҳанд. Ин пирӯзии низомии Масъуд як бори дигар коршиносон ва

соҳибназарони сиёсиро, ки лаҳзаҳо ва соотро аз хатми муқовимати Масъуд дар баробари Толибон меҳисобиданд, саргич ва ба тааҷҷуб водошт. Ва афкору назариёт ва мавзегириҳо тағйир ёфт. Давлати Покистон эълон дошт, ки бархи кишварҳои Осиёи Миёна ва Федеративи Русия аз Масъуд ҳимоят мекунанд. СММ, ки қаблан эълом дошта буд, мавзӯи шиносоии давлати Толибонро месанҷад, масъалаи шиносоии Толибонро ба оянда мавкул (вогузор кардан) намуд. Бо вуҷуде, ки шаҳри Толиқон ва навоҳии он чандин бор даст ба даст миёни тарафайни даргири ҷанг Толибон ва Ҷабҳаи муқовимат мешуд, вале Масъуд билохира қудрати низомии худро дар он вило баст ва таҳким бахшид. Мардуми Афғонистон, махсусан аҳолии шаҳрҳо, ки аз ҷангҳои миёнгурӯҳии муҷоҳидин сахт қаҳрӣ шуда буданд ва пешравии Толибонро истиқболи гарм ва ба фоли нек мегирифтанд, дере нагузашт, ки Толибон назорати густурдаеро дар ҳавзаҳои зиндагии фарҳангии мардум ба кор бастанд. Мардум худро дар амнияти як зиндон ёфта буданд, яъне ки дарҳои макотиб ва мадрасаҳоро ба рӯи худ баста ёфтанд. Мусиқиву муоширатҳои озоди хонаводагӣ ва иҷтимоиро дар банд диданд. Салоҳиятҳои фардии амали зиндагӣ ҳатто либос пӯшидан, иштирок ба намозҳо дар масоҷидро ҷабриву зӯргӯёна ёфтанд. Аз ҳама такондиҳанда ин ки тараддуди афроди покистонӣ ва панҷобиҳо дар шаҳр ва деҳот ҷабру зулми онҳо аз номи мазҳаб, қавонини ислом, махсусан миёни мардуми авом зеҳнияте ба вуҷуд омад, ки «Мо ба панҷобиҳо сарзамин ва ба Покистониҳо исломро муаррифӣ ва пиёда намудем. Имрӯз моро ислом ёд медиҳанд».

Хулоса, осори адами ризоият ва талхиву марорати зиндагӣ аз идораи Толибон дар чеҳраҳои мардум намудор буд. Ва аз Масъуд ва муқовиматҳои сарсахтонаи ӯ дар баробари Толибон дар ҳар кӯчаву бозор ва шаҳру русто ёд мешуд, ки зеҳният ва шуури оми мардум дар замина қобили дард ва эҳсос буд. Аз сӯи дигар кишварҳои ҳамсоя хусусан онҳое, ки қаблан бо раванди ҷории истиқрори

ҳукумати муҷоҳидин худро шадидан мувоҷеҳ сохта буданд, баъд аз тасаллути Толибон дигар асбоб ва адавоти давоми сиёсати ҳифзи марзҳо ва ҳимояти фирқавиашонро нокоро ва ғайримуассир ёфтанд. Чунончи устод Парвиз Варҷованд дар мақолаашон зери унвони «Бӯҳрони дипломатикии Эрон» мунташира дар маҷаллаи «Иттилоотии иқтисодӣ-сиёсӣ» № 116-117 аз сиёсати мазҳабиюни Эрон нисбати ҳимояи фирқаии исломӣ ва эъмори нуфузи мазҳабии муҳофизакорон дар масоили дохилии ҷомеаи Афғонистон сареҳан интиқод намуд.

Даъвати расмии Ислом Каримов Раиси Ҷумҳурии Ӯзбакистон аз Масъуд дар рубъи дуввуми соли 1999 ба унвони ягона сипари муқовимат алайҳи бунёдгароӣ ба наҳви эътироф аз иштибоҳоти сиёсиашон нисбат ба қазоёи ҷории Афғонистон миёни солҳои 1991 ва 1994 буд, ки бо ваъдаҳои ҳимояти ин кишварҳо аз Ҷабҳаи муқовимат мунҷар ба таҷдиди бархурдҳо бо равандҳои сиёсии баъдӣ гардид. Ҳамчунон аз қарори сӯҳбатҳои Масъуд, ки гуфта буд: «Дӯстум дар ниҳоят баъд аз эътилофҳо ва ҷангҳо алайҳи Масъуд ва Раббонӣ эътироф карда, ки бархе аносури истифодаҷӯи дохилӣ ва созмонҳои иттилоотӣ ва ҷосусии хориҷӣ моро таҳрик карда ва шароитро ба гунае омода барои мудохилаашон даровარданд». Ки ин худ навъе дарку ҳимоят аз виҷдони иҷтимоии Масъуд душодуши маҳорати низомии ӯ буд. Зеро маҳорати низомӣ ба танҳоӣ наметавонад як ҷангҷӯро дар миёни машаққоти ҷанг ба қуллаи пирӯзӣ расонад.

Масъуд бо муқовимати шадид ва ҷангҳои гурилоӣ, ки дар арозии умдатан кӯҳӣ ва манотиқи шимолу шарқии Афғонистон бо Толибон дошт, на танҳо дар майдони муҳорибаи низомӣ Толибонро ба чолиш кашида буд, балки дар арсаи байналмилалӣ ва фаъолиятҳои сиёсӣ низ Толибон ва ҳомиёни минтақавиашонро сар дар гум ва мутараддид (дудила) сохта буд. Аз ҳама муҳимтар ин ки Милали мутаҳид аз шиносоии давлаташон пайваста сар боз мезад. Бо он ки Толибон худро дар маъракаҳои сиёсӣ ва гуфтушунидҳо ва музокироти мустақим бо намояндагони

Масъуд ва Раббонӣ фаъолтар сохта буданд, аммо тасаввури хоме ҳамеша хислати размии онҳоро ифода мекард ва он таъкидашон бар сиёсати зӯр ва халъи силоҳи гурӯҳҳои мусаллаҳ буд. Ҳол он ки ҳар гурӯҳи мусаллаҳи зидди Толибон монанди Толибон чеҳраи аз як қавм ва нажодро ба намоиш гузошта буд ва дар халоъи машрӯъияти миллӣ дасту по мезад. Оё ин навъи бозии сиёсӣ набуд? Чунончи баъд аз нишасташон дар гурӯҳои минтақавии мавсум ба 6+2, ки кишварҳои Русия ва Амрико низ шомили он буд ва ба тарҳу ибтикори Ахзар Иброҳимӣ – намояндаи Созмони Милали муттаҳид бо формули ташкили давлати касирулақвом ва пайгарди ҷиддие омили кушторҳои ҷамъе аз ҳазораҳо дар Мазор ва қатли дипломатҳои эронӣ дар Ню-Йорк ба роҳ афтид. Ва намояндагони давлати Раббонӣ ва Ҷабҳаи муқовимати зидди Толибон ба риёсати Муҳаммадюнуси Қонунӣ раиси ҳайат, мавзеъи давлати исломиро баъд аз поёни музокирот, ки хушбинона нисбат ба таҳақуқи файсалаҳои ҷаласа баён дошт, ҳатто Толибонро бародар хитоб кард, вале ҳафтае пас аз он Толибон ҷангро болои манотиқ ва мавозеи Масъуд дар атрофи Толиқон оғоз карданд. Ва ин дур аз интизор набуд, зеро таҷриба мегӯяд, ки паёмади ҳар сулҳи мусаллаҳ ҳамин аст.

Барои Масъуд, ки Толибон дигар ба ҳадафи қобили ламс мубаддал гардида буданд, бидуни он ки худро дар як вазъи ҷадид ёфта бошад, ба муқовимат пардохт. Зеро мушорунилайҳ медонист, ки қарорҳои ҷаласа ҳарчанд ҳам тезу талх бошад, на Толибон тарафи воқеии музокира ҳастанд ва на файсалаҳои нишаст бо Толибон санахият (мувофиқат) бо пруссаи ҷорӣ дорад. Ба хотири ин ки Толибон аз номи аморати исломӣ ба заъми худашон, ки машруияти миллию байналмилалӣ надошт, дар ҳар музокира пешшарташон пайвастани Масъуд ба давлаташонро менамуданд.

Дар ҳоле ки Масъуд худро фарзанди воқеии ватан медонад ва аз тафоҳуму музокира рӯи ташкили як давлати васеъулбунёд, ки аз ҳамаи ақвом ва гурӯҳҳои миллат

намояндагӣ кунад, аз маҷмӯаҳои мухталифи ҷомиъа дар он ҳузур дошта бошад, мегӯяд. Зеро шаҳомати сиёсии Масъуд аз огоҳии ӯ буд, ки Толибон аз паштунҳои авоми ин тараф ва он тарафи сарҳади ҷанубӣ ва шарқии Афғонистон ҳатто бо ҷабри икроҳ ба манзури таъмини аҳдофи сиёсии ҳалакоти муайяне аз Покистониҳо дар табонӣ (ҳамсозӣ) бо сиёсати хоси ҷаҳонӣ аз тариқи қурбонии як таасуби кӯри қавмӣ ба роҳ афтидаанд. Аз ҳама тайфҳо ақвом ва ашираҳои дигари паштунӣ намояндагӣ намекунанд, чи ин ки асари дурушти аз ҳузури соири ақвоми бузурги ғайрипаштун дар низомашон вуҷуд надошт. Ин заъфҳои ошкори сиёсати дохилиашон ҳатто аз назари мардуми авом ҳам аз бетафовутии ҳайати раҳбарии Толибон қобили тасдиқ буд ё ин ки аз ғурури онҳо буда бошад.

Яъне ки сиёсати саркӯбу халъи силоҳ ба шеваи соддаи сиёсати як аср пештари давраи Абдураҳмонхонро дар азҳон тадоъӣ (ба хотир овардан) мекард. Тавре ки дар асари Муҳаммади Муҳаққиқи Дойкундӣ зери номи «Роҳҳои усул ба сулҳу амният ва суботи сиёсӣ дар Афғонистон» мехонем: «Абдураҳмон худ дар ёддоштҳояш роҷеъ ба ҷангҳои дохилӣ ва саркӯбии мухолифини худ гуфтааст: «Касонеро, ки асир мешуданд, ман ба даҳани туп мегузоштам ва дар муддати се сол ихтишош дар Бадахшон ва ҳазрати Имом қисмати шимоли Афғонистон теъдоди касоне, ки ман ба қатл расондам, болиғ ба 5 ҳазор нафар ва теъдоди касонеро, ки аз дасти лашкари ман кушта шуданд, наздик ба даҳҳо ҳазор нафар мегардад».

Ва ё дар ҷои дигар аз ҳамин навишта омадааст: «амир Абдураҳмонхон, ки шахси бесаводу бегона аз фарҳанг ва дар ҷавони аз сӯи хешовандонаш ба девона ва сагкуш маъруф буд, ба аморати Афғонистон расид ва сахттарин ситамҳову бедодҳоро ба мардуми Афғонистон раво дошт». Пас бо ин сифоти шоҳӣ шиканҷа, сиёҳчолҳо, овора кардани мардум, тасоҳуби маскан ва маъвои мардум ҷои эрод надорад».

Бо ин ҳама аксуламали мо набояд нисбат ба шароити



ҷадид дар кулл ҳамеша мутаассир аз таҷоруби гузашта бошад, балки дар ҳар такрори ҳодиса таҳлили ҷадид ироъа диҳем ва ин иқдоме аст огоҳона ва контролшуда, шарҳи чашмдидҳое, ки тими хабарии телевизиони НТВ Русия бо роҳбарии хонум Елена Масюк ва бо роҳнамоӣ ва тарҷумонии профессор Савлатшоҳ дар манотиқи шимоли Афғонистон ба шакли муқоисавӣ дар зери ҳокимияти Дӯстум ва манотиқи Ҳирот ҳокимияти Толибон анҷом доааст, инъикос ёфта мехонем: «Тими мо баъд аз дарёфти иҷозат аз ҷенерол Дӯстум вориди бандари Ҳайратон гардид. Дар бандар визаи моро диданд, мо роҳии шаҳраки Ҳайратон гардидем. Аз ин ки чанд рӯз пеш Толибон аз минтақа дар баробари нерӯҳои низомии Дӯстум ақибнишинӣ намуда буданд, шаҳр бе назм, бесомон маълум мешуд. Аз ҳама намоёнтар консулгарии Русия буд, ки мизу човкиҳо, яхчолҳо ва дару тирезаи он берун аз маҳватаи консулгарӣ партоб шуда буданд ва ё шикаста буданд. Мо пурсон шудем, ки ин вазъиятро кӣ анҷом дода? Яке гуфт, ки Толибон карданд ва фирор намуданд. Дигареро пурсидем, оё ин рост аст, ки Толибон чунин кардаанд? Он марди дигар гуфт: на хайр, Толибон ҳеҷ чизро беҷо накарда буданд. Дар консулгарӣ баъд аз рафтани Толибон афроди Дӯстум ин ҳама харобӣ дар консулгарӣ намуданд. Чизҳои коромадашро бурданд ва бақияро шикастониданд ва дур андохтанд, ки шумо мебинед.

Ҷолиб ин аст, ки замоне, ки дар пости амниятӣ бору бунаи мо талошӣ (тафтиш) мешуд, дар садметрии дуртар теъдоди дигаре аз сарбозон бо ҳамон либосҳои афроди қаблӣ, ки ҳатто медиданд, ки дар пости пештара талошиву контрол шудем, дубора талошӣ ва ҳама доштаҳои моро титу пош намуданд. Мо ки таҷриба надоштем, сахтии зиёде таҳаммул намудем. Ба тартиб вориди шаҳри Мазори Шариф гардидем. Нарху наво баланд буд. Ба кормандони

давлат моҳҳо маошашон пардохта нашуда буд. Постҳои бешумор дар масири роҳ вуҷуд дошт. Ҳар кадом аз мошинҳо ва ҳатто афрод пул мегирифтанд. Амнияти шаҳр итминонбахш набуд. Афроди мухталифи мусаллаҳи бесар ба ҳар тараф дар гашту гузор буданд. Мо ба ин файсала шудем, ки дар худи шаҳри Шибирғон биравем, ҷое ки қароргоҳи аслии Дӯстум буд. Он ҷо низ назму суботи шаҳрӣ вуҷуд надошт. Мардум ҳанӯз аз хушомадгӯии Дӯстум, баъд аз шикасти ӯ аз Толибон ва ҷенерол Малик оромиш наёфта буданд. Ҳамчунон ба файрҳои шодиёна ба интиқомҷӯиҳо даст мезаданд ва бахше аз мардум аз кобуси ҷанг, кушторҳо ва ноамниҳои бепоён дар ранҷ буданд ва хоҳони яктарафа шудани ҷанг ба идораи як танзими мусаллаҳ буданд, ё Толибон ё Ҷабҳаи муқовимат, то зиндагии худро ба наҳве бо вазъияти инчунинӣ айёр ва дунболи касбу корашон гарданд. Ба ин тартиб сафари мо аз сафаҳоти шимол ба поён расид.

Дар моҳҳои баъдӣ аз тариқи бандари Турғундӣ сафари моро ба шаҳри Ҳирот ва навоҳии он вилоят идома додем. Дар бандари Турғундӣ, ки аз тариқи Туркманистон ворид шудем, бар хилофи Ҳайратон визаи сафорати Афғонистон дар Русияро қабул накард. Худ дар паспорт визаи убурӣ зад ва мӯҳр кард ва дохили минтақаи Турғундӣ шудем. Дигар ба мо нагуфтанд, ки чӣ коре доред ва ба куҷо меравед. Мо худамон хостем аз шахси масъул пурсидем, ки ба шаҳри Ҳирот чи гуна биравем. Махсусан аз амнияти ҷонамон аз ӯ машварат хостем. Ин шахс қумандони сарҳадӣ ва раиси шаҳри Турғундӣ буд – Дагарвол Гулшоҳ ном дошт. Номбурда барои мо ҳама қаламрави Толибон ва ҳар фарди толибро дар таъмини амнияти мо тазмин намуда ва изофа карда гуфт, ки ҳар куҷо мушкиле пеш омад, ба мо занг занед. Мо сафаррро идома додем. Дар арзи роҳи Турғундӣ-Ҳирот танҳо дар дарвозаи вурудии шаҳр пости контрол вуҷуд дошт, ки афроди амниятии пост бо дасторҳои сафед ва ришҳои баланд, ки мазҳари зоҳирии толибони диниро доштанд, аммо дар ҷараёни бозрасӣ аз мо маълум буд, ки дилҳояшон монанди

дасторҳояшон сафед буда ва моро бидуни кадом таъхири хос иҷозаи убур доданд ва ба шаҳр ворид шудем. Фардои он рӯз бо волии Ҳирот мулоқот доштем. Дар мавқеи дидор ман (яъне Савлатшоҳ) ба забони пашту сӯҳбатро оғоз намудам. Волии Ҳирот Абдулманнони Ниёзӣ билфосила аз ман хоҳиш намуд, ки ба забони дарӣ бо ӯ сӯҳбатамонро идома диҳем. Ӯ гуфт, ки муовини ман ва касоне, ки дар ин ҷо ҳузур доранд, ҳама даризабонанд, агар мусоҳиба ҳам аз радио пахш гардад, инро оммаи мардум мешунаванд, зеро мардуми ин навоҳӣ, яъне ҳавзаи ҷанубу ғарб аксарияти мутлақ ва шаҳри Ҳирот ба таври хос даризабонанд. Ман ки тоҷик будам ва забони дарӣ медонистам.

Савлатшоҳ мегӯяд, ки мусоҳибаамонро идома додем. Аз волии Ҳирот хонум Масюк пурсид: «Салоҳ ва муҳимоти шумо аз куҷо меояд ва чӣ навъ аз салоҳҳо дар урду бештар истифода мекунед?» Волии Ҳирот дар ҷавоб гуфт, ки салоҳҳои мо тамоман русӣ аст ва баъд аз фатҳи Ҳирот ҳудуди ҳазор қабза силоҳи ҷадиди Калашников танҳо дар бандари Турғундӣ ба дасти Толибон афтид. Дар Ҳирот шумо хоҳед дид, ки мо ғайр аз силоҳҳои русӣ дигар намуди силоҳ дар ихтиёри Толибон нест ва надорем. Дар шаҳри Ҳирот идороти давлатӣ фаъол буд. Чизе аз пеш ба мо гӯшзад шуда буд, иҷтиноби мо аз филмбардорӣ ва аккосӣ буд, ки баъдан ба ҳар қиммате саъй намудем, натавонистем чунин кореро анҷом диҳем. Бо ин ҳол сафари худро ба умқи соҳоти таҳти тасаллути Толибон идома додем ва ба волосволии Шиндан раҳсупор гардидем. Дар масири роҳ бо он ки ба ҳеҷ монеъаи амниятӣ барнахӯрдем, худ хостем як миқдор таҳқиқи бештар намоем. Аз фарде ки дар канори ҷодаи мошинрав дар ҷавори ҷанубии майдони ҳавоии Шиндан масруфи кишту кор болои заминаш буд, ҷӯёи вазъияти амниятӣ ва ҳолу ҳавои ҳокимияти Толибон гардидем. Мавсуф донист, ки мо хабарнигорони хориҷӣ ҳастем, бо ҷуръати тамом ба сухан омада ва шарҳ дод, ки дар навоҳии Ҳирот ва волосволии Шиндан танҳо чизе, ки мардумро ба ташвиш оварда, бекорӣ аст. Амният комилан таъмин аст. Кас ба кас коре

надорад. Дуздиву роҳзанӣ нест. Қатлу одамкушӣ вуҷуд надорад ва ҳар кас дар пайи ҳар коре, ки ҳаст, метавонад анҷом диҳад. Танҳо болои Толибон ва аъмоле, ки анҷом медиҳанд, интиқоду эрод нагирад. Аз ин бештар дар маркази волосволии Шиндан, яъне чавки марказии волосволӣ, чизи аҷибе ки мо дидем, як клиникаи сиҳӣ буд, ки дар он занҳо ва хонумҳои хона маслакӣ ва ғайримаслакӣ масруфи хадамоти сиҳӣ барои мардум, бахусус занҳо буданд. Танҳо чизеро ки Толибон аз коркунони клиникаи сиҳӣ хоста буданд, ин буд, ки бо бутҳои паҳн ва ором ки бароқу пошнабаланд ба по накунанд ва дар роҳу рӯ ҳаракат нанамоянд. Ба ин тартиб баъд аз як рӯзу ним волосволии Шинданро тарк гуфтем ва дубора аз Ҳирот ба Туркманистон ва қаламрави Толибонро тарк кардем».

Ин комилан ба ҷост, ки агар инсонҳо, ки муаллиди (ба вуҷуд овардандаи) фарҳангҳо буданд, фарҳангҳо низ дар масири боландагии инсонҳо саҳми шоиста анҷом додаанд ва зиндагиву ҳаёти инсонҳоро пурбортар гардонида ва дар ҷиҳоти солим ва воқеӣ раҳнамо ва роҳбар будааст. Бадбахтона ҷомиаи мо ки аз дер боз мӯҳри истоӣ ба ҷабини он зада шудааст, шояд аз назари ҷомиашиносӣ вазъияти баамаловардаи Толибонро гоҳ-гоҳе иқтизо кунад, зеро нафси ҳар қазия ё қазоё шароити бахусуси худро металабад, вале аз назари таърихӣ наметавонад қобили тавҷеҳ бошад, зеро кишварҳо ва ҷамъиятҳои мутааддид ва ҳукумоту сиёсатҳои мухталифро равобити васеъ ва густурдае пӯшонидааст. Аз ин рӯ зистан ва зиндагонии башар ва вусъати мубодилаи фарҳангҳо печидагӣ ва масъулиятҳои сиёсиро бештар аз пеш зиёд намудааст. Биноан Афғонистон бо он ки заминаҳои муқаддам ва аввалии як низом ва ҳукуматро ба таври воқеӣ дар худ парвариш надодааст, ҳар мушкилу масъалаи иҷтимоиро ҳам наметавон ба гунае қаҳқароӣ ҳал кард ё бо истинботи суннатӣ аз манофеи миллӣ дар даврони мо ҷуз маҳдудият ва тангназарӣ ҳосиле ба бор нахоҳад овард. Дар замонае, ки сухан аз ҷаҳонӣ шудан меравад бояд ба нигарише дил

баст, ки бо авзои кунунии ҷаҳон созгор бошад. Албатта, ба абъоди сода ва амалии он, на назариву фалсафӣ. Ва бидуни назардошти мулоҳизоти фавқ минҳайси узви ҷомиъаи ҷаҳонӣ амал намудан маҳол аст, яъне бо механизмҳои амалӣ ва воқеии монеаҳоро аз сари роҳи сулҳ ва тафоҳум бардоштан ва ворид шудан ба марҳалаи бунёдкориву созандагӣ ва дар ҳиттаи кишварҳои пуяндда ва рӯ ба инкишоф қарор гирифтан аст.

* * *

Толибон бинобар хӯи ғайриафғонӣ ва ҷангталабонаашон ва бидуни назардошти акду паймонҳо ва қарори ҷаласоте, ки дар дохил ва дар ҳузури нозирони байналмилалӣ анҷом дода буданд, як бори дигар ба озмоиши тавон ва тадбири низомиашон дар вазъияти хосе, ки як навъ ҳажмунии минтақавӣ дар ҳоли сомон ёфтан буд ва истиншоии қудратҳои ҷаҳониро аз фазои минтақа саъбтар месохт. Билохира бо имконоти васеи ҷангӣ ҳам аз лашкарӣ, ҳавоӣ ва мутуреза аз се меҳвар Сараки Нав, Сараки Кӯҳна, вулусволии Начроб, дараи Ғурбанд, Соланги шимолӣ болои қувватҳои Ҷабҳаи муқовимат дар манотиқи шимолии Кобул ва ҳудуди вилоёти Парвону Кописо ҳамлаи васеъро пас за ҳафт моҳ шикасте, ки дар атрофи шаҳри Толиқон ва Бағлон мутаҳаммил шуда буданд, оғоз мекунанд. Омодагӣ барои як ҷанг ва шурӯи ҷанг ду бардоште аст, ки теорияи ҷанг ва стратегияи хоси низомии раҳбарони қувваҳои тарафайн хубтар ба ҳалли он мепардозанд. Вале он чи аз назари умум ва нозирон мавриди маддоқа (диққат, таваҷҷӯҳ) қарор мегирад, шурӯъи ҷанг аст. Аз ин рӯ омодагиҳое ҷанги шимолу Кобул ҳангомаи бузурге барпо кард ва аз тариқи матбуот ҷароид ва родиюҳо, шабакаҳои телевизионӣ васеъан дар ҷаҳон пахш ва инъикос ёфт.

Воқеан ҷанги сангин ва мудҳише ба роҳ афтид. Бо ин ки аз ҳар мавзеъ ва гурдони қувватҳои Масъуд Толибон ҳам аз назари теъдоди афрод, таҷҳизот ва васоили ҷангӣ ва ҳам заработи сахти силоҳҳои сақили дурбурд, аз ҷумла

ракетҳои Луна, Ураган ва дар маҷмӯъ ҳимояи қавии оташи тупчӣ БМ-12 ва БМ- 21 бомбаборони тайёроти аз навъи ҶТ ва ҳилекуптарҳои тӯпдор М-35 бартарии кофӣ доштанд, аммо бо ин ҳама Толибон натавонистанд дар рӯзҳо хати дифоии Ҷабҳаи муттаҳиди зери фармони Масъудро шикананд. Минтақаи шимоли Кобул, ки ҳамвора пӯшида аз токистонҳо ва боғҳои сарсабзи ангур ва дарахтони тут мебошад, мардуми он бештар ба тарбияи токҳо ва ҳосилоти ангур мояи эҳтиёҷи зиндагии худро таъмин мекунанд, бо он ки солҳо аз асари муҳосираи шаҳри Кобул ва манотиқи зери идораи ҳукумати устод Раббонӣ аз ҷумла шимоли Кобул иртибототи иқтисодии он бо соири манотиқ ва берун аз Афғонистон қатъ ва ба додугирифт бо чанд шаҳри маҳдуд мепардохт. То ҷое ба як навъ иқтисоди муҳитӣ одат карда буданд, вале ин бор зери фишори бомбаборони шадиди ҳавоии Толибон маҷбур ба тарки яксара хонаву ҷой ва мулкиятҳои худ шуданд ва умдатан ба дараи Панҷшер ва Солангу Гулбаҳор фирор намуданд. Ҳатто бору бистараи мардуми беҷошуда то маҳалли фармондеҳии Масъуд дар дараи Панҷшер низ кашонида шуд. Шояд, ки оҳу зиҷаву нолаи мардуми шимол, ки бо пои бараҳна ва шиками гурусна ба чор самти шимоли Кобул дар фирор буданд, дар Масъуд асар карда буд ва аз муқовиматҳои сарсахтонае, ки дар дифоъ аз мавзеъи ҷабҳа таъкид дошт, он ҳам аз мусамим будани афроди низомии ӯ пайдо буд, мебоист, ки аз ҳарими шимоли Кобул дифоъ сурат бигирад. Вале дифоъ аз мардум дигар мафҳум надошт, зеро як идда фирор ва тарки ҷой намуда буданд ва як идда зери бомбаборон хурду нобуд шуда буданд. Иддаи дигар дар интизори бадтарин вазъият ва пешомади Толибон баъд аз ҷангро доштанд. Сарбозони хатти аввали Ҷабҳаи муқовимати Масъуд, ки аксаран зодаи доманаҳои сарзамини шимолӣ буданд ва намехостанд, ки хонаву ҳасту буд ва молу манолашон дар майдони ҷанг тороҷ ва нобуд гардад ва ин худ ангехтагие буд, ки дар паҳлӯи ангезаи сиёсӣ-ақидатӣ тактикҳои ҷангии Масъуд Толибонро ба манотиқи шимоли Кобул ба монеаи азим

табдил намуда буд. Бо он ҳам Масъуд дар як иқдоми ҳисобшуда қумондаи ақибнишиниро бо эҳтимоли фишори бештар аз ҷониби ҳарифаш содир мекунад. Яъне аввал, ба манзури ҷилавгирӣ аз зоеъоти бештари мардум ва харобиҳои ворида аз асари бомбабороні биловақфаи тайёроти Толибон, ки таҷаммуи мазиди афроди низомии Толибонро низ бо худ дошт. Дуввум, ҳузури ҳазорҳо тан толиб дар атрофи камарбандҳои дифои шимолӣ ба ҳоли омодабош дар сурати адами муваффақияти гурӯҳи амалиётии Толибон дар юриши аввали Толибони атрофи камарбандҳо дохили иқдом дар муҳити амалиётӣ гардида, дар натиҷа умқи ҷабҳаи амалиёт бо сиқлати (лазнаи) азими асокири Толибон роҳҳои муассиру зарбаҳои кории тимҳои чирикиро ба мушкил мувоҷеҳ месозад ва дар ниҳоят нақшаи баъдии низомиии Масъуд дар сарозер шудани беш аз ҳадди Толибон дар минтақа ғайриамалӣ ва нокоро ҳадди ақал дар як замони кӯтоҳ аз назари равишҳои ҷангӣ гурилоӣ метавонист бошад. Чи ин ки Толибон сарнавишти низомии худро дар ҳамла ба шимоли Кобул ва аз сукути он ба чилинч (мушкил) гузошта буданд. Зеро шимоли Кобул ба як дижи устувор ва ғайриқобили убури Толибон дар азҳон талқин мегардид. Яъне Масъуд ба манзури дафъи мавонии эҳтимолии баъдии низомӣ худро дар як тақалое бо Толибон бо шуҷоати беназир аз минтақа ақиб кашид. Мегӯянд, сардори лашкаре, ки дар вақти лузум бо забардастию маҳорат ақибнишинӣ ихтиёр мекунад ва сипоҳи худро маҳфуз медорад, шуҷоъ аст ва ӯро вақте тарсӯ метавон хонд, ки дар муқобили душман ақли худро аз тарс гум кунад ва коре, ки бар зидди лашкариёнаш тамом шавад, муртакиб гардад.

Масъуд медонист, ки кишварҳои минтақаву ҷаҳон аз рӯи ҳусни ният ва ё ҳам дипломатӣ бо тарҳу нақшаи сиёсии ӯ, ки асоси маҳками миллӣ дошт ва метавонист ҳар замоне пойи ҷомиъаи байналмилалиро дар пуштибонӣ аз худ бикашонад, ки дар қадами аввал таъкиди он бар қатъи оташ ва ҷанг, оғози музокира ва гуфтугӯ, даъвати маҷлиси

бузург аз ришсафедон ва аҳли хибра (коршиносон), шахсиятҳои бонуфузи миллӣ ва мазҳабӣ, тасвиби усули асосии мабнӣ бар асли арзишҳои волои исломӣ ва суннатҳои писандидаи таърихии ҷомиъа, дар ғоят эҷоди як давлати фарогир ва бо қоидаи васеъро эҳтиво мекард. Аммо бо ин ҳама саршӯронданҳои таъйидӣ наметавонист итминон барои поёни вазъи ҳоди низомӣ, ки ҳар лаҳза дар тағйир ва навасон буд, бошад. Аз ин ҷиҳат Масъуд дар пайи ду рӯзи аввал баъд аз ақибнишинӣ аз шимоли Кобул ба тартиб ва танзими бахше аз қитъаоти Ҷабҳаи муттаҳид, ки омодагии бештар доштанд, бо нақша ва тартибҳои ҷадиди ҷангӣ тавонист ин нерӯҳоро ба соҳоти аслии онҳо чун Сайидхел, Гулбаҳор, Ҷабалуссироҷ, Кӯҳистон ва атрофи Чорайкор ҷобаҷо намояд ва бо фаро хондани қумондонон ва масъулини низомӣ бо як нишасти изтирорӣ, ки дар шаби сездаҳ бар чордаҳи асад дошт, бо мушаххас намудани истиқоматҳои амалиёти боқӣ нерӯҳояшро низ ба ҷониби соҳаи ҷанг фиристод зидди ҳамлаи Масъуд. Дар нимаҳои ҳамон шаб оғоз ва то асри рӯзи оянда идома ёфт, ки натиҷаи чордаҳсоатаи ҷанги Ҷабҳаи муқовимат бо Толибон ғайр аз тасаллути дубораи афроди низомӣ Масъуд ба мавозеи ду рӯзи қаблии онҳо мақодири мухталифи таҷҳизоти ҷангӣ, аз ҷумла васоити зиреҳӣ, даҳҳо чайнгтанк (дона), дастгоҳҳои партоби рокет, тӯпҳои дурбурд, даҳҳо аррода (дона) дотсун (навъи мошин) ва анвои силоҳҳои сақила ва хафифа дар миёни садҳо тан асир, ки даҳҳо тани аз онҳо бо ҳувияти покистониро дар бар мегирифт. Шимоли Кобул баъд аз чанд рӯзи маҳдуд дубора зери идораи низомии Масъуд дармеояд. Ин ҷанг дар ҳақиқат зарбае буд, ки Толибонро сахт дучори васвос ва чанддастагӣ, ҳатто дар дохили ташкилоташон намуда буд, ки табаоти он на сирф болои рӯҳияи ҷангии афродашон, ки ахлоқашонро суст намуда буд, балки кишварҳои ҳомияшонро низ ҳушдори сиёсӣ дод, зеро на танҳо дар шимоли Кобул, дар ҷоҳои дигаре чун ҷангҳои хунини Мазори Шариф ва соири марбутоти шимол ва ғарбу шарқи кишварро ҳомиёни хориҷиашон дар Покис-

тон таррохӣ ва дар Афғонистон амалӣ менамуданд ва ҳар сарнавиште ҳам, ки болои таҳрики Толибон дар муодилоти сиёсиву низомӣ меомад, Покистон ва истихбороти низомии худ ба ҷуброни он мепардохтанд.

* * *

Ҷанги шимолӣ бо авҷгирии танаффур ва инзиҷори аз амволи Толибон, ки дар се рӯзи ҳокимияташон дар шимолӣ доштанд, аз қатлҳои дастаҷамъӣ то кӯчонидани мардум аз хонаҳояшон ва интиқоли занони ҷавон аз минтақа даст ёзида буданд, дар сатҳи милливу байналмилалӣ ҳассосиятҳои намоёнеро боис гардид. С. Муҷаддадӣ – собиқ раиси ҷумҳурии Афғонистон баён дошт, ки барои кӯмаки Толибон панҷ ҳазор фавҷи Покистон ҳамроҳ бо чорсад араб дохили Афғонистон шуданд. Ман як тилигром барои нахуствазири Покистон оқои Навоз Шариф фиристодам ва хоҳиш намудам, ки ба ҳамаи покистониҳо ва арабҳое, ки дохили Афғонистон аст, амр бидиҳад ба зудӣ аз Афғонистон хориҷ шаванд (Ҳамбастагӣ, № 12). Ҳамчунон Саидшамсиддини Маҷрӯҳ, Азизуллоҳ Восифӣ ва Вазирӣ ва дигар шахсиятҳои бонуфузи пуштун ошкоро алайҳи Толибон ва Покистон мавзеъ гирифтанд. Намояндаи Созмони Милали муттаҳид ба унвони шоҳиди айнӣ ба ҳузури покистониҳо эътироф кард ва дар асноди Созмони Милал барои аввалин бор номи Покистон ба унвони кишвари мутаҷовиз сабт гардид. Шӯрои амнияти миллӣ таҳримотеро алайҳи гурӯҳи Толибон ба мансаи иҷро гузошт ва бӯҳрони ихтилофот миёни ҷомеаи байналмилалӣ ва дар раъс Амрико бо Толибон ба авҷи худ расида буд. Бо ин ҳам Покистон монанди гузашта, махсусан дар даҳсолаҳои ахир, дар минтақа бахусус дар қиболи Афғонистон, ки роли жандармро бозӣ карда ва дар идораи ҷангҳои Толибон алайҳи Ҷабҳаи муттаҳид ҳатто мушовираи ҷангҳои руёрӯиро низ дареғ наменамуд, дар ҳоле ки таҷриба собит намудааст, ки ҳеҷ роҳи ҳалли низомӣ барои як масъалаи сиёсӣ мӯҷиби сулҳ намегардад, магар он ки тамоми саканаи як ҷомеа аз байн биравад.

Бахусус дар ҷомиъае чун Афғонистон бо сохтори иҷтимоӣ ва фарҳангии печида ва дахолати хориҷии ошкор, мазид бар он солҳо ва қарнҳо аз тафоҳуму оштӣ ва дӯстӣ миёни ақвом хабаре набуда ва ҳукуматҳо нақши ҳоили беш набуда. Самад Ҳомид собиқ садриаъзами Афғонистон мегӯяд: «Ҳеҷ низоме дар гузашта ба иродаи миллат таваҷҷӯҳ накарда, ба ҳамин хотир бист сол ҷанг самарааш ҳам ин аст». Бахусус даврони ахир ва авоили садаи 20 назми сиёсӣ ва ҳокимият ҳамвора мабнӣ бар таркиби аз сиёсатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва хонаводагиву иттиҳоди созиши нуҳбагон, ки василаи механизмҳои суннатӣ аз қабили иҷтимоъ ва қудрати шӯроҳо ва Луи Ҷирга буда, касби машрӯъият (қонуният) кардааст. Ва дар маҳдудаҳои замонӣ ҳам роҳҳои қонунӣ ва машрӯъи абзори вуҷуди сиёсии тағйиру таҳаввул бо хушунат бо зӯр ҳамроҳ будааст.

Тасодуфӣ набуда, ки Масъуд бо вуҷуди вазъи ҷангии кишвар ва ба назардошти аҳамияти асли фавқ боби гуфтугӯҳоро боз ва ҳар талоши сиёсиро истиқбол намудааст. Тавре ки ӯ баъд аз гузаштан ба марҳалаи савуми муборизаи сиёсӣ ва аз ҳоли мудофиаи маҳз ба тааруз ва касби пирӯзиҳои низомӣ дар саҳнаи ҷангӣ мушорунилайҳ фарохони миллӣ дод ба ин унвон – «Фарохон ва даъватномаи раҳбарии давлати исломии Афғонистон». Нашрияи «Ҳамбастагӣ», № 11». Ин фарохон, ки дар нишасти Кописа матмаи назар қарор гирифт ва яке аз муҳимтарин амалкарди сиёсии давлати исломии устод Раббонӣ пас аз суқути Кобул ба дасти Толибон буд, ташкили ҷабҳаи васеи сиёсӣ муташаккил аз тамоми нерӯҳои ғайритолибро башорат медод. Бо он ки иштироккунандагони он аксаран раҳбарони ҷиҳодӣ ва фармондеҳони муҷоҳидин буданд, вале дар ин фарохон дар ҷиҳати ташкили як ҷабҳаи васеи сиёсӣ аз ҳама рӯшанфикрон, таҳсилкардаҳо ва аносири мӯъмин ва ақшори иҷтимоӣ, ниҳодҳо, ташкилотҳо, анҷуманҳо, иттиҳодияҳо ва аҳзоби ҷиҳодиву сиёсии Афғонистон, ки хоҳони озодии ватанашон бошад, даъват кард, ки дар муқовимат алайҳи Толибон басиҷ гарданд.

Дар айни ҳол Масъуд талош менамуд то амали сохти як

қуввати низомии миллиро бо навъи ташкилоти расмӣ «ҳукуматӣ», ки дар ҳоли сару сомон додан буд, комил гардонад. Ва ҷангу муқовимати низомӣ дар баробари Толибонро аз моҳияти кудурати одии қавмӣ ва танзимӣ фаротар бурда ва асосу бунёди таъмиқи як исён ва ё шӯриши бузург алайҳи Толибонро ба вуҷуд оварад ва худ ба сомон додан ва зоҳир сохтани намудҳои давлати исломӣ бипардозад. Дар ҳоле ки СММ ва кишварҳои ғарбӣ бо тарди (дур сохтани) Толибон ва адами ҳимояи лозим аз давлати исломии Раббонӣ дар ҷустуҷӯи варианти дигаре барои ҷойгузинии он буд. Дар берун бо фарохонии миллӣ ва мушорикати нерӯҳои сиёсии мавсум ба гурӯҳи севум, ки дар атрофи Зоҳиршоҳ дар ҳоли шаклгирӣ буд, то бадиле (намунае) бошад, дар баробари Толибон, Масъуд саъй намуд иқдоми эҳтимолии Созмони Милалро дар замина камранг сохта ва дахил будани гурӯҳи севумро дар мунозиаи сиёсӣ бар пояи воқеоти таърихӣ-иҷтимоӣ ба майдон орад. Ҳатто шиорҳои онҳоро дар асос напазируфт, монанди Луи Ҷиргаи изтирорӣ, ки баъдан дар тарҳи ҳаракати сулҳи Қибрис низ ҷой гирифт. Мақсади Масъуд аз ин ҳаракат дар тарзи фикре нуҳуфта буд, ки мавқифи кишварҳои минтақаро, ба хусус Эрону Покистон, ки дар равандҳои сиёсӣ-низомии ҷомиъаи мо муассир буданд, тазмин мекард. Эрон ҳузури шоҳро тилояи (тулӯъи) вуруди Амрико ва нуфузи Ғарб ба Афғонистон медонад ва Покистон омадани шоҳро ба маънои аз даст додани нуфузи хеш бар ақвоми ду тарафи сарҳад медонист. Масъуд ҳампои он амалан ғарази тақвияти иродаи сиёсӣ ва бовармандии ҷомиъаи ҷаҳонӣ аз ӯ пруссаи ҷазбу ҷалби ашхоси кордон ва мутахассисро дар дастгоҳи ҳукумат дар сатҳи маҳдуди кайфиву камӣ оғоз кард. Ва афроди аз лояҳои гуногуни ҷомеа аз чапиҳову ростиҳои миёна, технократҳои таҳсилкардаи ғарб ва шахсиятҳои бонуфзи қавмӣ, илмӣ, миллӣ ва мазҳабӣ дар ҳукумат дида мешуд, ки зоҳиран ҳукумат ҳол ва ҳавои эътимоди мардумиро дар шарафи пазироӣ буд ва аносири қобили итминонро барои фардои кишвари Афғонистон бо мулоҳизоти фаръиву

зимнӣ дар худ роҳ медод. Корел Андар Фурд муовини Вазири хориҷаи Амрико дар таърихи 02. 08. 2000 эълон кард, ки Ҷабҳаи муқовимат як эътилофи минтақавӣ аст. Вале афзуд, ки маълум мегардад онҳо худро ба меъёрҳои ҷомеаи байналмилалӣ дар иртиботи ҳуқуқи башар наздик сохтаанд. Аз сӯи ҳам гирдиҳамоиҳои афғонҳои муҳоҷири муқими хориҷ дар шаҳрҳои Рум, Маскав, Деҳлӣ, Пешовар ва Машҳад нишонаи сиёсӣ шудани ҷавви кишвар буд ва буди сиёсии ҳалли бӯҳрони ҷорӣ дар Афғонистонро вуқуфи бештар мебахшид. Бо ин ки назари пешдоварии мақоми низомӣ дар ҳамаи ин ҷаласот машҳуд буд, ки бо ҳадафи мусбат ба кор гирифта шавад.

* * *

Масъуд дар тайи ду солу ними раҳбарии муқовимат ва ҷангҳои шадид бо Толибон ва мавзеъгириҳои дақиқи сиёсӣ, мушорунилайҳро дар мавқеъияти бартаре нисбат ба ҳамаи мухолифинаш дар дохил ва берун мусаллаҳу ғайримусаллаҳ қарор дода буд. Бояд гуфт, ки давлати мавсум ба Давлати исломӣ бештар дар атрофи Масъуд давр мезад то Бурҳониддини Раббонӣ. Ҳарчанд давлати ақиби ҷабҳаи ҷанг буд ва бештар дахлу харҷаш аз ҳисоби низомӣ сурат мегирифт, вале шаклу символи сиёсии як давлатро низ ҳифз намуда буд ва дар муомилоти сиёсӣ ва иқтисодӣ тарафи як давлатро қоидатан намояндагӣ менамуд. Масъуд дар тайи муқовимати чандсолааш тавонист кӯмакҳои ҳамаҷонибаи давлати Эрон, Русия ва Ҳиндро ҷалбу ҷазб намояд. Махсусан аз ҳайси силоҳу муҳиммот ва таҷҳизоти ҷангӣ. Ва равобити худро бо кишварҳои Осиёи Миёна, ки муддаӣ буданд дар ҳадди муттаҳидини стратегӣ амал намоянд, бо ҳифзи асли арзишҳои маншури Милали муттаҳид вусъати бештар дод, ки дар шароити муносиботи мушорунилайҳ бо минтақа ва сиёсатҳои куллии ҷаҳонӣ ва иттиҳодияҳои урупоӣ ба таври хос комилан маҳсус буд. Ва риояти ин аслҳо буд, ки теъдоде аз кишварҳои мутаҳобаро (вазифадор шударо) қисман алоқаманди ҳамкорӣ бо давлати ӯ намуда буд. Чунончӣ

парлумони урупоӣ аз мушорунилайҳ даъвати расмӣ ба амал овард. Ин даъват, ки дар ҳошияи сиёсати давлатҳои урупоӣ анҷом шуд, вале як паёми асосӣ дошт ва он матраҳ шудани Масъуд ба унвони як афғонии озодихоҳ ва ватандӯсти барҳақ буд, зеро шӯру ҷозибаи ватанхоҳӣ ва миллатпарварии кишварҳои урупоӣ, махсусан Олмонҳо ва фаронсавиён, ки ба аслу насаби худ бештар аз дигарон таъкид дорад, ҳатто пешрафти фарҳангу тамаддуни сарзаминҳояшонро маҳсули гироиши шадиди ватандӯстӣ ва нажодхоҳӣ медонад. Ҳамзамон судури қатъномаи 1333 Шӯрои амният, ки оғози як силсила муваффақиятҳои сиёсӣ ба нафъи Ҷабҳаи муқовимат ва дар воқеъ ба нафъи истиқрори сулҳ буд, ҳайате аз ҷониби порлумони Урупо аз ҷабҳаҳоти муқовимат дидан карда буданд ва бо асирони Толибон дар Панҷшер мусоҳибаҳое низ доштанд ва аксбардории садову симо ва соири асноди маърази ҳуят (шиноснома) таҳия намуданд, ки таҳияи асноди мазкур ҷомеаи урупоиро такони ҷиддӣ дод ва донистанд, ки дар Афғонистон ҷанги дохилӣ набуда. Биноан роҳҳои ҷадиди хатми ҷанги содиршуда аз беруни марзҳои Афғонистонро ҷустуҷӯ карданд. Мазид бар ин фактҳо дере нагузашт, ки Толибон ба инҳидоми осори таърихии Афғонистон, яъне тахриби пайкараҳои сангии буддо дар Бомиён иқдом намуданд. Ин иқдом пардаи охириро аз чеҳраи Толибон ва аз рӯи ниёти ҳомии онон бардошт, ки мақорини ин трожидӣ порлумони Урупо мизбони А. Масъуд гардид.

* * *

Масъуд бо иштироки худ дар порлумони Урупо ва эроди баёнияи дигар мавзеъи сиёсии худро фаротар аз як фармондеҳи муқовимат медонист. Ва амалан ба як раҳбари воқеии Афғонистон мубаддал гардида буд. Аз назари нигоранда ягона ашколе, ки Масъуд сари роҳаш дошт, ҳимояти сиёсиву берунӣ, бахусус Ғарб, аз ӯ буд ва он ҳам бештар аз ноҳияи вуҷуди исломистҳои тарафдори як низоми тундрав ва мунзабити исломӣ буд, монанди Сайёф, Раббонӣ ва дигарон, ки аксаран болои муносиботи ӯ бо

ҷаҳон сояи ваҳму тарс пахш менамуд. Аз ин рӯ Масъуд мутақоид гардида буд, ки корнамоҳои сиёсиашро бештар дар меҳроқи диди ҷаҳон қарор диҳад ва сиёсат бояд мутаваҷҷеҳи дохил ва хориҷ бошад, то аҳдофи мухталиф ва мутазодро бо якдигар вифқ (созгор) диҳад, хостҳо ва орзуҳоро ба абзори мавҷуд танзиму таъдил намояд. Ба хусус бидуни таваҷҷӯҳ ба тавозуни нерӯҳо дар минтақа ва ҷаҳон наметавон ба аҳдофи печида дар сиёсати хориҷӣ даст ёфт, бе он ки муттаҳидоне барои худ дасту по кард. Дар ин ҷост, ки аслу ҷавҳари сиёсатгузорӣ нуҳуфтааст, ки бо сафари худ ба Урупо бо шаҳомати тамом ва дар камоли зиракӣ аз ин пост низ худро озод намуд. Вале маъбари ҳаракот ва ҷасторҳои сиёсии Масъуд дар таҷриди Толибон аз ҷомиъаи байналмилалӣ ва қатъи ҳимояти сиёсатҳои хоси берунӣ аз онҳо камокон мушкилоти худро дошт. Яъне бо он ки сафари Масъуд ба Урупо тардидҳоро ба нафъи ӯ дар Ғарб коҳиш бахшид ва фурсати хубе буд то Урупо ба таври омилона дар қазоёи фаромантиқаӣ сиёсати амалгароёнаашро ошкор намояд, вале мутаассифона, сиёсатҳои ҷаҳониро дар баробари ҷомеъаи ҷангзада ва дар ҷангбудаи мо дар як навъи рақобати сареъ, вале манфӣ фаъол сохт. Ва Масъудро ба тангнои шадиди сиёсӣ кашонида буд ва он қабл аз ҳама дар равобит ва музокироти мушорунилайҳ бо намояндагони Амрико ва адами тавофуқ рӯи чигунагии бардоштани Толибон аз саҳнаи сиёсӣ пайдо буд. Тавре ки доктор Абдуллоҳ сухангӯи Масъуд бо тавофуқи давлатайни Амрико ва Афғонистон дар соли 2001 милодӣ ба Амрико сафар намуд. Вай ангезаи сафари худро, ки гӯё мулоқот бо раҳбарии ҷадиди Амрико дар бораи чигунагии хатми ҷанг дар Афғонистон буда бошад, унвон кард. Ва дар зимн аз тарҳи ташкили як давлати эътилофӣ бо мақомоти Амрико ва музокира рӯи он сухан гуфт. Бо он ки доктор Абдуллоҳ нагуфт, ки кадом ҷиноҳҳо давлати эътилофӣ месозанд, вале як чиз равшан буд, ки бидуни ҷиноҳҳои муссалаҳу даргири ҷанг, ки дар меҳроқи таҳавулоти сиёсиию низомии Афғонистон қарор доштанд, давлати эътилофӣ аслан мафҳуме надорад. Масъуд мехост бо пешниҳодаш ду корро

анҷом диҳад, яке ин ки мавқеи амрикоиёнро дар пуштибониашон аз файсалаи шӯрои амнияти Милали муттаҳид мабнӣ бар таҳрими сиёсӣ ва низомӣ, иқтисодӣ алайҳи Толибон биозмояд, ки умдатан ба пешниҳоди Амрико вазъ гардида буд. Дуввум ин ки аз забони амрикоиён мехост талвеҳан ба дунё бигӯяд, ки ҷойгоҳи Ҷабҳаи муттаҳид мардумӣ ва устод Раббонӣ хоҳони як давлати мӯътадили исломӣ аст. Вале амалан чунин нашуд, зеро давлати Амрико бо он ки ба шакли расмӣ интиқод аз Толибонро дар ҳадди як ҳассосияти маъмулӣ нисбат ба бунёдгароӣ ва кишти хашхош, ки ба символи воқеии Толибон мубаддал гардида буд, нишон медод, аммо дар музокироти паси парда Масъудро бо тарҳи ӯ, ки Толибон ҳарҷӣ мехоҳанд ва аз ҳар кучое, ки илҳом гирифтаанд ва чи аъмолеро, ки муртакиб шудаанд, дар ниҳоят ба тақдири сиёсиашон аз маҷрои мухталиф ва муассири дохилӣ ба ҳар шеваю василае, ки иқтизои мардум бошад, расидагӣ шавад. Барои давлати Амрико берун аз як сиёсати фаъол ва надоштани ҳузури қавӣ дар саҳнаи таҳаввулоти сиёсии Афғонистон ғайри қобили таҳаммул буд, зеро давлати Амрико аз гузашта то замони Толибон алоқамандии зиёде нишон медоданд, то дар қазоёи ҷории Афҷонистон саҳм дошта бошад, ки дахил ҳам буд.

Аммо чун аз саҳми фаъол ҳарф ба миён меояд, ба ин маъно, ки нақши кишварҳое чун Русия, Эрон, Чин ва Ҳинд бояд дар ҳошия бошад, на матн. Ва агар дар матн ҳам бошад, дар мартабаи лафз дар такмили чумлаҳо ва сатрҳо, на баёни истилоҳӣ ва тавзеҳи мафоҳим. Чи ҷое ки аз қароин ва аснод бармеояд, Масъуд Афғонистонро мубарро аз дастабандиҳо ва ба дур аз маҳалли рақобатҳои низоми сиёсӣ орзу дошт. Вале ин дер шуда буд, зеро сарзамини Афғонистон аз ҳар нигоҳ омодаи эҷоди пойгоҳҳои мутмаини густаришҳои сиёсатҳои қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ ба ҳисоб меомад. Ва миллатхоҳӣ ва истиқлолталабӣ дар як кишваре чун Афғонистон, ки солиёни дарози ҷангҳову харобиҳо ва мардумони он оворагиҳоро аз сар гузаштонда ва дар вуҷуди Масъуд, ки

холиқи характери сиёсиаш худ буд то тиюриҳои муайян бо нигаришҳои мутаориф ва ин дар лаҳзаҳои тасомими сиёсиаш баъзан мечарбид, носозгор менамуд. Бо ин ҳама Толибон, ки роҳу расмашон барои мардум дигар пӯшида набуд, ҷои ҳукумат ва зиндагии сиёсиву ҳаёти низомии худро рӯз ба рӯз хурду хурдтар меёфтанд. Тавре ки дар маҷаллаи «Майҳан» мехонем: «Толибон илова аз шикастҳои муҳими низомӣ дар солҳои 1998 ва 1999 ба қавли Питтер Томсон – мутахассис дар умури Афғонистон Толибон дар солҳои 2001 ва 2002 дар вазъи баде қарор доштанд. Аз ҷумла ҷавонони пуштун ба таври довталабона дар суфуфи Толибон бар хилофи гузашта намепайвастанд, балки онҳо Толибонро тарк гуфта, ба қабоили ҷануб бармегарданд. Томсон мегӯяд: «Дар ҳузури даҳ ҳазор покистонӣ ва беш аз ҳазор нафар араб Толибонро дар ҷанг ҳамкорӣ мекунанд. Илова аз он таркиби идеологии ифротӣ ва арзишҳои қабоили пуштуни Толибон бо оҳистагӣ боиси бурузи ҳассосиятҳое дар миёни афғонҳо, махсусан мардуми шаҳрӣ гардида буд. Ҳатто пуштунҳои шаҳрӣ аз тарзи идораи Толибон ба танг омада буданд. Маҳалгароӣ ва қабилагароӣ омили дигаре низ буд. Назариёти хашини Толибон бо ислом бо гузаште, ки мардуми Афғонистон бо он амал мекунанд, дар таззод буд. Бисёре аз мардум Толибонро як ҳаракати хориҷӣ медонистанд, ки аз назариётҳои арабҳои ифротӣ ва арзишҳои покистонӣ дар кампҳои муҳоҷирин мутаассир шуда ва бо арзишҳои афғонӣ ошноӣ надоранд».

Аз берун низ ҳимоятҳои сиёсӣ ва шодбошигӯиҳо кам шуда буд. Ягона интихоби Толибон ҷанг ва сиёсатҳои низомӣ бо ҳимояти ошкори маҳдуде аз кишварҳое чун Покистон ва Суудӣ буд ва бас, ки он ҳам аз назари баъзе огоҳон ба чолиш кашонида шуда буд, ки бо гузашти ҳар рӯз табаоти нохушоянде барои Толибон дошт. Аз ин рӯ Толибон дар шеби сукути ҳатмӣ қарор гирифта буданд. Масъуд низ аз ибтидои ҳукумати муҷоҳидин ило зуҳури Толибон ва султаашон ба Кобул дар ҷангҳои танзимӣ ва рақобатҳои фармондеҳони қудратманди минтақавӣ бо

равишҳо ва ҳаракоти машкук аз худ шахсияти ҷомид ва мавҳум таборуз дода буд ва ба ӯ сирф як фармондеҳи ҷангӣ мегуфтанд, ҳарчанд Масъуд сиёсатмадори ҳирфавӣ набуд, зеро ӯ бештар дар майдони ҷанг ва сангарҳо ҳузур меёфт. Ва ҳарифони низомии худро дар мавқеъ ва дар ҷояш тарбияи низомӣ менамуд. Вале зиндагии ӯ аз овони ҷавонӣ бо сиёсат гиреҳи маҳкам хӯрда буд ва бо сиёсат пухта шуда буд. Бо ин ҳама нақшаву плон ва аҳдофи асосии аслии Масъуд ҳарчи буда бошад, ба гуфтаи маъруфе, ки «гурӯҳе бояд дар ҳимояти мардум биҷангад ва дар ҳимояти мардум пирӯз шавад ва дар ҳимояти мардум ҳукумат кунад». Масъуд дар ҳимояти мардум ҷангид, вале натавонист дар ҳимояти мардум пирӯз шавад. Ҳоказо мушорунилайҳ дар истиқрори низом ва ё ҳукумати бо зарангии мунҳасир ба фардаш бештар аз шиорҳои ом ва куллӣ, ки тамъи ширини ҳар ком менамуд, сухан меронд. Дар Афғонистон, ки ормонҳо, аз ҷумла ватандӯстӣ, ҳанӯз як ормони содаву мустақим аст то устодонаву тахайюлӣ, ба рангу шамоили шахсиятҳо ва раҳбарони афғонӣ дар азҳон то ҳол хуб таборуз ва ҷилванамоӣ дошта Махсусан Масъуд бо корнамоҳои гузаштааш ҷое тардид намегузошт.

Аммо аз ин ки сиёсатҳо ҳамеша хостгоҳи аслии қудратҳои чи хурд ва чи бузург, чи фардиву чи гурӯҳӣ, яъне сиёсатҳо ҳам расмӣ ва ғайрирасмӣ будаанд, аз раванди барқарории инсон аз таърихи навишта то имрӯз ва қабл аз он бо аҳдоф ва барномаҳои мухталиф асбоб ва васоили вежа дар ҳине, ки меомӯзанд, таҷриба мекунанд ва такмил мешаванд, таззоди худро низ ҳамвора парвариш ва густариш додаанд. Биноан асрҳо ва асри мо, даҳаҳо ва даҳаи мо полоиши сиёсии худро пайваста ба самар нишонда. Аз ин рӯ Масъуд ба унвони як падида ва як тарҳ дар масири нави зандагӣ ва ҳаёташ мантиқӣ менамуд. То истиқоқҳо ва мавонеаҳоро чи ба гунаи сода ва чи ба гунаи созмондиҳишуда таҷриба намояд.

Дар ин шаке нест, ки сайнс (фан) ва технологияи ҷаҳонии имрӯз ба масобаи дастоварди азими таърихии башар дар ҳама заминаҳои ҳаёт ва зиндагии инсон бар ҳама

чиз ва ҳама ҷо даст андохтааст ва суҳулатҳои бесобиқаеро низ фароҳам овардааст. Аз сӯи ҳам бидуни назардошти буди ахлоқӣ ва арзишии он, ба масобаи як афзори мутмаини ромишгар мавриди истифода ва баҳрабардории сиёсатҳо, махсусан ҷавомеи исломӣ, ки тамизу фаҳми арзишҳои волои исломӣ то ҳанӯз аз таъсири ифротии гароишҳои мазҳабӣ ва равишҳову суннатҳои нописанди иҷтимоӣ озод нагардидааст. Аз ин рӯ террору қатл, ба зиндон афкандан, ба дор овехтан ва саркӯб намудан, ба шеваи маъмул мубаддал гардидааст. Биноан осебпазирии шахсият ва ҷони Масъуд, ки ба маротиб дар даврони ҷангҳои ҷиҳоди исломиаш то ҷангҳои миёнгурӯҳии муҷоҳидин дар Кобул бештар буд, вале ӯ дар остонаи пирӯзӣ ва гузор аз марҳалаи душвориҳои сиёсиаш бар ҳарифаш, ки бо чеҳраҳои пинҳон ва ошкор дар баробари ӯ сафоройӣ намуда буданд, яъне мутасаддиёни ҷаҳонии пружаи Толибон дар ҳамкорӣ бо иддае аз кишварҳои минтақа ва созмонҳои истихборотӣ бо аҳдофи хоси минтақавӣ ҷамъи ниёти баъзе ҳалақоти забуни дохилии Афғонистон барномаи террори он рехта мешавад. Зеро, ки ҳарифони мушорунилайҳ дар баробари юриши селосои толибӣ ҳама монеаҳои дохилӣ ва муқовиматҳои низомиро дар ин ҷову он ҷо ба зӯр ва пул ва кашишҳои қавмӣ ҳаллу фасл ва майдонро тавассути гурӯҳи Толибон софу пок намуда, то заминаро барои як низоми дилхоҳ ва муфид ба роҳбурдҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ омода ва эҷод намоянд. Масъуд муҳтод (бо эҳтиёт) буд, бо он ки қурбониҳои хоста ва нохостаро мутаҳаммил гардид, худро дар сайругашти сареҳ чунон савори амвоҷи туфони ҳаводис ва ҷараёни толибӣ намуд, ки ағлабан инони ихтиёрро дар гузиниш ва васли ҳалқаҳо барои як пирӯзии бузург дар буъди сиёсиву низомӣ ба маҳор кашида буд. Зеро вақте як марди сиёсӣ тавонист ҷои худро дар байни иҷтимоъ боз кунад, пешрафти нақшаҳояш, яъне баҳрабардорӣ аз ҳақоиқ барои ӯ осонтар сурат мегирифт. Биноан Толибон ва ҷараёни толибӣ, ки ҳазинаи бузурге бардошта буданд, барои ҳомиёнашон ғайри қобили пазириш ва бовар менамуд, ки бе як дастоварди ҷубронпазир аз саҳнаи таҳавулоти

ҷомеаи Афғонистон ҳазф гарданд. Масъуд, ки дигар вичҳаи шахсияташ камоком ҳувайдо гардида буд, яъне мавзеъгирии шаффоф ва алании ӯ ба масобаи як миллигаро ва насионалисти афғонистонӣ дар баробари раванди сиёсати яккутбишавии ҷаҳон андешаи истикокбарангез (монеъбарангез) менамуд. Ҳарчанд шасти корой ва пирӯзӣ ва ҷасорати сиёсӣ ва низомиаш ба исботи худ ноил гашт, вале дар баробари хислат ва сифоти дигари мумкинаи сиёсат, яъне террор ва ваҳшат, ки аз як абзори печида ва комилтаре дар дунёи имрӯз бархурдор аст, шикастро ба оғӯш мекашад, яъне ки Масъуд нохоста қурбонии мақосиди ғайриормонӣ ва воқеиятгароёна гардид ва он ин ки таърихи 9 сентябри соли 2001 тавассути ду нафар террорист ва гумошташудаи сиёсате дар ҳини мусоҳибаи матбуотӣ бо инфиҷори гуме, ки дар дохили камераи филмбардории террористҳо, ки ба техники ниҳоят печида таъбия шуда буд, ба қатл мерасад. Ҳамон тавр, ки зандагӣ ва корномаҳои сиёсӣ ва низомии Масъуд инсонро дучори шигифтӣ месохт, марги ӯ ҳам шӯриш ва инқилоби азимеро дар пай дошт. Бо инфиҷори марокизи бонки тиҷорати ҷаҳонӣ дар Ню-йорк барчидани сиёсати толибӣ ва Толибон дар Афғонистон низ оғоз меёбад. Амрикоиён, ки қурбонии азим дар ҳодисаи Ню-Йорк бардошта буданд, аз ҳама аввалтар худро зиҳақ медонистанд, то ба кишвари Афғонистон ҳуҷуми интиқомҷӯёна биоваранд ва кори террористҳо ва ҳомиёни толибиашонро, ки меҳмонони нохондаи мардуми Афғонистон буданд, яксара кунанд. Қатли Масъуд, ки мардумро мабҳут намуда буд, ҳайати раҳбарии Ҷабҳаи муқовимати зидди Толибон ва ҳавохоҳони сиёсии Масъуд дар як вазъияти ғайри муттараққӣ тасмими қотеи давлати Амрикоро ҷонибдорӣ ва истиқбол намуданд. Зоҳиран давлати Амрико ҳам ҳимояти байналмилалиро ва ҳам нерӯи хашмгини низомиёни ҳомии Масъудро дар саркӯби Толибон бо худ дошт ва Ҷабҳаи муқовимат ҷамъи нерӯҳои амрикоӣ аз замин ва ҳаво ба зарработи Толибон идома медиҳанд ва дар тайи як моҳу чанд рӯз низоми Толибон ва маъмурияти сиёсиашон ба поён мерасад.

# ДИДГОҲЕ ЧАНД ДАР ҲОШИЯИ САФАРИ МАСЪУД БА УРУПО

Дар робита ба сафари Масъуд ба Урупо дидгоҳҳо ва назариёте матраҳ буд, ки гӯё шароити сафари ӯ аз қабл омода шуда буд ва ё дар тадоруки сафари ӯ кишвари Фаронса нақши хосе дошта. Ба таври мисол Анварулҳақи Аҳадӣ дар мусоҳибааш ба родюи Би Би Си гуфт, ки Урупо аз қабл аз Масъуд ҳимоят менамуд ва ин сафари оқои Масъуд ҳимояти алании баъзе кишварҳои Урупоӣ чизи тозае нест. Ё ин ки дар миёни мардуми авом аз ҳимояти Фаронса аз Масъуд баъзан гапҳо ва ё ҷару баҳсҳои лаҷомгусехтае дар дохили Афғонистон шунида мешуд. Банда хостам дар мавриди ин дидгоҳҳо ва назариёт то ҷое битавонам ҳақоиқро ҷустуҷӯ кунам. Ман бо ҳамкории хонум Наргиса, як хонуми тоҷике, ки дар муассисаи инкишофии фарҳангии таълимӣ ва хадамотӣ барои муҳоҷирини афғон дар Душанбе кору фаъолият дошт, бо як тан аз дипломатони фаронсавӣ, ки қаблан дар сафорати Фаронса муқими Душанбе дар сатҳи дастёри кордори аввал ва маъмурияти сиёсиашро ба поён расонида буд, телефонӣ муаррифӣ гардидем. Ин шахс оқои Ифес буд. Ӯ бо гӯиши форсии тоҷикӣ бо кайфияти начандон хубе сӯҳбат мекард, ман фаронсавӣ намедонистам. Ба ҳар ҳол мусоҳибаи мо дар ҳошияи маҳфили бузурдошт аз 28 асад рӯзи истирдоди (пас гирифтани) истиқлоли кишвар дар отели Авасто сурат гирифт. Ӯ вақти каме дар ихтиёр дошт. Ба ҳар ҳол мавзӯи фавқро бо ӯ дар миён гузоштам. Номбурда тааҷҷуб кард ва гуфт, ки ин кизби маҳз аст ва идома дод: Фаронса феълан кадом манфиати хосе дар робита ба Афғонистон аз дидгоҳи ман надорад ва робитаи Масъуд низ бо Фаронса ба асоси кадом тааҳҳуди сиёсӣ буда наметавонад. Агар вуҷуд медошт, ин аз назари матбуот ва шабакаҳои иттилоотиву хабарӣ, ки аз васоили электронии муҷаҳҳаз баҳра мебаранд, пӯшида намемонд. Ман фикр мекунам ин сару садоҳо бештар дар дохили Афғонистон ба роҳ меафтанд, зеро оқои Масъуд

ҳарифони сиёсии бешуморе дорад. Шояд, ин навъи иғвогарӣ дар робита ба мавқиф ва мавқеияти оқои Масъуд дар баробари мардуми Афғонистон аз тарафи мухолифини ӯ бошад. Вале як чизеро бояд гуфт, ки аз соҳаи Панҷшер як теъдод касон бо муомилоти сангҳои қимате бо теъдоде аз саҳмдорони ширкатҳои туҷории Фаронса дар тамос буда бошанд».

Ин гуфтаи оқои Ифисро Ҳоҷикарими балуҷ – волии Заранҷ қаблан дар соли 1999 дар ҷараёни сафарам ба Тахор рӯзе дар меҳмонхонаи раёсати ҷумҳурӣ ёд карда ва таъйид намуда буд, ки хариду фурӯше аз ин даст мавод бо фаронсавиён сурат мегирад. Дар мавриди мавзеъгирии русҳо бояд гуфт, ки русҳо дар атрофи солҳои 1990 ва қабл аз он программаи хосе дар мавриди Афғонистон ҷуз ба масобаи як кишвари ҳамсояи ӯ дар маҳдуди Осиёи Миёна, ки аз субот бархурдор бошад ва ҳукумати мӯътадили исломиро, ки қаблан бо Бурҳониддини Раббонӣ ва ҳайати маъиятии ӯ, ки ба Маскав сафар намуда буданд ва баъдан Раиси ҳукумати муҷоҳидин дар Кобул гардид, дар миён гузошта буд, чизе бештар мутаваққӣ набуд. Русия бештар масруфи илтиёми (марҳамгузории) пайкари иқтисодӣ ва иодаи (пиёда кардани) дубораи ҳайсияти сиёсии хеш дар ҷаҳон буд. Аммо ҳукумати Русия баъд аз солҳои 1996, ки мувоҷеҳ ба ҳаракатҳои исломӣ ва озодихоҳонаи баъзе ҷумҳуриҳои худмухтори Русияи Федератив гардид, махсусан ҳаракати исломии чечениҳо мавзеи Русияро нисбат ба Афғонистон ҳассостар сохт ва ин мусодиф буд ба суқути Кобул ба дасти Толибон. Русия дар он вақт ба ин фикр афтод, ки агар Толибон бо равишҳои тундравона ва таасубонаашон ба кулли Афғонистон мусаллат гарданд, соҳа ва ҳарими Иттиҳоди шӯравии собиқ дастхуши таҳаввулот хоҳад шуд, ки таваққуфи он дар марзҳои Русия ҳам мушкил хоҳад буд. Аз ин рӯ саъй кард Ҷабҳаи муттаҳиди Афғонисон ва ҳукумати Бурҳониддини Раббониро ҳимоят намояд ва ин сиёсат дар замони В. Путин таҳаққуқи бештар ёфт, зеро Путин дар садади он буд, то ҳавзаи нуфузии Иттиҳоди шӯравии собиқро ба хусус дар Осиёи Миёна аз

нав эҳё кунад Вале дар робита ба муносиботи хоси Масъуд бо русҳо хуб аст ба навиштаи китоби «Фасли охир» аз нависандаи Афғонистон Муҳаммадисмоили Акбар дар ин ҷо чанд сатр зикр намоем: «Ман бар хилофи аксар мухолифони Масъуд, ки ӯро муттаҳам ба созишу муомила бо бегонагон, алалхусус русҳо кардаанд, ба истиқлоли раъю шахсияти ӯ изъон дорам. Русҳо баъд аз суқути давлати доктор Наҷибуллоҳ ва ҳатто қабл аз он тобу тавон афтода буданд, ки як стратегияи қавии мудохиларо дар минтақа, ба хусус Афғонистон таъқиб кунанд. Ҳамон давоми ҷанг ба худии худ ба нафъи онҳо буд ва дар ҳамон ҳудуд равобит бо Масъуд ва давлати устод Раббонӣ доштанд. Аммо дар ин солҳо кӯмаки фавқулода ва муассири онҳоро бо кадом ҷиноҳи афғонӣ шоҳид нестам. Назар ба онҳо дасткашиву дастрасии Эрон ва Ҳинд маҳсустар буд. Эрон ба фикри ман, бидуни барномаи санҷида ва Ҳинд барои ҷилавгирӣ аз густариши нуфуз ва султаи Покистон фаъол буданд, аммо Масъуд дар миёни ин ҳама сиёсатҳо истиқлоли худро нигоҳ мекард. Дар масоили дохилӣ низ бо вуҷуди иттикои ӯ бар дастаи мушаххас ва то ҳадди маҳалгароӣ тӯҳмати таҷзияталабӣ ва таассуби зиёд бар ӯ чандон ворид нест. Такяи ӯ бар даста ва маҳал умдатан аз биниши кирдоргароёнааш сарчашма мегирифт».

## ЧАНД НУКТА ДАР МАВРИДИ ХУСУСИЁТИ ШАХСӢ, ФИЗИКӢ ВА БАРДОШТҲО АЗ АҲМАДШОҲИ МАСЪУД

Масъуд танаи борик, қади мутавассит ва ҷуссаи устухонӣ дошт. Устухонҳои баданаш барҷаставу барозанда буд. Каллааш бо таносиби шонаҳояш мувофиқ набуд. Яъне андозаи сараш ғайриоддӣ менамуд. Абрӯвони тафаккургуна дошт. Тахти пешониаш хутути оёрӣ бардошта буд, шонаҳои афтида ва чашмони муъарриб дошт. Бинии баланд ва қадре дароз, нумоҳои сурати ӯро уқобӣ талқин менамуд. Дар роҳ рафтан сареҳ ҳаракат мекард, дар ниша-

сту муоширатҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ кӯтоҳу мухтасар, аммо фаҳмову возеҳ ҳарф мезад ва дар адову атвораш навъе ғурур хонда мешуд.

Дар қиболи ҳар ҳодиса сабур ва хунсардиашро ҳифз мекард. Дар фаъолиятҳои низомии худ ҳеҷ навъ пешшарти имтиёзӣ барои фармондеҳони тахти амраш надошт. Бо ҷуръат ва қотеъият иҷроотро мутолиба мекард. Дар баробари ҳар пурсиш ва матлабе ҳузури зеҳн ва ҳозирҷавоб буд. Мухолифинаш ӯро вобаста ба кишвари Фаронса ва гоҳе русон медонистанд. Баъзе аз таҳлилгарон мӯътақид ҳастанд пешниҳодоти сулҳи Милали Муттаҳид ва пирӯзии прусаи сулҳи Милали Муттаҳид пеш аз ба вуҷуд омадани Ҳукумати муҷоҳидинро Масъуд буд, ки саботаж (хароб) кард. Иддаи рақибони сиёсӣ ва низомӣ ӯро паймоншикан ва бадқавл мегуфтанд ва дар ин амр бештар ҳаракоти мармузи низомӣ ва кам зоҳир шудани ӯ дар маҳофили сиёсӣ ва расонаҳои хабарӣ ва тасвирӣ баҳона меоварданд. Вале дар ҷомеа чандон гӯши шунаво пайдо накард. Баръакс, дар солҳои охири умри худ аз наздикии ӯ ва мардум сӯҳбатҳо мешуд. Масъуд ҳеҷ эҳсосоти тунди исломӣ ба намоиш нагузошт. Бештар ба манофеъи миллӣ таъкид кард, то ҷое ки ашхоси мухолиф ва мувофиқ дар раҳбарии ҷамъият ва ҳатто шӯрои нузорро ба баҳсҳои бепоён ва ҷидоли хомӯши ҳамешагӣ кашонда буд. Бо Ҳизби исломӣ ва шахси Ҳикматёр душмании ӯ ҳадду канор надошт. Ҳикматёрро худхоҳ мегуфт ва мисол меовард, ки мо ҳама узви танзими ҷамъияти исломӣ будем. Ҳикматёр ҳизби шахсӣ барои худ сохт. Масъуд билохира дар асари як амали террористӣ ба шаҳодат расид.

## СУХАНЕ ЧАНД ПИРОМУНИ ШӮРОИ НУЗОР

Шӯрои нузор, ки баъд аз таъсиси он дар соли 1362 дар батну басти танзими Ҷамъияти исломӣ сурат гирифт, ибтидо чунин вонамуд мешуд, ки мақсади эҷоди он танзим ва ҳамоҳанг намудани фаъолиятҳои низомии дастаҳои размии созмони ҷамъияти исломӣ дар дохили кишвар бу-

да бошад. Аммо бо гузашти айём зимни ҳамли вазифаи фавқ махсусан дар арзи солҳои ахири поёни ҳокимияти доктор Наҷибуллоҳ то пирӯзии муҷоҳидин аз мартабаи ташкилоти низомии раҳбарии ҷанг махсусан, дар ҳавзаи шимол-шарқи фаъолияти ҷамъияти исломии Афғонистон ба як маркази созмондиҳӣ бо виҷҳаи хоси сиёсии ҷиҳодӣ низ матраҳ буд. Тавре ки қаблан зикр гардид, ҳукумати Кобул дар охирин рӯзҳои ҳокимияташ ба василаи маъмурини баландпояи сиёсӣ дар сатҳи вазири хориҷа ғарази гуфтушунидҳои сиёсӣ ба ҷониби Масъуд – раҳбари Шӯрои нузор шитофтанд, то раъйи ӯро нисбат ба низоми сиёсии оянда бидонанд. Яъне Шӯрои нузор хилофи гузашта, ки амалкардҳои он моҳияти минтақавӣ дошт, фаъолиятҳои миллӣ ва кишвариро низ машқ мекард ва кароти созмонӣ-сиёсиро мавозӣ ба фаъолиятҳои низомии берун аз соҳаи нуфузи низомии ҷамъият бо мароҷеъ ва созмонҳо дар соири нуқоти Афғонистон ба роҳ андохта буд. Аз ҳама аввалтар роҳ ёфтани муҷоҳидини ғайрипанҷшерӣ ҳам дар суфуфи размандагони таълимдида ва ҳам дар ҳалқаи шӯрои нузор буд. Роҳандозии ҷаласот ба манзури интихоби беҳтарин мавқеиятҳои низомӣ-сиёсӣ дар баробари давлати Ҷумҳурии Афғонистон ва табодулаи усарои (асирони) ҷангӣ – кӯшишҳои мумтад (давомдор) дар ҷалбу ҷазби афрод ба таври инфиродӣ ва дастаҷамъӣ аз соири гурӯҳҳои ҷиҳодӣ барои фаъолиятҳои ҳамоҳанги низомӣ алайҳи ҳокимияти Кобул, аз ҷумла, нишасти Шоҳсалим, ки дар 17 мизони 1990 рӯи ҳадафи муштарак ва оғози стратегии воҳид барои тасхири шаҳрҳои бузург, гуфтугӯҳои сиёсӣ бо бахше аз қитъаоти маҳдуди низомии шӯравӣ ҷиҳати истеҳкоми бештари ҷойгоҳи сиёсӣ-таблиғотӣ ва низомӣ-таблиғотӣ сурат гирифт. Яъне набардҳои партизании Масъуд дар ҳақиқат ба ҷангҳои сиёсӣ низ мубаддал гардида буд. Ба ҳар ҳол он чи ки аз назари авом малмуз ва қобили таъйид буда, бештар аз ривоёт ва қиссаҳои мардуме, ки дар тараддуд ба минтақаи Панҷшер ва навоҳӣ ва ҳавошии нуфузии шӯрои нузор бо соири соҳаҳот ва навоҳии

Афғонистон барқарор мешуд, устувор буд. Аз ҷумла набуди азияту озори мардум ба баҳонаи ин ки аз кадом қавм ва ё миллият ҳастӣ ва ё аъзои фомили ту монанди падар, бародар, писар, коко ва дигар ақориб ва бастагони ту ба давлат кор мекунанд ва ё маошхӯранд. Ё ту қаблан дар фалон танзим ва созмон будӣ, даст набурдан ба мулкиятҳои шахсии мардум, аз ҷумла замин, хона, боғ, боғча ….ҳифзи номус ва ҳайсияти иҷтимоии афрод, манъи мусакарот ва духониёт (май ва анвоъи тамбоку), махсусан дар миёни ҷавонон, набуди зӯргӯиҳо бо истифода аз аслиҳа, роҳ надодан ба душманиҳои танзимӣ ва қавмӣ ва ғайра падидаҳое аз намунаҳои фавқ аввалан вуҷуд надошта ва агар иттифоқ афтода, сахт мавриди пайгарди қонунӣ ба шеваи урфӣ ва исломқ қарор гирифтааст. Дар ҳоле ки мавориди фавқ дар соҳоти зери нуфузи соири танзимҳо, аз ҷумла дар шимоли Кобул ва соири ҷоҳо равони одӣ дошт. Возеҳ аст, ки ин маҳосин дар партави як идораи мутамаркиз, ки Масъуд дар Панҷшер ба вуҷуд оварда буд, нуҳуфта буд ва гурӯҳҳои размӣ ва ҷиҳодии шӯрои нузор дар як интизоми вижа, махсусан дар Панҷшер ва навоҳии он амал мекарданд. Тавре ки дар китоби зери номи «Дар сафаҳоти шимоли Афғонистон чӣ мегузашт» – асари Асадуллоҳ Вилволиҷӣ тазаккур рафта «Бахши тарбиядидаи шӯрои нузор ҳаракоти иҷтимоии хешро бо ташрифоти бахусус анҷом дода ва то ҳад тамсили атурита (авторитет) мекарданд, ки тарафи сӯҳбат ва ё робит бо эшон маҷбур ба адои эҳтиром ба мавсуфот мешуд. Инҳо умдатан мутавозеъ, боқаноат, инзиботпазир ва ороста бо ахлоқиёти мусбати меъёрии ҷомеамон буда ва дар амалиёти тааррузии низомии хеш ё ба шакли тафаннунӣ ва ё ҳам воқеан аз таҷовуз ба номус ва дороии мардум ибо меварзиданд. Дар ҳар ҷое, ки истиқомат мекарданд, масорифи лужистикии худро аз ҷайби созмони худ пардохта ва дар умури мубориззотии хеш бо побандие, ки бар мавозини идеолижикӣ ва ташкилотии марбутаашон доштанд, ба пеш мерафтанд, иродаташон нисбат ба оқои Масъуд то ҳадди пазируфтани вай ба сифати яке аз авлиёи дарбори Худованд (ч) ба пеш ме-

рафт. Қитъаоти тарбияшудаи мазкур доиман ба шакли омода дар ихтиёри раҳбарии худ қарор дошта ва дар иҷрои дасотир ва ирода аз ҷониби он ҳеҷ амре монеи ҳаракаташон шуда наметавонист».

Замоне ки Масъуд ба қудрати сиёсӣ дар Кобул даст ёфт, табиатан ҳамин нерӯҳо боист вазъияти мусоид ва биломунозиаи амниятиро барои татбиқи аҳдофи давлати исломӣ, хусусан дар марказ, яъне шаҳри Кобул омода месохтанд. Вале чунин нашуд, зеро аз як тараф қувватҳои тарбиятёфтаи шӯрои назор, ки аз лиҳози камӣ зарфияти иҷроии ин вазифаи муҳим ва ҳаётиро надошт ва ҳатто аз ӯҳдаи идораи як ё ду вилоят барнамеомад. Тавре ки Асадуллои Вилволиҷӣ меафзояд: «Ҷабаҳоти ҷамъиятӣ ва нерӯҳои қавмӣ низ бинобар роҳкорҳо ва хусусиёте, ки шӯрои нузор таборуз дода буд, яъне ин қумондонҳо равобитеро бо шӯрои нузор барқарор намуда буданд, ки агар аз марҷаи икмолотӣ созмони мавсуф ба рафъи заруриёти ҷабҳавии худ мепардохтанд, вале ҳозир набуданд, то ҷаҳаоташонро ба марокизи тарбиятии мувофиқ ба хоҳишоти муборизотии шӯрои нузор мубаддал созанд ва дидаву дониста истиқлолияти амалии хешро тобеи як силсила муқаррароте созанд, ки риояти он вобастагии ҷабрии онҳоро ба созмони шӯрои нузор ҳатмӣ месохт». Биноан ҳамин нопухтагии равобити шӯрои нузор бо фармондеҳон ва ҷабаҳоти ҷамъиятӣ ҷавви ҳокимашро дар Кобул низ муставлӣ (паҳн) сохта буд. Аз ин рӯ бо он ки дар ибтидо қувватҳои размии шӯрои нузор дар шаҳри Кобул тамсили шахсият ва атурита мекарданд, вале дар моҳҳои пас аз пирӯзии муҷоҳидин дар ростои таҳаққуқи барномаҳои созмони барномаҳои шӯрои назор, ки як сар аз иҷрои умури иҷтимоӣ ва идориро оғоз намуда буд, худ ба беқайдӣ ва беидорагиҳо дар нуқот ва маҳаллоти устонёфтаашон (маконёфтаашон) роҳ дода ва мӯҷиби анорши (анархия) ва беназмӣ мегардиданд, то ҳадде, ки дар бахшҳое аз шаҳри Кобул баъзе аз фармондеҳони шӯрои нузор салоҳияти тавзеҳи барқ, об ва замин, ки аз мулкиятҳои оммаи мардум буд, бар афрод ва маҳаллоти

хос фармон меронданд. Ҳатто мутару хонаҳои шахсии мардумро ба хешон ва наздикони худ ҳотамбахшӣ мекарданд. Лату кӯб то ба зиндон андохтанҳои шахсӣ ривоҷ ёфта буд. Ин дар ҳоле буд, ки дар соири гӯшаҳои шаҳри Кобул чунин вазъият бо воруди муҷоҳидин аз сооти нахустин оғоз гардида буд ва аҳолӣ аз фарти ҷон ва ҳифзи номуси хеш ба манотиқи маркази шаҳр ва соҳаи тахти нуфузи шӯрои нузор паноҳ меоварданд ба номи (соҳаи давлат) паноҳ меоварданд. Аъмолу ҳаракоти афроди мусаллаҳ ба фармондеҳони шӯрои нузор гоҳ-гоҳе чунон пурруйӣ ва ваҳоҳату золимонатар сурат мегирифт, ки баъзан Масъуд худ биззот дохили икдом ва ҷилави афроди худсар ва шӯроро мегирифт.

Ин мавзӯъ вақте ифшо шуд, ки Масъуд – вазири дифои давлати исломӣ дар яке аз марокизи низомӣ дар атрофи Толуқон тайи сӯҳбате бо муҷоҳидин бо фармондеҳон гуфта буд, ки «Агар аз сӯи тавтеа, дасиса ва мудохилаи сареи ОСО ва гурӯҳҳои Толибон дар фиреби фармондеҳон сабаби шикаст дар шимол ва ҷоҳои дигар гардид, аз сӯи дигар фисоди қумондонон ва зулму ҷурму ҷаримаи шумо низ мардумро ба ҷон расонида буд. Агар дуруст ислоҳ нашавед, ҳеҷ якеро ба минтақа намефиристам. Мардум бояд мутмаин шаванд, ки нирӯҳои воқеан мусулмон ва солим омада ва мехоҳанд ҷилави ваҳшат ва барбарият ва қатли ому қавмкуширо бигиранд» (Нашрияи «Ҳамбастагӣ», соли 2001 № 14). Аз ин гуфтаҳо ошкор мешавад, ки ношӣ аз беназмиҳову берӯҳиягӯиҳои иддае аз фармондеҳони шӯрои нузор дар вазъияти ҷадид низ дар мубориза будааст.

## ТААММУЛЕ БА ҲУКУМАТИ ИСЛОМӢ

Дар Афғонистон як масъала, ки аз асрҳои пешин то ҳол бештар мавриди корбурд ва василаи мутмаин барои ҳар ҳадаф ва ормон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, дини ислом аст. Зеро шӯру ҷазобияти он дар миёни мардуми камсаводу бесаводи ҷомеаи мо бештар аз ҳар ангезаи дигаре таъйинкунанда ва сарнавиштсоз буда ва ҳамин ки ва-

зифаи нақшафзории он ба охир расида аз ҷониби ҳукуматҳо бо он ки мақоми суннатӣ ва ташрифотӣ бархурд мекарданд ва мардум фирефтаи бархурдҳои ҳукуматҳо бо як силсила аёдини мазҳабӣ ва авотифи зоҳирӣ ва шахсӣ мегардиданд. Ва аз ислом, ки сирф шаъоири маъмулӣ ва маросими одии динӣ, чизе бештар намедонистанд, дар ин роҳ бо ҳассосиятҳои содалавҳонаи худ, ҳатто қурбониҳои азимро дар паҳлӯи соири авомил тавъам бо доъияҳое чун дифоъ аз сарзамин, аз фарҳангу озодӣ ва истиқлоли худ мутаҳаммил гардидаанд, ки дар асл ҳамон ҳукумот ва ҳокимонро аз газанди таҷовуз ва таҳоҷуми берунӣ ҳифз ва ҳиросат намудаанд, ки хоҳони тадовуми қудрати зӯр ва зари худ ба кулли ҷомеа будаанд. Он ҳам дар атрофи хули (меҳвари) шахсӣ ва хонавода беш набуда. Дар солҳои ахир ҷомеаи мо бар хилофи гузашта неҳзатҳо ва ҳаракатҳои исломгаройӣ ва тарафдорони эҷоди ҳукумати исломиро мушоҳида ва таҷриба намудааст, ки яке аз авомили асосии мушкилоти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи мо дар чанд даҳаи ахир ило пирӯзии муҷоҳидин ба ҳисоб меёяд. Ва ин аз ду шакл – саводи мардумӣ ва таҷрибаи ҳукуматдорӣ дар дохил ва ба заъф гироидани ҷунбишҳои исломии инқилобӣ ва низомҳои маҳсули инқилоби исломӣ дар ҷаҳон нисбат ба сиёсатҳои давлатҳои бузург мабнӣ бар султа бар кулли ҷаҳон бо шиори назми навини ҷаҳонӣ ва озодиву демокрасӣ. Вале оё ислом мухолифи озодиву демокросӣ аст? Ва дар пайи тасаллут бар ҳамин мабно ва асл буда, ки мухолифини низомҳои исломи инқилобӣ дар масири роҳи ҷунбишҳои исломӣ ихлол ба вуҷуд меоранд ва имрӯз яке аз мушкилоти дунёи башар гардидааст ё боист ҷавомеи мухталиф ба иқтизои таърихиу фарҳангӣ хеш ба ин ду падида бархурди муқтазиёна (ниёзмандона) кунанд? Махсусан ҷудоии дин аз давлат, ки мавзӯи баҳси маҳофили сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад. Эҷоди ҳукумати исломӣ дар Афғонистон, ки дар гузашта собиқае надорад ва ин ки равобити мардум бо ҳукуматҳои исломӣ дар соири кишварҳо ба чи минвол сайр намуда, баргҳое аз таърихи исломро баргардон кунем.

Дин ва ақидаи ислом, ки дар даҳаи аввали қарни ҳафтуми милодӣ дар шубҳи ҷазираи Арабистон дар вуҷуди шахсияти Муҳаммад (с) зуҳур ёфт, ба масобаи ноҷӣ ва раҳнамои мардум аз хурофоти онрӯзи араб, дар масири зиндагии солим гардид. Яъне ки дини ислом дар ибтидо бо панду насоъеи ахлоқӣ муқаддимаи як ҳукумати мухтасари динӣ, аммо бо нуфузи қавии маънавӣ дар Макка ва баъд дар шаҳрҳои дигари онрӯзи арабнишин гузошт. Аз он ҷо ки пайғамбар (с) пешвои мазҳабӣ бо ҷумла ёрони худ дар қавлу амал ва гуфтори хеш мувофиқ ва бо мардум дар камоле аз таақул ва хирад амал мекард.

Мардуми араб даста-даста ба ақидаи ислом мегаравиданд, зеро баъд аз пушти сар гузоштани давраҳои сахти ваҳшатангези ҷомеаи онрӯзаи араб ба байъат аз ӯ мешитофтанд. Пайғамбар дар садад баромад, то мушкилоти адидаи иҷтимоии онрӯзро ҳал ва як низоми динӣ дар хидмати мардум пешкаш намояд, ки қаблан набуда ва ҳар як бар дигаре ҳеҷ эътимоде надошт ва муроқибат дар пешдастии задану куштан мекарданд. Чуноне ки дар шаҳри исломии Мадина дар замони ҳазрати Муҳаммад Расули акрам аввалин давлати машрута дар таърих ба унвони ҳукумати ҳақ шинохта шуда буд, ки дар ҳайати чунин давлат рисолат чи дар маҳдудаи моддии тавсеаи иқтисодӣ ва чи дар ҳавзаи ахлоқ ва адолати иҷтимоиву мазҳабӣ бо эҳтиром ба ваҳй талаб мешуд ва ё даргириҳои пайиҳам, ки мухолифинаш бо ӯ доштанд, баъд аз саркӯбии онҳо аз салотин ва ҳукоми онрӯзи Шарқ ва Ғарб даъват ба дини ислом менамояд, ки пешниҳоди ӯ баъзан пазируфта мешуд баъзан на. Илло замони хулафои Рошидин. Зимни ихтилофот ва тазодҳои хилофат атрофиён ва ҳокимон як навъ имтиёзталабиҳое ба арзишҳои динашон пеша карданд, ки то ҷое мунҷар ба ҳаракати сипоҳиён ба беруни марзҳои сарзамини исломӣ гардид. Дар ҳоле ки дар кулл на, балки дар худи ҷомеаи араб ба шароит ва заруриёти онрӯзи ҷомеа тавони мувозибат ва расидагиро надоштанд. Шояд, битавон гуфт, ки дар ҷомеаи араб ва чигунагии зиндлагии мардумони онрӯзи араб бадиле хубе буд, ки ба дилу ҳаёт

раҳнамои зиндагиашон қарор гирифт. Зеро ки ҳар даставу қавм аз одоби қабилавӣ ва хусусиёти қавмии худ пайравӣ мекарданд. Гузашта аз он мушкилоти иҷтимоии иқтисодӣ сахт домангири онҳо буд. Яъне ки ислом ба таври асосӣ сиёсӣ нагардида буд.

* * *

Ба ҳар ҳол ақида ва теорияи як низоми исломӣ бо хилофати хулафои Рошидин, бахусус Алӣ ибни Абитолиб ба унвони қоиди низоми исломӣ бо назардошти хусуматҳо ва ҷоҳталабиҳои аъзои хонаводаи Абдулмуталлиб, махсусан дар сарзамини Хуросон, раҳбарӣ ва баст ёфт. Чунон ки дар китоби «Афғонистони баъд аз ислом» фотеҳони араб дар қарни аввали ҳиҷрӣ ба сарзамини Хуросон бо мубодии содаи зиндагӣ вале рӯҳияи исломӣ расиданд, эшон дар Ироқ ва як қисмати Хуросони ғарбӣ тарзи идора ва созмони давлатии Сосониёнро, ки муддати чанд қарн умр дошт ва яке аз шоҳаншоҳихои бузург ва мудамаддини аср буданд, васоили идора ва ҷаҳонбонӣ ва ташкили созмонҳои давлатӣ истифодаҳои фаровоне аз он намуданд. Бо он ҳам замони ҳукумати сисолаи хулафои Рошидин агар силоҳи муслимин зӯҳду тақво буд, бо ин ҳам дар сояи Қуръон ва шамшер пеш рафтанд, ки содагии зиндагӣ ва пешвоию батаъмӣ ва бетаҷаммулӣ мавриди қабул ва истиқболи беҳисоби мардуми фақир ва ташнаи ислоҳот гардид. Ва як ҳукумати комилан мазҳабӣ буд. Баъд аз Алӣ ибни Абитолиб ҳукумати қисман одилона ва муҳофизакори динӣ ҷояшро ба навҳи, ба шеваи идораи амир Муовия, ки дар хусумат бо Алӣ қарор дошт, пур мекард. Амир Муовия бо он ки хилофатро баъдҳо дар бани Умия ҳукумат ба як ҳақи собити ирсӣ мубаддал гардид, машварат бо асҳоб ва раҳнамоии муаллимин бо эътироз низ рӯ ба рӯ шуд. Яъне ки ирзои хотири омма даркор нест, ки ин хусусияти ҳукумати Умавиҳо танҳо дар маҳдудаи ҷавомеи арабӣ бо қуввати ҳар чи тамомтар пеш рафт, то ҷое ки Умавиҳо барқарории ҳукамои исломиро дар дохили қаламравашон тақрибан ба поён бурда, даст ба

футуҳоти тоза зад. Хоначангиҳо ҳанӯз дар сарзамини араб чун Басраву Димишқ идома дошт, дар ҷавомеи дигар, ки соҳиби мартабаҳои бузурги тамаддуни ғанӣ буд, аз ҷумла Хуросони бузург ва кишварҳои ҷануби Урупо, ки таҳти султаи ақидаи исавӣ вуҷуд дошт, ба наҳве дар онҳо русух ва нуфуз намуданд, ки сирф чанд мавриди хос давоми чандоне наёфт, ки то имрӯз аз онҳо, яъне аъроб ба номи муҳоҷимин ва ишғолгарон ёд мекунанд ва намунаи ин тазод ва бадбинӣ ҷангҳои салибӣ ҳастанд, ки солиёни дарозе миёни мусулмонон ва исавиҳо давом дошт ва дар ниҳоят ба барчидани бисот ва доманаи нуфузи ислом аз Урупо ва султаи аъроб аз шимоли Африқо ва гоҳе Хуросон низ гардид.

Дар ҳамаи соҳоти мафтуҳа аъроб ба таври кулли ду имтиёзи худро ҳифз ва дар назар доштанд: <u>сарват ва нажод.</u> Ба ин ду ҳирс, ки дар сояи ақидаи исломӣ ва шиорҳои исломии аъроб ба он таваҷҷӯҳи амиқ доштанд, боиси эҷоди фосила миёни арабу аҷам гардид. Ва ин тасодуфӣ набуд, зеро мардуми Арабистон дар садри ислом дар ниҳояти ихтилофи табақотӣ ва фақру фоқа ва фуқдони фазилату камол буданд. Футуҳоти аъроб бо вуҷуде, ки дар Урупо аз салтаи маънавӣ ва шимоли Африқо аз султаи лашкарии худ маҳрум гардид, вале дар Хуросон ва ҷануби Осиё ва Осиёи Марказӣ ҳардуро бо қазовату бераҳмии тамом ҳифз ва тадовум бахшиданд, ки дар ин миён танҳо аз хуросониҳо ва форсҳо гӯшмолиҳои фарҳангмаобона ва посуххои зӯрманиёшона ва зӯргӯёнаи худро мураттаб гирифта, тавре ки дар китоби «Афғонистони баъд аз ислом» навиштаи Абдулҳайи Ҳабибӣ зикр ёфта «Баъд аз соли 132 ҳ.қ. ва 749 мелодӣ, ки бисоти иқтидори уммавиён барчида шуд ва хуросониён хилофати Оли Аббосро дар Бағдод таъсис карданд бо ин ҳаракати инқилобӣ фарҳанги исломӣ, ки дар асри уммавиён бо таъассуби арабӣ ва анъаноти қабилавии аъроб даромехта буд, ранги ҷадиде ба худ гирифт. Бо он ҳам иқтидори фармонравоии нажодии худро дар маҳдудаи шарқи Ховари Миёна, Осиёи Марказӣ дар сояи дин ва эҳсосоти исломӣ ва ақидаи

Муҳаммадӣ (с) бо шиддати тамом посдорӣ намуданд ва бо пайравӣ аз гузаштае ки баъд аз иваз шудани сафҳаи сиёсат ва мунқалиб гардидани он аз хулафои Рошидин ба Умавиҳо, ихтилофи хонаводаи Умавиҳо ва Ҳошимиҳо, таассуби нобихрадонаи араб дар замони ҳукмравоии Муовия ва хушунати ахлоқии арабӣ бо мардум, ҳатто бартарӣ додани бадавиён ба донишмандони ғайриараб, аз усули қавонини давлати Умавӣ буд, ки вазъу сиёсатҳо баъдҳо дар кишварҳои Ироқ, Форс, Хуросон, Андалус ва Африқо ба задухӯрд миёни гурӯҳҳои араб ва аҷам сурат мегирифт. Ин бархурдҳо боис гардида буд, ки идораи кишварҳои мафтуҳа, махсусан дар авоили футуҳоти исломӣ ба шеваи аскарӣ шабеҳтар буд то ба мамлакати алоҳида, зеро кордорон иборат буданд аз сардорони лашкар, ки дар билоди мафтуҳа бидуни ин ки дар шаҳр ё русто зиндагӣ кунанд, дар лашкаргоҳҳои худ наздик ба саҳро мезистанд ва бо мардум ихтилоте намекарданд. Хулафои исломӣ қуввои иҷроия ва қазоияро дар соҳоти мафтуҳа дар даст доштанд ва аз тарафи худ шахсеро бо номи «омил» бар вилоёти мафтуҳа мегумоштанд, ки ин омилон аз миёни тозиён интихоб мешуд.

Бо ин ҳол дар ду қарни нахустини ислом тамоми Хуросон то каронаҳои дарёи Синд ба хилофати исломӣ мулҳақ гардид ва аз дарбори хулафи Умавӣ ва Аббосӣ мустақиман василаи ҳукмрононе, ки муқаррар мекарданд, идора мешуд, ки бо ин ҳол нуфузи маънавӣ ва фарҳангии ислом баъд аз асри хулафои Рошидин, давраи Умавиён ва Аббосиён аз Африқо ва Истонбул то ҳудуди Чин ва авосити Ҳинд расид. Дар сар то сари суғури (сарҳан) кишварҳои исломӣ лашкаргоҳҳои сарҳади доштанд, ки охирин намуна аз шеваи ҳукумати Умавиён ва дар маҷмӯъ аъроб бар асли нажодӣ ва бартариҷӯии ҳукумати исломӣ аз навъи хилофат, императории Усмонӣ буд, ки аз ҳам рехт. Бозгашт ба таърих нишон медиҳад, ки аз қарни ҳафтум то оғози қарни 20 ва алорағми тақсимоти гуногун ва ҳатто ҷангҳои дохилӣ идея ва ҳаракати ҷомеаи исломӣ ба раҳбарии халифаи воҳид ҳаргиз мавриди мунозира набу-

дааст. Ва раҳбарони мазҳабӣ бе он ки худ раҳбари мазҳабӣ бошанд, машруияти худро аз ислом мегиранд. Ин раҳбарони сиёсӣ, ки қудрати қонунгузорӣ надоштанд ва қудрати ичроии онҳо низ маҳдуд будааст, танҳо аз салоҳияти тазмини ичроии дурусти қонуни лоятағйири илоҳӣ бархурдор будаанд ва ин аз ибтидои реҳлати Расули Акрам, ки рисолати паёмбариашон хомӯш шуд ва билодаранг масъалаи ҷонишинашон матраҳ шуд, ба вуҷуд омад.

Бо он ки ба роҳи ҳалли қатъӣ даст наёфтанд ва ҷомеаи исломиро ба иншооботе кашониданд бо ин ҳол назарияи исломӣ дар мавриди қудрат баст ёфт то дини муштарак. Табиат аз як шариат ва пойбандӣ ба ибодоти мазҳабии яксон бар муъминин дар буъди фардӣ ва бар ҷомеа дар миқёси бархи шароити айниро то зарурати ташкили давлати исломӣ таҳмил мекунад. Вале дар қарни 20, ки нерӯҳои тозаи сиёсӣ-ахлоқӣ ҷилвагар шуданд, исломро ба афзори боэътимоди муқовиматҳои мардумӣ дар баробари ғарб табдил кардааст. Махсусан кишварҳову мардумоне, ки аз назари сиёсӣ зери султа буданд ва на ба таври ниҳодӣ. Аз сӯи дигар худи ҷавомеи исломӣ бо дарназрдошти он ки таъсири шохаҳои мазҳабӣ, яъне муносиботи рӯҳонӣ ва шахсии инсон, ки дар пахшу нашри мазҳаб дар вуҷуди салотини араб дар нуқоти ҷаҳон дошт, иттикои бештар дар ин зӯр муқаддам буда, то мантиқу истидлол, ки дар ниҳоят боиси эҷоди таъсисот ва ниҳодҳои дин бо вазоифи ибодот, қурбониҳо ва шӯроҳои мазҳабиро муайян мекунад. Ин табиӣ аст, ки ислом дар тамаддуни дунё ва дар ақвоми мухталифи олам тазоҳуроти гуногун карда ва таъсироти мухталифе ба ҷо гузоштааст ва ҷомеву қавме, ки боланда ва пуршӯр буда, тараққиёташ беҳтар аст ва дунболи фазилат ва илм рафтаанд. Ба баёни дигар ҳар миллате, ки тавозун ва таодул байни улуми дунявӣ ва динро ҳифз кардаанд, ба саодат расидаанд ва ҳар ки бо ифроту тафрит гароида, маҳву нобуд шудаанд, ки яке аз авомили ифтироқ (ҷудоӣ) ва дурии кишварҳои мусулмон пешрафтҳои иқтисодӣ ва ҳуввияти фарҳангии ин кишварҳо буда.

* * *

Афғонистон низ аз ҷумлаи кишварҳои мусулмон ва дини ислом аз гузаштаҳои дур дар сарзамини он паҳн шуда, ҳеҷ гоҳе натавониста, ки аз ҳолати билқувва ба билфеъл дар эҷоди низоми исломӣ ҳатто монанди соири кишварҳои мусулмон гузор намояд. Оё ин натиҷаи қудрат ва дасти баланди фарҳанги бумӣ ва эътиқодоти ғайриисломӣ ва таърихии кишвари Афғонистон аст? Ё ин ки набудани тавони ҷазби фарҳанги ислом аз арзишҳои мусаллати таърихӣ бар ҷомеа ва ё авомили боздорандаи дигаре? Дар ҳоле ки ҳамаи инҳо асари носуте дар эҷоди ин ашкол доштааст. Чунон ки аз замони истилоҳи арабҳо, бахусус баъд аз хулафои Рошидин, давраи Умавён ва Аббосиҳо, ки футуҳи исломӣ вусъат гирифт ва ихтилоти афроди милали дигар бо араб фузунӣ ёфт ва марказияти хилофат Шом ва Бағдод буд, кишвари Афғонистон ва мардуми он дар ду марҳалае аст: футуҳоти арабҳо ҳам дар рӯзгорони хулафои Рошидин, ки марзҳои ғарбии сарзамини моро мусаххар намудаанд ва ҳам давраи футуҳоти Умавиҳо, ки қисман тамоми хоки кишвари Афғонистонро тасхир карданд чандон тамаркузи усули исломӣ ҳатто дар мавҷудияти арабҳо ва умарои босалоҳияташон вуҷуд надошт. Чи ҷое ки баъдҳо дар замони султаи Аббосиҳо қалбу диди мардуми мо дар ду хату сайри нажодӣ ва ақидатӣ нисбат ба хилофати исломӣ матрах гардид, ки зиёнҳои шаддиде бар нуфузи ислом дар минтақа ба ҷо гузошт. Ва ё давраҳои баъди тасаллути аъроб, ки хокимон ва зимомдорони шарқ дар ҷоҳталабиҳое шадиди қудрати шахсӣ ва ё қавмӣ ва ё қисман нажодӣ, ақидаи ислом на танҳо аз назари қудратмандон ва ҷанговарон канор гузошта шуд, ки он ҳам ё ба асари бархурдориашон аз ақидаи бегона, ки аз сарзамини алоҳида бо ақоид ва арзишҳои бегона буд ва ё ба асари ҳиддату тундӣ ва таассуботи фардӣ, балки дар сатҳи авомуннос низ ба унвони ақидаи пок ва танбеҳгар гирояташро то ҷое аз даст дод. Ва ё ҳам дар давраи баъд аз муҳоҷимоти бегонагон, ки

ҳукуматгарон зодаву бархоста аз ҷомеаи исломӣ кишварҳои параваришдиҳандаи ақидаи исломӣ низ таъсирот ва нуфузи исломро ё бо ангезаи қавмгироӣ ва бо аҳдофи шахсӣ, ҷоҳталабӣ ба шеваи тазоҳур кам сохтанд ва дар фикри абзор қарор додани он баромаданд, ки таадду-ди фирқаҳо ва мазоҳиби мухталиф ин ниётро бештар аз пеш кӯмак ва мумид (кӯмак) воқеъ гардид. Ва ислому дини он дар ду қарни ахир асбоби коргар дар ҳиттаи ҳукуматҳои мухталиф ё ба қасди ҷаҳонкушоӣ ё ба манзури иқтидор ва давоми султаи худ ҳимоят ва посдорӣ мешуд, он ҳам ба унвони суннати ба ирс супурдашуда. Зеро усул ва мӯҳтавои он камтар дар зиндагии зимомдорон нуфуз дошт ё қисман ҳеҷ асари онро мушоҳида карда наметаво-нистанд, ки дар давраҳои ахир ва бо пайдоиши мавҷе аз афкори фалсафӣ дар ҷахони мутаҷаддид ва сояву нуфузи он дар ҷомеаи фарҳангии мо дар ҷиҳати як исломи инқилобӣ маҳдудиятҳои қавмиеро ба вуҷуд овард, ки бои-си ба вуҷуд омадани дастаҳои мухталифе аз равшанфик-рони мусулмон ва тазодҳои ношӣ аз он шуд.

Афғонистон, ки кишвари касирулмиллият аст, ягона марҷаъе ки мардумони ин сарзаминро дар ҳар қавму қабила ва дар муҳитҳои мухталиф бо усул ва мувозини мутафовити зиндагӣ ба ҳамдигар наздик месозад, танҳо ислом ва қовонини он аст, ки дар ҳама ҷо машруият дош-та ва ин дар вуҷуди мазҳабӣ будани мардум ва ҳам шеваҳои яктопарастӣ ва ирфону суфиёна хулоса мешавад. Ба баёни дигар мазҳаби мардумӣ иборат аст аз мазҳабе, ки дар чигунагии таҷоруб ва шаклгирии зиндагии рӯзмарра дар ташкили забон ва ҳуввияти фарҳангии ӯ да-холат дорад. Ва барои ҳукумоти Афғонистон низ аз со-лиёни мутамодӣ як асли машруияти дохилиро мабнӣ бар ҳимояти шоҳ ва ё амир аз ислом ташкил медод. Дар ҳоле ки ақидаи исломи сиёсӣ ё инқилобӣ чизи нав дар ҷомеаи афғонӣ ки беш аз се даҳа умр надорад. На танҳо дар Афғонистон, балки дар кулли минтақа яъне қиёмҳои мазҳабӣ, ки дар тӯли чорсад сол, ки аз шимоли Ҳинд шурӯъ шуд, то марзҳои шарқии Афғонистон ва баъдан, ки

салотин ва қудрати бузурги онҳо дар Шарқ, ки мунҷар ба нокоми гардид, исломи сиёсӣ пирӯз нагардидааст.

Ин ислом дар вуҷуди як идеология ё барномаҳои сиёсӣ дар замони ҳукумати Зоҳиршоҳ мавсум ба даҳаи демократӣ то бовари ҳукумати ӯ ба вуҷуд омад. Бинобар падидаи исломгароӣ дар Афғонистон падидаи тоза аст ва исломистҳо, ки муаҷҷиди равшанфикрони таҷадудталаб ва усулгаро ҳастанд, дар ҷомеаи сунатии Афғонистон дар ҳар ду ҷараён рушд карданд. Ҷунбиши исломистҳо, ки дар соли 1957 дар маҳофили равшанфикрони мазҳабӣ ба раҳбарии Гуломмуҳаммади Ниёзӣ сурат мегирад, нахуст онҳо бештар ба шакли як гурӯҳи номунсаҷам буданд, то як ҳизб бо он ки маҳсули шабакаи мадориси ҳукуматӣ ҳастанд, вале боварҳои исломистҳо дар бархурд бо идологияи ғарбӣ, ки дар онҳо пешрафти илмиву техникии ғарбро мушоҳида мекунанд, шакл гирифт. Ва масъалаи аслӣ барои онҳо ин буд, ки бо вифқи завобити исломӣ бо таҳияи як идеологияи сиёсӣ даст зананд. Ҷунбиш дар ду ҳалқа фаъолият доштааст: ҷавонони мусулмон ва дигаре дар атрофи асотид, ки шӯро бар ҳамаи умур назорат дорад ва барои касби қудрати сиёсӣ оғоз ба кор мекунад. Бо он ки дар минтақа гурӯҳҳои мазҳабие суннатгарои мутаассиб бахусус дар Покистон дар баробари низомҳои либералӣ дар ҷангу ситез буданд ва барои мардуми камсаводи сиёсӣ, ояндаи норавшан таҳмил мекарданд, дар ҳоле ки дар Афғонистон шароити сиёсӣ манбаъ ва бақои чунин идеология ҳарчанд ҳам маҳдудиятҳои дафъаиро дошт вале тавъам бо усулгароии афкори пешвоёни араб чун Саид Қутб ва Муҳаммад Қутб фалсафаҳои ҷадид аз ҳукумати исломӣ ва ҷомеаи исломӣ бо нашру пахши китоб ва рисолаи мутафаккирони муосири ислом чун Муртазо Мутаҳҳарӣ ва Алии Шариатӣ исломро аз бунбасти идеологии исломии ҳукумати исломӣ то ҳудуде озод сохтанд. Вале машокили меъёрӣ ба ҳолаш боқӣ монд, зеро ҳар кишваре таърихи сиёсиву фарҳангӣ ва суннатҳои худро дорад ва дуруст ҳамон тавре ки коммунистҳо идеолгии ҷаҳонватании худро дар ақиби ҳукуматҳояшон қарор до-

данд ва нақшаи воҳидеро барои ҳама улгу тавсия мекарданд, ки мунтаҷ бар бархурдҳои бараҳнаи мусаллаҳона гардиданд. Ва саранҷом бисоташон чи аз назари низомӣ ва чи аз назари сиёсӣ аз сарзаминҳои дар банд кашидаашон чида шуд, зеро ки мантиқи силоҳ, хушунат ва таассуб як формули кӯҳнаву зангзада қаблан таҷриба гардида буд.

Қудрати ислом ва бунёдгарии исломӣ ки зодгоҳашон ҷомеаи араб, агар ба ёфтани чунин қудрате дасти дарозтар надоштанд, ин чизи дигаре аст, вале агар даст меёзиданд ояндаи аз ин бадтар интизори ҷавомеи исломӣ мебуд. Дар ҳоле ки коммунистҳои ҷаҳонӣ аз як маркази боэътибори фарҳангӣ ва тамуддонӣ бархоста буданд то исломи инқилобиву мутаасиб, ки аз сарзаминҳои дучори низоъҳои одии зиндагӣ ва проблемаҳои ҳамешагии иҷтимоъ буданд ва дар иқтисод бесомон ва ноамн, албатта тардиде нест, ки гузинишҳои зеҳнӣ барои таъқид ба танаввуъ ва авзоъу аҳвол аст ва илло дар ягонагии манбаи илҳоми равшанфикрони ислом ва уламои дин ва бунёдгароёни исломӣ тардиди фарқ нест (яъне ки Қуръон, суннат ва шариат аст). Вале мафҳуми идеологияи исломиро ислоимстҳо ин тавр баён мекунанд, ки ба истисноӣ асри пайғамбар ва чор халифаи аввал ҳатто ҷомеаи воқеан исломӣ то имрӯз вуҷуд надоштааст, чи ҷое ки аз ҳокимияти исломӣ баҳс сурат гирад. Ё он ки шариати ислом бар баъзе аз ҷавомеъ ҳоким буда, ки теорияи имрӯза дар бораи давлати исломӣ тазмини ин асл аст ва бояд бо тағйири амиқ дар ниҳодҳо пӯёии ҷаззоберо дар нишондани вахйи куръонӣ бар воқеъияти ҳол таваҷҷӯҳ кард, ки ин мааззила тамоми кишварҳои имрӯзии исломиро дар бар дорад. Ва гоҳ-гоҳе дар ин ва ё он кишвари исломӣ дар се гироиши назарии аслӣ сунатиҳо, ислоҳталабон ва таҷадудталабон мавоқеи оштинопазир доштаанд. Зеро дар кишварҳои мухталифи исломӣ ба сурати умум афкори таҷаддудталабона дар миёни ҷавонон, афкори ислоҳталабона дар миёнсолон ва афкори суннатӣ дар миёни кӯҳансолон ба мушоҳида расидааст. Ва инро мавҷи демкоратӣ аз Ғарб бархоста барои кишварҳои арабӣ, ба хусус исломӣ паҳн карда, ки на

танҳо дар сарзаминҳои арабӣ, ки низомҳои симбулик ва намодини исломӣ доштанд, балки дар кишваре чун Эрон ва Суудӣ низ, ки усули қуръониву шаръи мақоми шомихе дар сиёсати дохилӣ ва хориҷиашон дорад, роҳ ёфта, ва ин низомҳоро ба чолиши бузурге кашондааст. Зеро ки ин кишварҳо ҳанӯз ба сони гузашта натавонистаанд модели хуберо аз як низоми исломӣ, ки битавонад дар баробари ҳаёҳуи дунёи имрӯз муқовимати комилан мантиқӣ намояд, ироа бидоранд, ҳамеша саъю талошашон дурӣ аз газанди дигарон, вале бо силоҳҳои кӯҳна ва ҳарфҳои такрорӣ ва ин вазъияте аст, ки онҳо худогоҳу нохудогоҳ васила ва абзори сиёсии қудратмандон қарор гирифтанд то худ мавзеъгириҳои ҳамаҷониба ва мушаххас аз як ҷаҳонбинӣ ва идеологӣ дар баробари дигарон иттихоз намоянд. Давоми ин ҳолат ё мунҷар ба иъодаи ҳукуматҳои саркӯбгар гардида ё ҷавомеъ ба бесомонии мумтад гароидааст, ки дар ҳар ду ҳолат шароити бақо барояшон тангу камдавом гардидааст.

Мардуми Афғонистон низ, ки яке аз ин радифхалқҳои исломӣ буда, бо маҳрумиятҳо ва нобаробариҳо ва ҳақталафиҳои таърихии ҷомеа на танҳо зери таъсири хашини ҳукоми гузашта анъанаи динӣ ва арзишҳои исломии худро ҳифз кардаанд, балки дину мазҳаб ба масобаи сарпӯше бар ҳама шууни ҷомеаи мо мусаллат буда ва ҳукому амирони гузашта бо ҳамаи содагиву камфаросатиашон аз ислому эҳсосоти динии мардуми бесавод дар бақову тадовуми ҳукуматҳояшон истифодаи муассире намудаанд. Дар се даҳаи ахири асри бист бо пусидагии низоми шоҳӣ насими демократӣ роҳашро аз марзҳои бастаи қабиласолории ҳоким ба ҷомеаи мо боз мекунад. Ва мардуми ҷомеаи мо дигар баҳонатарошии режимҳоро дар чуну чарои зиндагӣ, аз ҷумла зиндагии сиёсӣ намепазируфтанд. Ҳамон шуд, ки парлумон ба вуҷуд омад ва аҳзоби сиёсӣ, аз ҷумла наҳзати исломистҳо низ сар баровард.

Исломистҳо аз фазои ба вуҷудомада камоли истифодаро менамуданд бо он ки дар садади баёни мабнои ҳаракоти сиёсии худ баромаданд, вале фаъолияти сиёсии

наҳзати исломӣ бар асоси андеша ва идеологии исломӣ, ки ба манзури истиқрори ҳукумати исломӣ дар муборизаи қудрат қарор гирифтанд, бо вуҷуде ки решаи қавӣ ва мустаҳкам дар батни ҷомеа доштанд, вале муроқибати лозим ва огоҳона аз реша нанамуданд, яъне ки мардуми мусулмон аз чигунагии коркарди онҳо, махсусан дар сатҳи пойин иттилои кофӣ надоштанд. Дар ҳоле ки ҳамин тӯда аст, ки инқилоби воқеиро ба сомон мерасониданд, зеро ислом дар зиндагии мардуми одии Афғонистон чунон русух кардааст, ки ҳеҷ чизро дар баробари он арҷаҳият (баландӣ) намедоданд, – валав аз гуруснагӣ мемиранд. Ин ҳассосиятро дарк накарданд ва монанди чапиҳо дар пайи касби қудрати сиёсӣ баромаданд. Чи аз тариқи фраксиони парламонӣ ва чи аз тариқи фаъолиятҳои сиёсии махфӣ ва нимамахфӣ бо он ки ҷидолҳо дар сатҳи макотиб ва иҷтимооти расмӣ кашонда шуда буд, вале фаъолияти исломистҳо маҳдуд буд, яъне дар ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ҳузури чашмгир надоштанд, тамоили равшан низ бо худ надоштанд.

Исломистҳо баъд аз он ки аз саҳнаи сиёсӣ дар замони Довудхон ба инзиво рафтанд, пас аз пирӯзии чапиҳо ва бахусус ҳуҷуми артиши сурх ба муқовимати мусаллаҳона гузаштанд, лекин қудрати таъсири робитаи қаблиро бо мардум надоштанд. Бо вуҷуде, ки ангезаи муносибро дар шуури мардум аз ҳуҷуми артиши сурх ва дифоъ аз ислом эҷод карданд, вале шеваи посухгӯӣ шонаҳои мардумро хам карду зиндагии одии мардумро сахт дар мазиқа (тангдастӣ) бурд. Яъне ки исломистҳо бо лашкариёнашон робитаи хешро тавассути силоҳ бо мардум эҷод карданд, ки ин силоҳ ҳатто ғарази ишбоҳи хоҳишоти нафсонии шадиди иддаи силоҳбадаст меанҷомид ва лашкариёнро баъзан дар баробари мардуми оддӣ қарор медод. Аз тарафе бо тағйири вазъи сиёсӣ-низомии минтақаву ҷаҳон исломистҳои муҷоҳид девонаву шайдои пирӯзӣ барои тасоҳуби қудрати сиёсӣ ҳатто ба кӯмаки ғарбиҳо ва як идда кишварҳои ҳомии арабашон буданд. Ба ҳар ҳол ҳаракати сиёсии исломистҳо дигар ғайримустақим тавас-

сути гумоштагони ғарб ва рақибони сиёсии ҷаҳонии шӯравии собиқ раҳбарӣ мешуд. Биноан ояндаи торик аз пирӯзии муҷоҳидин ва истиқрори ҳукумати исломистҳо ва мавқеияти сиёсиашон дар даст ёфтан ба ҳукумати воқеии исломӣ аз гузашта баъид (боварнакарданӣ) ба назар меомад. Зеро исломистҳо ё гурӯҳҳои муҷоҳидин дар муомилаи худ доду гирифт доштанд ва мубодилаҳо ҳарчанд ки возеҳ ва рӯшан бошад, бо он ҳам тарафайн дар камини якдигар бар мабнои манофеи худ ҳастанд. Чи расад муомилоти сиёсӣ, ки аксаран ғомиз ва дар хифоъ сурат мегирад.

Яке аз далоиле, ки ин дидгоҳро рӯшан месозад, тааддуди танзимҳо ва гурӯҳҳои муҷоҳидин ва чигунагии тамвил ва тақвияти онҳо бо имконоти ҳарбӣ ва лужистикӣ ва гусилу раҳбарии онҳо дар манотиқи мухталифи кишвар барои ҷангу муқовиматҳои мусаллаҳона буд. Бо он ки тартиби ба пирӯзӣ расидани муҷоҳидин миёни ҳомиёнашон низ ихтилофоти назар вуҷуд дошт, вале тавофуқот ҳам наметавонист муҷоҳидинро дар истиқрори ҳукумати исломӣ кӯмак кунад. Зеро барномаҳои қаблии ҳомиёнашон дар ифтироқи муҷоҳидин, ки пахшу нуфузи андешаи камгироӣ ва маҳалгироӣ мазиди шохаҳои гурӯҳӣ ва созмонӣ ва танзимияшон буд, корро мушкил сохтанд. Чунон ки баъд аз пирӯзии муҷоҳидин далели аввал нагузошт, ки раҳбарон канори ҳам дар як ҳукумати исломӣ тавофуқ кунанд. Ҳамон буд, ки тафаккури ҳукумати исломӣ аз назари рӯшанфикрон ва огоҳон монандқи гузашта як ақидаи беш боқӣ намонд. Дар ҳоле ки мардуми авом дар паҳлӯи мазҳабашон амният ва оромиву корро низ орзу доштанд ва ин тасаввури содаро доштанд, ки муҷоҳидин пас аз пирӯзӣ бояд силоҳашонро бар замин гузоранд. Ин кори таҳсилкардаҳост, ки ҳукумат созанд ва ҷомеаро раҳбарӣ кунанд. Вале тамиз ва тафкик кардан барояшон мушкил буд бидонанд ҷомеа бо ҷо афроди таҳсилкардае раҳбарӣ гардад ва ояндаи ақида ва мазҳабу ҳомию нигаҳбони он дар ҷомеа ва ё дар баробари дигарон чӣ мешавад. Бо он ҳам ҳукумати исломӣ бемӯҳтаво ва бе барнома шиносоии худро дар миёни кишварҳое, ки ба

наҳве зи дахли қазия буданд, ҳифз кард, яъне ҳукумати исломии маҳз чанд маворид дастурҳои ошнои шаръӣ ва қуръонӣ чизи дигаре барои мардум пешкаш накард. Ва хаёл ва идеяи ҳукумати исломӣ чунон дар коми тазодҳо ва ихтилофоти миёнгурӯҳи фурӯ рафт, ки расмҳои маъмулии таърихӣ ва ахлоқии мардумро низ камасар ва беарзиш сохт. Хулоса, агар ислом ва ақидаи динии мардум дар садри ислом, яъне бо зӯри шамшер барои зудудани тарси мардум аз он чи дар гузашта буда, балки худ тарсро низ эҷод кардааст ва ин тарс насл ба насл ҷузъе аз эҳсосоти мо мубаддал гардидааст, ки бо мурури айём дар баробари машокили иҷтимоӣ мубрам ва маҳкам гардид. Биноан агар дини ислом ҳамеша мазҳари ягонагию якдилии мардуми Афғонистон буда, аз сӯи ҳам мояи биму тарс барои ҳокимон ва иқтидорашон низ будааст. Ва ҳеҷ гоҳе ғарази наздик овардани мақом ва чойгоҳи дин дар низоми сиёсӣ талоши мусбат сурат нагарифтааст ва ҳар гоҳе ҳам ки зулму бедод аз девораҳои низом ба баландӣ мегирифт, дар баробари он ба руёрӯӣ мепардохтанд ва низом ҳам бо кулли қуввояш дар муқобили он ба дифоъ ва ҷанг мепардохт, ки ин муносибот ва равобит бо мурури айём низомро ҳукумати даҳшату ваҳшат ва исломро ақидаи ноҳамвор бо назми иҷтимоӣ дар зандагии инсон тасвир мекард ва саранҷом мехи ақибгароӣ ва ақибмониро бар сари мо мекӯфтанд. Ва ин дуруст баҳонае барои душманони хоки мо буд, ки дастони нопок ва ғаразонаи худро дар ҳарими кишвари мо дароз дошта бошанд. Баъд аз пирӯзии муҷоҳидин ин гиреҳ на танҳо боз нагардид, балки ба гунаи дигаре вориди саҳна гардиданд. Ин бор исломро ваҳшатзо, хатарнок ва ақидаи дугум дар миёни афроди бесавод ва камсавод муаррифӣ намуданд ва заминасозиро барои як муқобилаи бузурги ҷаҳонӣ алайҳи самараи ҷиҳод ва ҳукумати муҷоҳидин рехтанд. Дар ин шаке нест, ки қавми бузурги тоҷик дар ҷамъи соири ақвом сокини кишвар дар ҷиҳод ва муқовимат саҳми фаъол ва беназире доштаанд ва қурбониҳои азиме дар ин роҳ низ додаанд. Ва ин тасодуфӣ набуд, ки Раббониву Масъуд бо ҳузури фаъол

ва нақши мусбаташон дар ҷиҳоди исломияшон дар раъси ҳарами қудрат қарор гирифтанд ва муттаносиб ба шароити замон заминаи эътилоф ва эҷоди як низоми ҳамашумул пешниҳод ва мусоид намуданд. Бо вуҷуде, ки ташкилоти худи танзими ҷамъият дар мавқеъияти хуби миллӣ ва мазҳабӣ барои тасоҳуб ва эҳрози қудрати сиёсӣ қарор дошт, бо ин ҳам маслиҳати низоми сиёсии фарогири миллӣ ва ҳизбӣ дар азму амалкарди Бурҳониддин Раббонӣ ва Масъуд ба вузӯҳ ва мушоҳида мерасид, ин ки шеваи таҳаққуқи он ҳақ маҳфузи ҳар сиёсатмадор ва ҳар ҷараёни сиёсӣ дар ҳамаи давру замонҳо буда ва боқӣ хоҳад монд, ҷойи тардид нахоҳад буд. Хулоса, метавон гуфт, ки идораи исломӣ баъд аз реҳлати Расули акрам (с), ки рисолати паёмбариашон хомӯш шуд ва масъалаи ҷонишинашон тафриқа ва худхоҳиҳоро ба бор овард, пайваста ё зери таъсири нажод ва сурвати аъроб, туркҳо ва ё ҳам рақобати соири адён, бахусус масеҳиён ва фарҳанги ғарб, ки дар мавриди ахир бештар аз боби рақобати сиёсӣ ва ҷаҳонкушоии давлатҳои бузург воқеан гардида буд. То аз асари заъфҳои амалӣ ва назарии сиёсат дар дунёи кунунӣ ва асри ҳозир, ки рақобатҳои сиёсиро мавозӣ ба пешрафти илму техник ва дигар соҳаҳои фарҳанг ба пеш мебаранд, эҷоди низоми комили исломиро бештар аз пеш маҳол гардонидааст. Ва фақат миллати босавод ва огоҳ ва мӯътақид ба оини ислом ва дастурҳои амалии ӯ ва бо худкифоии иқтисодӣ ислом метавонад арзишҳои худро бо тазмини иҷроиявӣ, аммо пӯё ва ба маслиҳатҳои замон ва ниёзи амаливу назарии ҷомеа ва дар эҷоди ҳукумати ислом ҳифз ва истифода намояд. Аз ин рӯ барои Бурҳониддин Раббонӣ ва Масъуд таъсиси як давлати исломӣ бар хилофи ақидаи иддае, ки ҷараёноти пас аз пирӯзии муҷоҳидинро дар эҷоди як ҳукумати қоим ва ҳоким дар ҷомеаи афғонӣ ба тавоноии ин қавм ва ё заъфи он қавм ва ё ин шахс ва он шахс марбут ба ақвоми мухталифи ҷомеа, минҷумла қавми тоҷик нисбат медиҳанд, кори бас мушкиле буд. Дар ҳоле ки агар гуфтаи маъруфи аз илми сиёсатро, ки таҳлили мушаххас аз авзои мушаххас истинод

қарор диҳем, яъне иқтисоди ҷомеа, фарҳанги ҷомеа ва саводу таърихи ҷомеа, муносиботи сиёсӣ, ҳамҷаворӣи ҷомеа ва равоншиносии ҷомеаро ба сурати умумӣ ба санҷиш кашем, он гоҳ ба вазъи ҷадид бар мабнои фактурҳои кор мубарро аз анвои таассубот ба довариву қазоват ба гунаи хос бо ашхос ва чеҳраҳои матраҳ бипардозем, кори мунсифонае анҷом додаем. То диди тангназарона ва бадбинона нисбат ба як қавм ва ё як фарде, чи ҷое ки қавми тоҷик ифтихори асри тиллоиро дар тамаддуни башарӣ дар сиёсат ва ҳукуматдорӣ, адабиёт ва улуми мухталифи даврон ва рӯзгоронашон бо худ доштаанд, ки инро ниҳодҳои илмию таҳқиқотӣ пайваста эътироф намудаанд. Аз шоҳ Исмоили Сомонӣ, ки асосгузори нахустин давлати тоҷикон аз авохири асри нӯҳи милодӣ то поёни асри даҳи милодӣ қариб ба як қарн дар ҷуғрофиёи бузарге аз Эрон то ҳудуди нисфи ғарбӣ ва шимолии хоки Афғонистони кунунӣ, манотиқи Осиёи Миёна илло ҷануби Русия ҳукм меронданд, ривояти наҷибе вуҷуд дорад, ки «Исмоили Сомонӣ аз кӯчабоғе мегузашт ва дид, ки як шохи дарахти себ аз девор хам шудааст ва себҳояш пухта. Адади себ бишумурд ва гузашт. Шаб аз ҷое, ки манзил карда буданд ходимеро фармуд, ки ба фалон кӯча бирав, шохи дарахти себ овезон аст ва бишумур, ки чанд себ дорад. Рафт. Ва баъд аз бозгашт ададеро гуфт, ки Исмоил шумурда буд. Ӯ шукр кард, ки ин миқдор аскараш аз зери он шохи себ гузаштаанд ва донае аз он кам нашудааст». Ва ё дар ақсо нуқот ва ҳудуду қаламрави императории хеш нутфаҳо ва алоими аз давлатро пароканда буд. Мардум эҳсоси амният ва оромӣ дар соҳаи буду бошашон менамуданд ва ин дар ҳоле буд, ки Урупо бо ин ҳама пешгомии имрӯзаш даҳ аср пеш ба сарзамине мемонд, ки дар ҳудуди он қонуни ҷангал ҳоким буд ва инсон инсонро медарид. Аз ин рӯ мебинем, ки тоҷикон дар хиттаи иқтидори низомияшон низоми сиёсии мунсаҷаме басич низ доштаанд. Аммо он чи ки мавриди диққат ва таҳлилу тафаккур аст, ҷавви хоси милливу байналмилали пас аз пирӯзӣ ва қабл аз пирӯзии муҷоҳидин аст, ки вазъи илтиҳобиро дар ҷомеа таровиш дод.

* * *

Аз он ҷое, ки пайдост, қабл аз пирӯзии муҷоҳидин мушаххасаи барҷастаи ҷиҳоди муҷоҳидин яке адами тамаркузи идории қавии муҷоҳидин дар Покистон; дуввум мушовираи мудовим ва таъсиру нуфузи рӯзафзуни ҳалақоти истихборотӣ дар тавонӣ бо бархе аз созмонҳо ва ҳарактҳои исломии қавмии манотиқи ғарбиву шимолуғарбии Покистон; савум, набуди як стратегияи воҳид миёни кишварҳои ғарбӣ ва исломии ҳомии муҷоҳидин. Гувоҳии айнии мо яке тақсим ва тавзеҳи кӯмакҳои ин кишварҳо дар қисмати пул ва ҳам дар қисмати силоҳ буд. Дар он вақт маълум набуд, ки рӯи чи далел як танзи мавриди таваҷҷӯҳи хос қарор мегирад ва дигарон дар паллаи дигари тарозу қарор дода мешуданд. Бо он ки ин вазъиёт дар вақту замонаш таъсироти сӯ ва нифокафканонаи худро дар суфуфи муҷоҳидин бармало сохта буд, вале дар ҷараёни истиқрори ҳукумати муҷоҳидин самараҳои манфии бешумори дигарро низ ба бор овард. Тавре ки давлати Покистон, чунон ки дар гузашта меҳвари аслӣ дар сиёсатгузориҳои хориҷӣ ва наҳваи амалкарди низомӣ ва созмонии муҷоҳидини дохили Афғонистон ба ҳисоб мерафт, саъй кард то нақши қаблии худро дар чигануигии барпоии низоми исломӣ аз зовияи манофеи озмандонаи миллии худ он ҳам бар мабнои тавсиаҷӯӣ мустамар гардонад. Дар як чунин шароити печида Покистон бо иттихози равиши дугона Гулбиддини Ҳикматёрро ба гунаи мармузе тарғиб ва татмеъ ҳарис менамуд, то аз тариқи амалиёти пайиҳами низомӣ бар зидди идораи навбунёде, ки ҳанӯз либоси эътимод ва озодии воқеии ҷомеаро ба бар накарда буд, вориди ҷанги қудрат гардад. Ва натиҷаи онро ба ҳар шаклу мӯҳтавое, ки иттифоқ афтад, ба гӯш ё азҳон бирасонад, ки маҳсули ҷангҳо, ихтилофҳо ва душманиҳои дерина худи муҷоҳидин ва маҳз як бархурди низомӣ қаламдод кунад. Аз ҷиҳати дигар тавонист маҷмаи қобили мулоҳизаи муздурони худро аз даҳлези гурӯҳҳои танзимӣ дар таркиби ҳукумати ҷиҳодӣ дар Кобул шомил

намояд. Ба ин тартиб давлати Покистон қодир шуд мавозеи стратагиро низ дар даруни низом заминагузорӣ намояд. Махсусан замоне, ки ноумедиҳое аз ҷангҳои мустақим ва руёрӯйи низомӣ эҳсос мешуд, шиддат гирифт. Бинобар ин амалиёти ҷосусии барандозӣ ва тахриб ба воситаи гумоштагон, ки постҳои муҳимми давлатиро дар ишғоли хеш доштанд – аз дарун камтаҷрибагиҳое ошкоро бархе аз гардонандагони низом рӯи шеваи канор омадан бо бархе аз муҷоҳидини норозӣ ва гурӯҳҳои матраҳи сиёсӣ – адами дарки дуруст аз тақаррур ва азли кадрҳои худӣ дар постҳои ҳассоси бахшҳое аз ҳукумат. Ин ҳама силсилаавомиле буданд, ки фурсатҳо ва заминаҳои бурузи як системаи идории масъул ва коромадро салб бекор намуда, дар ин ҳол тамоми кӯшиш ва ҳиммати ҷараёни шаклгирифта дар дохили Афғонистон ҳамвора ба умури дифои мунҳасир боқӣ монд ва маҷоли андешидан дар мавқеи муносиб фаротар аз онро надод. Илова бар он усулан чеҳраи мушаххас аз чигунагии сиёсати хориҷии давлат вуҷуд надошт. То бар мабнои он наҳвае бархурди канишҳо ва воканишҳои соири давлатҳо дар замина ба санҷиш ояд ва бисёре аз кишварҳо мунтазири рафъи ибҳоми мавҷуд монданд. То бубинанд авзоъ ба кадом самту сӯе хоҳад рафт. Ин амр низ мазид бар авомили фавқ дар адами шаклгирии як низоми боинзиботи идорӣ дар соири ниҳодҳо ва таъсисоти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар ворид кард ва аз тарафе ба масобаи яке аз факторҳои умда боиси идомаи ҷанг гардид. Зеро дар набуди як меҳвари пурҷозиба ва мавриди эътимоди кишварҳо умдатан дар садади сармоягузории бештар дар миёни гурӯҳҳои сиёсӣ бароманданд, ки фикр мешуд дар оянда ба ҳайси маъбар ва канали нуфузии онҳо амал хоҳанд кард. Хулоса дар вазъияти ҳукумати муҷоҳиди ҳама чиз кур ва таҷрубӣ буд. Дар ин ҷо беҳтар хоҳад буд дар бахши равобити хориҷӣ ва чанду чуни низоми идории ҳукумати муҷоҳидин қисмате аз мақолаи зери номи «Низоми идории давлати танзимӣ» ба қалами Милод мунташир шуда, (дар нашрияи «Ҳамбастагӣ» № 50, 5 марти 2001 с. 6) иқтибос намоем: «Дар бахши идории

равобит ва сиёсати хориҷии давлати муҷоҳидин ба чанд вижагӣ бояд ишора кард. Аввал – ниҳоди мустақил ва дорои салоҳият вуҷуд надоштааст, то бароянди куллии афкор ва андешаҳои гурӯҳҳои сиёсӣ ва тайфҳо ва ҳавзаҳои мухталифи иҷтимоии кишварро тавҳид ва баъд полоиш ва тадвин ба шакли як сиёсати хориҷии мунсаҷам ироа намояд. Дар иваз аксари афроди шоғил дар постҳои сиёсӣ ва дипломатии дохил ва хориҷ, ки ҷолибанд, фоқиди шуури сиёсӣ низ буданд, ба таври возеҳе намояндаи сиёсатҳо ва афкори танзимӣ ва қавмии худ будаанд ва дар воқеъ намояндаи давлат. Масалан, гуфта мешавад дар фалон мамлкат нафаре Пир Гелонӣ сафир аст, пас бояд дар фалон ҷо нафаре Мавлавии Холис сафир бошад. Он ҷо сафир аз Ҳазрат Муҷаддадӣ ҳаст, пас секретари аввал бояд аз иттиҳод бошад ва ҳоказо. Абъоди бӯҳрони ношӣ аз ин ҷӯроҷӯриро шумо худ қиёс кунед. Дуввум, гурӯҳҳо мазоф бар маҷории вазорати хориҷа аз тариқи каналҳои танзимии худ бо давлатҳо ва соири воҳидҳои фурӯмиллии дигар кишварҳо равобит барқарор мекунанд. Ин амр илова бар зиёни ҷубронноопазири он бар амнияти миллӣ, дастгоҳи идории хориҷиро ҳам беэътибор сохт ва давлатҳои дигар амалан бо як кишвари таҷзияшуда мувоҷеҳ шудаанд. Савум – сирояти бемории бумиандешӣ дар заминаҳои сиёсат низ боиси бархе таъмимҳои нобаҷо ва ноҷоиз гардид. Ба таври мисол, ҳар гоҳ шахсе дар ҳалли масоили муҳитӣ андак истеъдоде аз худ таборуз дода буд, онро бар тавоноии он шахс дар ҷиҳати вуруд ба ҳавзабозиҳои сиёсии чандбуъдӣ ва печидаи фаромиллӣ қиёс карданд. Дар натиҷаи ин таъмими бемаврид бархе афрод бо ифои нақши ноҳамсоз бо иҷбороти шароити мавҷуд чашмандози равобити хориҷиро тиратар сохтанд. Чорум – вуруди ахлоқ, хусусиёт ва фазои давраи танзимӣ дар арсаи давлатдории «тарсаки зоҳидона» ношӣ аз тақаддусмаобии шиоргароёнаи гузашта дар амал монеи он шуд, то марзбандиҳои ҷадиди ҷаҳонӣ мушаххас гардад ва мо бидуни таваҷҷӯҳ ба дағдағаҳои идеологӣ ва дар ҳайати як давлат бо кишвар ва миллатҳое, ки моро на ба ҳайси як

афзор, балки ба масобаи миллати озод ва шарофатманд шинохта буданд, вориди муомила мешудем.

Бо ин ҷастори кӯтоҳ мумкин аст ишорае рафта бошад бар шохисҳо ва наҳваи идораи равобити хориҷии кишвар дар давлати муҷоҳидин. Аммо вазъияти низоми идорӣ дар соири ниҳодҳо ва органҳои давлатӣ аз он ба маротиб бад-тар аст. Нухбагони танзимҳо бо таваҷҷӯҳ ба мавқеияти онҳо дар беруни кишвар ба гунае парвариш ёфта буданд, ки натавонанд алтернативи як низоми идории солим ва қонунманд воқеъ шаванд, дар воқеъ дар миёни ғолиби ин афрод як чунин дилмашғулие ҳам вуҷуд надошт. Масъу-лияти асосии онҳо дар воқеъ аз аввал мушаххас буд. Басиҷ дар марокизи бурунмарзӣ тадорукот ва ироаи хадамот мухталиф буд барои ҷабҳаҳоти муқовимат дар дохили кишвар. Гузашта аз ин вақоеъ он чиро ба унвони таҷзияи фикрии ҷомеаи мо ироа кардан филвоқеъ дарёфтҳо ва боварҳои бахше аз рӯшанфикрони динии бурунмарзӣ буд, ки аз лиҳози таҷриди короии он ба исбот нарасида буд. Идеализми он рӯшанфикрон бо воқеиятҳои ҷадид дамсоз нагардид ва аз тарафи имомони муддаии татбиқи ин аф-кор дар ҷомеаи мо худ имони муттакие нисбат ба онҳо на-доштанд. Дар натиҷа ба ҷои воқеият навъе фани хитобаи пуртумтароқ ва мамлу аз шиорҳои бебунёд ва интизоӣ дар миёни онҳо ривоҷи густурда ёфт, дар ҳоле ки аксарияти онҳо бо он чи мегуфтанд, амал намекарданд. Дар ҳақиқат он идда танзимҳое, ки барои касби қудрати сиёсӣ лаҳзашуморӣ мекарданд, на бо барномаи амалӣ ва дасту-рии мардум, балки бо кӯлвори ошуфта ва мамлу аз шиорҳои дарҳаму барҳам давлатро таҳвил гирифтанд. Бо ин ҳам давлатдорони ҷадид муддаии эҷоди тағйироти бунёдӣ дар заминаҳои идорӣ, низомӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар низ буданд. Аммо ба зудӣ тааррузи ношӣ аз ши-кофи амиқ миёни ҳарфу амал ҳама чизро бо бунбаст мувоҷеҳ сохт.

Бар чанд вежагии низоми идории далати муҷоҳидин бояд таъкид кард. Аввал, мафкураи он чиро, ки ба номи умури идорӣ дар муҳити ҳиҷрат ва дар миёни гурӯҳҳои

танзимӣ шакл гирифта буд, бо худ ба Кобул оварданд. Таъсироти равонии ин тарзи тафаккур тавре буд, ки дигар бисёр аз кормандони баланпояи давлат ҳозир набуданд қайду бандҳои муҳим аз як низоми идораи қонунии як низомро мутақаббил шаванд ва бархе аз онҳо дар бисёрии маворид худро фаротар аз қонун медонистанд. Аз ин рӯ яке аз мушаххасоти ин давра қонунситезии фарояндаи он аст, ки ба як беназмии фарогир майдон дод.

Дуввум, мушаххасаи дигар адами тамаркузи идорӣ дар тамоми арсаҳост. Покистон бо фароҳамсозии фазои рушд барои гурӯҳҳои мухталиф амалан заминаи тааддуди танзимиро мусоид сохт. Танишҳо (низоъҳо) ва бӯҳрони бархоста аз ин тааддуд ҳарчанд дар даврони ҷиҳод монеи умда бар сари роҳи тамаркузи идорӣ ва сиёсии муҷоҳидин гардид, вале таъсироти тахрибӣ ва бунёдбарандози он баъди ташкили давлати муҷоҳидин комилан ошкор шуд ва дар паёмади он ҷуғрофиё ва мардуми кишвар амалан дар миёни танзимҳои мавҷуд таҷзия шуд. Бинобар ин ба ҷои идораи давлатӣ навъи идораи номутаҷонис (гуногун) ва мутаоризи танзимӣ аз вилоят то кӯчактарин воҳиди идории кишвар ҳоким гардид. Бахшҳои иҷроӣ ва қазоӣ дар миёни ҷиноҳҳои мухталиф тарака ва тақсим гардид. Вазоратхонаҳо бар марокизи низомӣ ва таблиғотии ҳизбӣ-гурӯҳӣ мубаддал шуд. Ҳар идора ё раёсат ва ё вазорат бо сохтмони он ҳамчун мулкияти ғайриманқули танзимҳо талаққӣ мешуд ва касе ҳозир набуд чавкиеро (вазифаеро) бидуни зӯри низомӣ тахлия намояд.

Савум, асли муҷозот ва мукофот ва баррасиву бозпурс дар умуроти идорӣ ва молӣ тақрибан аз миён рафт. Руасо ва вузаро мутаккӣ бар нерӯи ду нишони худ медонистанд, ки дар баробари марҷаъ аз шеваи иҷроот ва амалкарди худ ҷавобгӯ бошанд.

Чорум, тақсими салоҳиятҳо ва симматҳо ҳама бар асоси маслиҳатбиниҳои танзимӣ ва пайвандҳои гуногуни дигар сурат мепазируфт ва дар он асосан ҷое барои тарҳи шохисҳое назири тахассус қудрати мудирият огоҳӣ ва вафодориҳои миллӣ вуҷуд надошт.

Панҷум, бо воруди унсури назми ҷиҳоди чандгурӯҳӣ дар арсаи артиш ва урдуи миллӣ ташкилоти муназзами артишӣ комилан аз ҳам пошид. Адами тамоили танзимҳо ба эҳёи муҷаддади низоми аскарӣ ва таъкид бар ҷойгузинии равишҳои суннатии ҷиҳоди ягона такягоҳи миллӣ ва намуди мавҷудият ва истиқлоли кишварро бо мухотираи ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохт. Ҳарчанд ҷилавгирӣ аз фурӯпошии урдуи кишвар ба далели алоиқи фикрӣ, қавмӣ ва минтақавии артишиён ва нақши Покистону танзимҳои муздураш мушкил ба назар мерасид, маъҳазо кӯшише ҳам дар ин росто сурат нагирифт. Ба ин тартиб корномаи идории давлати муҷоҳидин бо назардошти далоиле, ки дар унсури гузаштаи ин бахше аз китоб зикр гардид, дорои вуҷӯҳи манфии фаровонест. Маъҳазо зикри ин ангезае низ аст, ки агар дар дунёи имрӯз бидуни эътиқод ва тавассул ба як низоми идории бо инзибот мунсаҷам ва дорои зерсохти қонунӣ пешбурди умур имконпазир нест. Мондагорӣ ва тадовуми як давлат ва ё ҳар ниҳоди дигар аз ҷиҳати дар гарави мавҷудияти бофти ташкилотии органик ва мӯътадили созмони идории коромад, плону барномарезии усулӣ, мудирияти фаъол ва пӯё, системаи контрол ва бозпурс ва ба коргирии афроди мудир, мудаббир ва корсоз мебошад, ки бо тасохул ва бетаваҷҷӯҳӣ нисбат ба ин умур натоиҷи зиёнбори худро».

Вале матлаби фавқ, ки муайянкунандаи як амри куллӣ мебошад, пешзаминаҳои истисноиеро қавиан хоҳон аст, то унсури назм ва суботро дар симои давлат ва ҳукумат дар ҷомеа дарнавардад. Ва пешзаминаи истисноиро дар ҳукумати муҷоҳидин метавон дар ду чеҳра намоён сохт: якум - фурӯкаш намудани туғёни ношӣ аз қатъи силсилаи суннатии ҳукуматҳои бархоста аз як қавм тавассути ҳалақот ва гурӯҳҳои муайян ва матраҳи ҷомеа бар мабнои тақвои динӣ, ки нашуд; дуюм - рехти қолиби як низоми динӣ, ки дар ҷомеаи Афғонистон собиқае надошт, бо назардошти бофти иҷтимоӣ ҷойгоҳи фарҳангӣ-таърихии ақвом, зиндагии гузаштаи адён ва мазоҳиби гуногуни ҷомеа, мутолиаву санҷиш аз унсурҳо ва мафоҳими ғарбӣ,

теорияҳои гуногуни сохти низомҳои сиёсӣ, лоақал мақтаӣ ва дар маҳдудаҳои замонӣ, ки нашуд. Аз ин рӯ хислат ва шиносномаи давлатдорони давлати муҷоҳидин ва давлаташон ба масобаи гиреҳи бозношудае боқӣ монд.

## УРДУ ВА СОБИҚАИ ҶАНГҲО ДАР АФҒОНИСТОН

Ҳамон тавре ки дар сафаҳоти гузашта шарҳ додем, ҷомеаи Афғонистон аз қурун ва аъсори гузашта агар маркази таҳаввулоти маҳдудаҳои ҷуғрофиёии сарзаминҳои бостонии мо то имрӯз буда ё ин ки фишорҳои аҷониб аз Шарқ то Ғарб монанди саккоиҳо, портҳо, ҳунҳои сафед, муғулҳо, тоторҳо ва даврони ахир англисҳо ва русҳо буда, дар ҳама ҳол истодагии мардум, афвоҷ, лашкарҳо, сипоҳҳо ва урдуҳо, ки таҷзияшуда аз нерӯи ҷавонони силаҳшӯр, бебок ва озодихоҳ машҳуд будааст, ин урдуҳо аз содатарин ташкилот бархурдор буданд. Ва бинобар муқтазиёти асру замон бо тиру камон, сангу фалоҳан, найзаву шамшер муҷаҳҳаз мегардиданд ва қумондонони нухба ва сардорони ҷангӣ дар он таваллуд меёфтанд, рушд мекарданд ва ба паҳлавонони машҳур ва бо эътиборе табдил мешуданд ва қиёдату қумондаи сипоҳиёну лашкариёнро ба ӯҳда мегирифтанд, ҳанӯз дар ҳофизаи таърих боқӣ аст. Вале урду бо ташкилоти мунсаҷам дар қарни 18 ва баъд бо кайфияту камияти хос зери сояи қудрати марказӣ дар ҷомеаи мо арзи андом мекунад, ки баъдҳо урду илова бар он, ки ба хотири манофеи арзии худ хонда ва шӯришҳои мардумӣ ва қиёмҳои озодихоҳонаи мардум низ дар ҳақхоҳиҳо аз он истифода бурданд, ки илло давраи амир Абдураҳмонхон шоҳон ва амирон монанди он, ки дар дигар соҳоти умумии ҳаёти ҷомеа заъфу нотавонии ҷиддӣ доштанд, дар арсаи низомӣ низ натавонист назми давраи Аҳмадхонро ҳифз ва инкишоф диҳад. Бо ин ки «дар давраи амир Абдураҳмонхон ба гуфтаи мир Муҳаммадсиддиқи Фарҳанг: «рӯиҳамрафта як урдуеро аз нигоҳи қувваи оташ, назму дисиплин ба лашкарҳои қавмӣ

тафовуқ дошт, ба вуҷуд овард». Инкишофи урду ва тартиботи иҷроиши амалкардҳои ӯ аз авохири қарни 19 ило авоили қарни 20 ва он дуруст аз замони салтанати амир Ҳабибуллохон оғоз меёбад, вале намуна ва намудҳое аз ташкилоти урду дар Афғонистон дар давраи амир Шералихон шакл ёфта буд ва мавқеияташ дар қадамҳои нахустин буд, яъне ташкилоти болотар аз ғунд, вуҷуд надошт. Бо он ки зарурати он кашф гардида буд ва сунуфи пиёда, савора ва тӯпчӣ ва таълимномаҳои урду нашр мешуд, дар таълимгоҳҳо дарс дода мешуд ва корхонаҳои тӯпрезӣ, туфанг ва борутсозӣ сохта шуд. Керч (шамшер) низ аз корхона берун меомад, дар ҳоле ки чунин заминаҳо ва шароит дар дохил муҳайё гардид, вале устодони дарси низомӣ ва баъзе маводи ибтидоӣ аз хориҷ ва бо дастури англис, ки ба манофеи миллии кишвари мо вифқ (созгор) надошт, оварда равон мегардид. Бо он ҳам урду, агарчи шакли аскарӣ ба худ дошт, униформ барои аъзои урду қабул шуд, урду дар замони Ҳабибуллохон бо эҷоди макотиби ҳарбӣ аз назари фановарӣ вазъи беҳтаре ба худ гирифт ва ҷойгоҳи худро ба масобаи синфе аз сунуфи иҷтимоӣ дар ҷомеа ёфт. Дар айни ҳол итоати кӯр-кӯрона аз иҷрои авомир, қумондонон ва мофавқон комилан риоят мешуд. Набии Азимӣ менависад: «Афкор ва ақоиди мутараққӣ ва навин дар урду дар нутфа хафа мешуд, тамоилоти озодихоҳонаи ҷавонони урду, ки гоҳе такравона ва гоҳе гурупӣ таборуз мекард бо хушунат ва сабъияти хосе посух меёфт ва ба як марказ ва манбаи ҳифзи қудрат мубаддал гардид». Яъне низомҳо ва раҳбарони сиёсӣ дар ҳул ва меҳвари урду рангу бӯи низомашонро таъйин ва дар ҷомеа дар чеҳраи он раҳбарӣ меронданд, ки ин дарку бардошт аз низоми лашкарии ҳукумат мардумро солҳо дар як фазои мухтаниқ (хафакунанда) ва ҷавви носолим қарор дода буд ва урду василаи ҳимоят ва посдорӣ аз оммаи ҷомеа на, балки ба як ниҳоди тарсзо дар ҷомеа дар ҷиҳати амалкарди низоми сиёсӣ ва дастурҳои амирон ба гунаи классик амал менамуд, ки баъдҳо урду дар замони Зоҳиршоҳ дар сиёсат низ дохил мешавад ва ҳар рӯйдоду

таҳаввуле дар иттикои як тоқат ва барномаи низомӣ шакл ёфтааст. Тафаккур дар боби ҷанг ва чигунагии ҳидояти он дар ҷабҳаҳои набард дар тӯли замон ва таҳти таъсири авзои иҷтимоии хос дигаргун шудааст. Ва ин тавре матраҳ мешавад, ки ҷанг дар ҷавомеи аввалия воқеаи сирфан иттифоқӣ буда ва эҳтиёҷи ба муқаддимот ва барномарезӣ чи аз бобати теъдоди нерӯҳо ва чи аз назари абзорҳо ва доманаи ҷабҳаҳо надошт, дар ҳоле ки дар мароҳили баъдӣ ва дар ҷавомеи такомулёфтатар барномарезиҳои дақиқ ва санҷида дар ҷангҳо аз авомили муҳим ва сарнавиштсоз барои пирӯзӣ шудааст.

* * *

Ҷангҳо дар як нигоҳи таърихӣ ҳамвора раванди такомулӣ доштанд ва стратегияҳо ва низ фунуни ҷанговарӣ дар он таҳаввул пайдо кардааст, ки ба тавсеа ва такомули силоҳ низ дар ақвоми мухталиф мунҷар шуда, чаро ки ин таҳаввул раванди шаҳрнишинӣ ва шаҳргироиро ташдид кард. Бо гузори ҷомеа аз марҳалаи ибтидоӣ бар марҳалаи суннатӣ ва пешрафти фунун дар ҳавзаи масоили марбут ба ҷанг дар мутаҳаввил шудани ҷанг ва тағйири моҳияти он сурат гирифта, аммо тавлид ва такомули силоҳҳо аз ибтидоитарин шакли он, яъне аз санг ва оташ гирифта, то шамшеру ханҷари оҳанин ва аз силоҳҳои дурбурди қадимӣ мисли тиру камон, то силоҳҳои пешрафтаи имрӯзӣ ҳама ба такомули иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа робитаи мутақобил ва наздике доштаанд, ки аз вуҷуди ин робит дар осори Арасту низ метавон савобиқе ёфт. Ба тавре ки метавон гуфт мудерн шудани иқтисод ва рушди технологии тавлидӣ дар арсаи тавлидоти низомӣ низ асар дошта ва ҷавомеъро ба самти ииб-доъоти таслиҳотии ҷадид савқ додааст. Аммо Афғонистон, ки аз ҷумлаи кишварҳои ақибмонда аст, ин сайри таърихӣ махсусан дар заминаи рушд ва такомули афзорҳои ҷангӣ аз садаҳои қабл мутавақиф ва ё қисман кунд буда, вале дар моҳияти ҷанг ба иқтизои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ҳеҷ ҷомеае амалан ҳар чи қадар ҳам ки ибтидоӣ

бошад, бидуни ангезаи ҳуқуқӣ нест, биноан ҷанг ба маънои ом дар ҳамаи марoҳили ҳаёти зиндагии иҷтимоии башар ба гунае посухи зарурати хоси иҷтимоӣ буда, монанди ҳар вазифаи иҷтимоии дигар ҷанг ҳам наметавонад бидуни қавоиди мунсаҷам ё мушаххасе, ки шурӯъ ва хотимаи мухосимотро тавҷеҳ кунад, сурат пазирад. Бо он ки фунуни ҷангӣ дар ин раванд аз шакли ибтидоӣ дар маҷмӯаҳои этникӣ ва гурӯҳӣ, махсусан дар давраҳои гузашта пурбортар буда, ки он ҳам ношӣ аз кашондани мардуми Афғонистон ба ҷанг ва ҷангталабӣ буда. Вале асри ҳозир ва даҳаҳои ахир рушди аносири ҷангӣ дар маҳдудаи сохторҳои муназзами ҳукуматӣ ва кишварӣ мавозӣ бо дигар ҷанбаҳои хеш рушд намудааст, ки ба ҷангҳои ҷабҳавӣ бо ташкилоти муназзам ва ҷангҳои чирикиву ғайримуназзам ва гурилоӣ низ мусаммо ҳастанд. Ҷанг ва муҳориботи мусаллаҳона дар ҳар ду шакли он дар сарзамини мо се даҳаи ахир ба маротиб аз пеш ҳам дар услуб ва теория ва ҳам дар тарзу равиши ба коргирии афрод ва аслиҳаи ҳарбӣ рушди мутавозин ва пӯётар доштаает, ки омили асосӣ дар ин масир тавре ки дар фавқ зикр ба амал омад, ду чизи асосӣ буд, яке пешрафти илму техник дар ҷаҳон ва сохту тавлиди аслиҳа ва олоти ҷангӣ ва сармоягузорӣ ва тиҷорат ва қочоқи аслиҳа ба кишварҳои муташанниҷ ва ноамн ва бесубот мисли Афғонистон ва дигар зери таъсиру сояи муваҳиши он қарор гирифтани миллату мардуми Афғонистон буд, ки як силсила ногузириҳоро ба вуҷуд овард ва ҷузъе аз раванди оми зиндагии мардум шуд.

Саранҷом хӯи низомигарӣ бар мардум таҳмил шуд, ба ҳар ҳол дар дуним даҳаи ахир бар хилофи гузашта ҳар ду намуна ҷангҳо – муназзам ва инсиҷомёфта ва ҷангҳои бизану бигрез ё партизанӣ дар як сарзамини миёни мардуми сокини он, ки дар ҳар қавму қабила зисту зиндагонӣ доштанд ва дар асоси хутути фикрии мутаориф – амал менамуданд, ҳар ду намуна аз ҷангҳо ба таҷриба гирифта шуд. Яъне ин ки баъд аз суқути ҳукумати Довудхон ва ба пирӯзӣ расидани таҳаввули ҳафти савр, ки урдуи

Афғонистон бинобар моҳият ва ҷойгоҳи вежааш дар ҷомеаи мо монанди шамшери бараҳна аз қабзаи ҳукумате ё қудрате дар қабзаи ҳукумати ё қудрати дигар қарор гирифт. Урду агар бо амали мусаллаҳонае, ки аз қабл сиёсӣ шуда буд, оғозгари як рӯйдод, таҳаввул ва инқилобе дар ҷомеа гардид, бо кӯшиш ва талоши мазиде дар раванди тағйири моҳият ва аҳдофи он аз ҷониби ҲДХА камокон бо ҷавви сиёсӣ, низомии ҷомеаи мо ҳам мувоҷеҳ ва муқобил гардид, ки бо гузашти замон дар солҳои мухталифи ҳокимияти ҲДХА урду бо ҳама аҷзои муташаккилаи хеш мутаассир аз танаввуи ҷангҳое, ки дар сарзамини мо ҷараён дошт, пухта мешуд, ба хусус ҷангҳои чирикие, ки мухолифини давлати Афғонистон, яъне муҷоҳидин дар арозии ҳамвор ва кӯҳистонот бо аслиҳаву афзори ҷангии хосе ба роҳ андохта буданд. Урдуи Афғонистон бо сохтори ташкилотии хеш, ки шолудаи онро аз гузаштаҳои дур ба ирс гирифта будем ва силоҳу таҷҳизоти низомии он дар ҳукумоти мухталиф аз кишварҳои гуногун харидорӣ ва икмол мегардид, афсарон ва афроди низомӣ низ ғарази омӯзиши фунуни низомӣ ба кишварҳои мухталиф эъзом ва таҳсилу омодаи вазоифи низомӣ мегардиданд. Баъд аз пирӯзии таҳаввули ҳафти савр Иттиҳоди шӯравии собиқ монанди соири арсаҳои ҳаёти ҷомеа бахши низомии давлати Афғонистонро комилан таҳти пӯшиши кӯмакҳои низомӣ қарор дод ва урдуи Афғонистон аз ҷамъи мустаҳликини (истифодкунандаи) фунун ва афзори ҷангии артиши сурх қарор гирифт. Махсусан солҳои пас аз вуруди қитъаоти шӯравӣ ба Афғонистон силоҳ ва аслиҳаи урду тамоман русӣ шуда буд. Бурсҳои таҳсилиро бештар низомиён ба худ тахсис дода буданд, урду дар тӯли солҳои ҳокимияти ҳизби Ватан бо вуҷуди талафоти башарӣ персонал ва зоеъоти силоҳ ва таҷҳизоти низомӣ тавониста буд дар мавҷудияти афроди мутахассис, маслакӣ ва мудириятҳои дуруст ва идораи беҳтари воҳидҳои низомӣ аз тавони болои низомӣ бархурдор гардад, ки шоҳиди иддаои мо дифои мустақилонаи урду баъд аз авдати нерӯҳои шӯравӣ дар тӯли се соли ҳокимияти

Ҷумҳурии Афғонистон мебошад, ки салобати он ҳатто баъзе ҳамсоягони Афғонистонро ба ташвиш оварда буд.

* * *

Баъд аз суқути ҳокимияти ҳизби Ватан урдуи Афғонистон порча-порча гардид, ки ҳар порчаи он дар ҳар гӯшаи Афғонистон, бахусус асосҳои моддӣ-техникӣ, силоҳ ва таҷҳизоти низомӣ, дар мулкияти ҳар танзим ва гурӯҳи ҷиҳодӣ қарор гирифт, ки ғайр аз соҳаи ҳокимияти давлати Раббонӣ ва шахси Масъуд вазири дифоъ ва ҳамчунин вилоёти шимолӣ ва ҳавзаи ҷанубу ғарб, ки Исмоилхон худ афсари низомӣ буд, аҳамияти онро медонист, аз бахшҳои урдуи собиқ муроқибат ва барои аҳдофи сиёсиашон истифода намуданд, дар соири нуқоти Афғонистон ба сурати умум ғайрифаъол гардида буд. Ҳатто дар манотиқи ҷануб, махсусан васоити зиреҳӣ, тонк, мошинҳои муҳорибавӣ то он дараҷа бетаваҷҷӯҳӣ сурат гирифт, ки оҳани кӯҳна гуфта ба Покистон порчаҳои васоитро аз бадани он ҷудо намуда, хариду фурӯш менамуданд. Он чи дар ин ҷо мавриди баҳс аст, ин аст, ки персонали низомӣ ва имконоти моддӣ-техникии урдуи гузашта, ки ба ғанимати гурӯҳҳои мухталиф даромада буданд, дигар хунсо ва афзори маҳз дар баробари гурӯҳҳои рақиби муҷоҳидин қарор гирифта буданд. Аммо ҷангҳо чӣ гуна шакл гирифт ва тадовум ёфт? Гурӯҳҳои муҷоҳидин, ки дар тӯли ҷиҳодашон алайҳи русҳо ва урдуи Афғонистон ба шеваи ҷангҳои чирикӣ «тактики ҷангии бизану бигрез» ба ҳайси асоситарин шеваҳои ҷанги арозӣ дар Афғонистон тасбит гардида буд. Ҷанги чирикӣ ба ҷангҳои ғайри муназзами партизанӣ ё чирикӣ итлоқ мешавад, ки ба иборати дигар навъи муқовимати мусаллаҳона алайҳи низоми ҳоким ё қудратҳои ишғолгари хориҷӣ аст. Барҷастатарин намунаи он ҷанги чирикӣ дар Эрон нӯҳзати ҷангал ва маъруфтарини онҳо дар ҷанги ахири ҷаҳонӣ набарди партизанҳои югославӣ алайҳи ишғолгарони олмонӣ, ё ҷангҳои Ветнам буд, ки дар ҳар ду мавриди ахир ба пирӯзӣ анҷомид.

Чирикҳо қоидатан қувватҳои бузурги давлатиро ба сӯи худ ҷалб мекарданд ва баъд аз муқобили онҳо мегурехтанд ва дар маҳалоте зоҳир мешуданд, ки нерӯҳои давлатӣ ба муҳосира кашонда шаванд. Онҳо тавассути муфризаҳои кӯчак 20 илло 25 нафар ақиби қитъаотро масдуд месохтанд ва аз росту чап аз тангиҳо, дараҳо, шилаҳо ҷиноҳайн қитъаоти давлатиро мекӯбиданд. Дар бозгашт қитъаоти давлатӣ аз минаҳои зиддивасоит ба паймонаи васеъ истифода мекарданд ва он минаҳо аксаран идорашаванда буданд ва аз масофоти дур инфиҷор дода мешуданд. Минаҳои чандтабақавиро, ки аз хулҳои холии муҳимоти тӯпчӣ ва бомбаҳои ҳавоӣ сохта мешуд, ба кор мебастанд. Киштзорҳои мина маъмулан дар пешорӯи қарияҷот ва маҳалоти маскунӣ кишт мегардид ва аз он ҳимоят мекарданд. Чунин минаҳо як танкро чандин метр ба ҳаво партоб мекард ва қитъа-қитъа месохт. Минаҳои зидди персонал ба номи минаҳои шабпаракдор, парвонаӣ дар ҳар гӯшаву канор ба вифрат фарш мешуд ва боиси қатъ гардидани пойҳои сарбозон мегардид. Дар шаҳрҳо низ аз анвоъ ва ақсоми минаҳо истифода мекарданд. Чирикҳои шаҳрӣ чунин минаҳоро дар бозичаи атфол, термосҳои чойхӯрӣ, баксҳои дипломати дастӣ, родюҳо, тебрикордароҳо, қаламҳои худкор ва ғайра таъбия ва ҷосозӣ мекарданд. Дар сервисҳо, синамоҳо, маҳалоти муздаҳам бомбаҳо гузошта мешуданд ва боиси кушта шудан ва маҷрӯҳ гардидани садҳо тан мегардиданд. Ва ин минаҳо сохти Итолиё, Фаронса, Инглистон, Чин ва Миср буданд. Минаҳои пластикӣ низ ба вифрат пайдо мешуд. Ин навъи ҷангҳои номуназзам ва партизанӣ дар замоне сурат мегирифт, ки дар баробари чирикон нерӯ ва урдуи муназзами низомӣ бо ҷангҳои ҷабҳавӣ ва қудрати оташии қавии заминӣ ва ҳавоӣ қарор дошт. Аз ин рӯ суръат бояд сиришти ҳар гуна ҳамлаи чирикӣ бошад, вале унсурҳои аслии ҷанги чирикӣ ғофилгирӣ, фиреб додан ва шабехун аст. Ҳамчунин дом гузоридан ва минагузорӣ кардани ҷанг силоҳи бештаре ба ғанимат овард. Вале дар ҷараёни шаклёбии қудрати давлатии муҷоҳидин дигар на аз он урдуи

муназзами собиқ хабаре буд ва на аз он шеваи ҷанги чирикии гузашта. Моҳияти ҷанги муҷоҳидин бар хилофи гузашта ангезаи мантиқӣ аз назари сиёсиро низ дар азҳон илқо намекард. Сирф ҷанг ба хотири ҷанг ва баъд ҷанг ба хотири фигураҳо ва салиқаҳо ва то ҷанги рамзии қавмӣ пеш рафт. Аҳмадшоҳи Масъуд, ки дар даврони ҷиҳод чеҳраи намоён ва теорипардоз ва татбиққунандаи равишҳои ҷанги чирикӣ дар Афғонистон ва берун аз он овозааш то Шарқу Ғарб ба гӯшҳо танин андохта буд, худро бо навъи ҷангҳои аз синфи ҷангҳои партизанӣ «ҷанги дохили шаҳрҳо», ки дар баъзе манотиқи Афғонистон тавассути иддае қумондонони ҷиҳодӣ гоҳ-гоҳе дар баробари ҷангҳои муназзам ба кор гирифта шуда буд, мувоҷеҳ ёфт, зеро ки вуруди муҷоҳидин ба дохили шаҳрҳо ва рӯёрӯии низомиашон толиби шароити бахусуси ҷангӣ, ҳам аз назари тактик ва қумондоният ва ҳам аз назари васоиту силоҳ ва афзори ҷангӣ буд. Масъуд аввалан дар тӯли ҷиҳод муваффақ нагардида буд, то таҷрибаҳои фармондеҳони ҷиҳодии манотиқи мухталифи Афғонистон ҳам аз манотиқи ҷангалӣ, кӯҳӣ, деҳотӣ ва шаҳриро ба таври зинда биомӯзад, зеро ҷанги чирикӣ пажӯҳишҳои савқулҷайшии фаровоне дорад. Дуввум, ин ки ҳама намунаҳои ҷанги чирикиро ба наҳве ба низом оварда, то аз рӯи як барномаи ҳамаҷонибаи низомӣ дар вуҷуди ҳайати фармондеҳии воҳид ба стратегияҳои низомӣ, ки дар қадами аввал тавсиаи пойгоҳӣ дар манотиқи ҳассос ва боаҳамияти кишвар ғарази тавлиди фишори лозим болои низоми демократики халқ буд, яъне ҷангро аз деҳот берун оварда, масирҳои иртиботии маркази давлатро бо банодир ва нуқоти идории муҳим мавриди таҳдид қарор дода ва шаҳрҳоро ба муҳосира бикашонад, то шароити суқути низомро саҳлтар гардонад, ки ин маъмул дар вақташ бароварда нагардид, аз ин рӯ барои Масъуд истикокҳои низомӣ дур аз интизор ё ғайримутарақиба набуда. Чунончи худи ӯ дар мусоҳибаҳояш борҳо ёд карда. Биноан муҷоҳид дар баробари муҷоҳид қаҳрамонони майдони ҷанг буданд. Чирик дар баробари чирик меҷангид, ҳар

бурҷу бори манозили мардум, сохтмонҳои шаҳрӣ, ҳар дарахти тануманд, ҳар ғурфаи трафик, ҳар кӯчаву паскӯча ва ҳар ҷодаву чорроҳ ба сангарҳои ин ва ё он дастае аз муҷоҳидин табдил ёфта буданд. Манотиқ ва мавозеи ҷангҷӯён зуд-зуд даст ба даст мешуд ва ҷанг бо ин тарзи иҷроиш намунаи ҷадид ва бесобиқаи ҷанги чирикӣ дар шаҳрро ба намоиш гузошта буд. Идомаи ҷанг дар шаҳри Кобул ва дигар шаҳрҳо рӯз ба рӯз таҷрибаҳои нав ба нав падид меовард. Яке аз таҷрибаҳои аз ҳама боризтар истифода бурдани гурӯҳҳои ҷангӣ аз манотиқ, ҳатто навоҳӣ ва кӯчаҳо ва гузарҳое бо рехтаҳои қавмии мушаххас буд ва он тавре ки гурӯҳҳои ҷангӣ аҳолии ғайривобастаи гурӯҳӣ ва танзмии хосро таҳдид мекарданд, ки шумо аҳолии минтақаи ҳазораҳо ҳастед, бояд бо ҳизби Ваҳдат ҳамкорӣ намоед, пуштиву пуштибони ҳизб бошед, агар афғонҳо, Ҳикматёр ва ё сайёфиҳо ба соҳаи шумо биёянд, ҳамаро мекушанд. Пешшарт барои иҷрои ин кор ҷалбу ҷазби ҷавонони ҳазораи маҳал буд ва бо ин корашон қисмати аҳолиро мусаллаҳ менамуданд, ки бо ин ангезаҳои воҳӣ, аз як тараф мехостанд дасту даҳони мардумро бибанданд аз гуфтани муҷоҳиду ғайримуҷоҳид, ё туфангдору ғайритуфангдор ва мавқифи ҷангии худро тавҷеҳ кунанд, аз тарафи дигар сӯхти арзони нерӯи инсонии ҷангро таъмин намоянд, ки баъдҳо ин рӯҳия дар миёни панҷшериҳо ба гунаи дигаре низ нуфуз кард, «яъне бақову тадовуми ҳокимияти сиёсии номниҳод дар Кобул». Махсусан ҷавонони хунгарми панҷшериро низ роҳии ҷабҳаҳот ва ҷангҳо мекард, ки ин шаклу шамоили ҷангҳо аз тарафи ҳизби Ваҳдат ва ҷунбиши исломӣ дар Кобул ва Мазори Шариф бештар маҳсус буд. Ғарби Кобул, Кортаи чор, Кортаи се, Дашти Барчӣ, Қалъаи воҳид, Афшори Деҳдоно ба як маслах ва дӯзах табдил гардида буд. Шабакаҳои ҷангии зеризаминӣ ва рӯизаминӣ хона ба хона ва кӯча ба кӯча чунон ба ҳам тобида буд, ки агар дар минтақаи Деҳдоно шумо даргири як ҷанги пассив мешудед, лаҳзае бо таъхир бояд баҳои бузурге мепардохтед, яъне доманаи як ҷанги посиф чунон бо суръат густуронида мешуд, ки

фикр мекардед бо як ҷабҳаи бузург ва нерӯи азим мувоҷеҳ ҳастед ва тавассути афроди мутаҳаррики пиёда аз маҷроҳо ва хутути иртиботӣ ва мутақотеъ пайи ҳам зери оташи силоҳи сабук ва сақил, зиддитонк ва зиреҳ қарор мегирифтед, ки убур аз наворҳои марзӣ соҳаи зери салтаи ҳизби Ваҳдат, махсусан барои дастаҳои пиёдаи низомӣ маҳол буд. Шояд, ин интихоби равиш барои ҷангҷӯёни ҳизби Ваҳдат, ки бо қувваҳои низомии иттиҳоди исломӣ ва баъдҳо нерӯҳои эътилофии давлати исломӣ даргир буданд, баҷову санҷида буд, зеро агар ин ҷангҷӯён ба шеваи ҷангу гурез амал мекарданд, на минтақаи мастури васеъ вуҷуд дошт ва на ҳам ақиби ҷабҳаи нерӯҳо.

Қувватҳо ва афроди ҷунбиш ба тарзи гузашта амал мекарданд, барои онҳо фармони Дӯстум аҳамияташ бештар аз ҳаёташон буд, қадамаҳои поин истиқлоли раъй надоштанд, дар ҳолати мудофиаи мавозеъ ва сангарҳояшон ё кушта мешуданд ва ё ҳам асир, ки ба дасти душман меафтод ва илло номумкин буд сангарҳояшонро тарафи муқобил тасхир мекард. Вале дар ҳолати таъарруз бештар мушаввиқашон имтиёзҳои моддӣ буд, ки аз тарафи қумондони қадамаи поин бо ангезаҳои сиёливу ҳамчашмӣ ва ё ҳам ташвиқҳои калони пулӣ аз тарафи Дӯстум дар тасарруфи минтақа, қулла, деҳа ва ё ҳам сохтмону маҳалле дар интизорашон буд, ки дар фаъолиятҳои амалиётии гузаштаашон комилан аз назари умум машҳуд буд, вале дар шаҳри Кобул ва манотиқи навоҳии он чандон ошноӣ надоштанд. Дар анҷоми ин авомир бо авомили фавқ зиёдтар талафотро мутаҳаммил мешуданд, бо ин ҳол ҳама қувваҳои мусаллаҳи ҷиҳодӣ, милиша (зархариди ҷангӣ) ва бахшҳое аз урдуи собиқ, ки дар зери фармони танзимҳои муҷоҳидин буданд ва тозаворидон, ки ба танзимҳо ба шакли гуруппӣ ё инфиродӣ ҷазб шуда буданд, дар вазъияти ҷангҳои сорӣ дар шаҳри Кобул доштанд, меомӯхтанд ва пухта мешуданд, ҳатто мардуми одӣ шароити дифоъ ва сатри ҷону мол ва хонаводаашонро мутаносиб ба маҳаллот ва навоҳии ҷанг пешбинӣ ва омода менамуданд. Муҷоҳидин бар хилофи гузашта, ки силоҳи хафиф ва

таҷҳизоти одиро бо худ ҳамл мекарданд, бо мураттаботи силоҳҳои сақил ва техники тонку тӯп ва зиреҳпӯшҳои ҳаштпо сару кор доштанд. Нишона ва ҳадафгириҳои мавозеъ, ҷондор ва беҷон дақиқ шуда буд, Масъуд шаҳри Кобулро ба шаш ҳавзаи амниятӣ тақсим намуда буд, ки маркази шаҳр ва нуқоти ҳассоси давлатиро дар ихтиёри шӯрои нузор қарор дода буд. Масъуд дар ҷангҳои шаҳри Кобул, махсусан бо ҳизби Ваҳдат ва баъдҳо ҷунбишу ҳизби исломӣ ба натоиҷи қотеъ ва файсалакун ё нахост даст биёбад ё барояш мақдур набуд ва ҷонибайн ба ҷангҳои тахфифӣ алайҳи якдигар пардохтанд, ки ваҷҳаи мутановибӣ ба худ гирифта буд. Саранҷом Масъуд баъд аз сарозер шудани Толибон ба дарвозаҳои Кобул ақибнишинии низомӣ намуд ва ба дараи Панҷшер ҷо ба ҷо шуд.

## ЧАНД СУХАН ДАР БОРАИ РОВӢ

Толибон, ки дубора ба Мазори Шариф ва ҳудуди шимолу шарқ, илло Бадахшон мусаллат шуданд, ман бо аъзои хонавода, ки баъд аз вуруди муҷоҳидин ба Кобул дар Мазори Шариф паноҳанда шуда будем, як ҳафта қабл аз вуруди дубораи Толибон дар моҳи октябри соли 1998 аз шаҳри Мазори Шариф барои ҳамеша бо хонавода тарк гуфтам. Дар Мазори Шариф манзили шахсӣ надоштам, вале тамоми асосияи хонаро аз зарф то фарш ва либоси ҷонамон ба яке аз ҳамсоягони мо, ки марди шарифу меҳрубоне буд ва аз панҷшериҳои ноқили даҳсолаҳои пеш дар Мазори Шариф буда, амонат супурдем. Ба минтақаи Ниҷроб, ки зодгоҳам буд, рахти сафарро бастем. Ниҷроб ва бақия соҳоти вилояти Кописо ва Парвон дар он вақт таҳти идораи низомии Масъуд ҳанӯз қарор дошт. Баъд аз он ки ба Ниҷроб расидем, бо вуҷуди он ки модару падарам ва дӯстонамон баъд аз солҳои дурӣ аз ҷангҳои миёнгурӯҳии муҷоҳидин ҳама аз дидани мо хуш шуданд ва баёни меҳромез доштанд, аммо нигоҳашон чунон бефурӯғ

буд, ки бо вуҷуди тамоилашон дар буданам канорашон шодмонӣ ва саодатмандиамро хоҳон буданд, ба назар меомаданд ва ҳамон тавре ки эҳсосоти шодиву фараҳ онҳоро фаро гирифта буд, ташвиши худро низ пинҳон карда наметавонистанд, ташвиш аз фардо, ки чӣ мешавад. Зеро ҷонамонро дар хатар медиданд.

Суқути Мазор ва шимоли Афғонистон, ки бисёр бо суръат, бо ҳаракати драматики Толибон яке паи дигар сурат гирифт, таблиғоти васеъ барои як паникаи (валвала) умумӣ ба роҳ андохта шуда буд. Аз ин рӯ болои афроди Масъуд дар вулусволии Ниҷроб ва Кописову Парвон беттаъсир набуд. Ман ва хонаводаам ва ҷамъе аз дӯстони наздик хостем бо машвараи падару модар аз тариқи майдони ҳавоии Багром ба Тоҷикистон сафар намоем. Ман ва дигарон, ки ҳамсафарам буданд, танҳо як ҷилд паспорти сафед, асноди дигаре, ки аз ҳуввияти шахсиву хонаводагии мо ба таври кофӣ намояндагӣ кунад, бо худ ба таври кофӣ надоштем.

Билохира, ман ва хонаводаам ва ҷамъе аз дӯстони ҳамсафар бо таъхири як шабу як рӯзро, ки дар ҳавлии шахсии яке аз мансабдорони майдони ҳавоии Багром сипарӣ намудем, худҳоро ба хати ранвии майдон (хати парвоз) расонидем. Шароити баде дар майдон ҳоким буд. Ва он тавре буд, ки ҳар замон тайёра нишасту бархост мекард, бар хилофи гузашта файрҳои парокандаи рокетии Толибон заработи қатлавии ракетӣ ва силоҳҳои дурбурди Толибон мутавотир ва мутамаркиз дар хати парвоз мегардид. Тайёроте, ки дар он вақт дар майдони ҳавоии Багром нишасту бархост мекарданд, аз навъи Ан-12 ва Ан-32 буд. Ин тайёроти транспортии ҳавоии низомӣ буданд, ки дар ҳолати одӣ силоҳу муҳиммот ва персоналу молзимаи аскариро дар давраи ҳукумати гузашта нақлу интиқол медоданд. Мо ва ҷумла мусофирин, ки интизори бесабронаи тайёраро мекашидем, билохира тайёра дар фазои майдон дида шуд ва бегоҳии рӯз тайёрае аз навъи Ан-12 дар майдон нишаст кард. Мусофирин, ки аксаран аз афроди низомии Шӯрои нузор ва мутааллиқини онҳо буданд, теъдоде

бо виза, теъдоде бе виза, ҳатто бе паспорт низ буданд. Одат чунин ҷорӣ гардида буд, ки дар ҷараёни тахлияи маҳмулаҳо ё бори тайёра, инҷини тайёра хомӯш (кори мотор) намегардид ва баъд аз таваққуфи кӯтоҳ тайёра болои хати ранвӣ (хати парвоз) дар аснои ҳаракати начандон зиёд қарор мегирифт. Мусофирин мебоист худро аз роҳи ақиби тайёра ба тайёра меандохтанд. Касоне, ки дар ҳамин мавқеъ дасташон ба тайёра мерасид, савори тайёра мешуданд. Ва илло аз парвози ҳамон рӯз боз мемонданд. Аз ин хотир, мунтазирин, бидуни лаҳзае диранг кардан, худро ба тайёра мерасониданд. Ман ва ҷумла хамсафаронам низ чунин корро анҷом додем ва дар як вазъияти кашугир савори тайёра гардидем. Тайёра басуръат парвоз кард ва баъд аз 40 дақиқа парвоз дар ҳарими фазоии кишвари Тоҷикистон дохил шудем ва он комилан аз шаҳрҳои рӯшан аз масирҳои мутаррав (мошингард) ва чароғҳои пурнури ду тарафи ҷодаҳо ва мағозаҳои дохили шаҳрҳо ёфтем, ки дар кишвари Тоҷикистон ҳастем. Дар майдони ҳавоии Душанбе бозпурсии афроди амниятии Тоҷикистон аз мусофирин то соати яки шаб идома ёфт. Саранҷом паспортҳои визашуда ва бевизаро ҳама афроди амниятии Тоҷикистон ҷамъ карданд ва мусофиринро ба намояндаи давлати исломӣ, ки секретари аввали сафорати Афғонистон дар Душанбе буд, таслим доданд ва тавассути ҳоҷӣ Темур, масъули интиқоли мусофирини Душанбе-Багром ва Кӯлоб-Бадахшон, мо мусофирин ба ҷойҳои лозим интиқол шудем. Ва фардои он шаб дар пайи ҷораи виза ва асноди лозиму зарурӣ ба сафорати Афғонистон муроҷиат намудем, ки бо раҳнамоии масъули атташеи муҳоҷирин аз дафтари СММ асноди муваққатии муҳоҷиратро баъд аз ҳафтаҳои интизор дарёфт намудем ва сабти дафтари СММ гардидем.

Дар тӯли ин муддат як чиз ҳамеша зеҳнамро ба худ машғул менамуд, шояд, ин ҷавоби саволро ҳар кас кам аз кам аз худ интизор дошт, вале ин ки фикри зикри маро зиёдтар ба худ ҷалбу ҷазб намуда буд, навъе аз ҳассос будани истисноии шахсиятам буда бошад. Ин ки чаро дар ва-

тани мо ҷанг аст? Чаро ин ҷанг поён надорад? Омили ин ҷангҳо киҳо ҳастанд? Оё дар Афғонистон ҳамеша ҷанг бошад? Дар фусул ва абвоби мухталифи китоб то ҷое ба ҳалли саволоти фавқ посуххои содаи таҷрибӣ ва амалӣ дода шуда, вале баҳси теоретикии назарӣ дар робита дар мақолот ва навиштаҳои дигар хоҳем дошт.

Дар Тоҷикистон бо аксарияти мутлақ тоҷикон зиндагӣ мекунанд. Ба сурати умум ду сатҳи бардошт аз вазъи Афғонистон вуҷуд дошт. Назари мардуми авом бо гузаштаи осоиштаашон, махсусан аз назари рифоҳи иҷтимоӣ, ки дар давраи шӯравии сӯсиалистӣ вуҷуд дошт, ин тавр ба қазоват мепардохтанд, ки мардуми Афғонистон ҳамеша ҷангталаб буданд, бигзор ки ҳар балое болояшон меояд, ба ҳолашон раҳояшон кард, бо он ки аз муҳоҷирини афғонӣ дилҷӯиву дилсӯзӣ нишон медоданд. Вале мардуми фарҳангиву босавод бардошти дигаре доштанд ва ба масъалаи Афғонистон ангезаи таърихӣ ва таассуби қавмӣ медоданд ва дар ниҳоят равиши сулҳи тоҷиконро барои ҳалли мунозиаи Афғонистон тавсиа мекарданд. Дар ҳар ду дидгоҳ авотифи ҷӯшони мардуми тоҷик қобили эҳсос ва дарк буд.

Ба ҳар ҳол банда баъд аз муддати се моҳ иқоматам дар Тоҷикистон хостам ба васвасаи фаҳмидани исрори муқовиматҳо ва рамзи поядории Масъуд, ки ҳар тоҷику афғониро дар дунёи тафаккурашон ғӯтавар месохт ва ҳолае аз саволот мадори зеҳн ва равонашон қатор сохта буд, аз наздик бо чеҳраву ахлоқии ин марди сангарнишин ва муқовим ошно шавам. Рӯзе ба дафтари атташеи низомӣ рафтам. Масъули аввали атташе, ки Солеҳмуҳаммади Регистонӣ буд, нисбат ба мавзӯи хосе ба дохили Афғонистон рафта буд. Абдулвадуд муовини атташе низ дар ҳамон лаҳза мавҷуд набуд. Баъдан тасмим гирифтам дар мавқеи дигаре аз Абдулвадуд маълумот гирифта, маслиҳатро дар ин дидам, то ба хонаи ӯ рафта маълумоти дақиқ барои иҷрои ин маъмул пайдо намоям. Рӯзи дигар ба хонаи ӯ рафтам, то шароити мулоқот бо Масъудро аз ӯ ҷуё шавам. Ӯ дар хона буд, ба муҷарради он ки дарро ку-

шуд ва назараш ба ман афтод, баъд аз аҳволпурсӣ гуфт: устод, чи хидмат кунем ва аз рӯи одат маро ба хона ва нӯшидани чой даъват кард. Ташаккурӣ кардам, мақсадамро бо ӯ дар миён гузоштам. Вадудхон бисёр муаддабона гуфт: Омир соҳиб рӯзи чоршанбе меояд ва шумо ба меҳмонхонаи 14 муроҷиат намоед.

Рӯзи чоршанбе фаро расид, дигарӣ ба дари меҳмонхонаи 14 бо ҷавони зебо ва ҷаззобе ошно шудам. Ӯ худро Ҷамшед муаррифӣ кард ва баъдан фаҳмидам, ки дастёри Омир соҳиб буда. Баъд аз он ки худро муаррифӣ кардам. Ӯ бо одоби вижае ба ман салоҳият бахшид, ки устод бубахшед, як соат баъдтар Омирсоҳиб ба меҳмонхона меояд. Дар утоқ интизор бимонам ё дар ҳавои озод қадам бизанам. Ман тарҷеҳ додам ҳавои озодро ва дар ҷодаи пиёдагарди пешрӯи меҳмонхонаи 14 илло омадани Аҳмадшоҳи Масъуд қадам бизанам. Тақрибан дуруст баъд аз як соат Аҳмадшоҳи Масъуд аз манзили шахсиаш, ки дарби хурӯҷии манзилаш муттасили ҷодае, ки мо қарор доштем, воқеъ гардида буд, ба тарафи мо ва мадхали меҳмонхона дар ҳаракат афтод. Ӯ ором қадам бармедошт ва баъзан ду канори пеши рӯяшро бо диққат нигоҳ карда, ба ришаш даст мекашид, монанди одамони одӣ, ки дар ҷодаи мазкур дар тараддуд буданд. Ягона чизе, ки ӯро аз дигарон мутамоиз месохт, либоси ба тан кардааш буд ӯ пироҳану тунбони сафед ба бар дошт ва чапани бӯри барак ба рӯи шонаҳояш андохта буд ва пакул ё кулоҳи ҳамешагияшро ба сар дошт, ки ин навъ ва тарзи либос дар Тоҷикистон, махсусан дар шаҳри Душанбе маъмул нест. Ӯ аз дур фаҳмида буд, ки ман ва теъдоде аз касоне, ки пешорӯи ҳаёти меҳмонхона истодаанд, барои мақсади хосе назди ӯ омадаанд. Чеҳраҳои мо барои ӯ ноошно буд. Ӯ наздики мо шуд ва дар ҷавоби таъзимҳои мо бо сар сипосгузорӣ кард ва ба ман даст дод. Баъд аз аҳволпурсӣ ӯ пеш аз мо дохили ҳаёти меҳмонхона гардид. Зеро дар ҷамъи мо касе сарсафед набуд, калонтарини мо синнаш аз 33 сол болотар набуд. Ва мо ӯро илло утоқи пазироӣ таъқиб намудем. Ман воқиф набудам, ки теъдоди дигаре

низ интизори ӯро мекашиданд. Ин теъдод иборат буданд аз фаъолони сиёсии гурӯҳҳои чап ва рост, ки ғарази роҳандозии пружаи сиёсие гирд омада буданд. Муқадимоти кори ин маҷлисро Муҳайюдиддини Маҳдӣ гирдонандагӣ карда буд ва мебоист аз раванди пешрафти кор ба Масъуд гузориш медод. Бо вуруди Масъуд ба дохили утоқ ҳузор аз ҷояшон бархостанд ва шод шуданд. Масъуд бо онҳо низ даст дод ва бо лаҳни мутмаъин аз саломатии меҳмонон ҷӯё шуд. Муҳайюддини Маҳдӣ билофосила хост, ки як ропурти куллӣ, ки аз чанду чуни нишасташон барои Масъуд ироа кунад, вале Масъуд бо садои расо ва кулуфташ, ки болои дигар садоҳо ғолиб буд, ҳарфи Муҳайюддини Маҳдиро қатъ кард ва гуфт: бигзоред, ки лаҳзае бо бародарон бибинам, баъдан мову шумо сӯҳбат мекунем.

Аз афроди ҷамъомада танҳо Амонуллоҳи Устуворро шинохтам, ки яке аз фаъолини сиёсии шохаи гурӯҳи кор аз созмонҳои чап буд. Дигаронро бо исмашон шинохтам, вале маълум буд, ки намояндагӣ аз ҳизби ҷунбиш, ҳизби ваҳдат, шӯрои машриқиро мекарданд. Баъд аз қарор гирифтани мо дар ҷойҳоямон чавкии ман дар канори Масъуд қарор дошт. Масъуд рӯяшро ба тарфи ман карда пурсид: аз Кобул ҳастед? Ман гуфтам, на хайр, мактабу донишгоҳро дар Кобул хондаам, вале зодгоҳам вулусволии Ниҷроб аст. Пурсид: аз куҷои Ниҷроб, гуфтам аз Хориҷдара, гуфт: аз куҷои Хориҷдара? Гуфтам: аз қарияи Тарварӣ. Лаҳзае пас аз тамаркузи фикрӣ боз пурсид: чӣ мавзӯе аст? Гуфтам: фақат муштоқи дидоратон будам, ки хушбахтона насибам гардид. Бори дигар пурсид: вазифа дар гузашта чӣ буд? Гуфтам: устоди донишгоҳи низомии Балх будам. Гуфт: шумо низомӣ ҳастед? Куҷоро хондаед? Гуфтам: донишгоҳи ҳавоӣ ва мудофиаи ҳавоиро дар риштаи техники родор. Дар ҳамин лаҳза Ҷамшед, дастёри ӯ сурати ҳисоберо, ки дар китобчаи ёддошти кӯчаке таҳрир ёфта буд, ба Масъуд пеш кард. Гуфтугӯи мо қатъ шуд. Ҷамшед аз ҳаволае ёд кард, ки раиси лужистики вазорати дифоъ мебоист онро мутобиқи аҳкоми додашудаи Масъуд

тавассути раёсати молӣ иҷро мекард, ки маблағи накдии он 40 млн. 920 ҳазор афғонӣ мешуд, ки Ҷамшед маблағи пардохтшударо зикр кард, он 40 млн. 900 ҳазор афғониро ҳаволадор таслим шуда буд. Масъуд чеҳра дарҳам кашид ва чунин вонамуд мешуд, ки дар гузашта чунин набуда, пурсид: бист ҳазор афғонӣ раиси лужистик кам додааст. На Ҷамшед ва ҳеҷ кас ҳисоб пас дода натавонист. Ман, ки хомӯш ба тарафи ӯ менигаристам, тааҷҷуб кардам, ки шароити ҷанг ва салоҳиятҳои беҳадду ҳасар ва ин ҳама нозир будани ӯ ба чоп ва тавзеҳи пулҳои калон ва боз ин қадар хурдагирӣ ва муҳосибаи дақиқ чӣ маъно дорад. Дар он вақт бист ҳазор афғонӣ бо ним кило гӯшт мубодила мешуд. Масъуд дубора ба ман рӯ баргардонд ва баъдан риштаи суханро дубора ба даст гирифтам ва ба Аҳмадшоҳи Масъуд гуфтам: вазир-соҳиб чи коре аз ман пурааст? Гуфт: дохил биёед, ҳамон ҷо гап мезанем. Ман мувофиқати худро баён кардам. Ӯ макс кард, то варақаи арзе агар дошта бошам, пешкаш кунам. Вале ман варақаи арз ва ё пешниҳоди катбии хосе надоштам, бо лаҳзае таъхир Вадудхонро ба сӯи худ хонд ва аз посбонони дар пурсид: «Ӯ бача, Вадуд куҷо аст?» Посбон баъд аз лаҳзае гуфт: омир соҳиб Вадудхон ин ҷо нест. Дубора рӯ ба ман карду гуфт: ман Вадудро мегӯям шароити омадан ба дохилро бароят омода мекунад. Аз ҷоям бархостам ва худоҳофизӣ кардам. Баъд аз чанд қадам дур шудан аз ӯ, дар остонаи дари хуруҷӣ дубора садо намуд ва таъкид кард, ки назди Вадудхон биравам ва маълумот бигирам.

Алқисса, баъд аз чанд рӯзе назди Вадудхон рафтам, то ҷӯёи маълумот шавам, вале Вадудхон эҳсоси бехабарӣ кард ва гуфт: устод, омир соҳиб чӣ гуфта буд ба шумо? Вадудро аз ҷараёни он чи ки миёни ман ва Аҳмадшоҳи Масъуд гузашта буд, қарор додам. Вадудхон гуфт: агар мавзӯи рафтан ба дохил бошад, паспортатонро биёред, ки виза бароятон бигирам. Ман гуфтам: ҳамин ва бас. Баъд аз якмоҳа виза бо чархболҳо ба дохил раҳсипор шудам, яъне ба шаҳри Толиқон, дар шаҳре, ки зери идораи низомӣ аз ҳокимияти давлати исломии Раббонӣ буд. Дар

шаҳри Толиқон зоҳиран ҳар чиз одӣ менамуд, дуконҳо ҳама боз ва дукониёну мардум ба хариду фурӯш машғул буданд. Самоворҳо ва хуталҳо аз ниёзмандон пазирой мекарданд, муоинахонаҳо ва докторҳо маризонро қабул мекарданд ва ба мудовояшон мепардохтанд. Макотиб фаъол буданд, шогирдон бо ғурур ба дарс мерафтанд, тимҳои спортӣ барпо мекарданд ва шӯру шодии мактабӣ дар макотиб ва литсейҳо вуҷуд дошт. Давоир ва идороти мулкӣ мурочиинашонро мутаносиб ба шароити иқтисодӣ ва амниятӣ мепазируфтанд, колоҳои тарафи ниёзи мардум тавассути туҷори кӯчак ва инфиродӣ аз роҳҳои мушкилгузари кӯҳӣ аз Покистон аз тариқи Сурубӣ, Тагоб, Ниҷроб, Панҷшер, вулусаволии Наҳрин, Ишкамиш ба Тахор ворид мекарданд. Махсусан колоҳои зиннатӣ – тикабоб, атриёт, зуруф ва дигар асосаи хона, вале маводи аввалияро бештар аз Мазори Шариф ворид мекарданд, он ҳам дар сурате, ки миёни тарафайн Толибон ва Ҷабҳаи муттаҳид дар масирҳои убуру мурури васоити нақлия, яъне шоҳроҳи Толиқон, Қундуз, Мазор ҷанг намебуд. Биринҷу гандум, ки аз маҳсулоти худи шаҳр ва навоҳии шимолу шарқ буд, ба қадри вофир вуҷуд дошт. Колоҳои ворида ба шаҳр ба андозаи фаҳму шуури тиҷоратии фурӯшандаву харидор хариду фурӯш мегардид.

Хулоса, шаҳри Толиқон пур аз мавод ва одам буд. Одамон ғайр аз мутаватинини аслӣ аз дигар шаҳрҳои Афғонистон низ ба чашм мехӯрданд. Инҳо умдатан аз тарафдорони Аҳмадшоҳи Масъуд ва узви Ҷабҳаи муттаҳид буданд, ки дар ақсо нуқоти Афғонистон дар тараддуд буданд ва аз манотиқ ва миллатҳо ва ақвоми мухталиф монанди ҳиротиҳо, балуҷҳо, паштунҳо, нуристониҳо, ӯзбакҳои шимол, панҷшериҳо, қандаҳориҳо, ҳазораҳо намояндагӣ мекарданд. Ин одамон ба манзури таъсиси қароргоҳҳо дар дохили шаҳр ва аз он тариқ ба икмолоти низомиашон пардохтанд, аз хонаҳои шахсии мардум бо кироядҳои баланд истифода мекарданд, ки баъд аз икмолоти лозим тавассути тайёра ва аз тариқи роҳҳои саъбулубур ба автонашон бармегаштанд.

Афроди мустақил ва бонуфузи миллӣ ва шахсиятҳои сиёсӣ ва меҳмонон аз дохилу хориҷ дар ҷоҳои махсус, меҳмонхонаҳо, махсусан меҳмонхонаи раёсати ҷумҳурӣ ҷо ба ҷо мешуданд, ки барои банда низ дар меҳмонхонаи раёсати ҷумҳурӣ ҷо дода шуда буд. Масъуд бо идғоми кору фаъолияти низомӣ ва мулкӣ ба муроҷиин гӯш медод. Рӯзона ба садҳо нафар интизори дидори Масъудро доштанд, то машвара, пешниҳод, хост ва хоҳиш ва ё ахзи таклиф намоянд. Шоикини дидори Масъуд аз мардуми одии маҳаллӣ то қумондонон ва шахсиятҳои сиёсии соҳибназар буданд, ки тавассути раиси дафтар мунтазирин сортбандӣ мешуданд ва дар ҳалқаҳои мухталиф «камарбандҳо» қарор дода мешуданд. Баъзан ҳафтаҳову моҳҳо ӯро дида наметавонистанд, махсусан рӯзҳое, ки зӯрозмоии низомии тарафайн дар хутути ҷабҳаҳот сурат мегирифт ва тайёроти Толибон шаҳру навоҳии Толиқонро бомборд менамуданд, шаҳр холӣ аз одам мегардид ва низомиҳо ба ҷангу ҷабҳа хоста мешуданд. Банда низ аз ҷамъи онҳое будам, ки низ мебоист бо Масъуд қарори ваъдаи қаблии ӯ дидоре медоштам, вале ҳар рӯз як рӯйдод ва таҳаввуле пеш меомад. Ва мавзӯи нав халқ мешуд.

Бо он ҳам баъд аз ҳафтаҳои интизор замоне ӯро дидам, ки ду рӯз пештар чанд пустаи низомии Ҷабҳаи муттаҳид дар минтақаи Ҳазорбоғи Толиқон сукут карда буд ва саъй бар он равона буд, то манотиқи аз даст рафта дубора ба даст ояд. Ҷамшед дастёри ӯ, ки аз ҷараёни омаданам ба Толиқон воқиф буд, дубора лутф карда бо ҳамкориаш бидуни он ки касе воқиф гардад, аз камарбанди аввалӣ ва дуввумии мунтазирини дидори Масъуд дар сохтмони аслии операсиюн бо маҳорати хосе қарор гирифтам, то агар битавонам дар асрои шаб Масъудро бибинам, ки баъд аз соатҳои интизор билохира 11-30 шаб ӯро дар даҳлези операсиюн дидам. Ӯ бо қиёфаи пуршӯр, вале мусаммим ба дидори ҷаласае, ки ӯро интизор дошт, равона буд. Ба муҷарраде, ки назараш ба ман афтод, боз ба ман даст дода ва гуфт, ки: бо пежанвол (раиси кадрии вазорати дифоъ) дар мавриди банда сӯҳбат карда ва ин лаҳзае буд, ки

теъдоде аз қумондонони соҳа дар суфаи сохтмони аслии операсиюн нишаста интизори ӯро мекашиданд. Ба ҳар ҳол фардои он шаб бо Лутфуллоҳ пежанвол дар тамос шудам. Ростӣ Лутфуллоҳ аз мавзӯъ дар ҷараён буд. Бароям гуфт: оё имкон дорад, ки дастгоҳи родорро фаъол созед. Ин гуфтаи пежанвол, намоёнгари ин буд, ки Масъуд дар нахустин дидори худ бо ман риштаву маслаки маро ба хотир дошта. Ман барои пежанвол гуфтам, агар шароит ва имконот дар ихтиёрам қарор гирад. Машвара дод, ки бо Атиқуллоҳ Барёлай муовини Масъуд дар мавриди техник ва аслиҳа дар тамос шавам.

Рӯзи дигар бо Барёлай дидор намудам. Барёлай бо пешомади бисёр самимӣ нуқоти назари маро дар мавриди родор пурсон шуд ва гуфт, ки дар сурате ки Ҷабҳаи муттаҳид тайёроти шикорӣ надорад, майдони пухта ғайр аз Багром дар Тахору Бадахшон нест. Дар Багром ҳам, ки хати ҷанг аст, он ҷо ҳам ки на родор аст ва на майдон, ба истифода омода. Пас родор агар тайёроти душманро кашф ҳам кунад, чи коре карда метавонем, ҷуз ин ки масорифи изофиро дошта бошем. Тайёроти Толибон ҳам бомбордамон мекунанду мераванд. Ин ҳарфҳое буд, ки баъзан низомиёни ғайримаслакии родор бо ошноӣ ва шинохте, ки аз ман пайдо намуда буданд, ба ман медоданд. Ростӣ, ин фикр аз назари аҳдофи родорӣ дуруст буд, зеро родор аз ҷумлаи сунуфи муовинаи қувваҳои ҳавоии як кишвар ба ҳисоб меояд ва ҳамеша дар масоӣ бо сунуфи дигари мудофиаи ҳавоӣ амал мекунад, яъне вазифаи ӯ кашфу раҳнамоии тайёроти шикорӣ ва бомборд ва ғайра тайёроти транспортӣ метавонад бошад. Тавре ки агар рокетҳои замин ба ҳаво ва тупҳои дофеъи ҳаво барои инҳидоми тайёроти бомборд ва ҳар амалаи парвозии душман надошта бошем ва тайёраи шикорӣ бо рокетҳои ҳаво бо ҳаво муҷаҳҳаз буда набошад, чӣ гуна ҳамалоти ҳавоии душманро аз аҳдофи стратегии онҳо мунҳариф сохта ва ё водор ба нишасти маҷбурӣ намуда метавонем. Вале мафкураи ман барои ҳимоят аз ин иқдом барои Барёлай ва гуфтаи ӯ чунин буд, ки аввалан дастгоҳи родоре, ки

шумо дар ихтиёр доред дастгоҳи родори ПИ-18 «дастгоҳи метрӣ», ки назар ба хавоси техникӣ ва тактикиаш сирф вазифаи кашф ва таъйини масофаи васоити ҳавоиро доро мебошад ва метавонад бо мураттаботи мухтасар фаъолият намояд. Дуввум, ҳар боре ки тайёроти Толибон шаҳри Толиқонро зери бомбордмон қарор медиҳанд, мардум ва ё низомиён ё дар хоб ҳастанд ё ба истироҳат мепардозанд ё ба вазоифи оддиашон масруфанд. Аксаран баъд аз ин ки маъмурияти ҳавоии тайёроти Толибон дар навоҳии маскуни шаҳр ва соири нуқоти Толиқон анҷом мегирад, низомиён ба миллионҳо файри даҳшака, калашников, туп, рокетандозҳои орпежӣ ва ғайра силоҳҳоро аз ҳар гӯшаву нуқоти низомии дарун ва беруни шаҳр файр мекунанд, ки ин файрҳо дар ҳақиқат ҳатмӣ бомбордмони тайёроти душманро дар азҳон илқо карда буд, ки дар миёни гарду хоки ба фазо баланд шудаи нуқоти бомбардмоншударо ба намоиш мегузошт ва дигар ҳеҷ. Бо ин вазъ фаъол гардидани дасгоҳи родор, ки аз масофаи 300 килуметр тайёраро кашф ва масири онро таъйин менамояд, дар 10 илло 15 дақиқа пас аз иҷрои кашф аз коридори муайяни маҳаллот ва пустаҳои дофеи ҳаво бо шабакаҳои бе сим иқоз (ба кор андохта) ва тавассути афроди кашфи басарии силоҳҳои дошака, пико ва зикояк ва дигар васоити дофеи ҳаво ба нишонагирии дурусти аҳдофи ҳавоӣ раҳнамоӣ менамояд ва ё ҳадди ақал бо теъдоди аз файрҳои зиддиҳавоӣ тайёраҳои душман бо мастур будани фазои минтақа аз оташи ҳавоф вазифаашро ҳеҷ вақт ва дар ҳеҷ мавқеъ ба дурустӣ анҷом дода наметавонад ва ё дар миёни он ҳама файрҳо сукути тайёрот аз мумкинот хоҳад буд ва ин як муваффақият метавонад бошад барои шумо. Барёлай ба назарам мувофиқат дошт ва қарор бар ин шуд, ки аз дастгоҳи родор, ки ба гуфтаи худи Барёлай дар минтақаи Хустдеҳ аст, дидоре кунам. Ва бо ин мақсад мутари ҷипро дар ихтиёрам гузошт то ба он ҷо рафта аз наздик дастгоҳи родорро бубинам, ки рӯзи аввал ба асари ҷорӣ шудани селоб ва обхезӣ, аз асари боришҳо дар дарёи байни Фархор ва Хустдеҳ натавонистем роҳ биёбем ва ба сафарамон

идома диҳем. Рӯзи дигар ҳам ба ҳамин тартиб, рӯзи севум ба ҳамкории як тан аз афсарони собиқи қувваи родор ба номи Абдулхалил худ дарёфтам, ки дастгоҳи родор на дар минтақаи Хустдеҳ, балки дар худи шаҳр аст. Барёлай ё хабар набуда ё ин ки қасдан фикри бандаро мехост мунҳариф намояд. Ба ҳар ҳол Барёлай натавонист амалан шароити кории лозимро бароям фароҳам оварад. Барёлай марди пурэнержӣ, омил ва боҳавсалае буд, дар корҳояш кушо буд. Ҷараёни фаъолиятҳо ва вазоифаш аз ҳадафмандии саршор бархурдор буд. Принсипҳои кори идорӣ ва шеваҳои мутадовили мудириятро намедонист, вале созмондиҳии муассиреро дар он шароити хос дар муҳити кориаш ба роҳ андохта буд. Гоҳ-гоҳе бо мурочиини лаҷуҷ (якрав) бо ҳилае муфрад бархурд мекард. Ва бо мурокибатҳо ва диққати назараш маълум буд, ки эътимоди Масъудро ба худ бештар ҷалб карда буд. Дар муовинияти техникии вазорати дифоъ умдатан афроди маслакӣ ва ботаҷрибаи урду ва низоми қаблӣ, махсусан дар бахшҳои техникиву тармимотӣ фаъолият доштанд, ки аз манотиқи мухталифи Афғонистон намояндагӣ мекарданд ва дар бахшҳои идорӣ бештар аз муҷоҳидин истихдом мекарданд. Бештари хазинаро дар давлати муҷоҳидин ва дар ҷангҳо баъд аз масорифи лужистикии ҷабҳаҳот, бахшҳои техникӣ ба худ ихтисос дода буд. Муовинияти техникӣ таҳти идораи Атиқуллоҳ Барёлай бештар ба тармим ва эҳёи васоити зиреҳӣ, тонкҳои ғулпайкар, мошинҳои муҳорибавӣ, васоити мухобиротӣ, нақлиётӣ, туп, даҳшака ва мошиндорҳои хафифа ва сақил бо мутахассисини марбута, ки умдатан низомиёни таҳсилкардаи маслакӣ дар хориҷ ва дар донишгоҳҳои техникии Афғонистон буданд, омода мегардиданд. Васоит ва силоҳҳое, ки русӣ буд бештар пурзаҷоти (асбобҳои эҳтиётӣ) аслиҳаву техник аз Русия ва кишварҳои муштаракулманофеъ харидорӣ, икмол ва кор гирифта мешуд. Тақрибан ҳама бахшҳо ва шуаботи низомии вазорати дифоъ дар муқоиса бо соири вазоратҳо ва органҳои давлатии ҳукумати муҷоҳидин дар Тахор фаъол ва зинда бу-

данд. Махсусан бахши кадрии вазорати дифоъ ҳар рӯз ба даҳҳо нафарро бидуни тааллуқоти хос ва мубарро аз зеҳнигариҳо ҷазбу истихдом мекард. Махсусан он ибҳомоти зеҳнии гузашта, ки миёни муҷоҳидин ва ҳукуматиҳо вуҷуд дошт, аз фазои дафтар ва идора то фазои сангару ҷабҳа қисман рафъ гардида буд.

Артиши Ҷабҳаи муттаҳид иборат буд аз муҷоҳидин, афсарони урдуи собиқ ва ҷавонони парваришёфта аз ҳар ду муҳит. Ихтилоти афсарони қитъаоти кадрии собиқ бо муҷоҳидини дар қитъаоти нави танзимӣ, ки дар хати аввал бо Толибон қарор доштанд, дар таркиби ҳайати қумандоният тавассути шахси Масъуд савқу идора мешуданд, ки баъдҳо асосҳои қитъаоти муназзамро бо ҷазби афсарони баландпояи режимҳои қаблӣ, ки бо ангезаи аз ҳама асоситари иқтисодӣ дар ҳоли эҷод шудан буд, Масъуд дар принсип қабул карда буд, то таъмини амнияти шаҳрҳо ва шоҳроҳҳо ва резервҳои боэътимод барои муваффақиятҳои гом ба гом ва эҳтимолии Ҷабҳаи муқовимат ва давлати исломӣ алайҳи Толибон бошад.

Шакли ҷангҳоро Масъуд иваз намуда буд, икмолоти қитъаот дар ҷангҳо муназзам ва ҷабҳавӣ сурат мегирифт, вале дар бархурд бо ҳарифонашон аз ҷангу гурез истифода мекарданд. Ин ду равишро Масъуд бо диққати назар ба ҳам наздик карда буд ва ин рӯҳияро амалан татбиқ мекард. Марокизи таълимӣ дар минтақаи Хустдеҳ эҷод намуда буд ва худ мустақиман дар ҷараёни дурусти сарбозон, ки навбат аз ҳар қитъаи шомили ҷабҳаҳоти ҷангӣ алайҳи Толибон қарор доштанд, муназзам таҳти тадрис гирифта мешуданд, дидан мекард. Устодони мадрасаи таълимиро афсарони муҷарраб ва ботаҷрибаи урдуи собиқ ва муҷоҳидини огоҳ аз давраҳои мухталифи ҷиҳод ташкил медод. Вазъияти низомӣ шаклу кайфияти беҳтаре ба худ гирифта буд. Яъне урдуи Масъуд аз лиҳози ташкил ва касрати персонали қумондонӣ ва техник арзи андоми тозае карда буд. Потенсиали низомӣ, яъне ҳама имконот ва заминаҳои фаъолияти артиши Масъуд рӯз ба рӯз баланд мерафт. Аз ҷумла маҳорати муҳорибавӣ, қобилияти

таҳаммули физикӣ, мардонагӣ, поядорӣ ва ин кайфиятҳо худ ба навбааш ба маънавиёти сиёсӣ таъсири муфид мерасонд.

Иттикои Масъуд ҳанӯз ҳам бар аворизи арозӣ ва мудофиаи табиӣ алайҳи Толибон вуҷуд дошт. Бо ин ҳам Масъуд бо маҳорат ва кордонии хос, ки албатта, ба асоси маълумотҳои кашфии ӯ буд, худро дар нуқоти осебпазири ҷабҳа дар шаб ва ё рӯз мерасонд, ки дар таҳаррук ва ташҷеҳи афроди низомӣ таъсири муъҷизаосое дошт. Икмолоти қитъаот ва пустаҳо махсусан, соҳоте, ки сараки мутаррав вуҷуд надошт, тавассути чархболҳо сурат мегирифт. Пилотон ва амалаҳои ин таёрот пулҳои калон ва имтиёзоти вижаеро аз Масъуд дарёфт мекарданд. Фаъолиятҳои сиёсии мутамаркиз ва мустамар дар қитъаоти Ҷабҳаи муттаҳид вуҷуд надошт. Таблиғи аҳдофи ҷанг маҳдуд ба инисиативи қумондонҳо дар ҳолот ва мавқеиятҳои ҷангӣ мегардад. Навозиши эъзозӣ ва молии ӯ аз шаҳкории афрод ба ин ҷумла хулоса мешуд, ки «Худо аҷрашро бароят бидиҳад», ки ин барои инсонҳои мутаваққӣ (озманд) чандон хуш намеомад.

Рӯҳия ва хусусиёти расмии Масъуд дигар ба низомиён ва ҳатто мардуми одӣ ошно буд, пас омадану пеш рафтани хати ҷабҳаҳот чандон барои мардум ва низомиён таъсири хосе намекард. Дар баъзе мавозеи афроди Масъуд ба Толибон дар бесимҳояшон бо тақотуи амвоҷи якдигар сӯҳбат ва истидлол мекарданд ва ангезаи ҷангҳояшонро тавҷеҳ менамуданд.

Иддае аз афроди низомӣ ва мулкии мардуми Панҷшер дар сӯҳбатҳо ва нишастҳояшон як навъ ғурур аз худ таборуз медоданд ва аслу насаби худро ба Аҳмадшоҳи Масъуд ва хонаводаи ӯ гиреҳ мезаданд. Барои мардуми одӣ ҷолиб буд ва барои дигарон, ки шинохте аз Масъуд доштанд, дилгиркунанда ва баъзан ранҷовар менамуд. Маслиҳатандешиҳо дар сиёсатҳои кадрӣ, махсусан дар гузиниши афроди ҳалқаҳои болоии низомӣ ҳанӯз нуфуз дошт. Бо ҳар шахс ва масъули давлатӣ ва низомӣ, ки бармехӯрдӣ, аввал бояд авсофи шахсии ӯро медонистӣ, то

кори расмии аҳкомшударо ба ӯ пешкаш менамудӣ, дар ғайри он ҳеҷ марҷаъ ва тазмине надошт, ки аз ту ҳимояти ҳуқуқӣ ва расмӣ намояд. Бо он ҳам силсилаи маротиби расмӣ, бахусус дар бахши низомӣ дар ҳоли эҳё шудан буд. Ба ҳар ҳол банда, ки дар тӯли ҳафт моҳ дар билотаклифӣ (бекорӣ) ба сар мебурдам, бо истезони пежангволи вазорати дифоъ баъд аз инқизои ҳафт моҳ ба ҳамкории мустақими ҷенерол Давронхон, қумондони ҳавоӣ ва мудофиаи ҳавоӣ дубора ба Тоҷикистон баргаштам ва ба хонаводаам пайвастам.

## ШАҶАРАИ МУХТАСАР

### аз иддае роҳбарон ва қумондонони маъруф дар ҳукумати муҷоҳиддин мунташиршуда дар китоби Ежов Г.П. Афганистан. краткий биографический словар. – М., 2002.

Абдулмалики Ҷенерол – бародари Расули Паҳлавон ва Гулмуҳаммади Паҳлавон буда, дар соли 1963 дар вулусволии Ширинтагоби Форёб таваллуд ёфта. Падари ӯ убек ва модараш паштуни қандаҳорӣ мебошад. Дар соли 1982 литсеи Зайнуддини Форёбро тамом карда, хидмати аскариашро дар Форёб иҷро намудааст. Соли 1983 бо муҷоҳиддини бародараш Расул Паҳлавон якҷо шуд ва дар соли 1987 бинобар таъсири ҳамон бародараш ба самти ҳукумати ҶДА гузашта ва дар Ширинтагоб ба ҳайси қумандони фирқаи қавмии узбекҳо таъйин гардид. Малик аслан таҳсилоти низомӣ надошт вале рутбаи бритманиро (лейтенант) ба даст оварда буд. Ва дар соли 1992 рубтаи дагарволиро (подполковник) низ аз дасти давлати вақт дарёфт намуд ва баъдан дар иттиҳоди «Шимол» ҳамкорӣ намуда ва аз тариқи раҳбари он, яъне Озодбек ба Покистон ва Туркия муносибат барқарор намуд (Баъд аз фурӯпошии низоми Наҷибуллоҳ 1992). Абдулмалик ба сифати омири раёсати равобити байналмилалии таҳрики исломии Афғонистон таъйин гардид ва рубтаи генеролиро ба даст оварда, дар соли 1993 ба рутбаи дагар-генеролӣ

ноил гардид. Баъд аз кушта шудани Расули Паҳлавон волии Форёб таъйин гардид ва дар соли 1996 баъд аз фирори Абдурашид Дустум мақоми ӯро дар Шимол ба даст овард. Баъд аз баргаштани дубораи Дустум писари бародари Малик – Гулмуҳаммад Паҳлавон бо духтари Дустум издивоҷ намуда ва бачаи Дустум духтари Гулмуҳаммади Паҳлавонро ба занӣ гирифтааст ва саранҷом ҷенерол Малик баъд аз пайванди хешӣ ба асари фишори низомии Дустум ба Туркманистон фирор менамояд.

Абдулқадирхон – аз қавми паштун буда ва марбут ба Ҳизби исломии Афғонистон (Холис) мебошад. Дар охири соли 1980 мубориза муваффақонаи низомиро бар зидди низоми ҶДА дар вилояти Нангарҳор раҳнамоӣ менамуд. Раҳбари Шӯрои Ҷалолобод буда, ки се вилоятро ки ҳамсарҳади Покистон мебошанд, раҳбарӣ менамуд. Бо омадани Толибон ба ҳудуди машриқӣ ӯ ба Покистон фирор менамояд ва аз он тариқ ба Олмон меравад. Баъдан бо ҳимояи Аҳмадшоҳ Масъуд дубора вориди Афғонистон мегардад ва аз тариқи Панҷшер ба минтақаи машриқӣ рафта муборизаашро алайҳи Толибон оғоз мекунад.

Исмоилхон – дар соли 1948 дар қарияи Насробод, наздики Шинданд таваллуд ёфта. Дар қавм паштун буда, аз қабилаи Ачикзай мебошад. Аз соли 1960 дар мактаби низомии Кобул таҳсил гирифта, баъдан то соли 1966 дар донишгоҳи низомӣ таҳсилашро идома дода. Дар 24 феврали 1966 дар қувватҳои низомии фирқаи 17 вазифа иҷро намуда. Дар соли 1977 ба Ҷамъияти исломии Афғонистон якҷо шуда, баъд аз инқилоби Савр фаъолияти махфиёнаи зиддидавлатиро пеш бурдааст. Исмоилхон дар соли 1979 як тайёраи ҳукуматиро тавассути рокет сукут дода, баъд аз он комилан ба ҷамъияти исломӣ якҷо шуда ва аз он пас дар вулусволии Кушки вилояти Ҳирот раҳбари гурӯҳи 50-нафарии муҷоҳидин шуд ва дар Эрон тарбияи низомӣ гирифта ва ҳамчунон дар Покистон низ будааст. Ӯ ҳамеша бо гурӯҳҳои дигари муҷоҳидини Ҳирот мубориза мебурдааст.

Ӯ дар соли 1981 омири Ҷамъияти исломии Афғонистон дар вилоятҳои Ҳирот, Бодғис, Ғур ва Фароб буда, дар соли 1982 раҳбари умумии ҷамъияти исломӣ дар навоҳии шимолу ғарби Афғонистон таъйин гардидааст. Ӯ бо кумаки Эрон гурӯҳи Ҳазрати Ҳамзаро ташкил ва дар соли 1986 гурӯҳи низомии ӯ дар шаҳри Ҳирот ва вилояти Ҳирот дар ҳудуди 3 ҳазор ҷанговарро дар бар доштааст. Ӯ дар соли 1986 ба таври ғоибона муҳокима ва эъдом маҳкум гардида вале ба таърихи 26 январи 1986 бо фармони райиси ҷумҳур Наҷибулло маъоф гардид. Баъд аз он ки низоми Наҷибуллоҳ дар соли 1992 аз байн рафт, ӯ волии Ҳирот ва қумандони фирқаи 17 муқаррар гардид, ки 20 ҳазор нафар сарбоз ва афсар дошт. Тайёраҳои чархболи ӯ дар майдонҳои ҳавоии Шиндан ва Ҳирот буданд. Маводи маҳрукотӣ ва сӯхтиро ба таври кумак аз ҷониби Эрон ва Туркманистон ба даст меовард. Ӯ амалан аз раҳбарии марказии Ҷамъияти исломии Афғонистон хориҷ гардида буд. Баъд аз он ки Толибон Қандаҳорро ба даст оварданд, ӯ бо онҳо ҷиҳати конроли вилоятҳои ҷанубӣ, яъне Ҳилманд, Нимрӯз, Фаро ва Ҳирот ба мубориза пардохт. Ӯ дар мубориза бо толибон муваффақ нашуд ва ба таърихи 5 сентябри 1995 ба Эрон фирор намуд. Баъд аз бозгашт аз Эрон ва фаъолияти низомии ӯ алайҳи толибон дар Форёб дар аснои як муомила тавассути Ҷенерол Малик ба Толибон таслим дода шуд ва дар зиндони Қандаҳор маҳбус гардид. Баъдан ӯ муваффақ шуд, ки ҳамроҳи ду нафар зиндонии дигар аз зиндон фирор ва ба Эрон ҳиҷрат намояд, ки аз он ҷо дар соли 2001 а ҳимояи Аҳмадшоҳ Масъуд аз тариқи Шимол боз ба Ҳирот омада ва муборизаро бо Толибон оғоз намуд. Ӯ хонадор ва дорои як писар мебошад.

Ҷалолуддини Ҳаққонӣ – дар соли 1936 дар қишлоқи Фузук вулусволии Никаҳи Задрони Ургун таваллуд ёфта. Дар қавм паштун буда аз қабилаи Задрон мебошад. Ӯ дар мадраисаи Никаҳи Задрон ва мадрасаи Панҷпирии Пешовар таҳсил намуда ва Мавлавӣ аст. Ӯ ба таърихи 2 майи 1978 дар вулусволиҳои Зерук ва Задрони вилояти Пактиё

аввалин муборизаи мусаллаҳонаро бар зидди давлати ба раҳбарии ҲДХА созмон дод. Ӯ раҳбари низомиёни муҷоҳиддин дар Пактиё ва Хуст дар навоҳии қабилаи Задрон будааст. Ӯ аз соли 1979 навоҳии бештари Ургунро таҳти назорат дошт. Ӯ муовини Ҳизби исломии Афғонистон (Холис) буда ба таърихи 2 июли 1986 ба таври ғоибона тавассути давлати ҶА маҳкум ба эъдом гардид ва ба таърихи 28 январи 1988 аз ҷониби Наҷибуллоҳ маъоф гардид. Аз таърихи 5 майи 1992 дар ҳукумати муҷоҳиддин иҷрокунандаи мақоми Вазири адлияи давлати исломии Афғонистон гардидааст.

Абдулалии Мазорӣ – миллияташ ҳазора ва дар Мазори Шариф таваллуд ёфта (бо баъзе маълумотҳо аз дараи Суфи Самангон мебошад). Таълимоти диниро аз Наҷафи Ироқ ба даст оварда, ки дар он ҷо дар ҳайати Созмони муғулҳои навин шомил будааст. Ва баъдан ба раҳбарии шиаёни насрӣ ки аз тарафи Эрон ҳимоят мешуданд, даромада. Дар соли 1980 ба вазифаи раҳбари эътилофи шиаиёни Афғонистон интихоб шуда, ки аз ҷониби Эрон пуштибонӣ мешуд. Вай ба зудӣ ба Покистон рафта Ҳизби ваҳдати исломии Афғонистон, ки аз 9 созмонҳои мухталифи шиаҳо таъсис ёфта буд, раҳбарӣ менамуд. Ҳизби ваҳдат то соли 1992, ки Кобул аз ҷониби муҷоҳиддин гирифта шуд, бо гурӯҳҳои Дустум ва Аҳмадшоҳи Масъуд фаъолият менамуд. Баъд аз фурӯпошии низоми Наҷибуллоҳ ҳизби номбурда дар ҳукумати ҷадид чанд вазоратро ба даст овард. Низомиёни ӯ сафорати Русияро дар Кобул таҳти назорат дошта, ки дар моҳи январи 1993 дар асари ҷангҳои низомиёни Ҳизҳи ваҳдати исломи бо низомиёни раиси ҷумҳур Раббонӣ сохтмони сафорат вайрон гардида буд. Баъд аз ин бахше аз ҳизби номбурда ба раҳбарии Мазорӣ ба Ҳикматёр ва Дустум пайваст ва як қисмати он ҳизб ба раҳбарии Муҳамади Акбарӣ ба раиси ҷумҳур Раббонӣ вафодор боқӣ монд. Бо муҳосираи Кобул тавассути Толибон дастгир шуд ва баъд аз ҳамла ба як тан аз сарбозони толибон дар тайёра ки мехост салоҳи ӯро ба

даст орад, кушта шуд. Ва ба шаҳри Мазори шариф ӯро ба хок супорданд.

Ҷенерол Дустум – дар соли 1953 дар қарияи Хоҷа Дукӯҳ дар хонаводаи зореъ таваллуд ёфта. Падараш узбак ва модараш туркман буд. Маълумоти ибтидоӣ дошта дар низоми Довудхон хидмати аскариро дар Ҷалолобод ба сар расонида. Дар апрели 1978 коргари саноати гози Шибирғон буда ва дар 1979 дохили бахши парчами Ҳизби демократики халки Афғонистон ҳамчунон дар соли 1980 корманди ходи Шибирғон гардид, ки аз он тариқ дар шаҳри Тошканди Узбакистон тарбияи низомӣ гирифта ва соли 1986 ба поси хадамоти ӯ дар ҷанги алайҳи муҷоҳиддин сазовори рутбаи олии Ҷумҳурии демократики Афғонистон ба номи қаҳрамони Афғонистон ағз намуда ба соли 1989 генерол ва узви кумитаи марказии ҲДХА дар муқоили хидматаш алайҳи кудатои генерол Танай сазовори ситори дуввуми қаҳрамони Афғонистон низ гардид. Ва тавассути ҳукумати муҷаддидин ба рутбаи генероли калон ноил гардид. Дар соли 1994 аз ҷумлаи мухолифини ҳукумати Раббонӣ гардид ва дубора дар соли 1996 дар қатори ҳамкорони ҳукумати Раббонӣ қарор гирифт ва дар тӯли ни муддат дар Узбакистон, Туркия ва Ирон иқомат дошта дар соли 2001 аз ҷониби Ҳомид Карзай ба вазифаи мушовири низомии давлат таъйин гардид.

Гулбиддини Ҳикматёр – соли 1947 дар қарияи Уртабузи вулусволии Имом Соҳиби Қундуз ва ё бинобар баъзе маълумотҳо дар вилояти Ғазнӣ таваллуд шуда бошад. Аз қабилаи Харут ва аз ҷамъи муҳоҷирини ноқили паштун дар шимол мебошад. Дар соли 1961 дохили мактаби низомии Кобул шуда ва дар 1964 аз он ҷо хориҷ гардидаа аст ва ба қундуз мурочиат намуда. Дар срои 1970 дар фокултаи инҷинерии Пуҳантуни Кобул дохил шуд вале онро хатм нанамудааст. Ӯ дар ҳамон фокулта дар як маҳфили бунёдгароӣ бо Абдурраҳими Ниёзӣ, Ҳабибул-Раҳмон, Мавлавӣ Ҳабибул-Раҳмон, доктур Умар, инҷинер Сай-

фуддин Насратёр, Қозӣ Муҳаммадамини Виқот ҳампаймон гардида ва яке аз муассисини Созмони ҷавонони мусалмон мебошад. Маълумот мавҷуд аст, ки дар ҷараёни 4 сол шомили Ҳизби демократии халқии Афғонистон будааст. Дар июли соли 1972 ба ҷурми қатли Сайдоли Сухандон – узви Созмони маовиистӣ, барои муддати якуним сол бо соири фаъолини ҷавонони мусалмон зиндонӣ гардида ва дар соли 1974 маъоф шуда. Ҳамчунин ӯро гунаҳкори он медонанд, ки дар Кобул ба поҳои ду духтар, ки ба либоси урупоӣ буданд тезоб пошидаст. Баъд аз он ӯ ба Покистон муҳоҷират намуда, дар соли 1980 ӯ яке аз раҳбарони Ҳизби исломии Афғонистон шинохта шуда буд, ки дар бешҳари вилоёт таъсир дошт. Ҳикматёр дар бораи таъсиси низоми исломӣ ибрози назар намуда ва мухолифи ширкати подшоҳи собиқ – Зоҳиршоҳ дар ҳаёти сиёсии мамлакат будааст. Ҳизби исломӣ дар соли 1979 ду порт гардид ва раҳбари порти ҳизби мавҷуд шуд дар соли 1985 ҳизби Ҳикматёр дар эътилофи ҳафтгона шомил шуд ва дар марти 1986 раҳбари этилоф интихоб гардид. Дар 1989 ба вазифаи умури хориҷаи ҳукумати муваққатии муҷоҳидин муқаррар гардид. Вале бинобар мухолифатҳои эътилофи ҳатфгона дар соли 1989 ба таври муаққад аз ҳукумати ҳуҷоҳиддин хориҷ гардид. Дар соли 1993 дар асари як паймони сулҳ дар Исломобод бо Бурҳониддини Раббонӣ мувофиқатномаи сулҳро имзо намуд, ки вазифаи Садриаъзамиро ба даст овард. Ӯ издивоҷ намуда, дорои 4 духтар ва 3 писар мебошад.

Абдулсабури Фарид – Дар қавм тоҷик буда, соли 1949 дар қарияи Чашмаи Кописо таваллуд ёта, курси дусолаи таълимоти тарбиявиро ба даст овардааст, то Инқилоби Уктубер маълими литсеи Мирмасҷидӣ будааст ва 29 апрели 1978 бо бародари бузургаш Абдуррауф ба Покистон рафта бо Ҳикматёр якҷо шудааст. Баҳори 1980 раҳбари гурӯҳи муҷоҳидони минтақаи кӯҳистони вилояти Кописо будааст. Ӯ дар Кописо ба ҳайси қумандони низомии ҳизби исломии Афғонистон (Ҳиматёр) вазифадор буда, дар 21

июли 1986 ба таври ғойибона маҳкум ба эъдом гардида. Ба таърихи 26 январи 1986 аз ҷониби раиси ҷумҳур Наҷибуллоҳ ба ӯ фармони муъофият дода шуда. Дар соли 1992 Садри аъзами давлати исломии Афғонистон шуд. Ӯ издивоҷ намуда, дорои ду писар ва як духтар мебошад.

Сайид Муҳаммад Умари Охунзода (Мулло Муҳаммад Умар) – дар соли 1954 дар хонаводаи деҳқон дар қарияи Навдеҳи Панҷвоии вилояти Қандаҳор ва ё бинобар баъзе маълумоти дигар дар Тирикоти вилояти Урузгон таваллуд ёфта, аз қавми паштун буда, маълумоти ибтидоии ӯ до синфи 7 мебошад. Ба таъйиди тарафдоронаш дар соли 1974 мадрасаи динии Квейтаи Покистонро хатм намудааст. Хидмати аскариро аз соли 1975 то 1976 дар Қандаҳор ба поён расонида ва то инқилоби Савр муллои вулусволиҳои Шоликут ва Испинбулдаки Қандаҳор будааст. Баъд аз инқилоби Савр дар муборизаву ҷиҳод алайҳи давлати ҷумҳурии Афғонистон саҳм дошта ва як чашми худро аз даст додааст. Дар соли 1983 аз муборизаи низомӣ даст кашида ва дар Покистон ба фаъолияти динӣ машғул шуда. Бо раҳбари ҳизби ҷамоати исломии Покистон яъне Мавлавии Фазлраҳмон наздик шуда бо пуштибонии ӯ ҷунбиши Толибонро созмон дода ва раиси шӯрои таҳрики исломӣ гардида. Ба таърихи 3 апрели 1996 дар як ҷаласае, ки 150 нафар мулло иштирок доштанд худро Амирулмӯъминин эълон намуд ва ҳамзамон Давлати исломии Афғонистонро ба номи Аморати исломии Афғонистон тағйири ном дод. Ӯ дорои 4 хонум аст. Бинобар баъзе маълумотҳо духтари ӯ завҷаи Уссома бинни Лоден мебошад.

# МАЪОХИЗИ КИТОБ


1. Муҳаммаднабии Азимӣ. Урду ва сиёсат. – Маркази нашриётии «Майванд». Сафҳаи 82, 542.
2. Сулаймон Лоиқ. Мухтасаре дар бораи қабоили паштун. Матбааи давлатӣ. Сафҳаи 35.
3. Муҳаммад Муҳаққиқ Дойкундӣ. Роҳҳои вусул ба сулҳу амният ва субот дар Афғонистон. Интишороти Ирфон. Сафҳаи 28, 111.
4. Давлат Усмонов. Рисолаи давлат сиёсат. Ройзании фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон. – Саҳ. 25.
5. Сайд Расул. Аҳди салтанати Амонӣ. Маркази нашриётии «Майванд». – Саҳ. 1, 145.
6. Исмоили Акбар. Фасли охир. Интишороти «Имсинсекин» маҳаллаи ҷангии Пешовар. – Сафҳаи 30.
7. Аҳмадшоҳ Фарзон ва инженер Туриолай Ғиёсӣ. Марди устувор. Машҳад. Интишороти «Тарона». Саҳ. 463.
8. Мери Люис Клиффорт. Сарзамин ва мардуми Афғонистон. Интишороти илмиву фарҳангии вобаста ба Вазорати фарҳанги Эрон. Сафҳаи 182.
9. Чингизи Паҳлавон. Ҳукумати муҷоҳидин ва баромадани Толибон. Интишороти «Қатра». Сафҳаи 215.
10. Сиддиқи Фарҳанг. Афғонистон дар панҷ қарни ахир. – Кобул, сафҳаи 12.
11. Асадуллоҳ Вилволиҷӣ. Дар сафаҳоти шимол чӣ мегузашт? – Маркази нашаротии «Фаз», Пешовар, сафҳаи 61.
12. Худойдод Ирфонӣ. Бист соли ҷанг дар Афғонистон. Нашри ш.Қум. Сафҳаи 17.
13. Мир Ғуломмуҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих. Интишороти «Ҷумҳурӣ». Сафҳаи 354, 377.
14. Лаълистонӣ. Ҷанги қудрат. Бозори қиссахонии Пешовар. Сафҳаи 36.
15. Сайидмаҳдии Фаррух. Таърихи сиёсии Афғонистон. Нашрияи «Эҳсонӣ», ш.Қум. Сафҳаи 107, 526.
16. Вилҳелм Детел. Гузаргоҳи Афғонистон. (Тарҷумаи Саидмӯҳсини Мӯҳсиниён). Интишороти «Устони Қудс». Сафҳаи 380.
17. Аҳмадшоҳ Фарзон ва инжинер Турёлаи Ғиёсӣ. Марди устувор. Интишороти «Тарона», Машҳад, сафҳаи 463.
18. Парвизи Варҷованд. Маҷаллаи иқтисодӣ-сиёсӣ. Бӯҳрони дипломатии Эрон. – Теҳрон, муассисаи иттилоти сиёсии иқтисодӣ. Шумораи 117-118, сафҳаи 159.
19. Ежов Г.П. Афганистан. Краткий биографический словар. – М., 2002.
20. Абдулҳайи Ҳабибӣ. Афғонистони баъд аз ислом. – Кобул. – саҳ. 513, 721.
21. Дафтари Ҷамъияти Исломӣ. Хутути асосии давлати исломӣ. – Теҳрон, сафҳаи 10, 13-15.

22. Мерганов С. Современный Афганистан – глазами очевидца. – Афганистан: проблемы мира и войны. – М., ИВ РАН, 2000, стр. 83-90.
23. Рӯзномаи «Ҳамбастагӣ». №№ 11, 12, 14, 50.
24. Маҷаллаи «Меҳан». № 7-8, Машҳад, сафҳаи 79.
25. Ҳафтаномаи «Кобул».

## ҚОБИЛИ ТАВАҶҶӮҲ:

Китоб дар хатми соли 2006 такмил ва омодаи чоп гардида буд. Вале мутаассифона бо асари набудани имконоти лозими пулӣ аз чоп бозмонда, то билохира бо ҳиммати иддае аз фарҳангиёни тоҷикистонӣ баъд аз инқизои ду сол дар муассисаи нашриётии «Матбуот» ба чоп расида.

**Муҳаммадосафи Бовар**

**МАСЪУД ДАР ҶАБИНИ ТАЪРИХ**
(*Воқеъоти сиёсӣ-низомии Афғонистон дар солҳои 1992 то 2001)*

Умури комютерӣ Сомон Шералӣ

Ба чоп 10.10.2008 таҳвил гардид. 17 ҷузъи чопӣ.
Андозаи 60 х 84 1/16. Теъдод 500 нусха.